**Сайидаҳмади Зардон**

# КАІ ДУДИ
# СЎЗОН

Душанбе
«Адиб»
2009

ББК 84 тоҷик 7-4

С-20

Муҳаррир
***Одина Мирак***

С-20 **Сайидаҳмади Зардон. Каҳдуди сӯзон.**
(Қиссаҳо). – Душанбе, Адиб, 2009, 272 саҳ.

«Каҳдуди сӯзон» ва «Даври ҳафттабақаи замин» аз тозатарин қиссаҳои солҳои охири Сайидаҳмади Зардон ба шумор мераванд. Дар ин қиссаҳо ба ҷасорату ҳунармандии нависанда тасвиргароию андешапарварӣ, танзи ҷиддӣ ва характерҳои ҷолиб обу ранги тоза бахшидаанд.

Умедворем, қиссаҳои мазкур ба ҳаводорони каломи бадеъ завқи баланду нафаси гарми зиндагибахш ҳадя мекунанд.

ISBN 978-99947-57-80-0

© Сайидаҳмади Зардон, 2009

# КАҲДУДИ СӮЗОН

*Қиссаи мазкур бо унвони «Гумгаштаҳо» соли 1999 чоп шуда, ба дарёфти ҷоизаи адабии ба номи устод Садриддин Айнӣ шарафёб гардида буд. Аммо он рӯзгор имкони комил гардондани чеҳраҳо ва рӯшан сохтани лаҳзаҳо даст надода, гузашта аз ин, тақдири қаҳрамонон норавшан ва ҳамчунин «Гумгаштаҳо» танҳо аз ҷониби нашриёти хусусӣ бо теъдоди ночизу сифати паст ба табъ расида буд. Пас аз даҳ соли нашр, бо хоҳиши ҳаводорон ва тавсияи дӯстон, «Гумгаштаҳо» дар таҳрири тоза ва бо унвони «Каҳдуди сӯзон» пешниҳоди хонандагони арҷманд гардонда мешавад.*

*Аз муаллиф*

## 1

Танҳо як ё ду бехи бодом наоварда буд ӯ. Бист бехи ниҳоли бодом, хурмо ва анор оварда буд Аҳмади Ҳабиб. Ва бо нияти боғ оварда буд вай. Мисли писарбачаи подабон, ки фаро расидани шомро бесаброна интизорӣ мекашад, дар осмони софи дили ӯ ғайри бунёди боғ чизи дигаре намеғунҷид, на хонаи дакаданг, на қасри бошукӯҳ.

Ҳо, боғро арӯси хона ва давлат медонист вай. Аввал боғ ва баъдан хонаву роғ бунёд кардан мехост муаллими деҳа.

... Ҳине аз як гӯшаи замини санглоху ноободи хоҷагӣ барои сохтмони манзил қитъа ҷудо карданд, омӯзгори деҳа Аҳмади Ҳабиб низ аз ин қатор бенасиб намонд ва аз омади бегумони тақдир бехост сари калобаашро гум кард. Охир, замини манзилӣ гирифтан осон набуд дар он айёми занкушу пахтапарвар. Ба

қавле, ҳанги дилатон тор-тор канда, аз пову пар билкулл бенасиб мемондед, аммо ба ин бахти нопайдоканору бахусус барои омӯзгор дастнорас муяссар гаштан хобу хаёлро мемонд.

Оре, хобу хаёли ширин ва ё саробро! Зеро ҳар як шоффбурут ва шикамхалтаи пулдоре барои вачаби замин дасти ростро шамшеру дасти дигарро ғилоф месохт, ки дар муҳорибаи тақдирсози замингирӣ ҳатто пурзӯртарин нотиқ дамолаҳза шикаст мехӯрд. Ҳо, ун замон баста-бастаи пул ақлро тираву чашмро хира карда буд ва сағал ба хонаи пулдор меафтиду касал ба хонаи бепул. Пас, ба муаллими бечораву бекиса навбат аз куҷо?!..

Ҳамин тур, баъди солиёни дарози омӯзгорӣ, дасти нарми тақдир нохост сари Аҳмади Ҳабибро саховатмандона сила кард. Гӯё муаллим дар ҳаво кабӯтарвор парвоз мекард, мисле ки аз байни миллионҳо ба лотореяи ӯ бурди азим баромада бошад, ибтидо аз ҳаяҷону хушҳолӣ чӣ гуфтану чӣ тур роҳ гаштанро намедонист. Ин омад аз бурди лоторея ҳам болотар буд ва гапаш то дер аз даҳони сағиру кабир берун нааftод. «Бовари кас намеояд. Ба муаллим замин доданд-е!..» – гуфта, гиребони курта медоштанд ҳамдеҳагон. Ба қавле, уқоби бахт сарчархак гашта, бехост баҳузӯр сари китфи муаллим бинишаст. Дуруст, назари Худо ба муаллим ҳам будааст. Ва худи ҳамон рӯз Аҳмади Ҳабиб қарор кард, ки дар ин замин нахуст боғ бунёд мекунад. Ба воситаи ҷӯйборак об меорад, кати алоҳид мегузорад, дар шохи дарахти бодом қафаси кабк меовезад, мисли қиблагоҳи деҳқонаш ба ҳар як ниҳол ҳарорати дилу гармии нафас мебахшад. Ҳо-о, баъдтар ҳамроҳи кӯдакон меваи ранҷ ҷамъ оварда, як-як ба ҳамдеҳагон дароз мекунад, дӯш ба дӯши падар сайри боғ меварзад ва боз... Боз дар як гӯшаи боғ, аз паҳлӯи оби равони ҷӯйборак, ҷойи машқварзӣ обод мекунад. Охир, муаллим, ба

варзиш, бахусус ба омӯзиши санъати каратэ дилбастагии хос дошт ва ҳанӯз аз айёми донишандӯзӣ ба ин ҳунар шуғл варзида, дар мусобиқаҳои ҷумҳурӣ ширкат карда буд. Пас аз хатми донишгоҳ ҳам ин намуди варзишро тарк накарда, ҳаваси додараш Аҳрорро низ ба он ҷалб намуд. Акнун бародарон якҷо машқ меварзиданд. «Ин санъати зебои варзиш ба одам даркор мешавад. Мегӯянд-ку, сад рӯз дар бору як рӯз даркор», – мегуфт муаллим ба додараш.

Ҳо, орзуи андаруни боғ барпо кардани як ҷойи варзишӣ ҳам дили муаллимро осуда намегузошт. Аз ҳама муҳимаш, Аҳмади Ҳабиб ҳавас дошт, ки дӯстони шаҳриашро, ки аз зиндагии якмарому нафасгардони хонаҳои чандтабақа дилшӯрак гашта буданд, ба боғи барҳавояш ҳардоим ба меҳмонӣ даъват кунад. Ва рӯи дастархони болои кат, дар лагандҳои хурду бузург, аз боғаш меваҳои бодом, хурмо ва анор гузорад. Ва баъди гарм шудани сӯҳбат, аз шохи бодом дуторро бигирад: ӯ овози форамашро баланд кунаду кабк ва кабк қакра бизанаду ӯ...

Вале мақсад мисли ятими паси дар овора ва орзу бечора монд...

Ва алъон овоз дар гулӯи Аҳмади Ҳабиб зиндон, маъюсона даст ба ҷайб бурд ва чанд пули майдаро берун оварда, ҷониби Ситора дароз карду бо илоҷе: «Бигир, духтарҷонам, барои худат чизе мехарӣ», – гуфт. Ситора пули падарро ба замин ҳаво дода, бо дастони кӯчакаш китфи ӯро муштборон кард ва сипас гарданашро ба оғӯш кашида, бо овози гиряолуд забон гардонд:

– Пулат даркор не, додо... Ба ман худат даркор... Ба очаам ҳам, ба бародарам ҳам... Нарав, додоҷон... Моро партофта нарав... Ман бе шумо зиқ мешавам...

Аҳмади Ҳабиб ашки чашмони духтарчаи чорсолаашро бо нӯги ангушт нармакак бирӯфт ва ӯро аз бағал оҳиста ба замин фуроварду сарашро силакунон

як бори дигар маънидор ба чеҳраи гандумгуни ҳамсари зебояш Гулноз ва писари пуртамкинаш Умед нигарист, боз чизе ба онҳо гуфтан мехост, аммо овози гирифта имкон надод, ки ҳама суханонашро озоду ботамкин бигӯяд. Хаёле дар нигоҳи ҳамдигар зистанд онҳо. Сипас, Аҳмади Ҳабиб ба худ омад ва оҳиста лаб ҷуфт кард:

– Худованд дар паноҳаш нигоҳ дорад. То даме замин ҳаст, офтоб ҳаст ва об ҳаст, одам хор намешавад. То даме, ки муҳаббати шумо дар дили ман аст, ман зинда мемонам. Маро ин муҳаббат, ин обу хоки диёр боз ба Ватан меорад. Интизорам бошед, дер ва ё зуд, ҳатман бармегардам. Ман... бармегардам...

Ин овози нарми падар ба гӯши Ситора акси садо дод ва гаштаю баргашта садо дод: «Ман... бармегардам...»

– Худатро эҳтиёт кун, – гиребони костуми шавҳарашро дуруст кард Гулноз. – Сиҳат бираву саломат баргард, шоҳи хона. Ҳо, муҳаббати моро бо худ бибар ва ҳифз кун, ба хотири фарзандонамон. Ин муҳаббат аст, ки ҳини ҷонбарой низ ба одам ҳаёти дубора мебахшад. Муҳаббатро хор накун, азизам. Ғами моро бисёр нахӯр... Мо дар хоки ватанем... – аз чашмони дурахшони ҳамсар ҳамели ашк сарозер шуд. Тору пуди қалби Аҳмади Ҳабиб аз нигоҳи пуроб ва ҳаросони ҳамсару фарзандон ба ларза омад, аммо худро ба даст гирифт.

Ангуштони дасти Умед аз ғояти ғазаб мушт гаштанд, аммо писарак намедонист киро ва чиро зарба бизанад: замонаро ё заминро?..

Модар попархам нишаста, фарзандонашро, гӯё аз душмани қаттол муҳофизат мекарда бошад, ба сандуқи синааш сахттар пахш карду аз дил оҳи ҷигарсӯз баровард.

Дилҳои онҳо аз изтироб месӯхт, шонаҳаки фарзандон меларзид. Охир, падар ба мулки ғурбат иҷборан

роҳ гирифта, гӯё файзу нусрат ва қуввату мадорро аз онҳо битамом канда мебурд.

Садафи бӯсаи лабони Гулноз думболаи шавҳараш пар кушод. Ӯ зери дил илтиҷо мекард: «Худовандо, соҳиби сару давлати бачаҳоямро дар паноҳат нигоҳ дор! Розиям умре косаи ғам бихӯрам, лекин шоҳи хонаам бе дарду доғ бошад, ба дӯст зору ба душман хор нашавад...»

Рӯи раҳ зору низор монданд модару ҷигарбандон. Хонаи чортабақаи як гӯшаи шаҳри ҳоло ноошно, ки дарахтони саҳни он аз беобӣ хушкида буданд, барои Гулноз кӯҳи ғамро мемонд ва ин дам гӯё пойҳояшро ба замин баста буданд; на пеш рафта метавонист, на қафо...

Ҳо, Аҳмади Ҳабиб бояд ҳатман тасмаи раҳ ба зери қадам мегирифт, дигар илоҷе надошт ӯ. Рӯзгор ҳамин тур номард омад, балки ин номардии рӯзгорро одамон барои якдигар иҷборан бунёд карданд. Акнун ҳамин омӯзгори деҳа низ нохост мисли одаме уфтод, ки дар вартаи шах овезон аст ва барои зинда мондани худ ва фарзандон талоши раҳидан дорад. Бештар ғами ҷигарбандонро мехӯрд вай, на аз худро.

Ӯ домани қарорро қатъӣ гирифт: дигар на пеши дӯст ва на пеши душман сухан аз гила оғоз намекунад. Гила аз зиндагӣ одати мард нест, ҳарчанд ҳавои рӯзгор пайваста бӯи шикоятро афшондан дорад. Чаро ки ҳазрати Бедил беҳуда нафармудааст, ки:

*Изҳори аҷз пеши ситамгар раво мадор,*
*Ашки кабоб боиси тӯфони оташ аст.*

Пас. агар ҳатто наздиктарин дӯсташ аз муаллим бипурсад, ки: «Э, марди Худо, чӣ ҳол доред?», посух хоҳад дод: «Шукр, аз дигарон бад не!»

Оре, дар ин замони балохез лофу газоф ва саги ҳамсояро «тур» нагуфтан авлотар ва аз раҳи худ намондан беҳтар аст!

Аҳмади Ҳабиб дар қади умри на он қадар тӯлонӣ ва бахусус ҳангоми низоъҳои бародарӣ як ҳақиқатро барои худ дарк кард: агар имрӯз нохост аз пову дасти худ монда, сар дар болин гузорӣ, дигар касе наметавонад ба имдодат бирасад. Ҳавои носолим, мардуми парешон ва рӯзгори наҳс ана ҳамин тур хосияти бад ба бор меорад. Падар барои писар ва писар барои падар бегона мегардад. Ин гапро мӯйсафеди Ҳабиб борҳо ба писараш гуфта буд, аммо Аҳмад ва натанҳо Аҳмад, балки бисёриҳо онро афсона пиндоштанд. «Наход падар фарзандашро бегона ҳисобад, наход модар аз ҷигарбандаш рӯ гардонад?» – мегуфтанд. Инак, онҳо бо чашми сар диданд ин порашавӣ, ин худношиносиро ва ба ҳақиқат буданаш бовар карданд. Бовар карданд, ки чизе, ки зебост, азиз нест, балки чизе, ки азиз аст, зебост. Ва ҷон бегумон барои ҳар кас азизтар будааст. Ҳар кас дар ғами ҷони худ буд.

Оре, зиндагӣ бачаи таборат набудааст, ки дар рӯзи сахт дастат бигираду раҳнамоӣ кунад, балки дар сахтӣ фарзанди модарат низ метавонад дастатро қарс бишканад. Лаби титу оғӯшкушоӣ аз он хотир аст, ки дар ин дунё ту аз касе кам нестӣ ва пеши номард попархам ҳам нестӣ... Вале аз ноомад набояд кулоҳи малолу ранҷиш бар сар ва айнаки сиёҳ бар чашм ниҳод, аз дӯст душман тарошидан ва аз дигарон дарзамон арроз кардан ҳам ба рӯи ҷавонмардӣ хок пошиданро мемонад. Зеро гили одамиро ҳамин тур офарида ва хамирашро ҳамин зайл хом шӯридаанд, ки гоҳе ба худ асту гоҳе бе худ. Душманро бо шакар мекушанд, на бо хушунат ё бо ҷангу ҷидоли бемаънӣ. Ба ҳар сурат, мард бояд мард бимонад, на бо ранги зард. То вопасин нафас ӯ бояд битавонад, ки бори мардӣ бар дӯш дошта бошад ва санги зиндагӣ бар китфи хеш. Дар ин раҳ Худо танҳо аз дасткӯтаҳӣ, дастнигарӣ ва хории пирӣ нигаҳ дорад, боқӣ ҳамааш пушти сар хоҳад монд...

Дар деҳа танҳо дари ҳавлии падари Аҳмад Ҳабиб ба рӯи дӯстону меҳмонон кушода набуд, балки дили мард, чеҳраи мард ва дастархони мард ҳам мисли боғи бедевор шаборӯз ба рӯи дӯстон ва наздикон кушода буд. Ва ин хислати волои падар ба Аҳмади Ҳабиб ва Аҳрори Ҳабиб – бародарони як хона низ бетаъсир намонда. Онҳо зери як бом дӯстона ва аҳл ба камол расиданд. Бе якдигар об аз гулӯяшон намегузашт. Ҳама сари як дастархон меғунчид, мӯйсафеди Ҳабиб нон мешикаст ва дигарон баъди падар даст дароз мекарданд. Ҳич кас то кунун чини чабини онҳоро ёд надошт. Аҳли хонавода омодагӣ дошт, ки сари Аҳрорро низ ҷуфт кунад. Арӯс ёфта буданд. Имрӯзу фардо бояд ба хостгорӣ мерафтанд. Дар ин бора аз ҳама зиёдтар модари хона – холаи Адолат ҳарф мезад ва мардонро сихбарма мекард, ки корҳоро зудтар саранҷом дода, ба бӯи имрӯзу фардо нашаванд. Тезии корд – дар нӯги корд, мегуфт ӯ... Ҳамин тавр, ҳар субҳи ҳаёт барои онҳо аз субҳ субҳтар менамуд.

Табиист, ки Аҳмади Ҳабиб низ аз дӯсту шинос камбағал набуд, чаро ки ӯро ҳам дар ноҳия ва ҳам дар вилоят ҳамчун омӯзгори бамаънӣ хуб мешинохтанд. Падару модар аз дидори дӯстони писарашон шод гашта, аз хурсандӣ ҷои нишаст намеёфтанд ва чизе, ки дар бисот доштанд, бо чеҳраи шукуфон рӯи дастархон мегузоштанд. Ва низ ҳар шиносе, ки аз Душанбе ба Вахшонзамин раҳ мегирифт, дилаш пур буд, ки дар ин сарзамин «бесоҳиб» нахоҳад монд, зеро мӯйсафеди Ҳабибро мешинохт ва ё муаллими Аҳмадро хуб медонист. Ва беминнат мушт ба дари хонаи ин ҷавонмардон мекӯфт. Медонист, ки толори синаи падару писар шабу нимшаб барои дӯст чароғон аст.

Ва Аҳмади Ҳабиб насиҳати падарро ба ҳич ваҷҳ рӯи раҳ намегузошт. То метавонист бо дӯстон мепайваст ва биҳишти зиндагиро бо онҳо накӯ медонист.

Ва, албатта, муаллим аз миёни шиносҳо барои худ беҳтарин дӯстонро ҷудо мекард ва бовар дошт, ки агар Худо накарда, рӯзе ягон мушкил ба сараш кӯлоҳ бор кунад, онҳо кӯлоҳгир хоҳанд шуд ва ё ҳиҷ нabошад, рӯҳи ӯро навозиш хоҳанд дод, то ки дар танҳоӣ аз ғусса мабодо силмарг нагардад. Охир, фардоро ҳич кас пешгӯи карда наметавонад!..

Аммо пиндори соддаву пок ва одамвори Аҳмади Ҳабиб меваи ботил ба бор овард. Дӯст дар аёми хурсандиву тинҷӣ дӯст будааст, на дар кулфату ғам. Ҳине ки ӯ ҳамроҳи кӯдакону қатори дигарон афтону хезон ва хонадарпушт ба Душанбе омаданд, гоҳе, ки надонистанд дар куҷо шабро рӯз кунанду рӯзро шаб, вақте бистаре надоштанд, ки зери сари кӯдакон гузоранд, рӯзгоре, ки аз ҷайбаш гарди бепулӣ ҳаво мехӯрд, яке аз он дӯстони намакхӯр соя пайдо карда, ҳатто нагуфт, ки «Эй, марди Худо, бигир ҳамин кӯрпалокро, болои бачаҳоят бипарто, вақте ки дастат расид, баъд пас мегардонӣ!..»

На, пайдо нагашт ин гуна дӯсти боҳиммат ва муаллимро касе суроғ ҳам накард, ҳарчанд ҳама медонистанд, ки оташи ҷанги бародаркуш хушку тари Вахшонзаминро сӯхтаву хокистар гардондааст. Ва ибтидо, Аҳмади Ҳабиб чанги малол ба мижгон гирифт аз номеҳрубонии дӯстон, вале нагузошт, ки сояи ранҷиш ба дилаш хона кунад. Чаро ки ғарқшудагони як киштӣ ҳама дар талвосаи зинда мондани ҷони худ пархош мекунанд, касеро андешаи каси дигаре дар сар нахоҳад буд. Ва баъд, як кишвари бузург саросар дар оташ месӯхт. Ҳастии миллат, ҳастии ҳамун миллати кӯҳанбунёду фарҳангпарвар дар нӯги сӯзан меларзид. Парешонӣ, тарсу бим ва қашшоқӣ сари ҳар қадам ба ҳар хонавода бераҳмона таҳдид мекард. Аз ҳаво бӯи ғализ ва нофорам мерехт. Дарахтон ва гулу гиёҳ гӯё мурда буданд. Дар кӯча ва хиёбонҳо ба ҷуз одамони пиёдагард, ки дар ҷустуҷӯи

нон гирди шаҳр давр мезаданд, дигар рафтуои нақлиёт қариб ба назар намерасид. Рафи мағозаву дӯкон ва бозорҳоро об зада шуста буданд, на касе, на чизе. О-ҳо, ҳавои шаб то ҳадде сукути яхбаста ва ваҳмзо буд, ки пашшае пар намезад ва дил дар қафаси синаи танг ба дод меомад! Як шаҳри замоне ободу чароғон мисли афсонаи буду набуд ноаён ва дар пеши чашм об мешуду кабоб мешуду хароб... Пас, аз кӣ меранҷед, домани киро мегиред? Магар аз худ ва ё аҷнабиро?.. Дар сурате, ки ба поятон оташ уфтодааст, душман мекобед, ё ба сӯи ҳавзи об медавед?..

Боре Аҳмади Ҳабиб пакарнамо барои пайдо кардани нон берун баромада буд, ки дар кӯча касе оринҷашро силтав доду бедардона гуфт:

– Ҳа, муаллим, шаҳрӣ шудем гуфта, дигар худиҳоро назаратон намегирад?

Аҳмади Ҳабиб мутаҳайирона ҷониби овоз нигариста, бо мазмуни «нашинохтам» китф дарҳам кашид. Дар рӯ ба рӯяш як марди паканаи тоза ришгирифта, ки рӯяш мисли мурдаи нав сард менамуд, қарор дошт.

– Ҳа, шумо, муаллимон, ҳамин хел, аз рӯзи бунёд чашматон моро намебинад. Ба назар намегиред-да! – рӯяшро турш карда, қошу қавоқашро овезон кард пакана. Яке ба хотири муаллим омад, ки охир ин қиёфаи турш ва қавоқиро, ки доим аз дунё норизо буд, ӯ кайҳо боз мешиносад.

– Ҳм-м... Акнун шинохтам, – мад кашида, бо зарда гуфт муаллим. – Шумо нимчамуллои Сангалӣ ҳастед. Лекин акнун риши то нофатон овезон ва тасбеҳи дастатонро намебинам?!

– Оҳиста, – duздона ба пасу пеш нигарист Сангалӣ. – Таҳқир накунед, муаллим. Замони ришбозӣ ва тасбеҳгардонӣ гузашт. Акнун банда нимчамулло ҳам нестам, балки барои худоношиносон бобои мулло шу-

даем. Кофирон каминаро нашиносанд гуфта, ришамро покиза тарошида, тасбеҳро ба мехи баланд овехтам. Ҳоло замони беришӣ ва ҷанобӣ расидааст. Боз фурсаташ ояд, аз нав ҷаноби ришро дароз карда, мӯҳраҳои ҷаноби тасбеҳро гардон мекунем.

– Гапатонро ёфта мезанед-да, Сангалӣ! Лекин худиҳо шуморо мешиносанд-ку! Ана, ман ҳам оқибат шуморо шинохтам, бобои Сангалӣ. Аммо афсӯс мехӯрам, ки то ҳол аз гапҳои бӯйинатон намондаед. Баъди хонасалотӣ, ҳоло ҳам мардумро ба кофиру мусулмон ҷудо мекунед?.. Хусури раҳматии ман ҳам мулло буд, аммо на мисли шумо – шайтони дупӯста! Сад кас дар ҳаваси дидор ва сӯҳбати ун зайл мулло месӯхту мепухт. Танҳо озодагӣ ва раҳгардии суфиёнаашонро як бари ҷаҳон мехарид. Лекин шумо чӣ? Дирӯз як гап, имрӯз гапи дигар-а? Аз рӯ шонаву аз таг фонааш ҳамин-да! Агар бо ҳамин афт ба дасти мардуми деҳа афтед, ба пӯстатон коҳ ҷой мекунанд, – сахт карда гуфт муаллим.

– Хуб, мо чӣ айб кардем, тақсир? – худро ором вонамуд сохт Сангалӣ.

– Боз чӣ ҳам мекардед? – ҷиддӣ гашт муаллим ва айби эшонро як-як бо ангуштон шумурдан гирифт. – Муаллимонро кофир эълон кардед? Кардед! Нонашонро ҳаром эълон кардед? Кардед! Касе ба митинг наравад, занаш талоқ мешавад, гуфтед? Гуфтед! Мардумро ба ду-се гурӯҳи муқобил ва ҳар як узви оиларо ба якдигар душман сохтед? Сохтед? Ба ҷавонон силоҳ додед? Додед! Ба як вилояти зархез оташ сар додед? Додед! Мардумро бехонаву ҷой ва мусофиру гуреза кардед? Кардед!.. Ой, ба шумо чӣ намерасид? Магар шабушки Афғонистон! Падари заҳматкаши ман, ки як умр бо обилаи кафи даст нон мехӯрд, чӣ гуноҳ дошт, ки дастархонашро ҳаром эълон кардед? Гуфтам-ку, ба пӯсти шумо коҳ ҷой кардан кам аст, вале ин ҳамааш вақту соат дорад,

мефаҳмед, вақту соат! Вақту соаташ биёяд, ба мардум ҳатман ҷавобашро мегӯед, он гоҳ сад қиёфаатонро дигар кунед ҳам, шуморо дар зиндони сангину торик низ мешиносанд, мӯҳтарам бобои мулло!

– Шумо оташ нагиред, муаллим! – ранг бурда, ранг овард Сангалӣ ва гуноҳро аз гардан соқит кардан хост. – Дар ин кор мо ҳич айб надорем, ба рӯзаву намози худ сарсон будем, аммо демократҳои навпарасти фисин моро ором нагузошта, ба ҷанг тела доданд. Онҳо айёрона ва моҳирона моро фиреб карданд. Мушт ба сандуқи сина зада, гуфтанд, ки артиш дорем, силоҳ дорем, дар як мижа ҳукуматро чаппа мекунем, кофиронро сар мезанем... Рост, инқилоб бе хунрезӣ ғалаба намеорад, бояд хун рехт...

– Баҳона наҷӯед, Сангалӣ, сари ҳар кас – дар гардани худаш. Магар шумо намедонед, ки дар вуҷуди инсон ду мабда – нафсонӣ ва малакутӣ бо ҳам талош доранд? Агар мабдаи нафсонӣ ғолиб ояд, инсон аз ҳайвон ҳам ҳайвонтар мешавад, агар мабдаи малакутӣ боло бигирад, инсон аз малоикаҳо низ баландтар меравад. Дар вуҷуди шумо мабдаи нафсонӣ – кинаву адоват ва бухлу бадбинӣ ба инсон боло гирифта буд. Шумо мақсади офариниши инсонро аз хотир фаромӯш карда будед, ки ӯ барои шинохти Худо ва худаш сиришта шудааст. Магар бо калтаку санг муқобили тайёраву танк инқилоб кардан мумкин аст?.. Рафту инқилоб мекардед, ба сари қудрат кӣ меомад: демократҳо ё муллоҳо? – суол кард муаллим ва мунтазири посухи мулло наистода, ҷавоб гуфт: – Яқин аст, ки ба ҳич сурат демократҳоро дар сари қудрат ҷой намедодед. «Мо, муллоҳо, ғалаба кардем!» – гуфта, ба пардохти сохти нав аз паси риши худ камар мебастед. Ва аввалин кори нангини шумо – сар буридани «кофирон»-и худӣ ва аз кишвар пеш кардани муаллимону санъаткорону коммунистон

шурӯъ меёфт. Сафи мусофиру гуреза ун қадар меафзуд, ки ҳисобаш гум буд. Раҳи мусулмонӣ ин нест, бобои мулло! Раҳи мусулмониро Мавлавии Рум нишон додааст: «Мо барои васл кардан омадем, на барои фасл кардан омадем!» Раҳи мусулмониро ҳазрати Муҳаммад ишора кардааст: «Рехтани хуни мӯъмин гуноҳ аст!» Пас, мусулмон кист, бобо: кофир мусулмон ё мусулмон мусулмон?

– Эҳ, бо ту баринҳо салом ҳам ҳайф будааст!.. Наход то ҳол нафаҳмидаед, ки ҳич кас дӯғи худро турш нагуфтааст. Мағлубгаштаро ҳама санг мезананд, охир! Агар ғалаба мекардем, шумо ҳам мисли соя дум-думи мо мегаштед. Ҳоло замонаш мерасад, ана сонӣ ман бо ту баҳс мекунам, боз саломат ҳам медиҳам, ҷаноби муаллим! – таҳдидкунон гуфт Сангалӣ ва худоҳофизиро нася гузошта, даст афшонду аз Аҳмад рӯ гардонд.

Думболаи ӯ Аҳмади Ҳабиб бо киноя садо баланд кард:

– Ҳо, Сангалӣ, ришатонро аз нав сабзонеду тасбеҳро ба даст гиред, ки ақаллан ҳамдеҳагон шуморо шиносанд ва вақти мурданатон ба ягон қабри кӯҳна партофта монанд! Дигар илоҷ надоред...

Сангалӣ дигар ба пушташ нигоҳ накарда, бо қадамҳои калон-калон дар байни издиҳоми одамон ғайб зад. Аммо оташи ғазаб ва нафрати муаллим ҳанӯз ҳам паст нагашта буд. Ӯ бо ин нимчамуллои мутаассиб, ки қабл аз оғози ҷанги бародарӣ муаллиму дипломдоронро ҳатто одамкаҳак ҳисоб намекард, кайҳо дар дил ғур дошт ва акнун то тавонист захри онро кафонд. Аммо муаллим бо ин Сангалии талхдаҳан тарзи дигар рафтор кардан мехост. Ҳо, вай ҷазои ин нимчамуллоро дигар хел додан мехост. Мехост, ки ин нимчаи худобехабарро бо лагад кӯфта-кӯфта лояки лояк кунаду сипас, мисли латтакӯҳна, ба ягон ғори бетаг ҳаво диҳад, ки дигар ҳич кас садояш-

ро нашунавад ва мурдаву зиндаашро дар ду дунё наёбад. Аммо боз ҳам натавонист, боз ҳам ғуруру назари ҷавонмардиаш нагузошт, ки нимчамуллоро думушта ва табъи дил бихелад. Беҳуда «рӯи одам – гарм» намегӯянд. Дар ин шаҳри дур аз деҳа Аҳмади Ҳабиб нахост, ки одами шиносро зери борони мушту лагад бигирад ва ба одамон фаҳмонад, ки мӯҷиби бадбахтиҳо ана ҳамин харгарданҳои матаассиб ҳастанд. Аммо зери дил «тақдири одами бад ҳаволаи Худо, сазояшро ҳатман мебинад», – гуфту бо хавоси парешон раҳашро давом дод...

Оре, Аҳмади Ҳабиб комилан дарк мекард, ки ҷони одамон дар сари мӯ бозӣ дорад. Ва ӯ дар чунин вазъ ба ҳич ваҷҳ наметавонист ва дилаш ҳам намешуд, ки танҳо дар бораи зинда мондани худу оилаи худ биандешад ва аз дигарон, ҳатто аз нимчамуллои Сангалӣ ҳам, бедарак биранҷад. Чаро ки, ба қавли маъмули зиндониҳо, ҳама саркардаҳо «Ман гунаҳгор нестам!..» мегуфтанд ва ҳич кадоме аз онҳо дар ин саромади фоҷиабор худро айбдор намедонист. Аммо оташи хонаи одамон аланга гирифта, дуди ғафси он печида-печида фазои софро қиргун мекард. Пас, дарди инсонро беҳтар аз худи инсон каси дигар метавонист, ки дарк ва табобат кунад? На, чаро ки ин сӯзиши ҷонкоҳро танҳо буттаи оташдида эҳсос мекард. Пас, аз пову пари худ набояд бимонд, бояд чу осиё зи пайи обу дона рафт, бо пару боли дигарон паридан нашояд. Илоҷи дигаре нест. Вагарна...

Ва Аҳмади Ҳабиб, баъди парешониву шикаст, нахуст аз пайи сомони рӯзгори худ гом бизад. Яъне, чӣ бояд кард, ки дастмояе пайдо гардад?.. Монандаи баъзеҳо ӯ низ чангу раҳи бозорро пеш гирифт. Шунида буд, ки мегуфтанд: «Шаҳре, ки бозор дорад, одамонаш гурусна намемонанд». Ва ӯ ба ин даргоҳи охирини умед ва ноошно беҷуръатона қадам ниҳод.

Ва рӯзи аввал...

Худоё, он чӣ рӯзе буд барои омӯзгор, сахттар ва мудҳиштар аз рӯзгор!.. Мазмун, агар биёяд, куҷо биёяд, агар нишинад, куҷо нишинад ва агар бигӯяд, бо кӣ бигӯяд?.. Намедонист чизеро ӯ ва гирд-гирди бозор мегашту ҷуръаташ намерасид ба гузаштан ва нишастани пушти раф. Дили муаллимро гургон тала ва пора-пора мекарданд. «Боз савдогарон фикр накунанд, ки ин мард дузд аст», – нохост аз дилаш гузашту рангаш канд. Дастпоча шуд. Нигоҳашро гурезонд ва дигар ҷониби савдогарон нигаристанро раво надид. Аммо...

– Чӣ мекобед? – нохост пурсид кампираке.

– Намекобам... – осема посух дод муаллим.

– Пас, чӣ мехоҳед, ки ин қадар мокувор рафтуо доред? Мераведу меоед, мераведу меоед...

– Мехоҳам... – муаллим сурх шуд.

– Марҳамат, чизе хоҳед, меёбем, – кур-кур хандид кампир.

– Не, мехоҳам, ки ман ҳам...

– Ҳа, фаҳмидам, шумо ҳам чизе савдо кардан мехоҳед?

– Ҳа-а... – муаллим аз хиҷолат ба замин сар хам кард.

– Тавбаи ин мардҳо, нони хӯрданӣ надоранду боз мисли занҳо шарм медоранд-е! Ой, писарам, медонед, шарм – дар бозори чарм! – гуфт кампир ва амр кард: – Зуд ба паҳлӯям омада, чизе ки доред, ана ба ин ҷо гузоред! – ҷиддиомез ишора кард ӯ.

Ҷон гирифт муаллим аз суханони кампир. Дарзамон раддаи дигарон, онҳое, ки барои пайдо кардани пораи нон ҷонкоҳона талош меварзиданд, рӯи раф ду зарфи кӯчаки шампун гузошту ҷониби кампир нигариста, миннатдорона «ташаккур, модар» – гуфт. Садо аз гулӯи муаллим, аз муаллиме, ки суханрониҳояшро дар маъракаву чорабиниҳои мактабу деҳ ҳазор кас

ҳавас мехӯрд, базӯр ва бо кашола берун омад. Кампир ларзидани овози ин марди маданинаморо баръало эҳсос кард. «Ҳеҷ гап не, писарам, шермардона савдо кардан гиред. Ҳозир замона ҳамин хел: меҳр кам шуд, муҳаббат хор шуд. Аммо имонро набояд аз даст дод. Агар имонро ҳам аз даст диҳем, чашм чашми дигарро мехӯрад», – гуфтани кампир боз Аҳмади Ҳабибро шердилтар сохт.

Дар як бозори азим, ки замоне сару барашро ёфтан амри маҳол буд ва агар сӯзан мепартофтед, ба замин намерасид, акнун аҳёнан харидоре пайдо мегашт, вале савдогарон, аслан занону мӯйсафедон аз мӯи сар ҳам зиёд буданд. Ва ҳамин, ки як харидор аз дарвоза сар намоён мекард, қариб ҳама баробар ба ситоиши моли худ мепардохт. Аз қиву-чуви онҳо гӯш қулф мезаду харидор сарчархак шуда, назди кӣ омаданашро намедонист ва чӣ харид карданашро фаромӯш мекард.

Муаллим зарфҳои шампунро аз кадом дармондае арзонтар харида буд ва агар андак қимматтар ба савдо мезад, пули ду нон ба каф меомад. Вале алъон гиреҳи кор дар сари фурӯхтани шампунҳо афтода буд. Ӯ бо мадади кампири ҳамшафат паси раф-ку омада қарор гирифт, аммо акнун аз ӯҳдаи савдо мебаромада бошад? То паси раф омадан душвор, вале ӯҳда кардани савдо аз он ҳам душвортар будааст.

Дар ин лаҳзаҳо Аҳмади Ҳабиб гумон мебурд, ки қариб ҳама савдогарон бо чашмони кушодаву нимкоф ба вай назора доранд, ки ку ин мард чӣ кор мекарда бошад. Вай ҳанӯз ҳам бори хиҷолатро аз дӯш нафуроварда буд ва ин ҳиссиёт ҳар лаҳза муаллимро пахштар мекард. Хиҷолат як тараф, боз муаллим зери лаб аз Худованд илтиҷо мекард, ки ақаллан ягон дӯсту шинос набинадаш, вагарна... сар ба куҷо мекӯбад, чӣ посух хоҳад дод? Магар шармандагӣ аз ин ҳам зиёд мешавад? Дар ин паси раф муаллими

деҳа чӣ гум кардааст? Нохост нимчамуллои Сангалӣ соя пайдо кунад, магар ба ҳоли зори ӯ қоҳ-қоҳ намезанад? Не, ин кори намешуданӣ, барои муаллим – айб...

– Шампун чанд пул? – нохост пурсид харидоре ва муаллимро аз дарёи андеша берун овард.

Аҳмади Ҳабиб дастпоча шуд, хост қимати онро бигӯяд, вале овоз дар гулӯяш дармонд.

– Чӣ, ба даҳан об гирифтаед? Магар гунг ҳастед? – боз пурсид харидор.

– Инҳо аз ман не, соҳибаш... – аз даҳони Аҳмади Ҳабиб бехост чунин посух берун омад.

– Соҳибаш кист?

– ...

– Соҳибаш ман! – осема гуфт кампири ҳамшафат. – Мехаред? Барои шумо арзон медиҳам. Пушаймон намешавед. Агар саратонро бо ин шампун шӯед, ҳама занҳои шаҳр ҳавасатонро мехӯранд. Ҳафтаи дароз мисли шоҳзода мегардед.

– Эҳ, замони орову торо гузашт, мома! Ман ҳамту қимати шампунро донистан хостам, – гуфт бепарвоёна харидор.

– Харидор, ки набошед, каллаи моро гаранг карда, қиматашро чӣ мепурсед? – ранҷид кампир.

– Эҳ, бо шумо, савдогарон, ҳафту ҳашт карда намешавад! Як гап назанед, вагарна дар бало мемонед, – гуфт харидор ва бо димоғи сӯхта дур шуд.

– Ҳой, додар, шумо савдогарӣ омадаед ё тамошо?! – рӯ ба муаллим гардонд кампир ва насиҳат кард: – Агар ҳамин хел савдо кунед, харидорон аз шумо чизе намехаранд. Дилашонро ёфтан даркор ва онҳоро дудаста тарзе доред, ки аз шумо як қадам дур наравонд. Фаҳмидед?

– Фаҳмидаму... – лаб бурма карда, китф дар ҳам кашид муаллим. – Наметавонам.

– Наметавонам, наметавонам!.. Мисли талабаи

синфи якум гап мезанед. Мард ҳама корро метавонад! Зиндагӣ майдони мубориза аст, додар. Ба пеш! – мушташро ба боло бардошт кампир ва фурсате пас оҳанги суханрониашро дигар карда, ба муаллим гуфт: – Акнун ман хона меравам. Имрӯз хаста шудам. Як чиз – ним чиз савдо кардам, кифоя. Боз пагоҳ меоям. Лекин, писарам, Шумо як ҷавони зебо ва боодоб менамоед. Ман ҳамчун модар дигар ба бозор баромаданатонро маслиҳат намедиҳам. Илтимос, дигар ба бозор набароед! – кампир ба ғун овардани молаш машғул гардид.

– Чаро? – мутаҳайирона суол кард Аҳмади Ҳабиб.

– Шумо фикр накунед, ки ин кампири бедандон аз бахилӣ савдо карданатонро намехоҳад, – хаёле бозистод кампири ношинос ва афзуд: – Дар ин ҷо одамони силоҳдор мегарданд. Мисли аҷинашамол нохост пайдо шуда, ҷавонмардонро печонда мебаранд. Ба куҷо мебаранд? Номаълум! Писарам, хуб мешуд, ки ба ин кор занатон машғул мегашт. Як ба гирду атроф нигоҳ кунед – қариб ҳама занҳо... Илтимос, боз аз ман малол нашавед. Худатон фикр кунед. Худо мададгоратон...

– Саломат бошед, модар. Ба Шумо ёрӣ расонам?

– Не, ташаккур, ман худам, – кампир ҷониби муаллим ширин табассум карду сумкаашро бардошта рафт.

Нигоҳи ҳаваси муаллим думболаи ин кампираки меҳрубон хаёле гул намуд.

Чанд харидори дигар пайдо омад, аммо карахтии муаллим бору барор наовард. Дигар интизорӣ беҳуда буд. Аздусар, агар забони савдоро медонист, кайҳо молашро мефурӯхт, вале ғурур ва хиҷолат имкон надод, ки мисли дигарон булбулвор бихонаду харидоронро аз даст надиҳад. Худро дарун-дарун мехӯрд, ҳамин қадар, ки як роҳашро ёд мегирифт, дигар савдо кардан барояш мушкил набуд. Алъон ин кор ба ӯ рӯи

хуш намедод. Боз суханони кампираки савдогар ӯро сахт ба андеша водошта буданд, ки дилаш аз ин кор сард гашта буд. Сабил, савдо кардан ба назар саҳл менамудааст, ҳине доманашро мегиред, ҷигаратон ба даҳон меафтидааст!

Аҳмади Ҳабиб хост, ки зарфҳои шампунро аз дигарон ноаён бигираду раҳи хонаро ба зери қадам бикашад. Акнун даст ба як зарф расонда буд, ки зане овоз андохт:

– Салом, муаллим!.. Шукр, ки Шуморо сиҳату саломат мебинам. Аҳволатон хуб аст? Шумо ин ҷо чӣ кор мекунед?

«Метарсидам аз он чӣ, ки омад бар сарам», – аз дили Аҳмади Ҳабиб гузашт ва ба чеҳраи зани шинос нигаристу тӯтивор ҳарчӣ ба даҳонаш омад, гуфтан гирифт:

– Эҳ, Шаҳнозбону, Шумо дар ин шаҳр чӣ кор мекунед?!.. Ман шампун харидам. Ана, дуто!.. Гуреза шуда, ба шаҳр омадем, муаллима... Ҳолу аҳволи Шумо хуб аст?

– Шукр, мо ҳам мусофир шудем. Имрӯзу пагоҳ дунё тинҷӣ мешудагист. Шайтон ноумед – бандааш ба умед.

– Албатта, албатта, – бо авзои парешон суханони ҳамкасбашро тасдиқ кард Аҳмади Ҳабиб ва афзуд: – Илтимос, аз ҳамин шампун яктаашро шумо бигиред. Даркор мешавад...

– Не, лозим нест, муаллим. Бе ин ҳам бори худам вазнин, – ба банд будани дастонаш ишора кард муаллима.

– Илтимос, аз номи ман – тӯҳфа. Хоҳиш мекунам, бигеред, – қатъи назар аз нею нестони ҳамкасб, Аҳмади Ҳабиб як зарфи шампунро ба сумкаи муаллима сихонд.

– Ташаккур, саломат бошед, – гуфт муаллима ва ба Аҳмади Ҳабиб наздиктар омада, оҳиста афзуд: – Му-

аллим, ман ҳамсарамро Русия равон кардам. Дар шаҳр овозаҳо ҳархела. Илтимос, агар Шумо ҳам тавонед... Фақат дар ин ҷо намонед. Хоҳиш мекунам, маро дуруст фаҳмед. Агар мабодо дар вақташ гӯши ягон шогирдатонро кашида бошед, имрӯз вай бо силоҳ қасос мегирад. Боз Шумо гумон накунед, ки...

– Не-не, ҳамаашро фаҳмидам. Шумо дуруст мегӯед. Ташаккур барои дилсӯзиатон. Албатта, эҳтиёт мекунам, – даст ба сандуқи сина гузошт Аҳмади Ҳабиб ва ҳамкасбон худоҳофизӣ карданд.

Баъди рафтани муаллима, дили Аҳмади Ҳабиб якбора сиёҳ шуд. Ӯ ба зарфи шампуни дасташ нигариста, нохост фикре ба сараш зад ва оҳиста назди як зани савдогар омаду гуфт:

– Гӯш кунед, хоҳар, Шумо ҳамун кампираки савдогарро намешиносед?

– Кадомашро?

– Пештар дар паҳлӯи ман савдо мекард-ку?!

– Ҳа-а, фаҳмидам, Шумо момаи Ҳамидаро мегӯед. Чӣ буд?

– Илтимос, вай пагоҳ меояд. Ҳамин зарфи шампунро ба вай медиҳед?

– Медиҳам. Магар ин аз момаи Ҳамида аст? – зарфро ба даст гирифт зан.

– Бале, аз момаи Ҳамида.

– Шумо беташвиш бошед. Ба дастаки худаш мерасонам. Лекин аз номи кӣ гӯям?

– Худаш медонад.

– Хуб шудааст.

– Саломат бошед.

– Шумо ҳам.

Аҳмади Ҳабиб дар як они воҳид пакарнамо ва бо шиками гурусна чӣ тавр аз бозор берун шудани худро нафаҳмид. Гӯё санги вазнинеро аз дӯш фуроварда бошад, худро озодтар ҳис карда, сабук-сабук ҷониби хонаи ичора раҳ гирифт. Аммо раҳорах дилаш хуни

тар мегирист, ки сабуктарин корро иҷро карда натавонист ва акнун бо дасти холӣ пеши кӯдаконаш меравад. Ба онҳо чӣ гӯяд? Гӯяд, ки савдо карда натавонист ё ӯро занҳо дар бозор тарсонданд?..

Вақте ки Гулноз дари хонаро ба рӯи муаллим кушода, ранги канда, маъюсиву навмедии ӯро дар чеҳраи пажмурдааш эҳсос кард, дар як он дилаш пора гашт. Шоҳи хонааш мисли кӯдаки гуноҳсодиркарда – бо сари хам, чашм аз пеши по наканда, базӯр забон гардонд:

– Гулнози азиз, бубахш... наметавонам...

Гӯё қади муаллим як ваҷаб паст шуд, чашмонаш даруntар рафтанд.

Гулноз, сояи ғам дар чеҳра, вале дасти шавҳарро бо меҳрубонӣ дошта, кашолакунон ӯро ба хона даровард ва вонамуд сохт, ки чизе рух надодааст.

– Барои ҳамин ҳам ғам хӯрдед, мардак?! – гуфт ӯ ва муаллимро дилбардорӣ кард: – Парво накунед, шоҳи хона. О, худатон гуфта будед-ку, инсон дар муқобили офатҳои табиат ҳич аст! Мушкиле нест, ки инсон сариштаашро наёбад. Ҳамааш хуб мешавад. Бо мадади ҳамсояамон холаи Маша кори хуб ёфтам. Соҳибхона Амаки Миша гуфта буд-ку: «Чӣ мушкиле, ки афтод, ба холаи Маша муроҷиат кунед, раҳи наҷотро нишон медиҳад».

– Чӣ хел кор? – ба чеҳраи Аҳмад Ҳабиб ранг даромад.

– Қатори дигар занҳо нон харида, нон мефурӯшам. Баъд як занак гуфт, ки ҳар саҳар шир меорам, ба ту медиҳам, ҳамроҳи кӯдакон савдо мекунед. Боз шунидам, ки апаи Санавбарам низ гуреза шуда, ба ҳамин ноҳияҳои наздики шаҳр омадааст. Охир, фарзанди падар аст, вай ҳам кӯмак мекардагист?..

– Шояд... шояд... Лекин магар гуноҳ нест нону шир фурӯхтан? – муаллим ҳамсарашро озмоиш кардан хост.

– Гуноҳи азим ношукрӣ кардан аст! Касе, ки дастархони пурнозу неъматро бо по зада, ба ризқи дигарон зомин мешавад, ана вай ношукрӣ ва гуноҳ мекунад. Сариштa кардани рӯзгор гуноҳ нест, ҷони ман.

– Аз таги дилам гап мезанед, азизам, – хушҳолона гуфт Аҳмади Ҳабиб ва хомӯш монд. Хаёле ба андеша рафт ва сипас рӯ ба Гулноз овард:

– Ҷони ширин, дигар тобу тоқат надорам. Селоби фоҷиа бегумон омадан дорад. Ман аз марг намеҳаросам. Вале аҷал савори танку тӯп фақат пайгири мардҳо будааст. Инро танҳо ман не, ҳама мегӯянд. Метарсам, ки кӯдаконам ятим монанд. Он тарафашро худат андеша кун...

Гулноз низ кайҳо ба Аҳмади Ҳабиб инро гуфтан мехост. Мехост бигӯяд, ки «Аҳмадҷон, ҷону ҷигарам, шоҳи хонаам, агар тавонӣ ба Русия бирав. Як муддат он ҷо буду бош намо, селоб ки гузарад, баъд гашта меойӣ. Аз бало ҳазар. Кӣ зиндагиро дӯст намедорад?.. Ман ризо, ҷонакам, бираву фаромӯшамон накун...»

– Хуб, ҷони ширин, ман ҳам ҳар хел гапҳо мешунавам. Ду-се рӯз тоқат кун, чор танга кор кунем, аввал туро мефиристем. Аз пагоҳ ба ман шир меоранд. Шир сафед аст, мардакҷон, хосияти хуб дорад. Иншооллоҳ, ҳамааш хуб мешавад. Ҳоло дам бигир, шоҳи хона, заррае парво накун...

Ва, инак, Аҳмад Ҳабиб ба раҳ баромад, ба раҳи дароз, печида ва ноаён. Қатора тақар-туқуркунон ӯ ва селаи мусофиронро гӯё андаруни нақби торике кашола мекард. Оқибат ва фарҷоми ин раҳро касе намедонист, ки то куҷо мебарад, куҷо хотима меёбад ва он чӣ сарбаландиву фалокату балоҳо дорад? Шояд онҳо дар нимраҳ бимонанд, шояд охири раҳро биёбанду оқибат пирӯз пас гарданд? Охир, мусофирӣ ва ғарибӣ хонаи модарат нест. Оқибаташро пешгӯйи кардан – мушкил. Танҳо муаллим ҳаминро дарк мекард, ки

ғарибон ҳукми мурда доранд ва аз он кишвари ноумедиҳо бозпас омадан хуб давлатест, ки на ба ҳар бандаи худо ато мегардад. Ин гапро ҳангоми дарси адабиёт на як бору ду бор ба хонандагон гуфта буд Аҳмади Ҳабиб, аммо ҳич бовараш намеомад ва дар тасаввур ҳам нағунҷонда буд, ки як рӯз не, як рӯз ин тақдири шум ба сари ӯ ва шогирдонаш ҳам мефурояд. Вай бовар намекард, ки рӯзе дар мактаб ҳам дигар занги дарс ба қарибӣ садо намедиҳад. Ӯ ба ҳич ваҷҳ эътимод намеварзид, ки шогирдони як мактаб аз гиребони устоди худ мегиранд. Не, муаллим ба ин бофтаҳои дурӯғини замон ва овозаҳо куллан бовар надошт!..

Ҳамон рӯзи ҷудоӣ Аҳмади Ҳабиб ғайри ҳамсари меҳрубон ва фарзандонаш дигар бо касе видоъ нагуфт. Охир, дигар касе ҳам набуд, ки Худо ҳофиз бигӯяд. Бисёр мехост, ки дар ин раҳ қиблагоҳаш мӯйсафеди Ҳабиб ӯро кафи дуо бидиҳад. Вале замона девори сангини ҷудоӣ бардошта буд ва имкони дидору сӯҳбатро ба даст намедод. Ӯ ҳанӯз намедонист, ки волидайну додараш Аҳрорро маҷрои дарёи пурталотуми зиндагӣ ба куҷо ҳаво додааст: ҳастанд ё на?..

Ӯ ҳамон рӯз пакарнамо, гоҳ бо худу гаҳ бе худ, раҳ мерафт, ҳанӯз садафи бӯсаҳои гарми Гулноз ва ҷигарбандонаш аз лабони вай пар мекушод.

Аҳмад Ҳабиб коҳилона ва бо дили нохоҳам аз хоки диёр дур мегашт, мисле ки ин мардро банд андохта, аз пушти асп кашола мебурда бошанд. Фақат фарқ ин қадар буд, ки ӯ бо хости худ, барои зинда мондани худ мулки ғарибӣ мерафт. Ва Аҳмади Ҳабиб алами дӯстону хонасӯзон дар дил диёри азизашро тарк мегуфт: ё ба нестӣ мерафт, ё ба ҳастӣ. Ин сарнавишти нонавиштаро ғайри халлоқи олам каси дигар фаҳмида, ҳис карда ва дарк карда низ наметавонист. Аммо вай бояд биравад: ба ҷои дигар, ба хоки дигар ва ба ҳавои дигар. Пайкари ӯ алъон

пайкар набуд, садои ӯ алъон садо надорад ва вуҷуди ӯ алъон бевуҷудист. Ӯ бо ёд ва доду фарёд берун мерафт. Аммо рафтанаш ва аз бало гурехтанаш алъон мардӣ буд: ба хотири фардо, ба хотири фарзандон. Дидаву дониста, бенишон якбора гум ва қурбони тири дайдуи нохалафон гаштани инсон ҳам нишони мардӣ нест. Шумо дар ҷанги ватанхоҳона қарор надоред-ку! Душманатон бо нияти ғаразнок ва аз хоки бегона ҳуҷум наовардааст-ку!.. Пас, аз дами алангаи афрӯзандагони оташи худӣ раҳидану гурехтан садҳо бор авлотар аст аз беҳуда қурбону хокистар гаштан.

Оре, барои инсон ҳам дар қади умр ду чиз арзиши аз ҳама баландтар дорад: яке Ватан, дигаре муҳаббат. Агар ҳазрати инсон дар як кунҷи дастнораси олам ҳам бошад, ҳамеша дилаш ба Ватану ёри меҳрубон кашол аст ва ба сӯи онҳо пайваста талоши расидан мекунад. Танҳо як фосила, як фосилаи кандашавӣ аз Ватан маънии битамом гумшавӣ ва нестшавиро надорад.

Инак, Аҳмади Ҳабиб низ муҳаббати Ватан ва азизонашро дар банди дилу ҷигар ҷо дода, ҳамроҳ бо худ мебурд. Ҷое мебурд, ки нафаси осуда ва оромӣ пайдо кунад, ватану азизонашро дар он ҷо маскан диҳад ва ба хотири соябонии фардои онҳо алъон худро ҳифозат намояд. Ва бо ин ният ҳамаро хаёлан дар паҳлӯ бо худ мебурд ва бо садои якмароми қатора батакрор мегуфт: «Ё, парвардигор, халқам кардӣ, хорам накун! Азизонамро дар паноҳат нигаҳ дор, муҳаббати софамро ҳифз намо ва ғазали бадарди мусофириамро ба саломи субҳи ёрон бирасон, аз дигаронро ҳам...»

– Шод бимон, Ватан! – нидо дардод ҳамроҳи Аҳмади Ҳабиб – ҷавонмарди кушодачеҳраи паҳлавонсурате.

– Исми муборакатон чист? – пурсид муаллим.

– Мурод, – гуфт ӯ, табассум бар лаб давонда. Дили муаллим, ки аз зиқӣ мекафид, табассуми ҷавонмард хушаш наомад ва боз ҷиддинамо суол кард.

– Шумо куҷо меравед?

– Зинда бод, Русияи бузург!.. Меравам, ки дар ун кишвари беҳудуд барои занак пули хонаро кор кунам. Ӯ фикр дорад, ки аз ӯҳдаи ин кор намебароям. Лекин вай... – кур-кур хандид Мурод. – ҳунарҳои маро намедонад.

– Шумо чӣ ҳунар доред?

– Э-ҳа, бародар, тамоми корҳои сохтмониро анҷом дода метавонам! Фақат майдон бошад, ки очаи корро нишон диҳам... Ҳа, мебахшед, Шумо ҳам худро шиносонед, охир!

– Аҳмади Ҳабиб ҳастам, муаллим, – оромона гуфт ӯ.

– Ҳа-а... Каллаи муаллимон зӯр, онҳо бемалол дар бозор кор карда метавонанд. Парво накунед, корди Шумо ҳам дар равған тар ва пул дар ҷайбатон ҷар мешавад. Русия – кишвари сағерапарвар, одами меҳнатиро хор намекунад... Ҳоло биёед, андак дам гирем, бемалол аз сарҳади Ватан гузарем, ана баъд деги сӯҳбатро метафсонем. Чӣ гуфтед, муаллими азиз?

– Ман... розӣ...

– Агар Шумо розӣ бошед, пас Худо ҳам розист...

Хаёле дар лабони муаллим табассум давид.

Баъди ҷигаррешиҳо аввалин бор дар як гӯшаҳаки дили Аҳмади Ҳабиб низ шӯълаи равшанӣ милт-милт шӯъла андохт...

Ва қатора бо оҳанги якмароми хеш пеш медавид...

## 2

Аз каҳдуд оташ дарафтод ба водии тиллойӣ; аз каҳдуди кинаву адоват, хусумат, кибру ғурур ва гапҳои пӯсидаву палағдаву ёва. Каҳдуд на аз берун,

балки аз дарун аланга гирифт ва онро на бегонаҳо, балки худиҳо афрӯхтанд. Дарахтро кирм аз дарун мехӯрад, мисле ки як кишвари абарқудрати СССР-ро «кирм» аз дарун хӯрду пасон чаппагардон кард.

Албатта, оташ бедуд намешавад. Аммо чанголи бераҳми ин дуд тану ҷонро таранҷида-таранҷида ба дарозои дарозо ғозид ва оқибат аз оташи фарогири ҷангалзорҳои хушкида низ сӯзонтар гашт... Эҳ, аз қудратат гардам, одами ношукр-е! Меҳтар гуфту кеҳтар гӯш ба карӣ андохт, бузург гуфту кӯчак аз васвасаи бузургтарошӣ поин наомад, мард гуфту зан гапи мардро ба фисмирӣ нарх назад, зан гуфту мард сухани ӯро ба як каф нос иваз накард... Ва балои азим раҳгузар уфтод аз чапу рост, аз зеру забар ва борони сиёсати «ман ҳақ, ту ноҳақ!» шар-шар ба шапидан даромад...

Ҳо, муйсафеди Ҳабиб низ хишт бар даст қарор нанишаст ва худро канора нагирифт, балки асои досташро боло бардоштаю поин карда, садо зад: «Ҳой, мардуми гумроҳ! Козаи замбӯрро беҳуда хала-хала накунед, ки гизала шаванд, чунон мегазанд, ки дигар ҷойи нишастан намеёбед!.. Бо давлат ҳазл накунед!.. Ба бӯи ин нимчамуллоҳо нашавед, ки оқибат хокдонатон Афғонистон мегардад!..»

Ва шаҳри нозанине, мисли ин ки маъшуқаи ноком аз оқибати дарди ҷонсӯз бехабар худро ба коми оташ фурӯ меандозад, аз каҳдуд дарун-дарун месӯхт... Аҷал савори танку мошин пайгир меомад ва садои автомату пистолет аз чор ҷониб пардаи гӯшро медаронд. Дарахтони боғҳо гӯё пешомади нохушеро ҳис карда бошанд, аз таъсири бод, мисли модари фарзандгумкарда, сару мӯй меканданд. Боди нобаҳангом монандаи ғижжакнавози бадқаҳр шохаҳои дарахтонро бераҳмона алвонҷ медод ва баргҳоро дар кафи панҷа бозӣ доронда, ҳарҷо ки рост меомад, мисли ахлот бурда ҳаво медод. Турнаҳо қабл аз ҳама осмони

ин манзилро тарк гуфтанд. Майнаю кафтарон низ. Акнун зоғони сиёҳ ва гунҷишкакони хира села-села рӯ ба фирор доштанд. Васати осмон ҳич соле ин тур гунҷишкборон нагашта буд, ҳатто ҳини арзан коридан ҳам. Чорвои бесоҳиб ва сарҳӯй миёни пахтазорону ҳотаҳо чаридан дошту паридан. Меху занҷиру ресмон набуд дар гардани чорво ва онҳо низ бори аввал худро озод дида, раҳгуму ҳайрон монда буданд. Мардум дари хонаҳоро қулф зада, ҷони худу фарзандонро беҳтару авлотар дониста, куҷое ки рост меомад, мӯрчавор медавиданд: яке паси шиғ мехазид, дигаре даруни хандақи лиму, савумӣ миёни пахта ё ҷуворимакказор... Як гурӯҳ боло медавид, як гурӯҳ поин медавид, як гурӯҳ уреб медавид... Садоҳои тарсолуду ваҳмангези «Бидав!.. Зудтар бош!.. Ҷомадонро парто!.. Ҷон ширин!.» – гӯши фалакро кар мекард. Мегуфтӣ, ки рӯзи маҳшар аст, балки бадтар аз рӯзи маҳшар, ё қазову қадар рехт ё дунё деги охиратро ба замин парӯ кард. Тамом!

– Не-е, ду-се рӯз тирпаронӣ давом мекунаду бас! Баъд ҳама ба ҷойҳои худ, ба хонаҳои худ бармегарданд, – мефаҳмонданд баъзеҳо.

– Ҳоло аз ҳама муҳим ҷони худро саломат нигоҳ доштан, – мегуфт марде ба завҷааш.

Аҳрор аз куҷое давон ва ҳаш-ҳашкунон омад. Осемасар гардани Аҳмадро ба оғӯш кашиду зуд-зуд бигуфт: «Бобо, ту янгаю бачаҳоятро бигиру бо кадом раҳе бошад, зуд аз деҳа баро! Падару модарамро ман ҳамроҳ мегирам. Дигар, худо ҳофиз!..»

Ҳарфи охирин, дидори охирини Аҳрор буд ин. Фурсат дигар «чуну чаро»-ро намепазируфт, мисли ин ки об башаст ба харсанге бархӯрда, қатраҳо чор тараф пош мехӯранд, азизони як хонавода, як деҳа, як хоҷагӣ, як ноҳия... бехост аз ҳам ҷудо шуданд. Мегуфтанд: кори тақдиркаш буд, кори дасисабоз буд, кори мансабхоҳ буд, кори бадхоҳ буд!.. Кори касе, ки

буд ё набуд, акнун як балои осмонӣ мисли аждаҳои ҷонгир бар сари одамӣ фурӯ омад... Ҳо, инсон аз баландӣ бар пастӣ фуруд омад. Ба қавли Аҳмади Ҳабиб, мабдаи нафсонии инсон боло гирифт ва ӯро акнун аз ҳайвон фарқ кардан душвор буд. Беҳуда «гоҳ зинсавору гоҳ зинбапушт» нагуфтаанд. Ҳо, одам ҳам то поёни умр аз косаи зарин об намехӯрад. Пас, ба чӣ хотир тақдиркаш чор фасли сол офаридааст? Ҳаёти одам низ ба ҳамин чор фасл қисмат мешавад, хоҳ кӯтоҳ бошаду хоҳ дароз, хоҳ сад сол умр бубинаду хоҳ як сол... Аммо саросар дар чанголи алангаи оташ дармондан ва афрӯхтани ҷанги худӣ мусибати дигар аст.

Аҳмади Ҳабиб бар он буд, ки агар ду-се варсоқихони бемуридро дастгир кунанд, дигар раҳ таври қаблӣ аз фарози тинҷию осудагӣ оғоз мегирад ва рӯзгор боз дар барги дарахти умр оҳанги тоза меназад. Аммо зиндагӣ табли дигар заду амал оҳанги дигар навохт. Ҷанги бародаркуш низ ду-се рӯз давом накард, ду-се рӯз пас мардум ба хонаҳояшон барнагаштанд, ду-се рӯз баъд оворагию сарсонӣ хотима напазируфт, балки ҳамааш – дарду ғусса, яъсу ноумедӣ, шикасту худфурӯшӣ... акнун саҳифа кушод. Бало рехт, бало! Рӯзгор дар панҷаи бод коҳилона нолиш мекард, ҷуғз таври дили худ оҳанг мебаст ва оҳу ҳасрат дар гулӯ гиреҳ мезад ва акнун беваи шаттоҳи ғам бо панҷаҳои шахшӯлаш бораи дили одамро канда-канда мехӯрд. Охир, кӣ рехтаро ба зудӣ анбошта ва шикастаро пайваста? Сабр бояд, сабр!.. Вале сӯхта аз куҷо сабр дорад?..

Ҳум-ҳум мекард хонаи холие, ки ҳамон рӯзи фирорӣ шудан Аҳмаду кӯдаконаш вориди он гаштанд. Хӯҷаини чор девори хона – анкабуд дар чор кунҷ тор танида, худро ҳокими мутлақ мепиндошт ва таври «худам шоҳу табъам вазир» амр мезад. Деворҳои замҳарир чангу дуд дида, ҷо-ҷо рехтаю ка-

фида буданд. Фарш хоколуд, хонаи пухтупаз бенизом ва гӯшае ғарами зарфҳои холии араќу рӯған болои якдигар савор шуда, доди бесоҳибӣ мезаданд. Байни хона ҷиғеллоқҳои даридаю бекору фарсуда бӯ гирифта, ғарам-ғарам мехобиданд. Бо вуҷуд, Аҳмаду Гулноз ва аз ҳама зиёдтар Умеду Ситора хушҳол буданд, ки дар ин шаҳри ошнои ноошно, ҳини раҳгумӣ ва баъди ин қадар кӯфту калахти роҳи дароз, ҳайронию парешонии «чӣ кор мекунем»-ҳо, толеъашон баландӣ карду ба зудӣ хонаи иҷора ёфтанд. Акнун ҳасрат надоштанд, балки давлат доштанд онҳо. Зеро аз миёни дуду оташ ва тиру тӯфанг ҷонофарин ҷони дубора атояшон кард, ки сиҳату саломат боз ба дидори ҳам бирасанд, рӯ ба рӯ сӯҳбат кунанд ва дар қатраҳои марвориди чашми якдигар худро биҷӯянду бубинанд. Нуру зиёи раҳмонӣ раҳи дили онҳоро мунаввар кард ва тақдиркаш пеши пои бандагонаш қолини ранга густурд. Албатта, хуб! Дидор давлат аст, давлати бузург ва набояд онро беқадрӣ кард! Шукр, худойро...

– Ана калид, ана хона! – овози соҳибхонаи пиракӣ, ки паст-паст сулфа мезад, Аҳмадро ба худ овард. – Ба ман на пули иҷора даркор, на барқ ва на газ! Сарҳисоби зиндагиатонро худатон ёбед, фақат ин қадар, ки хонаро ба тартиб дароред, кифоя...

– Ташаккур, амак, – хушҳол изҳор кард Аҳмади Ҳабиб. Ситораву Умед аввалин шуда ба хона даромаданд.

Пирамард ба хона надаромада, лаҳзае хомушӣ ихтиёр кард ва баъд афзуд:

– Илтимос, хонаро холӣ партофта наравед, ки вазъиятро худатон мефаҳмед. Мабодо нокасон зада дароянд, сонӣ бароварданашон мушкил мешавад. Аслан духтарам дар ин хона зиндагӣ мекард. Бо сар шудани нооромиҳо, шаҳрро партофта ба Русия рафт. Мани пиракӣ танҳо мондам, вазъи саломатиам хуб нест. Баъд, дар ин ҷо одат кардаам, ҷавониам гузашт,

муҳаббатам гузашт, ин шаҳри бароям азизро чӣ хел партофта равам? Ҳаминҷо хок мешавам. Ҳа, гуфтагӣ барин, дар қабати якум Маша ном зани солдидае зиндагӣ мекунад, бо карта фол мебинад, бисёр зани хушҳолу инсондӯст аст. Шумо одамони дуруст менамоед, бо вай рафтуомад карда метавонед. Агар мабодо даркор шавам, аз вай пурсидан мумкин, суроғаамро он кас медонад.

– Ман... Аҳмади Ҳабиб, муаллим ҳастам. Оилаам Гулноз ва фарзандонамон – Умеду Ситора мактабхонанд, – муаррифӣ кард муаллим.

– Ҳо, маълум, ки шумо ҷабрдидаед... Пеш аз ҳама, инсон бояд буд, вагарна сагҳо сагона мемиранд... Ҳа, номи ман Михаил аст, кӯтоҳ амаки Миша ҳам гӯед, намеранҷам. Лекин ҳатман аз Маша бипурсед, вай раҳи наҷотро ба Шумо нишон медиҳад, – гуфт пиракӣ ва худоҳофизӣ карду бадар рафт. Тап-тапи фуромаданаш аз поғундаҳо ба гӯш мерасид...

Гулноз дасту остин барзада, ҷиғеллоқҳои фарсудаю даридаро аз назар гузаронид, аз байни онҳо барои тоза кардани фаршу шифт латта ҷудо кард ва пардохт ба рӯфтану шустан. Ситора ба модараш ёрӣ медод. Аҳмади Ҳабиб бо нияти ошноии маҳаллаи нав ҳамроҳи Умед ба кӯча баромаданд. Баргҳои зарди дарахтон аз навдаҳо канда шуда, печутобхӯрон ба замин меуфтоданд. Шохаҳо торафт урёнтар мегаштанд. Худнамоӣ ва иртифоъи қаблии офтоб низ намонда буд ва ҳарорати пасти нураш шикан-шикан мехӯрд. Агар саворaи чархбол аз боло ба шаҳр менигаристед, мегуфтед, он қабристонеро мемонад, ки одамонаш зери хок хуфтаанду ба ҷуз хонаҳои қуттимоно чизе дигаре надорад. Аслан ҳамин тур буд шаҳр ва аз он бӯи ғализи ҳузн меомад...

Аҳмади Ҳабибу писараш баъди тамошои манзараҳои ҳузнолуд назди дӯкони «Сабзавот» қарор оварда, аз он ҷо бо нархи дандоншикан картошка,

намак, пиёз ва рӯған харид карданд.

– Нон аз куҷо ёфтан мумкин аст? – пурсид аз фурӯшгор муаллим.

Фурӯшгор сар то пойи Аҳмади Ҳабибро бо як нигоҳ андовид ва нописандона зери бинӣ ғурунгид:

– Гуреза ҳастед?.. Пайи қадаматон номуборак омад, аз шаҳрамон баракат парид. Кӣ гуфт, ки митингбозӣ кунед? Ана, оқибаташ! Хонадарпушт шудед, охир?!..

Ба дили Аҳмади Ҳабиб гӯё корд халид ва худро болои сӯзан ҳис кард. Аз суолаш пушаймон гашт ва тавре эҳсос бурд, ки гӯё мояи ин бадбахтиҳо ӯ бошад ва гирдойишҳоро низ вай сомон додаю мардумро ба ин аҳвол оварда. Хост бухси дилашро бикафонад. Бигӯяд: «Ай бародар, файзу баракати шаҳри ту сарзамини азизи ман буд, пахтаю лимую помидор ва картошкаву пиёзу биринҷи он буд...

То имрӯз ману сарзаминам бобаракат будему имрӯз, ки хонасалот шудем, бебаракат гаштем?.. Магар мо ҳаминро мехостем?..

Баъд, бародар, мо митингбозӣ накардаем, балки ҳизбҳо, Сангалӣ барин нимчамуллоҳо, барои ба даст овардани мақсадҳои ғаразноки худ мардуми ноогоҳро ба майдонҳои муқобили ҳам кашиданд, яке аз сари қудрат дур шудан намехост ва дигаре ба сари қудрат омадан мехост. Фаҳмо?..

Ҳой, бародар, ба гӯшат як умр ҳалқа кун: душмани ману ту дар камин, балки дар паҳлӯ кайҳо ба шикор нишаста буд ва то имрӯз фурсати муносиб меҷӯст. Ин лаҳзаи нофаҳмиамонро бисёр қамат ёфту байни ману ту алангаи оташро дар дод. Мо, гумроҳону қашшоқони як Ватан, мояи бадбахтиро дар зиндагонии ҳам дида, бе озмоиш аз гиребони якдигар гирифтем, кашталдаронӣ кардем, оқибат хонаи худро сӯзондем...

Ҳо, шояд мову ту ин корро накарда бошем, аммо

хешу табори мо бо ин роҳи паст бешармона қадам ниҳоданд. Ин сенария дар дигар кишварҳо низ пиёда шуда, кори худро карда буд. Медонед, ҳич кас дар тасаввур ғунҷонда наметавонист, ки ҳатто гурҷиҳои ҳисси миллиашон дар осмон алайҳи якдигар тиру теғ мегиранд. Ҳо, ҳич кас! Душман агар моро мағлуб карда натавонад, кӯшиш мекунад, ки ману туро ба ҳар васила ба ҷанг бикашад. Ба фаҳми ин найранги зираконаи душман на гурҷиҳои оламгир рафтанду на мо! Худо моро зад, хоки раҳ кард. Аммо ту гумон набар, ки дар амонӣ, сарбаландӣ ва хонасӯхта нестӣ. Бишумор, бифаҳм, ки худо туро низ зада ва хоки раҳ кардааст, зеро ману ту ҳаммазҳабем, ҳамхунем, ҳамзабонем ва аз як Ватанем!.. Мо якдигарро мефаҳмем, аммо каси дигар моро фаҳмидан ва, агар як мушту сарҷамъ набошем, шунидан ҳам намехоҳад! Ин Ватани сӯхтаро ба ҷуз ману ту каси дигар обод намекунад, на ягон давлати пурқудрат, на ягон миллиардери дунё, агар манфиат надошта бошад!..

Ва ҳич гоҳ фаромӯш накун: агар як хона сӯхта бошад, як кишвар месӯзад ва агар як деҳаи кӯчак вайрону валангор гашта бошад, як мамлакат вайрону валангор аст! Зеро дарди ману ту як дард аст ва мову ту узви якдигарем. «Чу узверо ба дард оварад рӯзгор, дигар узвҳоро намонад қарор...»

Аммо Аҳмади Ҳабиб ҷавоби аҳмақро сукут донист, балки зарур надид, ки дар ҳузури Умед бо фурӯшгори васвосӣ сар ба сар шавад, чаро ки сиёсатбозӣ ҳам ба дили мардум зада буд ва худро таскин дод, ки беҳтараш ором бошад, саг меҷакаду корвон меравад... Ҳол он Аҳмади Ҳабиб аз зумраи ун ашхосе набуд, ки гапи фачу бепояро шунида, ду ангушт ба даҳон дам нишинад. Не, ӯ ботаҳаммул андеша баён мекард ва то мусоҳиб иштибоҳашро дарк накунад, тан ба таслим намедод. Лекин алъон шароит дигар аст: фаҳмондан ун тараф, агар даҳон во ку-

нед, қабурғаатонро зада мешикананд ва боз агар ситораатон хира намояд, аз пешониатон парронда, мисли зуғол ба бухорӣ ҳаво медиҳанд. Ҳо, *дар рӯзгоре* одам қадр дошту пашша не, акнун пашша қадр дораду одам не... Аммо ин ҳама гузаро аст, инашро ҳам чарх чаппагардон мекунад ва боз одам одамро мефаҳмад, нашудааст, ки одам як умр ҳайвон бимонаду ҳайвон одам...

Баъди харид Аҳмади Ҳабиб маънидору дароз ба фурӯшгор нигарист ва сипас аз дасти Умед гирифта, оромона рафтагор шуд.

Ҳине падару писар аз поғундаҳо боло мебаромаданд, зани солхӯрдаи ҳамсоя дари оҳанини хонаашро нимроғ кушода, ба онҳо аз зери абрӯ нигаристу пурсид:

– Шумо ҳамсояи навамон?

– Дуруст.

– Кучоӣ мешавед?

– Магар ин аҳамият дорад? – ин суол мисли хор бар ҷигари Аҳмади Ҳабиб халид.

– Дар ин шаборӯз, албатта, дорад! Магар намедонед, ки силоҳдорон фақат митингчиёнро мекобанд? Боз аз ҳамунҳо набошед, ки ба бӯи шумо мо ҳам дар балои шаби тор гирифтор шавем?..

– Аз ин ваҷҳ осуда бошед, ҳамсоя. Падаронамон аз кӯчаҳои Бухорову Самарқанд гузаштаанд.

– Э, ҳамшаҳрии худамо-ку!

– Ҳо, мо ҳамшаҳр ҳастем.

– Кӯчу бандатонро овардед?

– Акнун хона харидем, дигарашро оҳиста-оҳиста меорем...

– Хайрият, ҳамсояи дуруст будаед, вагарна шабҳо хобамон намебурд, – гуфт зани ҳамсоя ва шитобон дарашро пӯшид.

Пасопеш вориди хона шуданд падару писар. Умед халтаи дасташро ба пухтупазхона бурд.

– Ин қадар дер омадед, додош? – пурсид Гулноз, ки ҳанӯз дасту остини барзада дошт ва мӯйҳои то абру хамида ӯро зеботар карда буд.

Аҳмади Ҳабиб лаҳзае хомӯш монд ва гӯё чизе ба хотираш омад, ки аз дасти Ситора гирифту ба хонаи пухтупаз – пеши Умед гузашт.

– Ҳозир суолатон медиҳам, шумо посух медиҳед, ин бисёр зарур аст, – ӯ ба даст аввал картошка гирифт. – Ин чист?

– Тушка, – пешдастӣ кард Ситора.

– Не, духтарҷон, ин тушка не, балки картошка. Фаҳмидед? Такрор кунед.

– Кар-тош-ка! – хитоб карданд ҳарду баробар.

– Ана, инаш чӣ?

– Нумук, – гуфтанд бачаҳо.

– Нумук не, на-мак...

– На – мак!

– Офарин! Дигар «мун» ва «угам» низ нагӯед.

– Чӣ гӯем, додо?

– Ба ҷои «мун» – «ман», ба ҷои «угам» – «сонӣ» гӯед. Вазифаи шумо ҳамин. Фаҳмидед? – бори дигар пурсид падар.

– Барои чӣ, додо? – суол кард Умед.

– Барои он ки аз рӯи лаҳҷа аз куҷо будани моро мефаҳманд.

– Додо, агар ман бо ягон ҳамсинфам ҷӯра шавам, ӯро ҳич гоҳ ба хона намеорам, – қатъӣ гуфт Умед.

– Чаро?

– Охир, хонаи мо чизе надорад ва агар ҷӯраам даромада бинад, даррав мефаҳмад, ки мо гуреза ҳастем. Ба дигарон овоза мекунад, баъд моро гуреза мегӯянд.

– Ҳеҷ гап не, ҷӯра пайдо кунӣ, бигзор биёяд.

– Не, биёяд ҳам, аз дар даромаданаш намемонам. Мегӯям, ки ту дар берун ист, ман ҳозир мебароям.

– Ту ғам нахӯр, ҷони ширин, ҳама ҷо оҳиста-оҳиста пур мешавад. Ана, баъд ҷӯраатро гирифта

меорӣ. Чӣ гуфтӣ?

– Хуб шудааст, додо.

Падар ҷоми хомӯшӣ бар лаб ниҳод.

Дили Гулноз, ки ин гуфтугӯро аз хонаи шафат рӯшан мешунид, таҳ кашид. Ва аз ғазаб латтаи фарсудаи дасташро ба як сӯ ҳаво дод... Вале андак пас ором шуд.

Дар хонаи иҷора зиндагӣ андеша мезойид ва фикри фардо салтанат меронд...

## 3

Шаб обистан шуд аз андеша.

Рӯз ҳам ҳомила гардид аз ғаму ғусса.

Вале алъон на шаб зойид, на рӯз толори синаи онҳоро чароғон кард. Ғазали якмароми шабонгоҳ барои ду тани танҳо бо илоҷе ба саломи субҳ мерасид.

Мӯйсафеди Ҳабиб мӯйсафедтар шуд. Холаи Адолат кампир шуд, аммо аз Аҳмаду Аҳрор дарак набуд ҳамоно...

Гулнозу кӯдакон низ барнагаштанд ба деҳа.

Аммо зиндагӣ ранг мегирифт, ранги тамоман дигар ва на, ба он ранги қаблӣ сари мӯ моной надошт.

... Сардӣ тахтаву тирак ғундошта, кайҳо рӯ ба фирор оварда буд мисли фирорӣ. Акнун навдаҳои дарахтон ҷунбон-ҷунбон, шохаҳо гулафшон, сабзаҳо парафшон, дилу дида шукуфон, ҳар тараф сӯҳбат тафсон, пиёлаи чои гарм гардон...

Э-ҳа, деҳаро бинед акнун! Мегӯйӣ, ки ҳамун деҳаи биҳиштиро аз нав осмон оварду ниҳод дар замин мисли холи зебои духтари ҳинду. Одамон низ ҳамун одамон, фақат чеҳраҳо дигар, нигоҳҳо дигар, гапҳо дигар ва саломҳо хушку сард мисли гунаҳгорон. Ҳине касе бо каси дигар рӯ ба рӯ меомад, даст пеши бар салом медод, бар лаб нашъаи ханда ҳолу аҳвол мепурсид ва баъд пакарнамо рафтагор мешуд. Чизе намерасид ба-

рои онҳо. Ба қавли бобои Ҳабиб, муҳаббати қаблӣ барои онҳо намерасид. Ва ҳини худоҳофизӣ ҳатман аз дили онҳо мегузашт: «Дар вақташ ба ин мардак чӣ гуфта будам? Ӯ дуруст буд ё ман?..»

Ҳо, раҳи деҳа ҳам акнун ун раҳи мумфарш ва кафи даст ворӣ ҳамвор не, алъон баландопаст мисли аккордеон ва таври собиқа мошинҳо қаторак болову поин наметозанд. Акнун дар шаби хоб хоҳед дид мошинро дар ин деҳа. Одамон велосипедсавору аробасавор мераванду меоянд, тавре мӯйсафеди Ҳабибу ҳамсолонаш солҳои нахусти бунёди деҳа рафтуо мекарданд. Аммо ун рӯзгор валосифеду ароба низ набуд.

Э-ҳа, то он ки ин деҳа гулистон шавад, мардон аз банди дилашон ҷуръа – ҷуръа косаи хун ошомиданд! Ба қавле, азоби саги сӯзанхӯрдаро кашиданд. Акнун дар як мижа хобондан чӣ омад ба сарашон? – Гулистон ранги чӯлистони аввaларо гирифт... Лекин ба ҳаминаш ҳам шукрона бояд гуфт. Ҳа, шукрона, ки зиндаю саломат аз нав ба хоки шарифе, ки хуни нофашон рехтааст, раҳ ёфтанд. Худоро шукр, ки бееватан нагаштанд. Агар мисли мардони фирории солҳои сӣ дигар ба Ватан баргашта натавониста, дар ғурбат азоби гӯрро кашида, бо нолаю шеван ҷон ба Ҳазрати Ҷаббор месупурданд, ана он гоҳ барои унҳо бадбахтии азим буд.

Худовандо, аз бееватан будан нигаҳ дор, ки дигар чӣ суде аз ширинии оби кишвари чароғонтарини дунё, ки ҳамеша дар гулӯ талх хоҳад буд ва ҳавояш дар чашми ғариб ашки ғам! Аммо парвардигор ва фарзанди асилу вафодори ӯ мардумро аз ғурбат, дарбадарӣ, беватанӣ ва бешарафӣ ҷавонмардона вораҳонданд. Имрӯз аз ҳар хонадон ин номи муборак баланд садо медиҳад. Ба ҳар ноҳия, ҳар шаҳр ва ҳар вилояти кишвар нури Раҳмонӣ мерезад.

Ҳо, модари тоҷик бояд ҳамин гуна фарзанд бизо-

яд!..

Ҳамун замон мӯйсафеди Ҳабиб дигарбора ва аз нав фотеҳи деҳа гардид. Ҳине ба деҳа омад ва онро аз нав бидид, бо чашмони сару ақл бовар накард, ки ин мавзеъ як рӯзгор ҳамун деҳоти ободу хурраму сарсабз аст, ки мурғакону паррандагон андар фазояш рақси шодӣ ороста, дами бегоҳ одамонаш базми тарона барпо мекарданд. Ва ун рӯзгор аз ғул-ғулу ғалмағави кӯдакон пур буд деҳа...

Алъон ҳум-ҳум дошт деҳа ва ин ҳум-ҳуми ҳузнангез аз садои танку мусалсал даҳшатангезтар буд. Хонаҳои як замон боҳашамату деворҳои нақшин фурӯ рафта, сӯхта ва хокистар гашта буданд. Нақши дуди сиёҳ дар девори хона, оғил ва анборҷойҳо ҳанӯз ҳам боқӣ монда. Дарахтони меваро буридаву ниҳолҳои ҷавонро аз реша канда, бо худ бурда буданд. Ва бо ин тамом-не! Симчӯбҳои қатори сари роҳҳоро бурида, симҳои баркро канда бурда буданд... Ба кӣ расидаву ба кӣ нарасида? Одамонро наёфта, қасд аз деҳа гирифтанд ва аламашон паст шуд ё на, Худо донисту бас. Ва аз он хотир ба деҳа, ба раҳ, ба хонаву дар лагад зада оташ сар доданд, ки дигар одамон умуман гашта наоянд ва дидори чунин махлуқони ношукрро дар қиёмат низ набинанд. «Акнун ин ҷо мисли кафи даст ҳамвор ва замини пахта мешавад», – мегуфтанд онҳо.

Эҳ, аз қудратат гардам одамӣ-е! «Хирс бо бозӣ-бозӣ бачаашро куштааст». Одам ҳам аз ғазаб кӯр гашта, ба хонаи худ оташ сар додааст. Вагарна чӣ гуноҳ дорад хона? Дарахт чӣ? Симчӯб чӣ гуноҳ дорад?.. Хуб, одамон ки гуноҳ карданд, Худо номи фирорӣ ва ғарибиро ба пешониашон тамға зад, лекин магар хона даркор намешавад? Дарахту симчӯб даркор нест? Боз кӣ ба ту медиҳад? Бунёд кардан осон аст магар?..

Ба кӣ мегӯӣ, ба кӣ мефаҳмонӣ? Худо шоҳид, дар

вақташ мӯйсафеди Ҳабиб асои дасташро монандаи «алиф» сӯйи осмон шамшер карда, овоз андохта буд: «Ҳой мардум, аз худ наравед ва козаи замбӯронро хала-хала накунед, ки онҳо бедору гизала мешаванд, баъд чунон мегазанд, ки дигар раҳи хонаро намеёбед!..»

Оқибат гапи мӯйсафед тасдиқ гардид. Дигар чӣ ҳоҷат ба далелу санад?.. Вале ҳоло мӯйсафед аз деҳа омаданаш пушаймон набуд. Ва онро аз қабристонаш шинохт. Ҷои ободтарини деҳа алъон ҳамин қабристон буд.

Ҳангоми ба қабристон қадам ниҳодан, боз мӯйсафед асояшро сӯйи осмон «алиф» кард ва бо садои баланд овоз андохт: «Худовандо, худат шоҳиди якка ва ягона, аз ҳич кас сари тарс надорам! Ин деҳаро обод мекунам!.. Одамонро пас меорам!.. Зиндагӣ, ҳаётро аз нав гардон мекунам. Дигар ба ҳич куҷо намеравам, бигузор қатори дигарон ман ҳам хок шавам! Ё рӯҳу арвоҳҳои бузург, мадад кунед, ба ман нирӯ бубахшед! Мурдан намехоҳам, то даме мардумро пас наорам! Агар ин корро накунам, номам Ҳабиб не! Шири додаат бар ман ҳаром, модар! Мешунавед?..»

Фариштаҳои пок, рӯҳу арвоҳҳо шуниданд магар садои ларзони ӯро, ки омин хонданд. Оби чашми мӯйсафед гӯё чашмаи Ризвонро дудар кард, оҳи дилаш дар гулӯ девори зиндонро шикаст. Аз қабристон боди нарм ба сару рӯяш зад ва риши сафедашро бӯса дод. Пайкари наҳифаш як ларзиду дилаш мадор гирифт. Ва аз дарвоза ба гӯристон даромад. Сари қабри нахуст ба зону нишаст, бо овози баланд шурӯъ кард ба оят хондан. Мӯйсафед пайваста мехонду мегирист... Гузаштагону шаҳидонро якояк ёд овард ва аз дами офтобнишин дар «сӯҳбат»-и онҳо чорзону зад...

Хуршеди намози шом дар домани гардун фурӯ

рафта, шафақи он дар уфуқ лола меандохт. Ва ин лолаҳо андар назари мӯйсафед гӯё болои деҳа хун мерехтанд. Ӯ ба вусъати гӯристон нигоҳ меандохту қатраҳои ашк аз чашмонаш хамида, параҳои биниашро тар мекард ва аз байни мӯйлабҳояш раҳ кушода, лабони хушкашро шӯроб медоданд. Бори аввал буд, ки бадард мегирист мӯйсафед ва андаруни дилаш суолҳо қаторак мешуданд: «Одамонро аз куҷо ёбам? Чаро касе наменамояд? Чаро тани танҳо ба деҳа омад? Магар барои аз чашми кампираш дуру бедарак мурдан?..»

Ӯ боре сарчархак шуда, орзуи ба иззат мурданро ҳанӯз замони тинҷӣ дар дил парварида буд. Ун рӯзгор худ аз худ пеши чашмонаш гардон гашт...

– Бимирад ё бизияд?.. – пурсида буд аз худ ва аз андеша посух гирифт: «Ҳо, насиби мурдан набошад, ба коми жарфи аждаҳои хунхор фурӯ равед ҳам, боз машъали зиндагӣ хоҳед афрӯхт.

Ва баръакс: агар паймонаи умр лабрез бишавад, худро андаруни шишаи малҳам биандозед ҳам, ҷонофарин ҳадияи хеш бозпас хоҳад гирифт. Раҳи дигаре нест.

Воқеан монои моҳигир аст марг: ба тӯр моҳӣ мегираду муддате аз об берун наоварда, ба ҳоли худ мемонад. Моҳӣ бехабар аз найранги чархи дун ҳанӯз ҳам дағдаға меварзад, худро ба чапу рост мезанад, аммо андаруни тӯр аст он. Ҳар даме бихоҳад, моҳигир тӯрро берун меоварад ва моҳӣ аз дасти аҷал ҷон медиҳад».

Ин андеша мисли боди дайду бехост фазои сари мӯйсафеди Ҳабибро пур кард. Айёми тинҷию оромӣ нияти сафари охират ва хостори ба иззат падруд гуфтани дунёи фониро парварид. Ва нохост мӯйсафед худро амсоли моҳии андуруни тӯр эҳсос кард ва рӯи бистари бemорӣ дароз кашид

Одамӣ-да! Худи мӯйсафед аниқ намедонист, ки ин

фикр чӣ тур майнаи ӯро олонду дилашро чаппаю роста кард. Ё хоб диду сароб? Ё гуфт-гуфту рӯъё худ аз худ аҷалро зоид?

Ҳо, як кӯдаквор ноз кардан хост мӯйсафед! Мегӯянд-ку, пирӣ боз як ҷавонии дигар аст. Шояд донистанӣ буд, ки, ку биозмояд, дили кадом азиз барояш бештар месӯзад, яъне мисли ҳамун ҷавони ошиқе, ки барои маъшуқ худро аз баландӣ ба пастӣ ҳаво дода, бехабар аз он ки ҷони худро дар азоб бештар месӯзад. Ҳамин гуна андеша дили мӯйсафедро сӯҳон мезад. Кӯргиреҳаке уфтод банди дилаш, ки фурсати видоъ гуфтан фаро омадааст.

Ва бо ин ният фарзандонашро ба паҳлӯяш даъват карда, канда-канда овоз андохт. Гуфт, ки барои пос доштани эҳтироми мурда баъзеҳо се, ҳафт, чил ва сол медиҳанд. Ҳм, хандаовар аст ин! «Дар зиндагиам, ки накардӣ вафо, баъди мурдан чӣ мекашӣ ҷафо?» Қадрамро дар зиндагиам бидонед, баъди мурдан беҳуда ранҷ набаред. Ун сеҳову ҳафтаҳову чилҳо ба ҳадде серхароҷотанд, ки ҷигари одам ба даҳонаш меафтад. Дар ҳар кадомаш ду-се чорво мекушанд. Магар қуввати шумо мерасад? – Магарам дар қарз то гулӯ фурӯ равед. Боз ҳар бегоҳи ҷумъа ба масҷид обу нон бурда, сари гӯр дуою фотиҳа мехонанд. Ин масхарабозӣ ба кӣ даркор? Ман аз шумо чизе тамаъ надорам, фақат сари гӯрам дуою фотиҳа хонед, ба некӣ ёдам кунед, кифоя. Ҳалол зиндагӣ кардам, ба моли бегона чашми бад нахобондам, ба дуздию ғоратгарӣ машғул набудам, як пора нон аз обилаи кафи дастам буд.

Ёдат ҳаст, Аҳрорҷон, боре бо зарда гуфта будӣ: «Додо, чаро мисли дигарон хонаю дари ҳалол надорем? Шарм медорам, кӣ ба хона меҳмон биёяд.» Ин суханат мисли корд ба дилам халид, писарам. Худро дарун-дарун хӯрдам, вале он вақт ба ту чизе нагуфтам, шояд аз он хотир, ки писари хурдиам будӣ ва ба

бисёр чизҳо ақлат намегирифт. Акнун посухат медиҳам, ҷигарбандам. Бо як маоши деҳқонӣ ман ҳамин қадар тавонистам, агар дузд мебудам, моли ҷомиаро ба ғорат мебурдам, шояд ҳоло соҳиби хонаи боҳашамату зиндагии шоҳона будам. Баъд, писарам, гап танҳо дар сари хона нест, гап дар дилу ният аст. Бисёр хонадорҳоро дидаам, ки аз тарс дарвозаашонро қулф зада, шабонгоҳ хоб ҳам намераванд. Агар дилу ниятатон пок бошад, хона ҳам надошта бошед, шуморо ҳар рӯз суроғ мекунанд. Ин дунё хонаи мо нест, хонаи охират ва ҷовидонии мо дар ун дунёст. Ман умедворам, ки ту ҳам мисли бародари муаллимат нони ҳалол мехӯрӣ ва аз зиндагӣ баракат меёбӣ. Аммо ту табъи дилат хона бисоз, бо заҳмати ҳалол ва мисли дигар мардуми деҳа на баланду на паст, миёна бошад, беҳтар.

Оре, ман ҳамин қадар тавонистам, агар шумо беҳтар зиндагӣ кардан хоҳед, оби шиками худро биҷунбонед. Лекин аз ман як насиҳат: муҳаббат ва имони якдигарро хор накунед. Молу чизи дунёро ёфтан мумкин, вале бародариро ёфтан мушкил аст. Фарзанди бемуҳаббат ва беимон ҳатто аз гиребони падар мегирад. Аммо:

*Падар аз шавқи дил дар кӯдакӣ дасти писар гирад,*
*Ба умеде, ки дар пирӣ писар дасти падар гирад...*

Аҳмаду Аҳрор падарро то охир шунида, хаёле хомӯш монданд.

Муаллим ба чеҳраи падар бо меҳр нигоҳ хобонд, табассуми малеҳ даври лабонаш давонду сипас гардани ӯро ба огӯш гирифта, гуфт:

– Додоҷон, аз куҷо ин фикрҳои беҳуда ба саратон омадааст?!.. Ҳоло барвақт, дигар дар ин хусус фикр накунед, худатонро азоб надиҳед. Тӯю сури Аҳрор ва Умеду Ситораро надида, эшон як гапҳо мезананд, ки... Додоҷон, агар хушбахтии моро мехоста бошед,

дигар ҳич гоҳ дар ин бора сухан нагӯед.

– Охир... аҷал ёшию пирӣ надорад. Хостам, як огоҳ кунам, – боз лаб ҷуфт кард падар.

Аҳрор бо лабханди азалӣ тахтапушти падарро бо даст молида-молида, шӯхиомез гуфт:

– О, маро зан надода, ба куҷо азми сафар доред, додо?! – Ва ҳарсе хандиданд, баланд хандиданд ва мурғони сари шохи дарахти пушти хона рамиданд. Дуди ханда ҳар замон ҳаваси завқу ҳазлро бедор мекард.

Мӯйсафед, бо табассум ва чашмони пӯшида, амиқ дарк кард, ки мисли бозандаи хуби шатранҷ бозиро бо фарзандонаш мардона бохтааст ва дамолаҳза решаи аҷалро дар дилаш хушконид. Қавл овард, ки дигар маргро ба забон намегирад. Охир, рост, Аҳрор – фарзанди паҳлавонашро ҳанӯз оиладор накарда, як гапҳое, ки хара хандаю буза бозӣ. Эҳ, аз куҷо, аз кадом шохи хушкидае ин фикри нобарҷо мисли барге ба сараш уфтод?! Худаш ҳам ҳайрон. Шукр, ки ин сафсаттаро кампираш Адолат нашунид, вагарна хуб хандахариш мешуд-ку! Мазмун, мардаки асп ворӣ бақуввату думи филро мекандагӣ якбора файсалаи реҳлати ун дунё кунад, ба даричаи кадом ақл рост меояд?..

– Забонама магар ору газид, аз даҳонам шамол барад-е! Акнун дар сояи давлати пирӣ вақти савлат кардан омадаасту ман бошам, бо ҳама падруд гуфтан мехоҳам. Не, ман аз ун бегурдаҳо нестам! Ҳоло сабр кун, бобои аҷал, вақт ҳаст... – гуфту мӯйсафед дар пеши чашмони фарзандон паҳлавонвор аз ҷо рост шуда, бистари бемориро як сӯ ҳаво дод. Сипас, дари хонаро васеъ кушода, бо овози баланди омирона фарёд зад:

– Очаи бачаҳо, ҳо, очаи бачаҳо! Биё, ин кӯрпалоқатро зудтар аз хона ба берун барор! Дар назарам ин қадар қоқу бӯйнок шудаст-е! Рӯзҳои аввал мисли пари

қу мулоим буд-а!. Аз афташ хеле дароз кашидаам...

Ва Аҳмаду Аҳрор баробар «Ана, ин гапи дигар, додо!» – гӯён боз баланд хандиданд...

Ин қаҳ-қаҳа мӯйсафедро ба худ овард.

Не, мӯйсафед акнун барои ин наомада, балки омада, ки машъал шавад; омада, ки аз дил фарёд занад ва овози одамиро аз нав дар деҳа танин андозад. Аз ҷо коҳилона бархост ӯ ва бо кафи даст ашки чашмонашро рӯфта, баланд овоз андохт: «Ҳо, Салим, дар кучҷой? Лимӯ зард шуд, қӯрғанӣ мард шуд... Ҳе, Муҳаммади биргад, дарак дорӣ ё не: пахта шукуфт!.. Аҳмадҷон, ҳо Аҳмадҷон, тафтиши дафтарҳоро бас кун! Наход то дами мурғфарёд фақат дафтар тафтиш бикунӣ? ... Аҳрор, хонаат пури гандум, ту кай ба хона дер омаданро бас мекунӣ?..»

Мӯйсафед гуфт-гуфту хастагӣ абгораш кард. Ҷои ҳамворе бигузид ва рӯболо дароз кашид. Шаб сард буду осмон пурситора. Ноз мефурӯхтанд ситораҳо ва парвои фалак надоштанд. Вале чеҳраи моҳ пурғубор менамуд, мегуфтӣ азодор аст. Андак-андак шамол вазида, ба ҷисму ҷон сардӣ ворид мекард.

Хоб барои мӯйсафед бедор буд он шаб. Ӯ танҳоиро бисёр дида ва лагадашро чашидааст, вале на ин гуна танҳоии тазъиқовар, ҳузнангез ва навмедонаро. Вай ғам дошту деҳа мотам. Ба ҳоли зори ҳарду чарх механдид ва ба сари сина мушт зада, гӯё ғолибона мегуфт: «Дар ин дунё гуфти ман мешавад! Ҳарчи хоҳам – ҳамун! Ҳоло касе бо собунам ҷома нашуста. Ҳой, бандаҳои хокӣ, сутунатон аз тилло бошад ҳам, рӯзе бардошта чунон ба замин мезанам, ки гардро аз осиёбатон намеёбед. Дидед, ношукрҳо, ба деҳаатон чӣ кор кардам? Ҳай аз худ рафта будед-а? Ресмонро дароз партофтаму шумо ҳам хуб чарида аз марзи худ гузаштед. Ношукриатонро худо ҳам набахшиду бандааш ҳам. Ҳар чиз ҳад ва сарҳад дорад. Носипосӣ, ношукрӣ низ. Ризқу рӯзии худатонро ди-

даву дониста, пеши по задед. Акнун сари калобаи раҳгуматонро худатон ёбед. Ҳо, мурдаҳо рафтанду ҷонашон ба зудӣ халос шуд, бадавлату батолеъ буда-анд онҳо. Акнун зиндаҳо азобу дарду ранҷи гӯрро мекашанд. Аммо ғаму яъс мекушад онҳоро, оҳиста-оҳиста, заҳр чаконда – заҳр чаконда ва одамон аз ҷони худ безор мешаванд, аз дунё дасту дил мешӯянд, дар ҳасрати рӯи хушу мӯи дилкаши ёрон ҷон ба ҷонофарин месупоранд. На, ман инро хоҳон набудам, вале одамӣ бо дасти худ барои худ гӯр кофт. Дигар аз маи чӣ? – механдаму мегардам. Ту ки, ай инсони ношуд, ба қадри зебоиву мавҷуди хеш нарасидӣ, аз камина чиро умедворӣ? Вазифаи банда давр задан аст: мераваму меоям, мераваму меоям ва ҳич гоҳ косаро дар як даст нигоҳ намедорам...»

Мӯйсафед шабро бо илоҷе саҳар кард. Чӣ шабе, сукути яхбаста ва ваҳшатзо, доди дилу фарёди дил дар қафаси танги сина!.. Гули сабоҳ, ҳине ки лашкари рӯшанӣ артиши ваҳмзои торикиро мағлуб кардан дошт, мӯйсафед ҷомаро аз таги сар гирифта, афшонда пӯшиду фӯттаи миёнашро, ки таги по партофта буд, таҳ карда ба миён баст ва ба хотири видоъ бори дигар ба вусъати гӯристони ҳузновар назар андохт. Сипас, ӯ сари раҳи калон баромада, дастон паси пушт, оҳиста-оҳиста сӯйи хона қадам зад...

Ва ҳолӣ аз чӣ сар карданашро намедонист мӯйсафед. Дасту дилаш ба коре пеш намерафт. Гурусна ҳам буд ӯ. Як лаб ноне, ки бо худ гирифта буд, аз ҷайб берун овард ва порае шикаста, ба зери дандон андохт, боқиашро аз нав ба бағал халонд. Аммо иштиҳояш мурда буд. Бо илоҷе луқмаро фурӯ дардоду сари по нишаст. Ва тасмим гирифт: акнун деҳа ба деҳа гашта, дар кучое шиносеро бубинад, аз дастонаш кашола карда меорад. Аз ҷо хеста, миёнро маҳкамтар басту баҷуръаттар қадам зад...

Ҳангоме ки мӯйсафед аз болои кӯпруки деҳа гуза-

ро буд, нохост чашмаш ба бинои масҷид афтод. Дилаш гувоҳӣ дод, ки бояд ин бино осеб надида бошад... Ҳо, баъди қабристони деҳа, ҳич кас ба хонаи Худо ҳам нарасида ва ҳатто деворашро нахарошида буд. «Ҳа-а, унҳо ҳам баимон, кофир не, фарзанди мусулмон будаанд. Хонаи Худоро ғорат накардаанд. Пас, айбу гуноҳ аз худи мардуми мо буд, яқин, ки аз худи мардуми беақли мо. Акнун то дуруст кардани хонаҳо дар ин ҷо зиндагӣ кардани одамон мумкин», – аз дил гузаронд ӯ ва хушҳолона бардам-бардам қадам ниҳод.

Пиндори мӯйсафед дуруст баромад. Аз деҳаи ҳамсоя Сабури усторо дарёфт. Ӯ дар хонаи духтараш сар хаста будааст. Аз деҳаи дигар Бароти мироб ва аз шаҳр мӯйсафеди Акбарро пайдо кард.

«Ҳой, номардҳо, чаро сарро зери болин хаста, дар хонаи шиносҳо пинҳон шудаед? Тоб хӯрда, аҳволи деҳаро бинед, охир! Мурғони ҳаво гиря кардан доранд. Магар мо ба ҳамин умед деҳа обод карда будем?”

«Ҳабиб, аз дасти мо чӣ меояд? Гумон доред, ки дили мо хун нест? Хуни тар мегиряд диламон, лекин чора надорем».

«Чора ҳаст, бародарон. Меравему сари чӯбро мегирем. Раҳро ҷорӯб мезанем. Меҷунбем. Аз ҳар тараф шунаванд, омадан мегиранд одамон. Деҳа соҳиб дорад, мегӯянд. Ва ҳар касу нокас ба манзиламон ахлот ҳаво намедиҳад. Ҳо, ногуфта намонад, масҷиди деҳа обод аст. Хонаи Худо гуфта, сари чӯбашро касе наҷунбондааст. Дар ун ҷо китф ба китфи ҳам зиндагӣ кардан мумкин».

«Солҳои сӣ ҷони ҷавонамонро коҳондем, магар кифоя нест? Шаборӯз нахуфтем, ба китф белу каланд, поён давидем, боло давидем, хобу хӯрро ҳаром карда, хона сохтем, баъзеҳо биноҳои дуқабатаю гову молу ҳол карданд, соҳиби мошину трактору автобус шу-

данд, тӯйю сурҳои дакаданг, рӯзи мотам ҳам аз тӯй монданӣ надошт... Деҳа аз кӯдаку чудаку резак пур буд, тӯйхона буд, шаҳр буд, **як** шаҳри афсона, ки на рӯз аз тамошо сер мешудед, на шаб. Акнун мо**,** пиракиҳои помон ба лаби гӯр, деҳаи валангор рафта, чӣ кор мекунем? Мабодо ягон сиёҳӣ аз дур соя пайдо кунад, аз тар шудани почаамон бехабар мемонем».

«Помон дар лаби гӯр ҳам бошад. агар мо рафта, заҳри тарсу ваҳмро накафонем, ҷавонҳо, келинҳо, занҳо ва набераҳо аз куҷо меоянд? Дастро ба теппаи пешонӣ монда, ақлро кор фармоед, муттаҳамҳо!..

Баъд, дар хонаи «бегона» то кай сабру тоқат мекунед? Соҳибхонаҳо ҳам аз шумо безор шуданд. Ҳоло даври сериву пурӣ нест, ки ду поятонро баҳузӯр дароз карда шинед, ҳама ба як лаб нон – зор. Виҷдон доред. айб аст! Шуморо намедонам, лекин ман рафтам... Масҷид меравам».

Миёни ҳамдеҳагон ҳамин гуфгугузор радду бадал гашт ва оқибат мӯйсафеди Ҳабиб ғолиб баромад. Онҳо якҷоя ба деҳа омаданд. Аз раҳ саги бесоҳибе онҳоро ҳамроҳ гашт, ки аз боиси дар бадан холчахолчаҳои сафедак доштанаш, ҳамон замон номашро Барфак гузоштанд.

Акнун аз ин деҳаи балохез ҳам овози одам ба гӯш меомад. «Зинда шудем, зинда шудем!» – аз хушҳолӣ дар ҷома намеғунҷид мӯйсафеди Ҳабиб ва ҳамроҳи Барфак, ки бо ӯ унс гирифта буд, мерафт пеши усто, медаромад назди Акбар, хабар мегирифт мироброву меомад рост ба хона. Бекор нанишаст мӯйсафед, ангушт намакид, аз алафҳои бегонаю шӯрак ҷорӯб баста, ганҷӯрхонаро, ки тасодуф девору болояш пӯшида монда буд**,** ба ифоқа овард. Таги по замини нам, девор рехта. Хасу  хошокро бо кафи даст ва лаби ҷома ба берун партофт. Аз чӯби маҳшар химча намеёфт, аз сатилҳои қаторак ҳатто сатили шикаста намеёфт. Ҳамаро чунон рӯфтаву бурда буданд, ки ҳатго мехи

каҷи як вақт нодаркорро пайдо кардан мушкил буд. Яке ба хотираш омад, ки наздик ба шиғи сари ҳота Аброр сандуқе таги хок карда буд. Мӯйсафед раҳ гирифт ба ун ҷониб. Эҳа, қандата зан писари кампир! Бари шиғро мисли кӯрмӯш кайҳо кофтаанд... Хокҳои лойолудро мӯйсафед ин тарафу он тараф ҳаво дод, вале... Ин ҷоро об монда, дидаанд, ки хок паст мефурояд, дарзамон фаҳмидаанд, ки зери он чизе ҳаст. Дарзамон он ҷойро кофта, сандуқро ёфта бурдаанд. Мӯйсафед зери лаб заҳрханде заду ғур-ғур кард: «О, бачағарҳое, таги замин ҳам аз назарҳо дур намондааст! Ин қадар молу ҳоли мардум насиб  мекарда бошад? Ҳо, ба соҳибони онҳо насиб накарду ба шумо аз куҷо! Аз хок шудему боз бар хок шавем... Лекин хуб кардед, қандатона занед! Мо ҳам мебудем, ҳамин тавр мекардем. Сазои гуреза ҳамин: молатонро, ки соҳибӣ карда натавонед, як каси дигар мебарад-да!..»

Ва баъд Барфак ду-се бор аккос зад. Мӯйсафед фаҳмид, ки касе меояд. Ҳо, Сабуру Акбару Барот омаданд. Барфак думашро ликон-ликон заминро бӯй кашида меомад. Сояи ғам дар чеҳраи «меҳмонон» хона андохта буд. Омаданду рӯ ба рӯи ҳамдигар нишастанд мӯйсафедон. Аз дастони мӯйсафеди Ҳабиб бӯйи хок ба машом меомад.

Лаҷоми суханро пирамарди Акбар гирифт.

– Ҳабиб, хафа нашавед, мо нияти рафтан дорем.

– Хӯш, ҷӯраҳо, ку бишинед, чорта чақ-чақ кунем.

– Ҳабиб, ҳини ҳазл кардан нест! Шабона дар масҷид азоби дӯзахро мекашем. Мешавад, ки дар ин ҳавои сард ва боз бе обу гард рӯи замин бихобем?

– Аз хонаи хешу табор як чиз – ним чиз металбем. Талбанда мешавем. Илоҷи дигар надорем.

– Ҷӯгӣ мешавем, бигӯй! – ба якдигар нигаристанд мӯйсафедон.

– Ҳо, ҷӯгӣ! – сахт карда гуфт мӯйсафеди Ҳабиб. – Магар мехостам, ки ҷӯгӣ шавем? – Не! Дар вақташ

нагуфта будам, ки козаи замбӯронро хала-хала накунанд, ки онҳо бедору гизала гашта, чунон мегазанд, ки дигар раҳи хонаҳоямонро намеёбем. Хонасӯхтаҳо, гапамро ба як тини пӯчак нагирифтанд. Ана, оқибаташ!.. Лекин акнун зиндагӣ кардан даркор? Даркор! Хуб, ҷӯраҳо, акнун рафтем, сар мекунем аз хонаи духтари Сабур...

Мӯйсафеди Ҳабиб дастонашро афшонда, каф ба каф совид. Ва пешодумкол сарнишеб шуданд онҳо. Барфак ҳам дум ликонда, думболаи мӯйсафедон раҳ гирифт. *Ҳ*абиб пеш-пеш, дигарҳо аз қафо гом мезаданд. Хомӯшӣ. Биниашон гӯё хат ба замин мекашид. Ҳине аз болои кӯпруки деҳа гузаштан доштанд, нохост аз пешашон чор писарбача баромад.

– Босмачиҳо! – нидо дардод писарбачаи калонӣ.

– Босмачӣ не, немис! Ҳозир зорашонро нишон медиҳем! – гуфт дигаре.

– Чӣ корашон кунем?

– Мекушемашон.

– Бо чӣ?

– Куштанашон ранги пашша. Бағалро аз санг пур кунед! Ҳамин, ки «атака» гуфтам, сангборонашон мекунем, ки дигар раҳи гурез наёбанд, – бачаҳо осема хам шуда, пардохтанд ба санг чидан.

Мӯйсафеди Ҳабиб на ҷуръати пеш рафтан дошт, на ақиб гаштан. Хаёле ҳайкал ворӣ шах шуд. Акбар аз оринҷи Ҳабиб силтав дод:

– Ҷонамонро гирди сар печонда, харгурез мекунем, вагарна сангборон мекунанд, сағераҳо!

– Думро хода карда, ҳамин қадар гурехтем, магар бас нест? – ҷиддӣ шуд мӯйсафеди Ҳабиб.

– Маъибамон мекунанд, охир!

– Сабр кунед, пештар равем, аз худои олам чӣ меояд! – мӯйсафеди Ҳабиб қадам бардошт, дигарон ҳам думболаи ӯ роҳ гирифтанд. Гӯшҳои Барфак чур

шуданд.

Бачаҳо акнун ба «атака» омода мешуданд, ки садои писарбачаи калонӣ онҳоро аз ҳуҷум боздошт.

– Истед!.. Назанед!..

– Чиба?

– Ҳу-у, ҳамун мӯйсафеди пешо-пешро мешносед?

– Неъ!..

– Отаи муллим аст ӯ!

– Кадом муаллим?

– Муаллими Аҳмади Ҳабиб – муаллими адабиёти мактаб.

– Ха, чӣ фарқе?

– Э, бача, отаи муаллимро таҳқир кардан хуб нест! Агар каси дигар мебуд, бо ҷону дил, лекин... Отаам мегӯяд: «Касе ҳатто ба падари устод даст мебардорад, рӯзи қиёмат ҷояш дӯзах аст».

– Рост?

– Дурӯғгӯ – душмани худо.

– Ба хотири отаи муаллим будани якеашон, аз ҷони дигаронашон ҳам гузарем?

– Ҳо, агар муаллим шунавад, ки фалониҳо падарашро сангборон кардаанд, аз ман сахт хафа мешавад. Не, ман инро намехоҳам. Бо раҳи худамон меравем, ҷӯраҳо.

Бачаҳо сангҳои дастону бағалашонро рӯи раҳ рехтанд.

– Ҳо, бобои Ҳабиб, ба раҳатон нотарсида биравед, коратон намегирем! – овоз баланд кард бачаи калонӣ.

– Ту писари кӣ мешавӣ? – дар тани мӯйсафед ҷон даромад.

– Писари бригадири Шодихӯҷа. Номам Баҳодур аст. Ҳозир ҷои отаи маро зӯракӣ Латифи девона гирифтааст.

– Аз номи мо ба отаат салом бигӯ!

– Хуб, шумо ҳам ба муаллим саломи шогирдонро расонед. Ба устод гӯед, ки мо пазмонаш шудаем, зуд-

тар биёяд. Лекин ба ёшҳо бирасонед, ки агар дар чангамон афтанд, мӯйҳои сарашонро якта-якта мекаа-нем!..

– Хуб-хуб, – гуфтанд якбора мӯйсафедон ва гӯши чури Барфак ҳам мулоим шуд.

Ва бирафтанд бачаҳо ба раҳи худ машғалакунон...

Ҳине мӯйсафедон аз ин дару он дар се-чор кӯрпалоқу ду-се косаи шикаста пайдо карда, ба деҳа баргаштанд, нохост Латифи бригадир аз сари роҳашон баромад. Ҳамон Латифе, ки баъд аз сари падари шаробхорааш дар хонаҳои ҳамин мардум ба камол расида буд. Дар вақти зинда будани падари радди маъракааш низ ӯ рӯз надошт. Аз зарби мушту лагади гандамаст шабҳоро дар болохонаҳои мардум рӯз мекард.

Ҳо, мардум дар хотир дорад, ки баъди мастона омадан падари беёд Латифро мисли гӯсфанд аз банди пояш ба шохи зардолу овезон мекард. Сипас, ягона чармтасмаи ҳарбиашро, ки сагаки он мисли сурб вазнин буд, аз галифеи давраи сталиниаш бо зарб кашида, аз як нӯг ба банди дасти росташ мебасту бо тамоми қувват бадани Латифро то ҳадде лахт-лахт мекард, ки аз ҷойҳои хат-хат даридаи куртаву шим хун мешорид ва девонавор аррос мезад: «Мисли ман арақхӯр нашав, мисли ман арақхӯр нашав, одам шав!..»

Чирроси имдодҷӯёнаи Латиф ва пайваста «Намешавам!.. Намекунам!..» – гуфтани ӯ ба атрофу акноф паҳн мегашт. Танҳо амаки Ҳабиб, вақти дар хона буданаш, ҷуръат мекард, ки ба имдоди Латифи беҳуш бирасад, на каси дигар... Ӯ бо як ҳаллос дарзамон чармтасмаи сагакаш хунолудро аз дасти бадмаст гирифта, худашро ба як сӯ тела медод ва Латифи нимҷонро аз шохи зардолу раҳондаву бо ду даст бардошта, ба хона меовард ва ҳамроҳи холаи Адолат ҳафтаву моҳи дароз захмҳои ӯро дармон мебахши-

данд.

Аз ҳамон дам дар сари Латифи бемодар андешае афтода буд, ки ӯ низ майхора мешавад ва оқибат падари шаробзадаашро мурданӣ сабақ медиҳад. Ҳамин тавр ҳам карда буд Латиф; бо корд сари падари майзадаашро аз тан ҷудо намуд. Шаробзада аз дасти писари майхорааш ба ҳалокат расид. Латиф маҳбас ва одамони маҳбусро дид. Баъди маҳбусӣ ба ҷангҳои бемаънӣ печид, мисли дупӯстаҳо гоҳ ин тараф ғелиду гоҳ тарафи дигар. Ва баъди фирорӣ гаштани мардум дар як деҳи азими сӯхта танҳо ӯ монда буду бас. Ҳокими мутлақи деҳ гашта буд вай ва, ҳарчанд шабҳоро дар дигар ҷойҳо рӯз мекард, пас омадани мардумро бесаброна интизор буд. Интизор буд, ки мардум биёяд ва аз онҳо қасоси сағерагиашро ситонад; интизор буд, ки ба онҳо кӣ будани Латифро дар пеши чашмашон нишон диҳад!..

Мегӯянд, ки себ аз дарахташ дур намеафтад, рост будааст. Баъди ҳалокати фоҷиаомези ун бадмаст ва хун дидан Латиф одати падарро ба мерос гирифтаву ба як нӯл зада, майхоратар гардид. Тарбияи ҳамсояҳо, нону намаки дастархони мардум ӯро наёристанд дигар кунанд. Гургзода оқибат гург шуд ва ӯ майдонро холӣ ёфта, ба сурати шери даранда даромад...

Ҳо, ин Латиф ана ҳамун Латиф аст, ки чашмаш битамом кӯр гашта, акнун мӯйсафеди Ҳабиб, ягона наҷотбахши айёми наврасиашро намешиносад!

Бале, ин Латиф акнун навраси латифу дидадаро нест, балки касиф ва палид аст!..

Ҳо, агар номгузораш имрӯз ҳаёт мебуд, дақиқ буд, ки аз феълу хӯи бади Латиф худро зинда дар гӯр меандохт. Ба ҳар сурат хуб шуд, ки сари фарзанд гузашт номгузораш. Ё агар ӯ зинда мемонд, шояд битамом намегузошт, балки худро лахт-лахт мекард, ки фарзанду падар ба ин раҳи бадномӣ қадам назананд.

Бемодарӣ ҳамин аст, ҳо, бемодарӣ ҳамин!..

Аммо рӯзгор кам надидааст Тешаву Табарҳоро, ки корҳои нек анҷом додаанд, вале басе Хуршеду Фирӯзҳо амалҳои зишт, мисли ин ки Латиф. Пас, мӯҷиби ин ҳама танҳо ном набудааст, балки сиришт низ ҳаст. Оре, сиришт! Сиришти пухта – гавҳар, но-пухта – табар. Ҳамин аст, на чизи дигар...

Акнун Латифи шаробӣ, як даст дар ҷайб, дасти дигар дар банди миён, пуф-пуфи бандаи хокӣ мекард. Мегуфтӣ, ки бачаҳалок бо ҷомадони пури доллар нав аз тайёраи Амрико-Душанбе поин омадааст. Ҳо, замин аниқ, лекин гӯё осмон ҳам зери ҷуссаи ӯ қарор дошт. Аранге дар пой рост меистод. Вай олусона ва аз зери абрӯ ба мӯйсафедон нигариста, бо лабони каҷу рост киноя задан гирифт:

– Ҳа, соҳибони деҳа! Омадед? Хуш омадед! Арвоҳ даъват кард ё хоки Ватан зӯр овард? Ҳа-а, мефаҳмам, хоки диёр зӯр овард. Биёед – биёед, марҳамат, аз болои кӯрпача! – ба сӯи ханаҳои сӯхта, бо даст ишора кард ӯ. – Оқибатро дидед?..

Муйсафедон ба якдигар нигариста, гӯё ба даҳон об гирифта буданд. Латиф ваъз мегуфт:

– Лаънатиҳо, дар вақташ як пора нони хушк дода, ҳамонро ҳам номардона миннат мекардед! Доим дар ҳасрати пораи нон будам. Чашматон равған гирифта буд, ба мани сағера намеафтод. Акнун медонед, ки ман дар ин қишлоқ бригад, яъне калон ҳастам?.. Ҳа, медонеду худатонро ба «низнай» андохтаед! Гапи маро бишнавед: мурдаи Муҳаммадро аз сари захбур раф-та гиред, ки бӯи ҳафт хар гирифтаст. Сари раҳи калону байни замини пахтаро ҳам нағзакак бинед, се-чор мурдаи дигарамон унҷа пӯсидаст. Суроғ кунед, пур-сед, кобед!... Фаҳмидед?.. Супориши якуми ман ҳамин аст. Аз хотир набароред, ки ман интернатсионалистам! На аз куҷо будани падарамро медонаму на аз куҷо будани модарамро. Лекин дар паспорт тоҷикам. Ба ҳама

бо як чашм нигоҳ мекунам. Фаҳмидед?..

Сипас, Латиф аз зери абрӯвон теғ кашида, ҷониби мӯйсафеди Ҳабиб нигарист ва лабонашро кaҷу рост карда гуфт:

– Ҳо, мӯсафеди Ҳабиб, худатро ба пакарӣ наандоз! Ҳамаашро медонӣ ту. Дар вақташ Гулнозро аз ҷонам ҳам зиёдтар дӯст медоштам. Вале падари муллояш: «Ба писари бадмаст духтар намедиҳам!» – гуфта, маро таҳқиру рад кард. Маҳз ба хотири Гулноз падари бадмастамро куштам. Ҳо, ана бо ҳамин дастон куштам вайро, сарашро аз тан ҷудо кардам! – ишора кард Латиф, гӯё дар як даст корди тезу дар дасти дигар сари падар дошта бошад. – Маро ҳабс карданд, ҳабс! Аҳмади муаллимат номардӣ кард. Латифи шерро дар банди зиндон дида, даррав Гулнози маро ба занӣ гирифт. Ҳамин тавр буд, мӯсафед? Гап зан, охир!..

Мӯйсафед мехост бигӯяд: «Ба себи сурх сад кас санг меандозад, вале оқибат насиби як кас иегардад». Аммо даҳони пӯшидаро тилло донист ӯ. Дигарон низ худо мегуфтанд, ки Ҳабиб дар ин хусус даҳон во накунад.

– Ҳо, ҳамин тавр буд, – ором ва аламнок идома дод суханашро Латиф. – Фаромӯш накардаам: ту маро аз зарбаҳои ҷонкоҳи чармтасмаи падар халос кардаӣ, вале бо ду дасти худат ба чоҳи бетаг тела додаӣ. Ин чоҳи бетаг – ишқ аст, ишқи Гулноз! Ҳанӯз ҳам вайро дӯст медорам... Муаллими номардат куҷост?! – бехост аррос зад Латиф. – Не, вай аз тарси ман ба қишлоқ омада наметавонад, дар ду дунё омада наметавонад! Ӯ аллакай шунидааст, ки дар ин ҷо ман хӯҷаин ҳастам, ман!.. Метарсад, номард!.. Лекин ба Гулноз бигӯй, ки биёяд, охир! Дар ҳасраташ обу адо шудам. Бигзор, даҳ фарзанд дошта бошад, ба занаш мегирам! Буду шуди қишлоқро ба зери пояш мепартоям. Малика мешавад ин ҷо, малика! Бигӯй, ки биёяд...

Латиф қадаме гузошта буд, ки яке чашмаш ба

Барфак афтод.

– Воҳ, боз ин кист?! Аз куҷо пайдо шуд ин муфтхӯр? – ӯ хам шуда, хост, ки барои тӯрондани саг аз замин санг бардорад. Аммо дигар худро нигоҳ дошта натавониста, калладав ба замин рафта афтоду хоку чанг ба ҳаво хест. Андаруни чангу ғубор танҳо ҳаш-ҳаши ӯ ба гӯш мерасид.

– А бача, а бача... – гӯён мӯйсафедон чизҳои дасташонро як сӯ ҳаво дода, давон-давон бригадирро бардоштаву бо илоҷе ба по рост шинонда, чангу хоки сару даҳан ва либосашро афшонданд.

«Рӯбаҳакро об барад ҳам, думашро сих мегирад». Латиф дар по рост наистода, бо лабу даҳони кач ҳанӯз аз шасташ поин намефаромад:

– Маро фаҳмидед, а?! Ман дар ин қишлоқ саг-паг ва ҷавонмардонро набинам, ки саратонро мисли пӯпаки шампон мегирам. «Душманони ман ҳама заифу номарданд, душмани мард орзу дорам!» – гуфтааст як мудири буфети арақ. Мӯсафедони рихина ба сарам мезанам, занҳоро биёред, духтарҳои очашон мӯчинокардаро биёред, ана баъд раисии маро бубинед!.. Фаҳмидед маро?.. Биравед, аз назарам дафъ шавед, номардҳо!.. Ман ба ёрии душман мӯҳтоҷ нестам, аз пову дасти худам намонам... Ман интернатсионалистам! На аз куҷо будани падарамро медонаму на аз куҷо будани модарамро. Лекин дар паспорт тоҷикам. Ба ҳама бо як чашм нигоҳ мекунам. Фаҳмидед?..

Латифи майхораи падаркуш, ки акнун мӯи сараш то сари китф овезону аз ҳавои даҳанаш гӯё дар як дам хасу хошок оташ мегирифт, бо як ҳаллоси сагона болои девори ғарамида часпид ва худро бо азобе ба он сӯ ҳаво дода, калавида-калавида аз назарҳо ғоиб гашт.

«Аз мост, ки бар мост». Дуди ҳасрату дареғ аз димоғи ҳар чор печидан дошт. Нигоҳҳои боалами

мӯйсафедон ба якдигар бархӯрда, гӯё дар як нуқта садама овард. «Эҳ, фалаки наркушу модапарваре!.. Парвардигоро, дар рӯи замин мо ҳам ҳастем, охир!..» – оҳе аз ҷигар бадар кард мӯйсафеди Ҳабиб ва ду даст ҷониби қибла бардошту ба рӯй кашид.

– Хестем, ҷӯраҳо! Ин лоқу-лақро дар масҷид партофта, аз пайи кор мешавем. Мурдаҳои мо рӯи раҳ хобанд, рӯҳи онҳо дар азоб аст...

Муҳаммадро пайдо карданд аз сари заҳбур. Болояш як каф хок, бӯ гирифта. Дар почш мӯзаи корӣ, паҳлӯяш каланд, чашмонаш ба ҳасрат кушода, норизо буд аз ин дунё...

Олими ғӯрамаргро ёфтанд аз байни пахтазор. Варам оварда. Пайи ҳафт тир дар тахтапушташ... Доғ-доғ шуданд, шӯъла кашиданд, хомӯш фарёд заданд, фарёд...

Баъд... Салими деҳқонро ёфтанд. Назири хандонро ёфтанд... Гумгаштаҳоро ёфтанд, мурдаҳои бекафанро ёфтанд ва як – як бурданду дар гӯристон хокашон карданд. Ҳар чор барои онҳо ҷаноза оростанд. Ва дар ҳаққи гумгаштаҳои парешон дуруду дуо фиристоданд, ки парвардигор нигаҳбонашон бошад.

Аранге омаданд ба масҷид. Гурусна буданд, он чунон гурусна, ки... Аммо ҳоло дар як табақи калон аз оталаи серлубиёи оши бурида лабрез меовардед ҳам, аз он чумчае ба даҳон намебурданд. Ташна буданд онҳо, аммо акнун болаззатарин оби чашмаи кӯҳистон гулӯяшонро мехарошид. Беҳарфу бесадо, хомӯшона каҷпаҳлӯ заданд рӯи латту пати талбидаашон.

– Барои мо пилтачароғ ва кампирҳоямон даркор, – хомӯширо шикаст мӯйсафеди Ҳабиб. – Кӣ медонад, ки зимистон чӣ хел меояд?.. Аз сари баҳорон меоем. Гапи ман ҳамин, – гуфт ӯ ва боз изофа кард: – Касеро дар куҷое дучор омадед, бигӯед: аз сари баҳор – ба деҳа! Хоб бошад – чашм бикшояду бедор бошад –

бачу кач гирифта, ба масҷиди деҳа бишитобад. Касе, ки ору номус, муҳаббат ва имон дошта бошад, ватанашро дӯст дорад, зудтар биёяд, ки дигарон ҳам биёянд. Вақти нанг ва мардӣ омадааст. Бӯқа дар шаҳри дигарон модагов аст. Агар худамон деҳаамонро обод накунем, каси дигар ба ҷои мо обод намекунад, худамон ғами худамонро нахӯрем, каси дигар ғами моро намехӯрад. Ҳо, аввал мӯйсафедон ва занҳоро гирифта биёред, ҷавонҳо баъдтар худашон бо пойи худашон меоянд. Гапи маро фаромӯш накунед...

Шаб ҳум-ҳум сиёҳӣ мерехт ва андаруни масҷид мисли чоҳи жарф тангу торик менамуд. Ва болои деҳа ҳузн меборид, мегуфтӣ деви барҷомондаи азодор аз нӯги ангуштон бо алам торикӣ мепошад. Гӯри торикистон буд деҳа...

Чор тан мӯйсафед, саворан киштии андешаҳои худ, бесарҳанг андаруни дарёи ғам шино мекарданд. Мӯйсафеди Ҳабиб ғунча шуда, сарашро ба ҷома хаста, гӯё меғанабид. Вале хоб бедор буд барои ӯ ва барои дигарон низ.

Ва боз шаб мисли халтаи дӯғи дар мелок овезон зардов мечаконд. Чак-чак дошт зардови он. Аз дили мӯйсафедон низ гӯё зардов мечакид...

Зи пушти зулмати шаб бомдод андар дамидан буд...

Аммо суолҳои печида бисёр буданд ё ситораҳои осмон?

Ё ситораҳои осмон камӣ мекарданд аз суолҳои печида?..

* * *

Ҳо, баҳор хеле барвақт омад. Ва як-як омадан доштанд фирориён. Нахуст боз мӯйсафеди Ҳабиб омад ҳамроҳи кампири Адолат. Ва чироғи бобоӣ оварданд ба кулбаи валангор... Баъд овози одамиро шунида, Барфак омад аз деҳаи ҳамсоя. Акбару Сабу-

ру Барот ва сипас дигарон омаданд. Ҳо, Сангалӣ ҳам омад дар қатори дигарон, ришашро аллакай сабзонда ва тағйири рафтору гуфтор карда... Мегуфтӣ, ки мардак навакак аз ҳаҷҷи акбар омада. Ришу мӯйлабаш шоназада, тоқии чустӣ бар сар, куртаи сафед ба тану аз болои он ҷелаки сӯфиёна ба бар. Дар даст тасбеҳи калон, мӯҳраҳои онро гардон карда, ҳар касеро, ки рӯ ба рӯ меомад, «Ба калонҳо гӯш кунен, балам, баракат меёвен», – мегуфт... Ва ба деҳа аксар меомаданд мӯйсафедону бевамондагон ва кӯдакон. Меомаданду медиданду ангушти ҳайрат мегазиданд. «Оҳ, акнун чӣ кор мекунем? Магар осон аст аз нав обод кардан?..»

Ва суол бештар уфтода буд, балки аз суол дида, кор бештар буд, аз кор дида, камбуд бештар буд, аз камбуд дида, ашк бештар буд, аз ашк дида, ғам бештар буд, аз ғам дида... Раҳгум зада буданд навомадагон миёни ин камбудҳо. Вале худу якдигарро дил медоданд, ки сабр кунед, худо ёри сабурон аст ва поёни шаби сиёҳ сафед.

Як рӯзи Худо Латифи бригад ҳамроҳи ду намоянда деҳа омаданд. Латиф ин карат дар неши лаб сигарет надошт ва аз даҳонаш бӯи шароб намеомад.

Намояндаҳо одамони худӣ набуданд. Сухан меронданд бо забони бегона. Як нафарашон бо забони канда-кандаи русӣ фаҳмонд, ки дигар ба ҳиҷ куҷо наравaнд, СММ ба онҳо даст дароз мекунад ва деҳа аз асли пешин беҳтар хоҳад шуд, танҳо умед аз дил берун накунанд, ки бузургтарин бало ноумедист. Аз ин гапҳо дили одамони рамузфаҳм рӯшан шуд, шӯълаи хомӯш як гӯшаҳаки дилашонро гармӣ бахшид. Зеро акнун ба онҳо, муҳимтар аз ҳама, орду рӯған ва пасон шиферу чӯб меоранд.

– Ана, акнун пушту паноҳ ёфтед! – бо истеҳзо ва бегонавор гуфт Латифи бригад, дар ҳоле, ки намояндаҳо ба мошин савор мешуданд. – Лекин

ҳамаатон дар зери чанголи ман ҳастед. Хаёл накунед, ки ООН фарзанди падари шумост! Ман чизе гӯям, ҳамон мешавад. Аз имрӯз иборат бо навбат хонаи ман меравед ва чӣ коре бошад, гарданак назада, буд мекунед. Фаҳмидед, бенамакҳо?!.. Ҳо, мӯсафеди Ҳабиб, гапҳои маро ба Гулноз расондӣ?.. Ҳоло ҳам не?! Нигоҳ кун, аз қишлоқ бадарғаат мекунам... Баъд, сагатро гум кун, ки мепаронамаш!.. Худат медонӣ, ки ман интернатсионалист ҳастам! На аз куҷо будани падарамро медонаму на куҷо будани модарамро. Лекин дар паспорт тоҷик ҳастам. Ба ҳама бо як чашм нигоҳ мекунам. Фаҳмидед?.. Дар ин гап чӣ мегӯед, бобои мулло?...

– Тӯғрӣ меген, балам, тӯғрӣ, – шеваи гуфторашро битамом дигар карда, даст пеши бар тасдиқ намуд суханони ӯро Сангалӣ, ки акнун бобои мулло ном гирифта буд. – Ба калонҳо гӯш кунен, балам, баракат меёвен...

– Сағераи шӯх метова ҳамин Латиф... – писханд зад кадоме.

– Эҳ, худо бардора шӯхиҳои хунукша!.. Барфак чӣ гуноҳ дора? Намефаҳмум... – китф дарҳам кашид мӯйсафеди Акбар...

Яке чашми Латиф уфтод ба Барфак. Ӯ оҳиста паси дарахт гузашт. Ва аз ҷайб пистолет берун оварду чашми чапашро хобонда, сагро ба нишон гирифт.

– Бигир, Барфак! – овоз андохт мӯйсафеди Акбар ва устухоне ҳаво дод.

Барфак ба сӯи устухон давид. Тири Латиф ҳамон замон хок хӯрд. Мӯйсафеди Акбар аз ҷо як қад парида, гиребони ҷома дошт. Саг, устухон дар даҳон, рӯ ба фирор овард.

– Ҳо, мӯйсафеди рихин! Дамат намебаромад, ҳозир фотиҳаи сагатро мехондӣ. Аз кӯдакиам, вақте ки дар болохонаҳои шумо хоб мерафтам, аз сагу пишак аллергия дорам. Хуб, ҳоло рӯзаш мерасад... –

муште ба сари мӯйсафеди Акбар бардошт Латиф ва бо андешае боз дасташро пас кашиду ба Ҳабиб рӯ овард: – Ба ту чанд бор фаҳмонам, пиракӣ? Гулнозро гирифта биё! Чаро то ҳол наомадааст?

– Надонам, – бо авзои парешон китф бар ҳам зад мӯйсафеди Ҳабиб.

– Ин дафъа худатро аз қишлоқ бадарға мекунам! – ба таҳдид гузашт Латиф. – То Гулнозро кофта-кофтаву ёфта, бо ду дасти адаб гирифта наорӣ, беҳтараш дигар ба чашмам нанамо, ки торҳои ришатро якта-якта канда, ба мехи хонаат меовезам. Фаҳмидӣ?.. Аздусар Аҳмади ту дигар аз тарси ҷонаш омаданӣ нест. Ту дар ҳаққи Гулноз зомин нашав, мӯсафед. Аз сад гул як гулаш нашукуфтааст. Дар ин ҷо мисли малика зиндагӣ мекунад вай. Ҳа, то рӯзе, ки хӯҷаин ҳастам, маликаи қишлоқ мешавад Гулноз. Охир, ман интернатсионалистам! На аз куҷо будани падарамро медонаму на аз куҷо будани модарамро. Лекин дар паспорт тоҷикам. Ба ҳама бо як чашм нигоҳ мекунам. Фаҳмидед?.. Дар ин гап чӣ мегӯед, бобои мулло?

– Тӯғрӣ меген, балам, тӯғрӣ, – бегонавор даст пеши бар боз тасдиқ кард суханони ӯро Сангалӣ. – Ба калон гӯш кунен, балам, баракат меёвен...

Ҷони саг раҳид, дар чашмони Акбар хушҳолӣ дурахшид, вале дар дили Латиф аз ғазаб шӯра дамид...

Намояндаҳо дурӯғ нагуфтанд. Баъди як-ду ҳафта мошини пурбор ба деҳа омад. Орду рағану биринҷ ва пойафзолу либосворӣ оварданд. Одамон аз кулбаҳои валангори худ берун омада, болои кӯпрӯк дар гирди мошин ғун шуданд. Домани шавқу сур дар дасти бачаҳо буд: акнун ба серӣ нон хоҳанд хӯрд!

Намояндае, ки ба русӣ канда-канда ҳарф мезад, ба Латифи бригад рӯ овард ва фаҳмонд, ки бори овардаро мувофиқ ба фирориён тақсим кунад.

Ҳо, Худо дод ба ҳокими мутлақи деҳ. Рӯ ба рӯи

намоянда ду даст пеши бар «хуб» гуфт, вале ҳамин ки онҳо бирафтанд, дуди дӯғу дарангаш ҳаворо харошид.

– Номаъқул кардед, ки ман фақат ба шумо ҳадя кунам! Хестед, ки хобед, падарсагҳо! Ҳа, Гулноз дар байнатон наметова? Эҳ, агар ҳозир ӯ мебуд, ҳамин мошинро бо бору бандаш ҳадя мекардам. Вақте ки Гулноз нест, аввал ба ҷигаргӯшаҳои худам, баъд ба митингбозон! Ман интернатсионалистам! На аз куҷо будани падарамро медонаму на аз куҷо будани модарамро. Лекин дар паспорт тоҷикам. Ба ҳама бо як чашм нигоҳ мекунам. Фаҳмидед?.. Дар ин гап чӣ гуфтед, бобои мулло?..

– Тӯғрӣ меген, балам, тӯғрӣ, – мисли ҳарвақта даст пеши бар тасдиқ кард суханони ӯро Сангалӣ ва таҳдор афзуд: – Гапи калон қонунай, ҳамаамон, чӯби хушки мазор ҳам бошад, бояд ба биргадмон гӯш кунем. Калон сояи Худо дар рӯи заминай, балам...

Аммо гурусна бо шер мезанад. Кампирону занон аз назди мошин дур нагашта, осмонро ба сар бардоштанд. Ҳо, мошинро ҳай карда натавонистанд соҳибонаш. Бо амри Латиф орду рӯғану биринҷро халта – халтаю сатил-сатил одамони худӣ гирифта бурданд. Ба гурезаҳои дигар дар сари докаю лаби остину доман расид орду биринҷ.

– Ҳо, то даме, ки Латиф биргад аст, мо рӯзи нек намебинем, – ғурунгид устои деҳа рости гӯши муйсафеди Ҳабиб.

Пирамард дар ғазаб ҷӯшида қиём мегашт, аммо худро ба даст гирифта, алъон хомӯш буд. Балки хомӯш набуду андарун мехӯрд худро. «Бачаҳоро надида сари тир шавам? – суоле аз дилаш гузашт ва худро таскин дод. – Сабр бояд кард, сабр».

– Афсӯс, саги худамон аз банди поямон гирифтааст! Чӣ илоҷ, «худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ». Бадзот устодро санг задааст, падарро куш-

тааст. Аммо оқибат гарданаки ин сумсабил ҳам мешиканад, раҳи дигар надорад, – гуфт бо ҳасрат мӯйсафеди Ҳабиб ва аз байни одамон ҷудо шуд...

Худову ростӣ, думболаи кӯмак канда нагашт... Аммо «ба номи Алию ба коми Валӣ» чоҳи бетаг мекофт. Латифи бригад ибтидо пои пиёда меомад. баъд велосипедсавор гашт, акнун мошинсавор қиёфа намоён мекард. Бачаҳалок, воҳимаи холӣ аст-е! Аммо танҳо намеомад албатта ӯ. Боз ҳамроҳаш силоҳӣ меовард, ки алови чашми мардумро бигирад, одамон бештар ҳаросанд аз ӯ ва ҳич кас ба рӯяш дивида натавонад. Меомаду аз мошин фуромада, ба неши даҳонаш сигарет мегузошт, калиди занҷиракдор сари ангуштон тоб медод ва бо ғурур китфак мезад. Силоҳдорон паҳлӯяш мисли корд рост мешуданд ва ҳамчун ҳифозатгарони босадоқат чашм аз ӯ намекананданд. Латиф мисли хурӯс сарашро афшонда, ранги муштзанон сандуқи синаашро ба пеш дамонда, китфонашро болою поин мекард ва худро гӯё ба ҳарбу зарбе омада месохт. Ва ин лаҳза касе – хоҳ сағиру хоҳ кабир – ба чашмонаш бармехӯрд, бо овози ғафси омирона пурсон мешуд:

– Хоб, Гулноз омадааст?

Мешунид:

– Не!

Аррос мезад:

– Мӯсафеди Ҳабибро бадарға мекунам, саги қишлоқро мепарронам! – ва боз бо ҳамон оҳанг суол мекард:

– Ягон гурезаи дигар омадааст?

Агар «ҳо» мешунид, чашмонаш равған гирифта, хушҳол таҳпурсӣ мекард:

– Бева ё пиракӣ?

Мешунид, ки «пиракӣ», сари ҷаҳл туф ба замин партофта, ҳавобаландона меғурунгид:

– Пиракиро ба сарам мезанам! Бева даркор, духтар

даркор... – Баъд ба муҳофизонаш чашмакӣ зада, ишора мекард: – Ин, нарғулҳоро, чӣ ин қадар бурда меорам?.. Охир, ман интернатсионалист ҳастам! На аз куҷо будани падарамро медонаму на аз куҷо будани модарамро. Лекин дар паспорт тоҷик ҳастам. Ба ҳама бо як чашм нигоҳ мекунам. Фаҳмидед?..

Оташ зад зане худро. Сағираҳои фисинаш сарлучу пойлуч ва ятим монданд. Мегӯйӣ мӯҷиби оташ дар доданашро касе нафаҳмид?..

Тардоман шуд дигаре. Бо ашки шашқатор дасти писаракашро гирифту сари шоҳроҳ баромаду дуо кард: «Парвардигоро, то умр дорам, дигар ба ин деҳа наёрум... Нону намактона пиҳил кунед, мардум! Дигар ба рӯтон нигоҳ карда наметонам, охир!..»

Саввуми бехост ғайб зад...

Чаҳорумӣ худро ба об партофт...

Ва мардум ин ҳамаро аз Латифи бригад медид.

Ҳо, то шамол нашавад, шохи дарахт намеҷунбад...

Ва пирамарди Ҳабиб боз як бор аламнок гиря кард. Ҳине гиря овард, ки байни хонаи сӯхта нияти сутун бардоштан кард, аммо қувваташ нарасид. Вақте ки қувваташ нарасид, худро, мисли моҳии дар хушкӣ, танҳои танҳо эҳсос кард, ғажова роҳи гулӯяшро барбаст, бозувонашро шикаста диду чашмонашро хира.

Ҳамон рӯз ба мардум чӯбу тахта доданд. Ба пирамард низ. Ва аз шавқ хост сутун рост бикунад миёни хона. Аммо зӯраш ба бардоштани чӯби гирда нарасид, қувваташ камӣ кард. Ва чӯби гирдаро як тараф ҳаво дод, бинишаст сари зону ва кӯдаквор ҳой-ҳой гирист, талх гиря кард пирамард. Адолат оби чашми мӯйсафедашро дида, дилаш рӯгардон гашт. Тоқат наоварда ва ӯ низ паҳлӯи пирамард бинишаст, сар ба китфи ларзонаш ниҳод ва ашк аз дидагони вай низ заҳид.

– Охир... чаро?... Ҳама омаданду аз Аҳмаду Аҳрор дарак нест... Чӣ гуноҳ кардам назди худо? Наход... дидорашонро надида... Парвардигоро, рӯи замин ман

ҳам ҳастам, охир!.. Хонаро барои кӣ созам?..

– Додош, миёян бачаҳот. Хоб дидам, хоби хуш... Ду дона тухми сиҳат ёфтам аз катаки мурғ... Ҳо, тухми сиҳат...

– Аз даҳони асалат гардам, кампир, кош зудтар биёянд. Сангалии дупӯста наҳаросида омаду бачаҳои ман чӣ гуноҳ доранд, ки намеоянд? Боз савлату калонии ун нимчамуллоро бинед, ҳуш аз саратон мепарад. Гӯё дигарон айбдоранд, на ӯ.

– Салом, бобо! – гуфтани писарбачае, ки дар даст дастархони печида дошт, сӯҳбати пиру кампирро халалдор кард.

Пирамарди Ҳабиб ҷониби писарбача нигариста, бо мадади кампираш аз ҷо рост шуд ва сипас гуфт:

– Салом, ҷонаки ман, салом! Ту писари кӣ мешавӣ?

– Ман – писари Шодихӯҷа. Номам Баҳодур. Шумо маро мешиносед. Ҳо, як рӯз дар болои кӯпрук бачаҳо шуморо сангборон кардан мехостанд-ку, лекин ман нагузоштам...

– Ҳа-а... ба хотирам омад. Гӯр сари пирӣ шавад, писарам, одам зуд фаромӯш мекардааст. Лекин падари бригадири туро нағз дар хотир дорам. Аз вай номи нек боқӣ мондааст. Ба падарат саломи маро бирасон. Хӯш, чӣ хизмат, писарам?

– Хизмат нест, бобо, – гуфт писарбача ва афзуд: – Падарам гуфтанд, ки аз аҳволи Шумо ҳар рӯз хабар гирам. Агар ягон мушкил бошад, ёрӣ расонам. Ана, дар ин дастархон нону шириниҳо фиристоданд. Марҳамат, бигиред, – Баҳодур дастархонро ҷониби кампири Адолат дароз кард.

– Э... ташаккур, ташаккур, писарам. Худо умратро дароз кунад ва ҳич гоҳ хориро набинӣ, – дуои нек кард пирамард ва аз чашмонаш ашк заҳид.

Кампири Адолат дастархонро аз дасти Баҳодур гирифту гуфт:

– Мебахшӣ, писарам, туро ба хона даъват карда

наметавонем...

– Ҳеҷ гап не, мома, – дилпурона гуфт Баҳодур ва ваъда дод: – Ман аз пагоҳ ҳамаи ҷӯраҳоямро меорам. Хонаро худамон мепӯшонем. Падарам ҳам устои зӯр аст. Хонаи муаллимамонро худамон дуруст мекунем. Бобо, шумо ягон зарра ғам нахӯред... Хайр, то пагоҳ!..

Баҳодур бирафт.

Думболаи писарак нигоҳи гарму муҳаббатзои пиру кампир раҳро мунаввар мекард...

**4**

Аҳмади Ҳабиб ангушт ба дар кӯфт. Оксанаю Роксана – дугоникҳои Илмираи соҳибхона, мисли мурғони андаруни қафас, дарзамон дарро кушода, бо як овоз хоҳиш карданд, ки майли берун рафтан доранд. Ва дар як он, монандаи маҳбусони навозод тохтанд ба берун. Аҳмади Ҳабиб туфлиҳояшро кашида, ба хона даромад. Чашмаш ба рӯи миз афтод: як пора нони хушк ва андаруни пиёла – чойи сард... Ҳалқаш хушк гашта буд. Аз пиёла як қулт чойи сард ошомид. Аз баданаш бӯи ғашовари арақ ба димоғаш зад. Ба ин тоқат надошт вай. Ва дарзамон либосҳои худро кашида, ба ташнов гузашт. Оби ширгармро сар дода, худро андаруни ташнов гирифт. Об ғализиро аз тани ӯ пок мекард. Вале бехост бе ҳолу мадор гашт. Монандаи моҳие буд, ки дар хушкӣ уфтода ва лаҳза ба лаҳза нафасгириаш душвор мегашт. Пайкарашро ларза фаро гирифт. «Худоё, ба ман чӣ шуда? Парвардигоро, нигаҳдор бош!» – зери лаб ғурунгид ӯ.

Лабонаш пир-пир парида, дандонҳояш ба ҳам задаву шақаррос садо медоданд. Ӯ дар ин ғоят осема либос пӯшида, дар дилаш сухан гардонд: «Худованди карим, дар ин мулки ғарибӣ нигаҳбонам бош! Шармандаи дӯсту хори душманам накун... Қулҳу валлоҳу

аҳад, оллоҳу самад, лам ялид ва лам юлад ва лам якулаҳу куф ван аҳад...» Се бор сурароро такрор ва ба тани худ суф кард. Ларзааш боз намонд. Танҳоӣ ӯро мағлуб кардан дошт. Мехост аз таҳти дил наъраи ҷонкоҳ зада, мисли паҳлавоне аз тахтапушти чархи бедодгар чангол зада, озод бардораду насби заминаш кунад ва зону ба сандуқи дилаш ниҳода, шермардона бигӯяд: «Маро ҳеҷ кас мағлуб нахоҳад кард! Ман ин зиндагӣ ва рӯзгори сангинро зери по хоҳам кард, на зиндагӣ маро!

Парвардигоро, дар рӯи замин бандаи туам ва дар қатори дигарон ман ҳам ҳастам, охир!..

Осон ҷон додан, бедареғу бенишон мурдан намехоҳам!..»

Аммо менолид меъдааш аз гуруснагӣ. Пеши чашмонаш ситораҳо хира-хира рақсак мерафтанд... Ва ӯ дарзамон чойи сардшудаи пиёларо бо як ҳурт фурӯ бурд. Баъди ин ларзиданаш андак бозмонд. Ва ӯ дарк кард, ки ба бӯи пул оқибат ҷони ширинашро муфт аз даст медиҳад ва дар ин ғурбатсаро касе ба имдодаш намерасад. Ғами шикамро ҳам хӯрдан лозим. Мошини бе рӯған то куҷо меравад? Натанҳо намеравад, ҳатто муҳаррикаш тоб намехӯрад. Одам низ мисли ҳамун мошин аст. Пас, дар фикри хӯрдан бояд шуд. Бозор шиками серро мепарварад... Таскин ёфт даме ӯ. Ва рӯи кати оҳанин рӯболо дароз кашид, ангуштонашро рӯи шикам қулфу калид сохт ва дар танҳоӣ бехост андешааш пар кушод ба сарнавишти нонавиштаи Муроди ғӯрамарг...

Ҳамон сабоҳ амаки Коля – ғижжакнавози бозор, ки то дер бо завқ ҳунар ва аз пушти он ризқу рӯзӣ пайдо мекард, табъи болида надошт. Аз чӣ бошад, ки «Консерт»-аш барор нагирифт. Ҳамагӣ ду-се оҳанги ғамангез навохту бо ҷиготӣ гирифта, ҷилди ғижжакашро бардошта рафт. Ҳатто мисли ҳарвақта назди муаллим ҳам наомад. Димоғи ҳаво низ сӯхта ва

дамгир буд. Фурсате пас хабари марги нобаҳангоми Муродро ба бозор оварданд. Барқсон паҳн шуд он. Ибтидо, Аҳмади Ҳабиб бовар накард ба ин...

«Охир, дирӯзакак дида будамаш, – мутаҳайирона гуфт ӯ. – Тару тоза, чеҳрааш шукуфон, чорпаҳлӯ, бақувват буд, боз бақувваттару паҳлавонтар гашта. Ҳавои Русия форида будаш. *Маро дида, самимона вохӯрӣ карду б*о хушҳолӣ гуфт: «Муаллим, дар як мижа пули хонаро кор кардам. Акнун мераваму аз Душанбе барои кӯдаконам сарпаноҳ мехарам. Ростӣ, гӯшу майнаамро хӯрда буд, очаи бачаҳо. Доим: «Ҳама соҳиби хонаю дар шуданду ту, сапалпои беҳунар, то кай паҳлӯи ман дароз кашида, асабамро суҳон мезанӣ?» – мегуфт. Ана, акнун ку вай, занаки бедаҳан, ки қабзаи пулро дар кафи дастам дида, оби даҳанаш шарароб бирезад. Ҳо, назари Худо ба мо ҳам меафтад! Дидед, лаббай гуфт парвардигор барои ман ҳам. Меравам акнун ба Ватан. Муаллимҷон, бароям дуо бидеҳ!..» «А, бача, дағдаға накун, оҳистатар... – фаҳмондам ба ӯ. – Девор мӯш дораду мӯш-гӯш. Ин шаҳри бегона, ҳушёр бош, касе пулдориатро пайхас набарад, вагарна ба тагат лойоба меояду худат бехабар мемонӣ. Фаҳмо?» «Фаҳмидам, – гуфта, бо ҳамун чеҳраи шукуфон худоҳофизӣ карда рафт. Боварам намеояд, ки ҳамин ҷавонмарди паҳлавонсурати хушчақчақ, ки орзую ҳавасҳои зиёд дошт ва бо дили пур «Русияро кишвари сағерапарвар, одами меҳнатиро хор намекунад» гуфта буд, дар як дам аз зиндагӣ ноумед гашта бошад... Боз медонед, вақти бадард ҷон доданаш чӣ гуфтааст? Гуфтааст, ки: «Аз мурдани нобаҳангом ғамгину маъюс нестам. Ғамгин барои онам, ки бо дасти худам барои кӯдакон хона харида натавонистам. Беҳунариамро бори дигар ба ҳамсарам собит кардам. Афсӯс, бепарвоии худам маро кушт, фарзандонамро хор кард!.. Барои ҳамин ғамгин ва аз олам норизову пурармон меравам, ва-

гарна ин дунё ба ду тангаи пучак арзиш надорад...»

«Шумо ӯро мешинохтед, муаллим? – пурсид кадоме».

«Дар як қатора ҳамроҳ омада будем. Баъд ҳафтае як ё ду бор «элак баҳонаю дидор ғанимат» – гуфта, ба бозор меомад ва аз ину он пурсон шуда, занги дилашро тоза карда мерафт».

«Ҳо, муаллим, ана ҳамун ҷавонмарди паҳлавони хушчақчақ акнун... нест».

... Мурод ҳоло аз хушҳолӣ наосуда буд, ки боди сарди тақдири балохез овозаи реҳлаташро дар шаҳри бегона барқсон паҳн кард... Ӯ аз сари девори қабати дуввуми хона сарозер ба рӯи харсанг омадааст. Сараш, мисли тарбузи расида, дукафон шуда, ҷӯйбори хун раҳ кушодааст. Ҳамроҳонаш ба имдоди ӯ натавонистаанд бирасанд. Қабзаи пул дар банди мушташ чашм аз олами ҳастӣ пӯшидааст. Мазмун, пулро роҳӣ кунед ба кӯдаконам, ки бесарпаноҳ намонанд!..

Ва баъди фурсате чор тани бузбалаи ношинос дар бозор пайдо шуда, байни якдигар чӣ ишораҳое кარданд, ки як нафар аз калонсолтари онҳо рост ба назди Аҳмади Ҳабиб омаду гуфт:

– Гуфтанд, ки дар ин бозор Шумо калон ҳастед. Мо дӯстони вафодор ва наздикони Муроди раҳматием. Дар як деҳа ҳамроҳаш кор мекардем. Бе вай об аз гулӯямон намегузашт. Раҳматӣ инсони боақлу вафодор ва бекинаву озор буд. Ҷояш ҷаннат бошад...

– Хуб, хизмат? – кӯтоҳ пурсид муаллим ва ба чашмони ношинос нигарист.

– Майитро ҳарчӣ зудтар бояд ба Ватан роҳӣ кунем. Аллакай белати тайёра фармудем. Қиматаш бисёр гарон будаст. Маблағи худамон кифоя нест. Боз пул лозим, аз ҳар кас даҳ долларӣ даркор, – мақсадро фаҳмонд ӯ, нигоҳашро аз муаллим гурезонда.

– Аз як сар ҳамаро рӯйхат кардан даркор, боз кадоме канор намонад. Дар ин бозор аз сад нафар зиёд

аст, – аз дур овоз андохт дигаре.

Ба ин зудӣ «дӯстони вафодор» пайдо кардани ғӯрамарг дар дили Амади Ҳабиб шубҳа ворид сохт, вале дар гармогармӣ аз оқибати он дуруст наандешид, балки ба ин фурсат наёфт.

– Хуш, калони бозор, ана, қаламу дафтар! Аввал номи худат ва баъд аз дигаронро бинавис, – амр зад дигаре...

Аҳмади Ҳабиб овоз баланд кард ва шербачаҳои бозор як-як ғун омаданд. Ва ӯ дар байни савдогарони худӣ пардохт ба сухан гуфтан:

– Мурод худро барои кӣ, ба хотири чӣ қурбон кард? Омада буд, ки чор танга кор кунад ва Душанбе бираваду сарпаноҳе барои кӯдаконаш бихарад. То вопасин нафас андешаи фарзандонро дар дил дошт. Худаш нахӯрду напӯшид. «Русия – кишвари сағерапарвар, одами меҳнатиро хор намекунад», – мегуфт ӯ. Девор бардошт, андова зад барои дигарон. Аз гули саҳар то офтобнишин дар лою гил гум буд. Раҳматӣ пули хонаро кор кард, вале насиби бозгашт набудааст. Акнун ба Ватан ҳам пули хонаро мебаранд, ҳам мурдаро. Ба зану кӯдакон кадомаш беҳтар? Пул ё мурда? – Шояд пул, ки онҳо зиндагӣ кунанд, соҳиби сарпаноҳ бишаванд, – Аҳмади Ҳабиб хаёле нафас рост кард ва бо алам афзуд: – Мурда куҷо меравад? Таги хок. Баъди се рӯз фаромӯш мешавад, гуё буду набуд...

*Ку дӯст, ки қадри ёри ҳамдам донад?*
*Ку сӯхтадиле, ки лаззати ғам донад?*
*Одам зи куҷову хоки одам зи куҷо?*
*Одам бошад, ки қадри одам донад.*

«Қандаша занад, муаллим! Аз таги дил гап мезанад. Рост, рост..» – ин нидоҳо ба гӯши Аҳмади Ҳабиб низ расиданд.

Ва муаллим алами дили худро холӣ мекард:

– Ҳамсараш, агар инсон бошад, шамъи умри Муродро фурӯзон нигоҳ медорад, лекин ноодам бошад... барои он ки хазон нашавад, бе марду такягоҳ намонад ва ба таънаи дигарон гирифтор нагардад, ба марди бегона мерасад. Худаш нахоҳад ҳам, маҷбураш мекунанд. Аламовар аст ин, аммо зиндагӣ чунин, тақдир ҳамин аст. Ҷои гурез нест аз сарнавишт. Саҳеҳтараш тақдири мову шумо ҳамин аст. Имрӯз навбати Мурод, пагоҳ аз ман, рӯзи саввум аз касӣ дигар... Худо на ба ҳар кас давлат медиҳад, ки ба назди зану фарзандон ва Ватан сиҳату саломат бирасад. Аммо марди зинда ду рисолати бузург бар дӯш дорад: бояд ҳам ғами зиндаҳоро бихӯрад ва ҳам аз мурдаҳоро. Ин бори вазнин аз азал бар дӯши одамон аст. То тобути якеро набардоред, каси дигар тобути шуморо намебардорад. Пас, даъват мекунам, ки барои роҳӣ кардани майит аз рӯи ҳиммат ба дасти ҳамин ҷавонмардон, ки хешу табори Мурод ҳастанд, пул диҳем ва осуда бошем, ки раҳматӣ беосеб ба манзили охираташ мерасад, – Аҳмади Ҳабиб дигар ҳарфе нагуфт. Овоз дар гулӯяш дармонд, ашк аз чашмонаш заҳид...

Муаллим хаёле фарзандони Муродро пеши рӯ овард, ки ҷои падари шукуфону хандон акнун тобути ӯро истиқбол мегиранд. Андаруни тобут ҷисми абгору хуноғӯштаи як тан марди ноком орамида. Модари бистарӣ аз даруни хона овози кадомеро мешунавад, ки бо алам ӯро фарёд дорад:

*Хез модар, ки мусофир писарат омадааст,*
*Писари дарбадарат пеши дарат омадааст...*

Ва осема аз бистар хеста, сарлучу пойлуч шитобон ба берун метозад модару чашмаш ба анбӯҳи одамон афтида, дар санҷики дар карахту пакар мегардад. Ди-

лаш қафаси танги синаро дарида, девонавор фарёд мезанад: «Ку, ҷигарбанди ман?.. Наменамояд-ку?!.. Чаро дурӯғ мегӯед, мардум?!.. Тинҷӣ ҳаст, магар ҳама маро хабаргирӣ омадаанд?.. Ташвиш накашед, Худоро шукр, агар писарам расида биёяд, ман мисли пештара бо ду пойи худам мегардам...» Аммо ин суханонро гуфта наметавонад ӯ ва девонаавзову ҳаросон як-як ба одамон нигариста, гӯё касеро мекобад, чизеро меҷӯяд ва нохост чашмаш ба тобути оҳанин меафтад. Қиёмат мехезад, қиёмат!.. Солҳои пеш аз кишварҳои хориҷ пинҳон-пинҳон тобути оҳанини аскаронро меоварданд, акнун рӯшод аз муҳоҷиронро меоранд. Ҳо, инсон дар муқобили офати табиат оҷизу дармонда аст, оҷизу дармонда!..

Замину осмон мегиряд, пиру барно бо дили хунчакон навҳа мекашанд. Кӯдакони раҳматӣ аз дидагон селоби хун мерезанд. Завҷааш мотам мегирад ва ба қади овоз нола меандозад: «Чаро бемор ва кӯру шал наомадӣ, ки ақаллан як моҳ бемордорӣ кунам», – гӯён қалбҳоро метарконад. Ашк фаввора мезанад ва дар деҳа девонае аз ҳисоби модари раҳматии Мурод пайдо мешавад...

Баъди рафтани «дӯстони беҳтар аз ҷон»-и Муроди раҳматӣ, Аҳмади Ҳабиб дигар хуши савдо кардан надошт. Ӯ коғазҳои картониро ғун оварда, ба паҳлӯи лингаи картошка тахт карду болои онҳо дароз кашид. Чашмонашро пӯшид...

Ғанаби саридастакии Аҳмади Ҳабибро овозе барканд.

– Хез, муаллим, хез, муаллим! Онҳо гурехтанд... Майит дар фурудгоҳ мондааст...

– Рост, гурехтанд? – чашмонашро бо пушти даст мол-молон пурсид Аҳмади Ҳабиб ва Зайниддинро дарзамон шинохт.

– Лаънатиҳо, пулро гирифта гурехтанд. Раҳматӣ дар фурудгоҳ мондааст...

– Ҳа, як гӯшаи дилам сиёҳ буд аз кори онҳо. Гуфтам, ки бовар накунам, лекин осемагӣ фандам дод, ақлам нагирифт, – муаллим афсӯсхӯрон сар ҷунбонд. – «Дӯстони вафодор!.. Бе ӯ об аз гулӯямон намегузарад!» Эҳ, сагони дайдуи туфайлихӯр-е! Ба ин шайтонҳои худӣ бовар карда намешавад, лекин акнун пушти даст газидан фоида надорад.

– Ё пулҳои худашро раҳкиро кунем? – пурсид Зайниддин.

– Аз мурдаро? – абрӯ гиреҳ андохт Аҳмади Ҳабиб. – Не, ҳич гоҳ! Гӯед, ки пулҳои раҳматиро ба дасти кӯдаконаш диҳанд, – муаллим даст ба ҷайбаш андохт. – Ҳа, майитро кӣ бурда мерасонад?

– Чор нафар аз ҳамкоронаш, – посух дод Зайниддин. – Ин дафъа одамони худӣ.

Муаллим аз ҷайбаш пул бароваду гуфт:

– Дар як мижа хобондан гӯрсӯхтаҳо фиреб доданде! Дигар онҳоро аз куҷо меёбед? Ана, ҳазор доллар... Барои то манзил бурда расондани майит кифоя аст. То худат раҳматиро ба тайёра ҷо накунӣ, гашта набиё!.. Ҳа, бо дасти онҳо барои кӯдакони ман ҳам ягон пайғом бифирист. Барои бачаҳо ягон радио ва як миқдор пули русӣ равон кун...

– Фаҳмидам, муаллим, – гуфт Зайниддин ва пулро гирифта, чаппасар рафтагор буд, ки Аҳмади Ҳабиб ӯро боздошт: – Як дам сабр бикун, ман ҳам ҳамроҳат меравам! То раҳматиро гусел накунем, дилам қарор намегирад...

Онҳо аз мағозаи сари раҳ радиё харид карданду зуд ба «такси» нишастанд. Вақте ки мошин сабук ба ҳаракат даромад, Зайниддин рӯ ба муаллим оварда, савол кард:

– Муаллим, магар зарур аст, ки мурдаҳоямонро ба Ватан мефиристем? Охир, мо ба падару модарамон чӣ ёрӣ расондем, ки боз мурдаҳоямонро ба гарданашон бор мекунем? Намешавад, ки дар ҳаминҷо

қабристон обод кунем?

Муаллим хаёле хомӯш монд. Сипас, ҷиддинамо ба Зайниддин нигаристу фаҳмонд:

– Не, намешавад, Зайниддин! Ин фикрро аз сарат дур кун, додар. Ту мехоҳӣ, ки модаронро зиндадаргӯр кунем?.. Кадом модар ба дасту ҷайби фарзанд нигоҳ кардааст?.. Модар фақат муштоқи дидори фарзанд асту бас. Ӯ хоки раҳи фарзандро бо мижгон ҷорӯб мезанаду об ба дида...

– Ҳо, ман ҳам инро намехоҳам, лекин...

– Ин кор лекин надорад! – сахт карда гуфт муаллим. – Медонед, ки солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ чӣ қадар падарону бобоёни мо барои ин сарзамин ҷони худро нисор карданд?.. Бисёриҳо дар куҷо хок шудани фарзанди худро намедонист. Аксарият ба ин сарзамин омада, қабри ҷигаргӯшаи худро меҷӯст, вале аз ҳич куҷо пайдо намекард. Модарон ҳам аз фарзандони худ паёме нашунида, аз дунё армонӣ даргузаштанд... Ҳоло чӣ? Охир, замони ҷанг нест-ку! Магар мо мурдаҳои худро фиристода наметавонем? Магар мо мехоҳем, ки ашки бари рухсори модарон як умр хушк нагардад? Не, мо инро намехоҳем! Ҳар касе, ки нангу номус ва ҳавои Ватан дар сар дорад, набояд мурдаи худро рӯйи раҳ ва дар манзили бегона гузорад. Агар мо ҳамин корро ҷонибдорӣ кунем, фардо моро ягон модар, фарзанд ва ҳамсар намебахшад. Ин рӯзҳо ҳам мегузаранд, додар, фақат инсонгарӣ мемонад, на чизи дигар.

Ва муаллим боз хомӯш монд. Зайниддин ба андеша рафт. «Такси» аз миёни нақлиёти зиёд раҳро ҷониби фурудгоҳи ҳавоӣ наздик мекард...

Ҳо, то даме, ки тайёра ба ҳаво парвоз накард, онҳо осуда нагаштанд. Ҳамун гапи одамон рост будааст: дар мусофират як мурда к... и сад зиндаро медаронадааст. Э-ҳа, майитро аз духтур гузарондан, тобути оҳанин созондан, ба тайёра билет гирифтан, ба тайёра

бор кардан... агар одами аловак набошед, мурдаатон моҳи дароз дар яхдони фурудгоҳ баҳузӯр хоб рафта, фақат пул «мехӯрад»! Барои «Бори 201» бошад, дар ҳама ҷо дарвозаҳои раҳ кушодааст, зеро соҳибони он фақат пул медиҳанду пул...

Аҳмади Ҳабиб аз рӯи кат хеста, ният кард, ки картошкаву пиёз тоза кунаду дами гарм бипазад. Вале дар ин ҳангом садои дари хона ба гӯш омад. «Кӯдакони соҳибхона будагистанд», – аз дил гузаронд ӯ ва ба сӯи дар қадам зада, овоз баланд кард:

– Оксанаю Роксана, то омадани модаратон дар як ҷо сабр кунед! Боз кадоме шуморо надуздад, ки дар балои шаби сиёҳ монам...

Муаллим дарро кушоду дар истиқбол зани зебою пуррапайкари баландболо – Маргаритаро бидид, ки аз ин қабл чанд карат ба ин хона омада, чизе гуфтан мехост, вале ҳанӯз ҷуръати лаб кушодан накарда буд. Онҳо чанд дафъа якдигарро дида бошанд ҳам, ҳоло аз наздик шинос нагашта буданд.

Абрувони борику пайваст ва чеҳраи шукуфону гандумӣ дошт Маргарита. Муйҳои сиёҳи то сари китф фурӯ рафтааш ӯро зеботару дилработар нишон медод. Ин зан аз ғарибиён дида, бештар ба шарқиён моноӣ дошт.

– Соҳибхонаҳо нестанд? – бо табассуми ширин пурсид Маргарита, дандонҳои зираю садафӣ ӯро боз шукуфонданд.

– Магар мо соҳибхона ҳисоб намешавем? – дарро калонтар кушод Аҳмади Ҳабиб ва изофа кард: – Марҳамат, дароед!..

– Не, Шумо ним соҳибхона ҳисоб мешавед, – ширин табассум кард Маргарита ва вориди хона шуду гуфт: – Бо Шумо маслиҳат кардан мехостам...

– Марҳамат, Аҳмади Ҳабиб дар хизмати Шумо, – ҳарду даст ба сандуқи сина гузошт муаллим.

– Ташаккур, – боз табассуми малеҳ даври лабони

нозуки зан гул кард. Вале дар қаъри чашмонаш ғам соя афканда. Аз дидагони хастааш хондан мумкин буд, ки Маргарита аз чизе азият мекашид, аммо ба гуфтан забонаш намегардад. Ба ҳар ҳол, дар тарозуи ақл баркаш мекард, ки бигӯяд ё не, оё марди ношинос метавонад дарди ӯро сабук кунад, дасташро бигирад ва билохира ӯро аз қайди андешаҳои мағшуш вораҳонад?... Аммо бар он андеша буд, ки ин мард барояш кӣ мешавад? Вай ҳам бегона ва мисли дигарон ҳарису тамаъкор будагист... Ҳамин ки коми дилашро бардошту осуда гашт, рӯзи дигар аз лавҳи хотираш рӯфта мепартояд, мисли ин ки чизе нахӯрда бошад. Не, Аҳмад аз зумраи дигарон наметобад, боз аз раъй мегашт ӯ. Аз гуфтор, муносибат, шину хез ва чашмони меҳрубонаш маълум, ки хоки ин ҷавонмард аз теппаи баланд ва дилу нияташ софу бекина аст. Бо ӯ метавон рози дилу эътимод кард.

– Гапи муҳим доштед? – пурсидани Аҳмади Ҳабиб Маргаритаро ба худ овард.

– Ҳа-а... медонед... – садои зан ларзид. – Шумо ба ман ёрӣ мерасонед?

– Агар аз дастам биёяд, чаро не?

– Шумо ба ман маслиҳат диҳед... чй кор кунам? Фақат илтимос дорам, ки инро гила ҳисоб накунед. Шавҳарам бадмаст, кор намекунад, дар хона як пули пучак ҳам нест, намедонам сарамро ба куҷо занам? «Худат сарҳисоби зиндагиатро ёб!» – мегӯяд ун бадмаст. Пеш одами дуруст буд, кор мекард, пул меовард... Бо дигар шудани замона ва сар шудани бозсозиҳо тамоман тағйир ёфт, сарҳисоби зиндагиашро гум кардааст як мардаки поҳанг. Рӯзи дароз бо ҳамқадаҳҳояш маишат мекунаду шабҳангом фақат кораш бо ман хархаша. «Чӣ коре, ки мекунӣ, маро ёфта хӯрон!» – мегӯяд. Агар марди хона, ҳамуне, ки тамоми буду шудатро барояш дареғ намедоред, ҳамин хел амр занад, магар зан худро ба ягон хиёнат

тела намедиҳад? Ҳайронам, чӣ кор кунам ва ба куҷо равам?! – дар чашмони поку чашмасони Маргарита қатраҳои нам пайдо шуд. Маълум буд, ки ин зан аз нотавонӣ тамоми мадорашро ғун оварда, оқибат матлабашро баён кард ва инак оҳи сабук кашида, санги вазнинеро битамом аз гӯшаи дилаш канда партофту мунтазири он буд, ки ин ҷавонмарди поктинат чӣ посух медода бошад. Оё ӯ ба дардаш малҳам мешуда бошад?

– Агар аҳвол ҳамин хел рафтан ва пиру барно доим масту аласт гаштан гираду фикри фардоро накунад, тақдири як миллати бузург, ки Пётри кабираш ҳанӯз дар асри нуздаҳ ба Аврупо раҳ кушода буд, дар зери хатари марговар қарор мегирад, – баъди шунидани арзи Маргарита, лаб ба сухан кушод Аҳмади Ҳабиб. – Бе ин ҳам ин миллат пир шудааст, мурдааст. Миллате, ки занаш фарзанд ба дунё намеорад ва духтаронаш ба бӯи пулу мол аз кишвар фирор мекунанд, воқеан ҳам ҳукми мурдаро дорад. Сад дареғ, ки дигар кишварҳои ҳамсояро низ ин хатар пайгир шудааст, сад афсӯс, ки сотсиализм як ботлоқи фоҷиа – фақат арақ хӯрдан, ақлро тира кардан ва дуруст наандешиданро ба халқи гумроҳ мерос гузошт! Оё аз ин ботлоқ берун омадан мумкин аст? Мумкин, агар мансабдори аввал ва атрофи ӯ манфиати миллату давлатро аз манфиати шахсӣ фарқ кунанд, нӯшидани беҳудаи маводи спиртиро барои ноболиғону ҷавонон ба танзим оранд, кишвар чароғон мегардаду мардумаш шукуфон! Раҳи дигар нест...

– Дуруст, раҳи дигар нест, – оромона тасдиқ кард Маргарита ҳам, ки ҳушу ёдаш ба чизи дигар банд буд. Аҳмади Ҳабиб инро дарк кард.

Хаёле хомӯшӣ ҳукмфармо гардид

– Ба шумо пул даркор? – нохост хомӯширо шикаста, пурсид муаллим ва таври озмоиш ба чеҳраи зе-

бои Маргарита амиқтар зеҳн монд. Зан нигоҳашро ба пеши пояш хам карда, шармгинона ва нарм изҳор намуд:

– Не, Аҳмад, қарздор будан намехоҳам. Агар мумкин бошад, маро ҳамроҳатон ба кори бозор бигиред. Бароям ягон кор ёфт мешавад?

Аҳмади Ҳабиб ба андешаи амиқ фурӯ нарафт. Зеро кайҳо медонист, ки агар ёвараш зани таҳҷо бошад, бозораш равнақтар хоҳад гирифт. Лекин чӣ тур зан? Мешавад, ки бисёриҳо фурӯшгор мегиранд, аммо ун ёварон як-ду рӯзи аввал худро ширину нағзакак ва меҳрубон намоиш дода, рӯзи саввум пулро гирифта, думро хода мекунанд. Дигар аз онҳо на пай меёбеду на ҳайдар. Ёбеду гиред! Ду тангаи бо хуни ҷигар андоштаат, ба боди фано меравад. Аз нав дилро косаи зардоб карда, нахӯрдаву напӯшида, то чор танга ғун меоред, ки боз як балои дигар аз таги по мехезад...

Аҳмади Ҳабиб боз ба чеҳраи поку зебо ва мисли барфи аввал боридаи Маргарита назар афканд. Аз фиребу найранг дар чашмони меҳрубононаи ӯ осоре набуд. Аммо нохост ба дилаш хӯсае ҷо гирфт. «Ин қадар зебост, магар дигарон рӯзаш медиҳанд?» Ҳо, Мадина ниҳоят дилрабо буд ва ба фаришта хоҳунохоҳ ҳар кас часпидан мехоҳад, бегумон ҷадал мекунад, ки ӯро ба худ майл кунонад. Аз ҳамин ҷиҳат хавотирӣ кашид муаллим. Вале ин андешаи ӯро Маргарита магар пай бурд, ки дилпурона гуфт:

– Дилат дур наравад. Агар ба як кас қавл додам, ҳеҷ гоҳ сарашро паст намекунам. Медонам, ки дар бозор одамони ҳархела бисёранд. Ба себи сурх ҳама санг меандозанд, ақлам ҳаст, чӣ гуфтанамро медонам. Худам муаллима ҳастам. Худо шоҳид, ба раҳи паст намеравам ва шуморо шарманда намекунам...

«Худам муаллима ҳастам», – гуфтани Маргарита аз чӣ бошад, ки ба хотири Аҳмади Ҳабиб суханони момаи Ҳамида ва бори аввал шампун савдо карда-

нашро ба ҷилва овард. «Чӣ қадар ба ман ҷасорат бахшида буд ун кампирак ба хотири пайдо кардани пораи нон? – дар дил ба худ суол дод муаллим. – Ман ҳам ун вақт мисли ҳамин зани бегонаи зебо дар чораҳа зору низор монда, ба куҷо рафтан ва ба кӣ муроҷиат карданамро намедонистам. Аммо дар дунё, мисли момаи Ҳамида, одамони хуб бисёранд, ки беминнат дасти дигаронро мегиранд. Акнун чӣ ҳол дошта бошад ун кампирак? Агар сиҳату саломат ба Ватан баргардам, ба бозор аҳволпурсии кампир меравам. Албатта, меёбам ӯро. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, лекин одам ба одам мерасад...»

– Бисёр фикр кардед; аз афташ розӣ нестед ё ба ман бовар надоред? – саволомез пурсид Маргарита ва муаллимро аз қайди андешаҳо вораҳонд.

– Баръакс, сад бор розиам, ки Шумо бо ман бошед! – хушҳолона нидо кард Аҳмади Ҳабиб. – Боз ману Шумо ҳамкасб будаем. Магар муаллим ҳамкасбашро хор мекунад? На, ин одат дар хуни мо бегона аст! Шумо бигӯед, ки савдо карда метавонед? Умуман, ягон бор ягон чиз савдо кардаед? – пурсид Аҳмад.

– Ҳеҷ... – содданамо абру боло карда, китф дар ҳам кашид Маргарита, ки ӯ дар ин ҳолат боз ҳам зеботар намуд.

– Парво накунед, ҳамааш сад мешавад! Ман бор мегирам, Шумо ба савдо мезанед, ба пеш! – дили Маргаритаро қувват бахшид муаллим, мисле ки замоне момаи Ҳамида ӯро.

– Аз ӯҳдааш мебароям?..

– Мебароед. Фақат як хоҳиш: бо шавҳаратон маслиҳат кунед. Боз нашавад, ки вай ба бозор омада, ҳамроҳатон фақат арбада бардораду корро монда, «тутхӯрӣ» карда гардем.

– Хуб, – гуфт Маргарита ва аз ин тарз сурат гирифтани кор хушҳол гашту изофа кард: – Акнун ман ба Шумо шӯрбои русӣ мепазам...

– Ба шарте ки якҷоя тановул кунем.

– Ман розӣ. Кайҳо ҳамроҳи мард дуруст тановул накарда будам. Фикр доштам, ки ин ғам диламро хӯрда-хӯрда, оқибат тамом мекунад.

– Ман ҳам ҳамроҳи зани зебо.

Ҳарду баланд хандида, пасопеш ба пухтупазхонаи Илмира гузаштанд...

Баъди тановули якҷоя ва гусели Маргарита, Аҳмади Ҳабиб дар танҳоӣ аз худ бипурсид: «Оё дуруст кард, ки Маргаритаро ба ҳамроҳӣ мегирад?»... Ва андешааш ба воқеоти атрофи бозор печид...

Вақтҳои охир харидорон натанҳо аз бегонаҳо харид намекунанд, балки қариб ҳар рӯз моҷаро мебардоранд, ки ин муҳоҷирони қайсар битамом шаҳрашонро тарк кунанд. Ба ин асос ҳам доранд. Мегӯянд, аз рӯзе, ки дар бозор бегонаҳо ба савдои сабзавоту мева ва картошкаву пиёзу сабзӣ даст задаанд, фиребу найранг ва дуздиву қаллобӣ авҷ гирифтааст. Бегонаҳои савдогар бераҳмона ҳам аз тор мезананду ҳам аз пуд. Онҳо раҳи осони пулёбиро дарёфтаанд. Ба таги сатил як картошкаи дароз гузошта, аз сари он чартои дигарро таври амудӣ моҳирона ҷо мекунанд ва баъд болои онро, мисли қабри сағераи дамкарда, теппа месозанд. Дар ин ҳолат, агар дуруст бисанҷед, сатили даҳкилоӣ ҳамагӣ ду-се кило картошка дораду бас. Лекин дар зоҳир чунин менамояд, ки сатил аз картошка лабрез аст. Нимкосаи таги коса ниҳон намонда, ин сирро харидорон ошкор кардаанд. Албатта, чунин ғоратгариро касе бахшида наметавонад. Худатон тасаввур кунед: ба шаҳри бегона биёеду дар рӯзи равшан даст ба ғорати ҷайби соҳибони он бизанед, шуморо чӣ хел қабул мекунанд? Ё худ шумо меҳмони хираеро ба хонаи нарму гарматон ҷой медиҳед, обу иззаташро ба ҷо меоред, саҳар мехезед, ки сандуқи хонаро кушода, пасандози бо хуни дил анбоштаатонро бардошта бурдааст. Дар ҳамин ҳолат

худро чӣ тур ҳис мекунед? Агар сари ғазабатон вай, меҳмони нохонда, ба чанголатон бизанад, пӯсташро аз тан ҷудо мекунед ё худашро пора-пора. Агар ба чанголатон назанад, ғазабатонро аз кӣ мегиред? Аз ҳамқиёфаҳои ҳамшаҳр ва ё аз каси дигар?..

Ва ин моҷарои ғуборолуд ҳар саҳар дар ҳавои шаҳри бегона танин меандохт. Бошандагони он, бахусус кампирони нафақагир берӯву риё ҷор мezанд: «Давно пора вас выгонят, чурки! Зачем вы нужны? Куда смотрит милиция?..» Ва баҳсу мунозира аланга мегирифт атрофи ин моҷаро, издиҳом торафт калон мешуд. Осмони адоват ва нафрат чунон меборид, ки мегуфти обхезии нобаҳангоме одамонро ба ваҳм андохтаю сарсон кардааст. Аммо чашмҳо намебинанд ва гӯшҳо намешунаванд. Зеро чашмҳо хаста ва гӯшҳо баста шудааст дар ин ҷо ҳам. Нозирон, милисаҳо, андозгирон ва маъмурони бозор гӯё ҳастанд, аммо боз нестанд. Чӣ тур фаҳмидед? Ҳо, чизе мерасад ба онҳо. Нарасад агар, осонакак мерӯёнанд. Ҳамту меоянду бидеҳ мегӯянд, натеву қандата зан, ду лингат аз осмон меояд ва дигар инсон шуданат ҳам мушкил! Ҳама чиз дар дасташон, тиру туфанг ҳам, тайёраву мушак ҳам. Одамон чӣ? Одамон пакидан мегиранд. «Лаби бегуфтугӯ лаб нест, гӯш аст», – гуфтааст як митингшиноси асри бист. Охир, зиндагии ҳама мансабдорон аз рӯи ғайрати шербачаҳои бозор, вагарна бо як маоше, ки онро воқеан ҳам касе намебинад, сариштаи зиндагӣ осон аст магар?.. Инро шербачаҳои бозор ҳам медонанд ва барои ҳамин, то ҷойе, ки дилу дасташон меёзад, нотарсонаву боҷасорат ба сағрии аспи савдояшон тозиёна мезананд.

Кадом рӯз як пиразан аз гиребони Аҳмади Ҳабиб дудаста гирифт ва:

– Ҳой, шумо Ватан доред?! – гӯён бадҷаҳлона «тиру камон» кашид.

– Дорем, модар, – бо ханда посух дод муаллим. –

Магар ин сарзамин ҳам Ватани мо ҳисоб намешавад?

– Не, ин сарзамин дигар Ватани шумо ҳисоб намешавад, тамом! Худатон ҳаминро хостед, СССР-ро зинда дар гӯр кардед! – аз оташи ҷаҳл нафуромада, посух дод пиразан. – Аввалаш, худи шумо оқибатро фикр накарда, моро бегонавор аз кишваратон сур кардед. Баъдан, дағдаға бардоштед, ки худамон кишварамонро обод мекунем, обод мекунем! Мо акнун соҳибистиқлолем! Бегонаҳо ҳақ надоранд, ки дар кишвари мо аз бинӣ боло гап зананд. Касе, ки истиқлоли моро намехоҳад, марш ба ватани худаш!.. Ана, чашмонатонро калон кушода, нигоҳ кунед: хоки сияҳро обод кардед! Натиҷааш чӣ шуд? Ба пӯсти якдигар коҳ ҷой карда, мисли ваҳшиён даст ба силоҳ бурдед, бародар қатли бародар кард. Хонаҳоро бо дасти худатон оташ зада, бонку мағозаҳоро ғорат кардеду сонӣ имдодҷӯёна боз ба Русия гурехта омадед. Шумо, ваҳшиён, ин ҷо ҳам моро ғорат кардан мехоҳед?

– Рост, ин к..сиёҳҳои шӯрбахтро зада-зада пеш кардан даркор! Баракатро аз замини мо ҳам мебардоранд, – луқма партофт пиракии дигаре.

– Модар, мо касеро зада пеш накардаем, – бо мулоиматӣ лаб во кард Аҳмади Ҳабиб. – Рост, ки муқобили якдигар силоҳ гирифтем, лекин бо ихтиёри худамон не-ку! Магар халқ ҳаминро мехост?.. Сиёсатбозони давр моро ба ин варта ҳаво доданд ва мо аз беақлӣ гиребони якдигар гирифтем. Гумон кардем, ки дар ин дунё ба мо зиёдтар мерасад. Лекин аз рӯи хушҳолӣ ва рӯзи нек ба ин ҷо наомадаем, модар. Мехоҳем, ки осуда кор кунем ва...

– Мехоҳем кор кунем!.. – масхараомез сухани муаллимро бурид пиразан. – Кор ҳамин хел мешавад? Мардумро фиреб кардан?.. Набошад равед дар зовуду фабрикаҳо кор кунед!.. Чӣ каллаи мардумро гаранг

мекунед?..

– Охир... зовуду фабрик маблағ надорад! Агар зовуд пул медошт, мардуми худатон бекор намемонд. Рӯзи мо бошад, дар он ҷо ва дар ин ҷо бепул намегузарад.

– Ҳа-а, ана гап дар куҷо! – сар афшонда, таъна зад пиразан. – Милитсияро ҳам мехӯронем, гӯед?!.. Умуман зудтар аз кишварамон дафъ шавед, бехосиятҳо, вагарна рӯзе фаро мерасад, ки шуморо бо зарби лагаду силоҳ аз ин ҷо пеш мекунанд!

– Баъд шумо хурсандӣ мекунед, нафаси осуда мекашед ва зиндагиатон дуруст мешавад, фикратон ҳамин аст?

– Албатта, – беғамона гуфт пиразан.

– Не, модар, иштибоҳ мекунед. Шумо сарчашмаи бадбахтии худро дар дигар ҷо биҷӯед. Мо айб надорем!

– Чи хел айб надоред?.. Линга-линга пули моро бардошта мебаред, соҳиби хонаю дар мешавед-ку?! – бо танаффур ҷигот андохт пиразан.

– Линга-линга пули шумо аз ҳамин шаҳр берун намеравад. Пул гардиш хӯрда, боз ба дасти худи шумо меояд. Сабаб дар дигар ҷост, модар. Мову Шумо гунаҳгор нестем. Агар хонаҳои моро оташ намезаданд...

– Хона аз худ оташ намегирад. То шамол нашавад, шохи дарахт намеҷунбад. Ин айби худи шумост! – аз аспи ҷаҳл намефуромад ӯ. – Умуман ватани моро ифлосу бадбахт кардед, сиёҳҳои бехосияти шумқадам! Зудтар ба Арабистону Муғулистону Афғонистони худатон дафъ шавед, ки ба шумо аз замин то осмон нафрат дорем!

– Аммо мо ба Шумо нафрат не, муҳаббат дорем, модар, – фаҳмонд муаллим оромона. – Зеро давлати тоҷиконро аслан русҳо давлат кардаанд, на дигарон. Мо аз унҳо не, аз русҳо миннатдорем, ки дар ҳама

давру замон, хусусан баъди инқилоби асри бист тоҷиконро ба бахту тахт расонданд. Барои ин корашон мо як умр хизмати русҳоро адо кунем ҳам, кам аст. Ҳо, дар ин шароити душвори муҳоҷирӣ кӣ дасти моро гирифт? Боз русҳо! Пас, чаро ба Шумо нафрат дошта бошем? Ҳич гоҳ! Шумо дилу дида, тоҷи сари мо ҳастед, модар!

Кампир аз ҷаҳли худ фуромада, каме осуда гашту синчакорона ба ин ҷавонмарди боақл нигариста, сипас гуфт:

– Чаро ҳама мисли Шумо нестанд?

– Ман ба ҷои ҳама ҷавоб гуфта наметавонам. Панҷ ангушт баробар нест, модар. Аммо бачаҳои ин бозорро бори дигар сахтакак мефаҳмонем...

Пиразан, каме онсӯтар, бо ишораи даст муаллимро нишон дода, ба дигарон ҳам чизе гуфту, ба қавле, таспи дилашро хомӯш карда рафт.

Ҳо, шамоли ғазаб ғазаб меораду зарфи бутунро пора-пора месозад. Лекин агар ғазабро бо гапи хуш истиқбол гиред, орому осуда гашта, мисли шамол ноаён гузашта меравад, ором мешавад. Ягон ҷойи одам ҳам осеб намебинад. Баръакс, нафъаш бештар мерасад, ба худ ҳам, ба дигарон ҳам. Медонед, агар дарё соҳил надошта бошад, чӣ қадар харобӣ меорад? Ҳама чизи сари раҳашро рӯфта мебарад, деҳа ва шаҳрҳоро валангор месозад. Ин соҳил аст, ки сари пуршӯри дарёро лаҷом зада, онро ба як маҷро равона месозад. Ҳо, дар зиндагӣ соҳил бояд буд, соҳил!

Ва баъди аз назар ғоиб гаштани кампир муаллим комилан дарк кард, ки аслан кӯтоҳӣ аз шербачаҳои бозор сар задааст, онҳо ҳам моҳи беайб нестанд. Ӯ ҳамон замон натиҷа бардошт, ки дигар бе кӯмаки зани таҳҷо савдо кардан мушкил аст. «Инсофи одамони худӣ намондааст, – аз дил гузаронд вай. – Ҳар қадар, ки мефаҳмонӣ, «боз ҳамон Аҳмади порина». Ба ҳар ҳол, тартибро дар бозор ҷорӣ бояд кард: ка-

се, ки қойдаро вайрон карда, ба фиребу найранг раҳ медиҳад, ӯро шармандавор рондан даркор аст. Илоҷи дигар вуҷуд надорад. Бо хубӣ кор пеш намеравад...»

Аҳмади Ҳабиб, дар ҳоле, ки чеҳраи ғуборолудаш дуд мебаровард, ба наздаш Зайниддин ва боз ду-се калонсоли дигари бозорро даъват карду фаҳмонд:

– Бачаҳо, қарори ман қатъист: касе, ки харидоронро фиреб медиҳад, аз бозор ронда мешавад! Мо илоҷи дигар надорем. Ба ин кор бештар ҷавононамон даст мезананд. Ба бӯи зиёдтар ёфтани пул боз хонаи дигаронро насӯзанд... Ба ҳамаашон фаҳмонед, фаҳмонед, ки муаллим ҳамин тавр гуфт. Ба номи Худо савганд, агар аз болои кадоме арзу дод бирасад, худи ҳамон замон лоқу парашро меғундорам! Ин гапро, илтимос, ба ҳама бирасонед, ё савдои ҳалол ё номи бад!.. Охир, ин Ватан хонаи модари мо нестку!.. Аз дастархони онҳо пораи нон меёбему ба намакдонашон туф кунем?.. Виҷдону имон дорем ё не?.. Бас будагист, шайтонгарӣ!.. Халқ ба дод омадаасту мо вонамуд мекунем, ки гӯё ҳич гап нашудааст. А, бача, як рӯзи дигар ҳамаро яксар ба ягон мошини калон бор карда, «аз рангу раҳмати ин хел савдогарон безорем» – гӯён мисли ахлот ба беруни шаҳр бурда мепартоянд. Ё худ, ҳамаро рӯйи ҳам дар як тайёра савор карда, ду лагади дигар дар ҷойи нарматон мезананду «акнун, ҷанобони аробакаш, ба пеш, ба Ватанатон!» – мегӯянд. Мо дар муқобили онҳо ҳич кор карда наметавонем ва чизе ҳам аз дастамон намеояд. Онҳо ҳақ ҳам доранд. «Мард бош ё дар хидмати мард», – гуфтаанд. Агар ба онҳо одамвор хизмат мекарданӣ бошем, биёед ақлу фаросатамонро ба кор барем ва агар не, ҷулу пӯстакамонро бардошта, ба хубӣ аз ин шаҳр баромада равем, ки мабодо шармсори ду олам нагардем...

Ғалмағали кӯдакони Илмира риштаи андешаҳои

Аҳмади Ҳабибро барканд.

Аз поғундаҳо Оксанаю Роксана ҳамроҳи модарашон боло мешуданд. Садои по ва гуфтугӯи баланди онҳо рӯшан ба гӯш меомад. Аз овози канда-кандаи Илмира маълум буд, ки боз аз куҷое ризқи худро пайдо карда, ҳамроҳи кадоме шикамсерӣ арақ нӯшидааст.

Дар хона чизе набуд, ки онҳо тановул кунанд... Илмира калавида-калавида дари ҳуҷраи Аҳмадро васеъ кушод. Ӯ сохтакорона ханда бар лаб ниҳода, худро гӯё ҳушёр вонамуд мекард, аммо забони печида ва афту андоми каҷу килеб аз сархуш буданаш гувоҳӣ медод. Худоё, муаллим ба ин қилиқҳои шуми Илмира чӣ қадар нафрат дорад!..

– Аҳмад... ҳи-ҳи... илтимос... ҳи... ҳи... барои нон... пул... те-е... Ин бори охирин... ҳи-ҳи. Ту додари қиёматиам ҳастӣ-ку, Аҳмадҷон!..

Ва гарданашро каҷ кард, мисли ҳарвақта.

Аҳмади Ҳабиб якбора шӯриду ба «ту-ту» гузашт:

– Охирон бор, охирон бор!.. Кай ин охиринат охирин мешавад? Чӣ, магар ман барои хӯрондану пӯшондани шумо омадаам?! Фарзандони раҳдурамро кӣ мехӯронад?.. Даҳ бор гуфтамат, ки хӯрдани арақи ношуда бас кун! Раҳми гул воре кӯдаконатро намехӯрӣ? Тақдирашон чӣ мешавад? Мехоҳӣ, ки онҳо низ бо пайроҳаи ту бираванд? Ту зиндагӣ кардан мехоҳӣ ё не? Худатро-ку сӯхтӣ, магар андешаи ин кӯдакони бегуноҳро намекунӣ?.. Боз мани гумроҳ туро ҳамроҳ ба кор гирифтанӣ будам. Туро ба бозор не, ба «Боғи ҳайвонот» бурдан даркор, ки маймунҳо рӯзи дароз тамошоят карда, ҳаловат баранд...

Вале ба кӣ мегӯед? Магар пӯсти Илмира аз каркаданг буд, ки ранги рӯяш заррае тағйир наёфт.

– Рост, мегӯӣ, Аҳмад. Ту ҳақ ҳастӣ, додар. Лекин ин дафъа охирин бор... ҳи-ҳи...

Барои Илмира «охирин бор» вуҷуд надошт. Ва аз

панҷаи шахшӯли бадмастӣ акнун вораҳидани ӯ амри маҳол буд. Агар рӯзе наменӯшид, дар тобу таб месӯхт ва табларза чунон меафшондаш, ки мегуфтӣ ҳоло ҳозир аз кадом кӯҳи барфпӯше поин омадааст... Аммо ба дугоникҳо – Оксанаю Роксана бо ҳавас нигариста, ҳич боварат намеояд, ки Илмира модари онҳо бошад. Аз ин гуна махлуқ – ду чӯҷаи парӣ. Гоҳ-гоҳе Илмира ҳам, ашки бари рухсорашро тоза карда, бо алам ба дугоникҳояш мегӯяд: «Дар вақташ ман ҳам айнан нусхаи шумо будам. Аммо зиндагӣ ва падари номеҳрубонатон хоки раҳам кард, хоки раҳ! Думболи дигареро гирифту рафт, номард! Ману шумо танҳо мондем миёни ин чор девори сард. Аммо, то даме ки ҷон дар бадан дорам, худамро мекушаму шуморо ба касе намедиҳам ва ба ғайр аз шумо каси дигар ҳам надорам, охир!..»

– Магар худро куштанат ҳамин аст, Илмира?! Фақат арақ задану шиками худро сер кардан? Фарзандонатро кӣ нигоҳ мекунад? Охир, вақти дар ягон мактаб хондани онҳо ҳам шудааст!

– Тамом, ана гӯшҳоямро кашидам... Тавба кардам, тавба!.. – ба зорӣ даромад соҳибхона.

– Хуб, масхарабозӣ бас будагист, боз мебинам... Охир, тарзе зиндагӣ бикун, ки агар бимурӣ, пагоҳаш фарзандон фаромӯшат накунанд!.. – зери лаб ғурунгид Аҳмади Ҳабиб ва дилаш сахт бисӯхт, тахтапушташ сих зад, фарзандони худро пеши дида оварда, оромона аз ҷо рост шуд ва аз ҷайбаш миқдоре пул бароварду нашумурда ҷониби Илмира дароз кард. Ҳо, барои пулдор миллион сӯм чени як сӯм арзиш надорад, аммо барои бепул як сӯм арзиши миллион сӯмро дорад. Муаллим ин дарсро аз сар гузаронда буд.

– Раҳи мағозаро меёбӣ? – пурсид бо тамкин муаллим.

– Меёбам, меёбам!.. – осема ба худ омад Илмира

– Бирав ва барои кӯдаконат чизе бихару зуд баргард!

– Хуб шудааст, хуб! – Илмира пулро гирифта, шитобон аз хона зада баромад.

Оксанаю Роксана, лӯхтакчаҳо дар даст, бозикунон рӯи диванчаҳои худ дароз кашиданд.

Аҳмади Ҳабиб аз пушти тиреза ба берун нигарист. Дар осмон як-як ситораҳо пайдо мешуданд. Ҳаво софу беғубор ва форам менамуд. Шаҳри чароғон мисли хирмани оташ аланга мезад. Аз берун танҳо садои нақлиёт ба гӯш мерасид. «Ватанро таъриф мекунанд, ки обод шудааст, мардум якдигарро фаҳмидааст, – аз дил гузаронд муаллим. – Наход дидори фарзандон ва Ватан ба зудӣ муяссарам нагардад? Нафаҳмидам, аз ман чӣ ношукрӣ гузаштааст, ки ҳар боре азми бозгашт мекунам, як балои ногаҳонӣ аз таги по бармехезад. Чӣ гуноҳ карда бошам?.. Чаро ин воқеаҳо пайгири ман шудаанд?..»

Ин дам садои Илмираи соҳибхона аз поғундаҳо баланд гардид:

– Ман омадам, бачаҳо, дарро кушоед!..

Дугоникҳо шавқункунон ба истиқболи модар тохтанд...

Субҳгоҳон ҳавои шаҳр домани зиндагиро аз сар гирифт. Мардони бозор андар ҷумбуҷӯл: қисме бор оварда мефуроварданд, қисми дигар талош доштанд, ки бори деҳқонони таҳҷоро бо нархи нисбатан арзонтар харид кунанд ва сипас паси рафҳо ба савдо гузоранд. Табиати бозор ҳамин: «гург» наволаи даҳонро бояд аз чанголи «шер» бирабояд. Инсоф осонакак паси кӯҳи Қоф ғелиду касе онро ҳис накард, ки сабук аз даст меравад, шояд беинсофӣ беҳтар бошад дар бозор, шояд бисёртар расаду бисёр монад. Не, чизи ҳаром ба даҳон мезанад, тиҳигаҳро сӯрох карда, бе-

рун меҷаҳад, варам мекунад...

Аҳмади Ҳабиб, аввалаш, аз зумраи унҳое набуд, ки баракатро баъди тулӯъи офтоб дарёбад, дуввумаш, дар савдо гарди фиребу найрангро битамом раҳ намедод. Деҳқонони атрофу акноф ӯро дар ҳалолкорӣ шинохта гирифта буданд ва маҳсулоти худро на ба каси дигар, балки зиёдтар ба вай пешкаш мекарданд. Ва ҳаводорону муштариёнаш рӯз аз рӯз меафзуд. Табиист, ки бозоргармии як нафар зуд ба чашм хӯрда, боиси хусумат ва кинаву адовати дигарон мегардад. Табиати одами мусофир ҳамин аст: ба қабристон равад ҳам, хӯи бо шир омадаи худро партофта наметавонад, зеро чашмаш гургвор гурусна аст ва аз думбол чандин гуруснагони дигар низ дорад ва онҳо ҳарисона дасти ӯро менигаранд. Шояд, шояд... Аммо баинсофу баимонаш ҳам ҳаст. Бе ин дунё дар як қарор намеистад. Агар вазни бор аз ду ҷониб дар як ҳад қарор нагирад, паллаи тарозу баробар намешавад...

Падари Аҳмад – мӯйсафеди Ҳабиб марди бозор набуд, ба бозор сару коре ҳам надошт, вале ба гӯши Аҳмаду Аҳрор насиҳат мегуфт: «Кори саҳар баракат дорад, ҷонҳои падар. Ҷадал бикунед, ки ҳама коратонро гули саҳар тахт намоед. Коре ки субҳгоҳон анҷом меёбад, вақти дигар сариштa кардан амри маҳол аст...»

Ва падар аз падараш ҳикоят меовард: «Бобоятон марди бозор буд. Дони ҷорӯб мекорид, баъди пухтан медаравид, мебаст ва бозор мебаровард. Ҳар як замини ҷорӯбро бо қираи чашм нигоҳ карда, аллакай медонист чанд дастаҷорӯб мешавад. Ба ҷорӯбкор пулашро пешакӣ дода мегуфт: «Ҷорӯбатро фалон рӯз даравида, фалон рӯз гирифта хона биё!..»

Ҷорӯбкорон ҳама бобоятро мешинохтанд, зеро ҷорӯби бастааш чунон устокорона пайванд мешуд, ки ҳаваси кас меомад. Вай кай ҷорӯб мебаст, кай бозор

мебурд, кай бармегашт? – мо инро намедонистем. Чашм кушода медидем, ки болои сарамон аллакай қанду мавиз ва зардолуқоқу себ гузоштааст. Аз ҷебакаш доим шир-шири танга ба гӯш мерасид ва онҳоро одатан барон хурсанд кардани бачаҳо бо худ бардошта мегашт. Касе ки ба даргоҳаш ба бӯи ёрӣ меомад, ноумед намекард. Ва ун ҳазрат доим мегуфт: «Кори шаб – хандаи рӯз». Ва байти Бедилро гӯшзад мекард:

*Чу гул дар субҳи пирӣ мекашӣ хамёзаи ҳасрат,*
*Макун, эй ғунча, сарфи хоб шабҳои ҷавониро.*

Гапамро бигиред – олам гулистон, агар нагиред – хористон. Лекин, шумо ки аз кундаи мо ҳастед, бояд бо ҳамин раҳ қадам бизанед. Зеро харбуза аз харбуза ранг мегирад ва себ зери дарахти худ меафтад. Шайх Аттор низ хуб фармуда:

*Фақр орад хоби бисёр, эй писар,*
*Хоб кам кун, бош бедор, эй писар...»*

Ва Аҳмади Ҳабиб насиҳати падарро ба замин нагузошта, пеш аз ҳама ба бозор меомад ва касе наметавонист ба ӯ баробар шудан. То дигарон расида меомаданд, ки ӯ кору борашро тахт карда, омодаи савдо мегашт. Ҳо, баракати бозорро муаллим мегирифт.

Баъди ӯ амаки Коля ҷилди ғижжак дар даст пайдо мешуд.

Ҳо, аз рӯзе, ки Аҳмади Ҳабиб ба ин бозор қадам гузошт, нахустин касе, ки бо ӯ ошноӣ пайдо кард, ҳамин амаки Коляи мӯйи сараш то сари китф овезону зардина ва чашмкабуде буд, ки қиёфааш кадом як масхарабози филмҳои фаронсавиро ба хотир меовард. Ба гумонам, аз Пеер Решарро.

Ва амаки Коля ҳар субҳгоҳон Аҳмади Ҳабибро дар бозор дида, хушҳолтар мегашт, қадамҳояшро бардамбардам ҷонибаш гузошта, пас аз ҳолу аҳволпурсӣ

муадаббона суол мекард:

– Муаллим, имрӯз барои Шумо кадом оҳангро бинавозам?

– Оҳанги ҳаррӯзаро, амаки Коля.

Ва амаки Коля аввал ғилофи ғижжакро ба замин мегузошт, сипас кулоҳашро аз сар гирифта, оҳиста ба поғундаи нахустин дурустакак мемонд. Сипас, дастрӯймолашро аз ҷайб бароварда, ба зинаи болотар мегустурд ва худ баҳузӯр болои он нишаста, сарпӯши ҷилдро во мекард. Нахуст, ғижжакро берун меовард, ба ин тарафу он тарафаш «ғамхорона» менигарист, дилаш, ки пур мегашт, камонакро гирифта, садои созро ҷӯр мекард. Ба навохтан, ки омода шуд, бо ҳавас ҷониби муаллим нигариста, бо ишораи сар «рафтем» мегуфт. Оҳанги дӯстдоштаи Аҳмади Ҳабиб аз филми гурҷии «Падари аскар» дар ҳавои бозор танин меандохт ва хоболудони корзорро ҳушёртар мекард...

Ба кӯлоҳи амаки Коля пули нахустинро Аҳмади Ҳабиб оҳиста гузошта, хушҳолона мегуфт:

– Зинда бошед, амаки Коля, дастатон дард накунад! Бинавозед!..

Ва амаки Коля аз суханони муаллим рӯҳ гирифта, як-ду соат пайваста менавохту менавохт... Рӯзи болида буданаш то дер менавохт, рӯзи димоғсӯхта буданаш, ҳамагӣ як-ду оҳанги маҳзун.

Ва ҳоло Маргарита дар ҳавои ин оҳанг чеҳра намоён кард. Ҳар қадар ки ӯ наздиктар мегашт, дар вуҷуди Аҳмади Ҳабиб хушҳолӣ бештар мешуд ва кадом як қувваи ноаёне дарак медод, ки шахси азизу ошное дари хонаи дилашро нарм-нарм кӯбидан дорад. Гесувони сиёҳу парешони ба рӯи шонаҳо фурӯрехта ва бар тан куртаи гули чоркунҷадори мардона дошт Маргарита ва чеҳрааш дар зери нури хуршеди саҳар гандумгунтар менамуд.

Ҳама бо ҳавас ба ин олиҳаи ҳусн менигаристанд. Мазмун, ҳаққи намаки ҳусни ин паризод насиби кӣ

мегашта бошад?..

– Салом, муаллим, – оҳиста лаб во кард Маргарита ва пурсид: – Дер кардам?

– Салом... Имрӯз не, лекин то тулӯъи офтоб бояд дар бозор ҳозир бошед, – фаҳмонд Аҳмади Ҳабиб.

– Хуб, дигар такрор намешавад... Акнун чӣ кор кунам? – боз пурсид Маргарита.

– Ман аз сари линга ба сатил картошка рехта, болои раф мегузорам. Шумо бошед, савдо мекунед. Фаҳмо?

– Фаҳмо, – кӯтоҳ посух дод Маргарита...

Аҳмади Ҳабиб чунин рӯзи бобарору бахосият, бафайзу нусратро дар хотир надошт. Рӯзи савдои онҳо буд он рӯз...

Амаки Коля бо қираи чашм ривоҷи кори муаллимро мушоҳида карда, такрор ба такрор оҳанги филми «Падари аскар»-ро менавохт...

Камонак девонавор болои торҳои ғижжак ракс мекард...

## 5

Ӯ ба кӯчаи калони одамгарду мошинрав набаромад, балки аз пушти бозор, аз паси хонаҳои чандқабата паскӯчае рост ба хонаи Илмира мебурд, – ғарқи хаёл қадам зад. Шамоли сард барфро ба сару рӯй оварда мечаспонд. Кӯча ва шохаҳои хушки дарахтон сафед мешуданд. Одатан, аз ин ҷода одамони бегона зиёд рафтуомад намекарданд, чаро ки хавфнокy ваҳмангез буд он. Аҳмади Ҳабиб бошад, бо ҳамин кӯча гом бардошта, хонаи Илмира мерафт ва табиист, ки ин ҷодаи хомӯшу бекас барояш бештар форида буд. Акнун вай, баъди шикасти навбатии раҳ, танҳоиро бештар писанд мекард. Вале ҳич гумон надошт, ки Маргарита, ҳамун Маргаритае, ки вақти гусел «Агар ин ҷо бимонед, шуморо шавҳар карда, як

умр болои сар гирифта мегардам», – гуфта буд, аз вай битамом дасту дил мешӯяд. Муаллим меандешид, ки ҳич гоҳ Маргарита аз вай дур намешавад ва дар кадом вазъу ҳоле, ки наздаш биёяд, «ман ҳамроҳи ту» – гӯён боз ба кор мечаспад. Зеро дасти Маргаритаро, ба қавле, Аҳмади Ҳабиб рост кард, миннат нашавад, соҳиби як пора нон гардонд, пасту баландии кори бозорро омӯзонд. Ва Маргарита натанҳо аз вартаи ҳалокат вораҳид, балки оилаашро наҷот бахшид ва аз Аҳмад Ҳабиб, аз ҳамаи онҳое, ки дар бозор ҷумбуҷӯл мекарданд, пеш гузашт. «Муаллим, ба саратон бало овардед. Ин занакро кор ёд дода, нонамонро нимта кардед», – гуфт боре Зайниддин дар бозор. Вале муаллим бо ханда посух дода буд: «Парво накунед, дар ин дунё ҳама ризқу рӯзии худро меёбад»...

Ва ҳоло ҳозир ӯ сархаму лабкашол, банди андешаҳои худ қадам зада, суханони ба забон нишастаашро зери лаб такрор мекард: «Парвардигоро, бандаи туам ва рӯи замин ман ҳам ҳастам, охир!..»

Бехост мошини сабукрави сиёҳранге ба чашми Аҳмади Ҳабиб уфтоду дилаш аз пешомади нохуше гувоҳӣ дод. Як гӯшаи дилашро сиёҳӣ пахш кард. Дарзамон чизе гулӯяшро харчангол зад, ёрои пас гаштан накард, балки гӯё пояшро ба замин мехкӯб карда буданд, ки наёрист тоб хӯрдан, ё ба ин ҷуръаташ нарасид ё дар пешонии шӯраш чунин вохӯрии шумро навишта буданд. Фурсати балохез ниҳоят танг омад ва ӯ зери дил танҳо гуфта тавонист: «Бало зад!..»

Мошини барфпӯши сиёҳранг сари раҳи муаллимро банд кард ва якбора се нафар аз дохили он фуруд омад: паканаи зард, дарози сиёҳ ва лоғарандоме.

Боз ду нафари дигар андаруни мошин нишаста буданд, ки чашм аз ҳаракати муаллим намебардоштанд.

– Ба як тараф гузар! – амр зад лоғарандом. – Аз куҷо меоӣ ва «бом»-ат кист?

Муаллим муадаббона салом гуфт, аммо саломаш беҷавоб монд.

– «Бом»-ат кист? – баландтар пурсид лоғарандом.

– Акнун мехоҳам дар бозор кор кунам, лекин «бом» надорам, – кӯтоҳ фаҳмонд муаллим.

– Бисёр хуб, – дастон дар ҷайб зуд-зуд гап зад паканааш. – Шумо ҳамроҳи мо кор мекунед. Номам – Хохол, аз ин кас, – ба дарози сиёҳ ишора кард ӯ, – Илёс ва ин – Женя. Шинос шудем? – Акнун ту охири ҳар моҳ бо ду дасти адаб ба мо пул месупорӣ. Фаҳмо?

Муаллим дар ҳавои сард «алиф» аз даҳон берун накард. Одати онҳоро шунида буд, ки агар ҳарфе аз даҳон берун кунед, маблағашонро боз баландтар мебардоранд.

– Ба ту гуфтем, к..сиёҳ, фаҳмо ё не? – бори дуввум овоз баланд кард Хохол.

– Фаҳмо, – ғурунгид муаллим.

– Хуб, фаҳмо, ки бошад, Женя, ба ин сиёҳ коғазак бинавис?..

Женя дастонашро бо ҳаври даҳон гарм карда, аз ҷайб коғазу қалам бароварду машғули навиштан шуд.

– Ҳозира худаш «аз нӯги хамир фатир» – гӯён чойпулиамонро берун барор! – фукашро ҷониби дигар тоб дод Хохол.

«Бачаҳалок, хаёл мекунад, ки аз шохи дарахт пул меёбам-чӣ!» – аз дил гузаронид муллим ва ҷуръат пайдо карда, ба фаҳмондан гузашт:

– Охир... Ҳоло корро сар накардаам...

– Барои мо фарқ надорад, ки дорӣ ё не, – сухани муаллимро бурида, остини палтояшро боло кардан гирифт Илёс, ки то ин дам гургона ба ҳамроҳонаш менигарист. – Агар хоҳӣ, ки қабурғаҳоятро якта-якта нашиканем, зуд пул барор!

– Майлаш, медиҳам, лекин аз куҷо ёбам?– бо ҷаҳл даст бардошт муаллим.

– Гуфтам-ку, барои мо фарқ надорад. Аз куҷое ки

бошад, ёфта медиҳӣ – як. Дуввум, магар ягон кас туро даъват кард, ки ба ватани мо омада, фақат кисаҳои худатро варам куниву ғами дигаронро нахӯрӣ? – бо зарда пӯписа кард Илёс.

– Хайр, ҳозир барои чӣ пул диҳам? – китф кашид муаллим.

– Шумо, сиёҳҳо, барои аз ҳавои мо озодона нафас гирифтан пул медиҳед, фаҳмо? Барои дар ин сарзамин нотарсона қадам задан пул медиҳед, барои бебокона ба занҳои мо гап паррондан пул медиҳед, фаҳмо? – ғазаболуд даст ба гиребони муаллим бурд Илёс. – Саволи дигар дорӣ? Агар як саволи дигар диҳӣ, як миллиёнат мефармоям ва аз таги замин бошад ҳам, мурда-мурда пайдо карда медиҳӣ, – дасташро аз гиребони муаллим гирифт Илёс.

– Мо дар сарзамини шумо ҳуқуқи озодона гаштан ва кор карданро кайҳо сазовор гаштаем, – фаҳмонданӣ шуд муаллим. – Магар солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро фаромӯш кардед? Беш аз яксаду навад ҳазор бобоёни мо барои озодии ин Ватан қурбон шудаанд. Магар имрӯз наберагони онҳо ҳуқуқи буду боши озодро надоранд?..

– Ҳой, набераи кадом як қаҳрамони пӯсида! Даматро бигир, вагарна туро ҳам мисли бобоят ба ҷаҳаннам мефиристем, – боз мушташро ба даҳони муаллим рост кард Илёс.

Муаллим дигар гапро ҳайф донист.

Дар кӯча сояи касе наменамуд: ба кӣ дод мегӯед, то куҷо мегурезед? Раҳи фирор ку? Боз дар ин ҳавои лағжону барфрез... Танҳо муштзанӣ ва ғолиб омадан метавонист ӯро аз чанголи ин дарандаҳо бираҳонад. Аммо оқибати корро андеша бояд кард. «Ҳоло фурсат ҳаст», – аз дил гузаронд муаллим ва худро ором нигоҳ дошт.

Женя болои қоғазак чизе навишта тамом кард. Мазмун, ҳамин ки рэкэт коғазакашро ба дастат на-

вишта дод, ғуломи ҳалқа бар гӯши ӯ мешавед ва то рӯзи дар ин шаҳр будан барои вай кор хоҳед кард. Ҳар фурсате хоҳад, меояду чӣ қадар пуле даркор бошад, гирифта мебарад. Метавонед, ки ғинг гӯед? Э-ҳа, ҳоло лагади мурдаговро нахӯрдаед!..

Аҳмади Ҳабиб аз хусуси гурӯҳи Илёс овозаҳо шунида буд. Медонист, ки агар дар чанголи Илёс занед, гаҳвораат аз осмон афтода бошад ҳам, дигар аз онҳо халосӣ надоред. Башараи хунуку duздонаи онҳоро аз дур дида, дар вуҷуди бачаҳои бозор раъша медавид. Ба қавле, алови чашми мусофирони савдогарро гирифта буданд онҳо...

Аҳмади Ҳабиб дигар чорае надошт ва оҳиста миён хам карда, аз даруни ҷӯроби пои чапаш пул баровард. Ин пулро барои гардиши кори бозор бо худ гирифта буд ӯ. Бо дили абгору чеҳраи нофор онҳоро ҷониби Илёс дароз карда, дар дил «Заҳри танаатон шавад» – гуфт. Илёс чанг зада пулҳои дарозшударо гирифт ва зери барф шумурданашонро ҷоиз надида, ба ҷайби кастумаш хасту рӯ ба Женя овард:

– Коғазакро ба дасташ те!.. Мо худамон минбаъд туро кофта меёбем. Лекин онро гум накун, ки боз ба дасти дигарон афтӣ, шираи баданатро ҷабида мегиранд...

Онҳо қиву-чувкунон ба наклиёташон савор шуданд. Чарххои мошин рӯйи барф лағжиданд ва сипас он коҳилона ба ҳаракат даромад. Муаллим лаҳзае карахт монд. Либосҳояш дар зери барф тар ва сафед шуда буданд. Ӯ ба коғазаки дасташ нигаристу баланд-баланд сатрҳои морпечи Женяро ба хондан даромад: «Шумораи 10. Бародарон, ба ин кас кордор нашавед! Ӯ бо мо кор мекунад ва ҳар моҳ ҳаққи узвият месупорад. Илёс, Женя ва Хохол».

Муаллим писханд заду зери лаб ғурунгид:

– Ҳм, гурба ҳам дар хоби хеш дунба дидааст! Гӯри падаратон бисӯзад, рекэтҳо-е! Шумо аз куҷо донед,

ки мо дар чӣ аҳволем? Савора чӣ дорад парвои пиёда? Агар шароити зиндагиамон дуруст мебуд, магар бо пойи худамон ба дами табари қассоб меомадем? Аз заминат ҳам безору аз ҳавоят ҳам! Лекин чӣ гӯям, ки худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ! – гуфту бо овози баланд байтеро замзама кард:

*Ин дуди сияҳфом, ки аз боми Ватан хост,*
*Аз мост, ки бар мост!*
*В-ин шуълаи сӯзон, ки баромад зи чапу рост,*
*Аз мост, ки бар мост!*

Ӯ ба раҳи калон баромад. Барфи зери по ғарч-ғарч садо медод. Боди сард рӯйро лесида, зери гӯш оҳанги якнавохт мезад. Гӯё ин дам ғижжаки амаки Коля маҳзунона садо медод. Табъи ноҷӯр, дили ғамӣ ва ҳавои сард ба муаллим имкони дуруст андешиданро намедод, балки алъон хуши фикр кардан ҳам надошт. Вай ҳатто маҳзун, шикаста ва озурда ба хонаи Илмира расидану ворид шуданашро ҳис накард...

Машғалаи Илмира ҳамроҳи кӯдаконаш сабзаи гӯшро хушк мекард. Дарди занак маълум: пуле надорад, ки нон бихарад. Арбадааш барои ҳамин, дарди дигаре надорад ӯ. Агар нӯшида бошад, лайло шуда мегардад ва умуман фикри зиндагӣ майнаи сарашро суҳон намезанад. Вале маст, ки набошад, бо сояи худаш моҷаро карда мегардад.

Аҳмади Ҳабиб бо табъи ноҷӯр, ба машғалаи Илмира пушти нохун аҳамият надода, вориди ҳуҷраи худ гардиду дарзамон либос иваз кард. Нахустин чизе ки ба сараш омад, шомона омода кардан буд. Болои миз нигарист. Нони дирӯз харидааш ба чашм наменамуд. Болои ғазабаш ғазаб уфтод, аммо санги вазнин шуд. «Ҳич гап не, мағоза мераваму зуд нон меорам», – аз дил гузаронд ӯ. Ва ба айвон гузашт. Хост, ки то мағоза рафтанаш, ду-се дона картошкаву пиёз

тоза кунад. Аммо дар қуттӣ гард буду аз картошкаву пиёзи овардааш нишон не. «Ҳа, гурусна монда, ҳама чизро топ-тоза рӯфтаанд», – нидо карда, овоз баланд намуд:

– Илмира, ку ин ҷо биё!

Илмира кур-кур хандида, башараи хунукашро намоён кард. «Оҳ, ин хандаҳои сохтаи ӯ чӣ қадар ғаши маро меоранд!..» Илмираи кулчарӯю тангчашм бо хавоси парешон мунтазири чӣ гуфтану нагуфтани муаллим, чашмакони тангашро милт-милт давр мезанонд.

– Гӯш кун, маслиҳати мо ин тур набуд-ку! – рост ба чашмони Илмира нигарист Аҳмади Ҳабиб.

– Чӣ хел? ..хи... хи – ноз фурӯхт Илмира.

– Охир... нон нест, як. Картошка нест, пиёз нест-ду. Ҳарки хоҳад, худаш шоҳу табъаш вазир, ба ҳуҷра медарояд, – муште болои миз фуровард Аҳмади Ҳабиб, дигар худро идора карда натавонист.

– Ба ту чӣ шуд, Аҳмад? Ин хислатҳо дар ту набуданд-ку? Наход барои ду картошка ҳам... – ваҷоҳати Илмира дигар шуд.

– Порина дигар буд! – сухани Илмираро бурид Аҳмад. – Пул доштам порина. Ҳоло нест. Мефаҳмӣ, нест! Ҷебакҳо холӣ, ана! – кисаҳояшро пуштурӯ кард Аҳмад.

– Ту девона шудаӣ, Аҳмад, девона! – тамасхӯр зад Илмира. – Барои ҳамин Маргарита туро дигар писанд накард. Охир, бо ин ҷинӣ чӣ хел кор мекунӣ?!..

– Ҳо, порина Маргаритаат маро хӯронду пӯшонд, вагарна дар кӯча мемондам! – киноя зад Аҳмад ва таҳдид кард: – Як бори дигар касе ба ин хона бе пурсиш дарояд, ҷавобашро ту медиҳӣ!

– Оҳиста,оҳиста!.. Маро аз таҳдидат натарсон, – худро боҷасорат нишон дод Илмира ва рафтагор шуда гуфт: – Ҳине соҳиби хона ва ин Ватан бишавӣ, баъд амр медиҳӣ. Ҳоло барвақт, нафорад – баромада

рав, хонаи дигар ёб!..

Ана, ин сухан ба дили Аҳмади Ҳабиб мисли корд халид. Подоши ҳама некӣ – туф. «Аз ин мардум хубӣ намебарояд. Сад бор некӣ куну як бор бадӣ, тамом, ҳама некиҳоят ба боди фано меравад», – аз дил гузаронд ӯ ва қатъӣ гуфт:

– Пули пешакӣ додагиамро гардонда те, худи ҳозир баромада меравам!

– Пул нест, ҳамаашро, – бо даст ишора кард Илмира, – фурт хӯрдем!

– Набошад, даматро бигиру дигар ба ин хона надаро!

– Девона шудаӣ, Аҳмад. Ҳа, девона! – бо ҳавои бинӣ ғурунгид Илмира ва дарро маҳкам пӯшид.

Ба рӯғани доғ гӯё об рехт Илмира ва ғазаби Аҳмади Ҳабиб ҷӯшид. Як ҳақорати дастабиринҷӣ дунболаи занак роҳӣ карду Оксанаю Роксанаро ба хотир оварда, хомӯш гардид муаллим ва боз аз дил гузаронд: «Бечораҳо, рӯзи дароз чизе ба даҳон набурдаанд... Чунон ҳарисона ба нон часпидаанд, ки гӯё оруҳо асал ёфта бошанд. Садқаи гул барин дугоникҳо шавӣ-е! Як хелҳо ба нохуни фарзанд зору... Дунёрро бинед-а!.. Ин карат корам барор гирад, аввал кӯдакони ҳамин занакро ба ягон мактаб мемонам. Бо ин бадмасти гузаро хор мешаванд, уволакҳо...»

Чароғро хомӯш кард муаллим. Аз пушти тиреза ҳанӯз ҳам барф рехта, шамол гургона уллос мекашид. Берун меҳолуд буду хона торикистон.

Ҳарчанд, ки муаллим ба рӯйи кат дароз кашида, чашмонашро пӯшида буд, вале сад андешаю тахмин дари дилашро мушт мекӯфт. Аз паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мегашт ва ғиҷир-ғиҷири кат хобашро бедор мекард, дар худ морсон мепечид. Охир, чаро морсон напечад, ноомадӣ аз ин ҳам бештар мешавад? – Саг воре битозӣ, бо хуни ҷигар, балки бо нӯги сӯзан чор танга ғун оварию ду лаъин пулҳоятро зада бигиранд,

аламат намекунад? Ин рэкэтҳояш дарди бахайр, ҳамагӣ бо чанд сӯм ҷонашро халос кард, лекин худиҳо ӯро ҳалол ғорат карданд, чунон ғорат карданд, ки то ҳол ба худ наомадааст муаллим, буду шудашро рӯфта бурданд.

Ҳо, файзу барор овард Маргарита ба савдои Аҳмади Ҳабиб. Зани бахосияту бобаракат будааст. Муаллим соҳиби пул шуд ва якбора қарор кард: «Акнун Ватан рафта, барои кӯдаконам хона мехарам. Метарсам, ки дар ин мулки мусофирӣ тақдири Муроди раҳматӣ домангирам нашавад. Ҳар қадар зудтар биравам, ҳамон қадар беҳтар аст». Маргарита розӣ набуд аз рафтанаш. Бо вуҷуд барои гусел ба фурудгоҳи роҳи оҳан баромад ӯ. Ва бо ашки бари рухсор мабдаи дилашро кафонд: «Аҳмад, маро партофта нарав, ки дигар намеёбӣ. Агар дар ин ҷо мемондӣ, туро шавҳар карда, як умр болои сар гирифта мегаштам. Ҳоло ҳам дер нашудааст... Лекин баъди рафтан, мабодо гашта биёӣ, аз ман дигар умед накун. Харидорони зани бозорӣ кам нестанд ва оқибат ба чанги ягон «моҳигир» мисли моҳичаи бегуноҳ афтида мемонаму дигар аз тӯраш раҳида наметавонам... Барои одамгарӣ ва аз вартаи ҳалокат раҳондан аз таги дил миннатдорам ва ин некиатро як умр фаромӯш намекунам»...

Муаллим дар ин ҷо буда наметавонист. Ӯро ҳамсари меҳрубонаш Гулноз ва фарзандаконаш бесаброна интизор буданд... Бо орзую ҳавасҳои зиёд ба қатора савор шуд. Дилаш дар қафаси сина бол мекушод. Бовараш намеомад, ки ба сӯйи ватан раҳ гирифта, ҳамагӣ баъди чанд шабонарӯз ба хоки азизаш мисли дигарон қадам мегузорад, аз атрофу акноф забони форами модарӣ нарм ба гӯшаш мерасад, чеҳраҳои ошнову гармро мебинад. «Оҳ, Ватан ин қадар азиз будааст!» – нидо карду ба хотир овард, ки

мардуми огоҳ дар ин бора беҳуда рубоӣ нагуфтааст:

*Сарчашмаи боғи булбулонай ватанум,*
*Хушбоду ҳавову бӯстонай ватанум.*
*Як бори дигар бод барад бар ватанум,*
*Дил пора кунум, ёди ғарибӣ накунум.*

Ҳо, ҳамун гап дуруст будааст, «То дил накунад дард, надонӣ, ки дилат ҳаст!..»

Вале... Аҳмади Ҳабибро дар раҳ чизи дигар интизор буд. Дар гузаргоҳи ду қатора ҳамун чеҳраҳои гарму ошно ба гулӯяш корд монданд. Ҳо, бегонаҳо не, худиҳо. Ва дигар илоҷ надошт вай... Ду нафар дастонашро паси пушт тофта, дигар сар надоданд. Нафари саввум, ки дар даст корди тез дошт, кисаҳояшро чаппу рӯ карда, дороиашро берун оварду ба киса зад. Аввал муқобилият карда натавонист. Ҳамин, ки онҳо пулро гирифта, каме беташвиш гаштанд, дар ҳамин ҳолат муаллим бо пой зарбаи сахте ба шиками корддор фуровард, ки ӯ ба тахтаи пушт рафта афтод. Сипас, бо як ҳаллос аз дасти ду нафари дигар раҳида, ҳардуро – якеро бо зарбаи пой ва дигареро бо ҳаракати даст, моҳирона бо тахтаи пушт хобонд. Дар ин ҳангом кордӣ бо чолокӣ аз ҷой хесту бо як зарбаи номардона онро ба шиками муаллим халонд ва бозпас кашида, боз ба буни гарданаш зер кард. Муаллим гарданашро бо дасти рост дошта, бо дасти чап зарбаи дигари обдоре ба корддор фуровард, ки ӯ ба ҷойи аввалааш рафта насб гардид. Дигар чашмони муаллим сиёҳӣ заданд. Ӯ мадор надошт. Ғоратгарон гурехтанд...

Дигарашро ёд надорад муаллим. Замоне чашм кушод, ки худро дар беморхонае бидид. Аз хоҳари шафқат кадом табобатхона буданашро пурсид. Маълум гашт, ки аз ҳудуди шаҳри ошно ҳамагӣ чанд километр дуртар будаасту халос. «Дур намераванд ун

сагҳо, оқибат ба дастам меафтанд. Истгоҳашон маълум аст – «Светофор»... Се моҳи дароз ҷароҳаташро табобат карду баъди шифо ёфтан боз ба шаҳр баргашт. Дидори зану фарзанд ва волидайн насиб набудааст. Метавонист, ки бо ду дасти холӣ «ассалому алайк, ана ман!» – гӯён ба хона дарояд. Вале мисли Муроди раҳматӣ савганд ёд карда буд: «То пули хонаро кор накунам, ба Ватан барнамегардам!». Момаи Ҳамида ҳам ҳамун вақти тангдастӣ мазмунан гуфта буд: «Писарам, аз бозор ҳич гоҳ бо дастони холӣ ба хона нарав!» Ва акнун гарданаш ёро намедод, ки бо ҷайби холӣ озими Ватан бишавад. Ва ин карат қавл кард, ки агар пайсае ёбад, бикушандаш ҳам, ба касе тинашро нишон намедиҳад. Ҳа, бигузор кушанд вайро, бигузор дар дунё овоза шавад, ки фалон муаллимро барои пул буз кашиданду аз пояш овехтанд, вале дар ин ғурбат дигар ба ягон кас гарди пулро намебахшад. Азоби пулёбиро ӯ медонаду Худо, балки нахуст Худо медонаду баъд ӯ. Агар ин карат худованд пулро насибаш гардонад, чи карданашро хуб медонад вай. Ҳо, барои пулдор миллион сӯм чени як сӯм арзиш надорад, аммо барои бепул як сӯм чени миллион сӯм арзиш дорад!..

Кати оҳанин ғарч-ғурч садо дода, ба якборагӣ хобро аз чашмони муаллим мегурезонд. Ва алами ӯро боз аз ҳама бештар муносибати сарди Маргарита аламноктар карда, гӯё ба ҷароҳаташ намак мепошид. Уллоси шамол ин дардро ҳамроҳӣ мекард...

Ҳине Аҳмади Ҳабиб аз нимароҳ пас гашт, бо умед дари хонаи Маргаритаро мушт кӯфт. Аз нигоҳи нахуст, аз суоли ноҷои нахуст Аҳмади Ҳабиб дарк кард, ки акнун Маргарита ун Маргаритаи соддаю дилсоф ва беғурур нест. Ҳо, акнун дар рӯ ба рӯяш ун Маргаритае қарор надошт, ки барои дарёфти як пора нон гарданаш каҷ бошад. Дар ин се моҳи ҷудоӣ битамом дигар шуда буд вай. Ҳанӯз вақти гусели муаллим ди-

ли Маргарита инро пайхас карда буд: «Аҳмад, маро партофта нарав, ки дигар намеёбӣ. Агар дар ин ҷо мемондӣ, туро шавҳар карда, як умр болои сар гирифта мегаштам. Ҳоло ҳам дер нашудааст... Лекин баъди рафтан, мабодо гашта биёӣ, аз ман дигар умед накун. Харидорони зани бозорӣ кам нестанд ва оқибат ман ҳам ба чанги ягон «моҳигир» мисли моҳичаи бегуноҳ афтида мемонаму дигар аз тӯраш раҳида наметавонам...»

– Акнун дигар ҳамроҳат кор карда наметавонам! – риштаи хаёлоти муаллимро барканд Маргарита. – Шумо омӯхтаам кардед, обу нону донам додед, вале акнун аз дигарон шудам. Мурғи ромкардаатонро аз кафи дасти худ осонакак раҳо кардед. Шумо тӯтиро аз қафас сар додеду дарро ба рӯяш пӯшидед. Вай дигар гашта намеояд.

– Чаро?

– Охир, ман мисли гӯсфанд дар чанголи гургон афтидам. Оқибаташро эҳсос карда будам...

– Магар аз гургон даст кашидан мумкин нест?

– Даст кашидан мумкин, вале... илоҷ надорам. Онҳо рэкэтёрони таҳҷоӣ ҳастанд. Гурӯҳи Илёсро шунидаед? Э-ҳа, зинда-зинда одамро пӯст мекананд! Онҳо ба ҳич кас итоат намекунанд, худашон шоҳу табъашон вазир аст дар ин шаҳр. Ҳама хизматгорашон ва ҳамаро харида гирифтаанд. Ва ба ту ҳам маслиҳат медиҳам: дигар наздам набиё, ки онҳо аз дарранда ҳам ваҳшитаранд. Магар бо ҳамаашон тани танҳо мубориза бурдан мумкин аст? Не, одамро мешикананд, хунхӯрҳо! Илтимос мекунам, Шумо аз олами дигар ҳастед, Аҳмад ва эҳтиёт кунед, ки ҳич вақт ба онҳо сар ба сар назанед, – Маргарита дарро пӯшид ва пушти дар дили доғу лабрези ҳавасҳоро битамом бишикаст.

На, нахуст бовари Аҳмади Ҳабиб наомад, ақлаш нагирифт, як хоби рӯъёӣ пиндошт инро... Вале худро

пушти дар дид бо дили реза-реза. «Оҳ, ӯ чӣ қадар маро дӯст медошт?! Чӣ қадар маро мехост? Ё ҳамааш пиндор буду ба ин васила умед дошт, ки рӯзашро бибарад? Охир, савганд хӯрда буд ӯ! Наход савгандашро ҳам фаромӯш карда бошад? На, чунин зан набуд Маргарита!.. Аз афташ, ӯро сахт тарсондаанд. Ҳо, сахт тарсондаанд...»

Он рӯз Аҳмаду Маргарита, баъди савдои картошка хастаю лакот ва сару рӯй пур аз чангу хок вориди хонаи Илмира шуданд. Касе наменамуд дар хона. Аҳмади Ҳабиб обро ширгарм карда, аз Маргарита даъват овард, ки нахуст ӯ шустушӯй бикунад...

Маргарита либос кашид. Ба бадани барф воре сафед, вале араќу шӯрбастаи худ об рехт. Лаҳзае пас Аҳмади Ҳабибро садо зад:

– Аҳмад, биё пуштамро кафмол бикун! Илтимос...

Саргарми андеша чи тур назди Маргарита ворид шуданашро нафаҳмид Аҳмади Ҳабиб ва чашмаш бехост ба пайкари барфини ӯ афтоду хаёле карахт шуд. Акнун ҳушаш ба сар зад: пас гардад ё бимонад? Вале ёрои пас гаштан надошт ӯ, мисли ҷавоне ки бори аввал духтари урёнеро зери шаршара мебинад, дастпоча шуд. Маргарита обро бо каф ба рӯй ва бару дӯш мезад. Гесувони парешон синаҳои симинашро пӯшида буд. Бо ҳаракати дастҳояш ба гирди ронҳои сафедаш об мавҷ мезад. Ӯ ду пистонашро бо даст фишурд ва сар поин карда, аз байни гесувон ҷониби Аҳмад нигаристу овоз дод:

– Чӣ, магар одами зиндаро фаромӯш кардаед, Аҳмад?! – овозаш бо садои об омехт.

Аҳмади Ҳабиб якбора пакар шуд. Шайтон ба гарданаш савор васвос мехонд, ки либос бикашу ҳамроҳи ин зани урён нағма бипардоз. Вале... Гулноз пеши назараш ба ҷилва омад. Пеши назар омад, ки бо чашмони ҳайрон-ҳайрон ба ӯ нигариста, мушаввашхотир мегӯяд: «Мастӣ куну пастӣ не, шери хона. Ва

дар ғарибӣ ҳаромӣ накун, ба сарамон касофат наор. Ҳамин қадар ҷабру ҷафои чархи гардун басанда нест, ки боз ту дар ғайбамон хиёнат мекунӣ? Бо ин раҳ нарав, ки баракат аз хонадонамон мепарад!..»

– Не, мумкин нест! Охир, қасам хӯрдаам, ки ҳатто ба моҳ наменигарам. Сониян, бузургворе фармудааст, ки миллати ишқ аз ҳама динҳо ҷудост, ошиқонро миллату мазҳаб Худост. Ман ба фармудаи ун бузургвор пайравӣ мекунам, – гуфт муаллим ва осема берун баромад.

Лаҳзае пас Маргарита чеҳраи тару тозаи худро намоён кард, мисле ки гӯё маҳтоби шаби чордаҳ аз паси абрҳо берун омадааст. Ва ин маҳтоби бедоғ хиҷолатманд узр овард:

– Бубахшед, муаллим... – рухсори занак лоларо шарм медод, вале ӯро зеботар мегардонд. – Бо Шумо фахр мекунам ва рашк ҳам мебарам, ки ризқи ҳамсаратонро ба домани зани бегона беҳуда намерезонед... Танҳо шуморо дидан мехостам, шуморо шунидан мехостам. Охир, ман ҳам занам, Аҳмад... хеле боз мардро надидаам... – ӯ лаҳзае истод кард ва сипас идома дод: – Ҳа, Шумо ҷавон нестед, ки фиребатон диҳам ё ба бӯи хона доштан ба доматон афканам, мисле ки дигарон мекунанд. Не, ман инро намехоҳам... Хонаи Шумо он ҷост, – бо ангушт ба боло ишора кард Маргарита. – Шумо барин муаллимон, ки сутуни тарбияву ахлоқанд, бояд назди ҳамсару фарзандони худ бираванд ва аз пайи ободиву бақои миллат бишаванд. Умратонро дар ин ҷо беҳуда нагузаронед ва пеши ҳар номард сар хам накунед...

Дили муаллим алам кашид ва дар чашмонаш нам пайдо шуд. Охир, сахт ёд карда буд ҷигарбандонашро ӯ. «Ҳо, азизонам, мехоҳам ба сӯятон парвоз кунам, парвоз!» – нидо дардод дилаш, аммо ба чеҳраи зебои Маргарита нигаристу хиҷолат кашид, ки фарёд занад.

Яқин, агар ҳоло ин зани бофаросати бегона дар ҳузураш намебуд, бо қади овоз фарёд баланд мекард.

– Ман... бубахш... наметавонам, – забони муаллим гирифт ва хаёле пас бачуръаттар фаҳмонд: – Дурӯғ гуфта наметавонам. «Агар аз рост гуфтан, эй забон, хомӯш биншинӣ, ба ҷои дӯстон душман ҳисобат мекунам охир», – гуфтааст Лоҳутии зиндаёд, ки ӯ низ мисли мо заҳри ғарибиро чашида буд... Ҳо, намехоҳам, ки ба қавлам хиёнат кунам! Агар хиёнат кунам, виҷдон ва забонам месӯзад. Ҳо, агар хиёнат кунам, магар гуноҳам ба сари фарзандон, ҳамсар ва хешу таборам намезанад?.. Не, ин корро карда наметавонам, барои ин нопокӣ ба мулки ғарибӣ наомадаам! Ман барои онҳо, барои ун ворисони покам бояд худро эҳтиёт кунам... – муаллим амиқтар ва ғолибона ба чеҳраи Маргарита нигарист.

– Ҳа-а... Сахт дӯстат доштам ва хостам, ки худамро бубахшам, – гуфт Маргарита ва мӯйҳои тарашро шона зада, ба ифоқа оварду дигар бе ҳарфу садо аз хона шитобон баромад. Дар хонаи дили зан хаёле ҳамон андоза муҳаббате, ки ба Аҳмади Ҳабиб дошт, ҳамон андоза нафрат бедор шуда буд. Аммо ин нафрати муҳаббатомез мисли шамолаки қади кӯча ва абри баҳорӣ даргузар буд...

Муаллим пушти тиреза омада, думболи вай нигоҳ хобонд.

Шохаҳо ва шукуфаҳои дарахтон атрогин буданд ун лаҳза. Аз нури хуршеди дами бегоҳ пӯсти латифи дарахтон медурахшид. Қисме аз гулҳои дарахтон рӯйи замин рехта, бӯса ба гулдобҳои пуроб медоданд. Замбурони асал виз-визкунон бӯсаи аввалину ширинро аз ин гулҳои тар ситонда, маст мегаштанд.

Маргарита дур рафта буд...

Ва ҳоло ҳозир Аҳмади Ҳабиб, ҳине рӯ ба боло дар ин торикистони даҳшатзо чашм бар сақф дӯхта, нуқтаи кӯргиреҳеро нишон гирифта буд, боз паҳлӯ

гашту бистари нармро ба оғӯш кашид, гӯё гуна ба гунаҳои нарму зебои Гулнозаш мемолид. Андар хаёлаш ӯ гове буд, хӯсагӯсолаеро мелесид, ки андарунаш коҳ хаста. Ҳо, муаллим чанголу дандони чархи мардумхорро натавонист бишканад, вале омода буд, ки аҳду паймонашро бо Гулноз як умр нашиканад. Ва Аҳмади Ҳабиб, ин лаҳзаҳо, ба тамоми зарру зевари дунё як тори мӯйи ҳамсарашро иваз намекард. «Меарзад, ба дӯстдорию вафодорӣ меарзад, Гулнозбонуи ман!», – овозаш бехост торикистонро дарид. Ва зери лаб боз такрор кард:

«Парвардигоро, бандаи туам ва дар қатори дигарон ман ҳам ҳастам, охир!»...

Ва ба ёди ҳамсар домани шеъре ба дасташ уфтод:

*Рост гуфтӣ, ишқи хубон оташ аст,*
*Сахт месӯзонад, аммо дилкаш аст.*
*Аз худо хоҳам, ки афзунаш кунад,*
*Дил агар дам зад, пур аз хунаш кунад.*

... Аз берун дигар уллоси шамоли барфолуд ба гӯш намерасид. Хоб аз зарби андешаҳои мубҳаму печида лакоту абгор шуда буд барои ӯ...

**6**

Офтоб монандаи сағераи сури паси шиғ хирагӣ мекард: гоҳ калла мекашид, гоҳи дигар паси абрҳои сиёҳу ғафс пинҳон гашта, табъи дил рухсорашро намоён намекард. Ҳаво мисли занаки шаттоҳи дарундор дам оварда, мегуфтӣ инак-инак қаҳру ғазабашро ба рӯи мардум силӣ мезанад. Вале алъон осмон буғсу кинаро фурӯ бурда, мисли зани ҳомила шикамашро дамонда буду бас. Меваи сабр бар каф дошт соҳиби замину замон ё андешаи дигаре, ки танҳо ба пош додани сардбод қаноат мекард ва гӯё суханаш дар нӯги

забон буд: «Бихоҳам боронро дар як зум чунон шиппа кунам, ки дар гармоба ин тур оббозӣ карда натавонӣ ва нахоҳам – қошу қавоқ биовезам, то ту низ ноҷӯру ҳаросону нохуш бигардӣ».

Амаки Коля ҳам ин пагоҳӣ табъи дил «консерт» надод. Ҳамагӣ ду-се оҳанги маҳзун навохту ҷилди ғижжакашро бардошта рафт.

Чеҳраи Аҳмади Ҳабиб низ мисли ҳаво гирифта ва пеши чашмонаш халта зада, заҳиру пиру турш менамуд. Шона мӯйи сарашро «бӯса» назада ва ин сабоҳ назди ойна рост нашуда буд ӯ. Эҳа, ун қадар озоду поку тоза мегашт, ки шогирдон ҳавас мебурданд!.. Ва ҳоло чӣ? Риш хави каҳ, шиму кастумаш доғ-доғ, сӯхтаву офтобзада, мегуфтӣ ронандаест, ки баъди таъмири тӯлонӣ акнун аз зери трактор берун омадаast.

Сари по нишаста буд Аҳмади Ҳабиб ва пешаш чанд сатили пур аз картошка ҳайрон-ҳайрон осмони гирифтаро сӯз медоданд. Ӯ гоҳ-гоҳ риши расидаи хешро кафмол карда, нигоҳи шикориашро ба раҳ хобонда буд, то харидори муносибе ба чангол оварад. Каме онсӯтар ду линга картошкаи вай такя ба якдигар доштанд, монандаи мӯйсафедоне, ки бо илоҷе кӯтал баромада, акнун пушт ба пушти ҳам зада, гӯё дам ҳот мекарда бошанд. Косаи ғаму ғӯссаи савдои суст ҷуръа – ҷуръа ба дили Аҳмади Ҳабиб заҳр мечаконд. Ин дам на ҳазле ба дилаш менишаст, на сухани шакарине комашро ширин мекард, на қувваи тавоное нирӯю мадораш медод ва на ину на он. Ҳарчанд, ки наздиктар ҷавонони ҳамдиёр байни худ сӯҳбате ороста буданд дилкашу боб, вале алови он дили Аҳмади Ҳабибро гарм намекард. Ҳатто ҳоло чокаквор: «Подходи народ на мой огород, половина сахр, половина мед!» – чокидани Зайниддини ҳамшафат низ дили ӯро мехарошид, гӯё рости гӯшаш пашшае дар монда, пайваста виз-виз дораду торҳои асабашро як-як меканад.

– Ҳа, муаллим, лабу лунҷатонро чунон овезон кардаед, ки гӯё аз пешонии Шумо барфи лак-лакӣ мебо-рад! Охир, кушо лабатро, ки «лаби бегуфтугӯ лаб нест, гӯш аст» ва бардор саратро, ки харидор ҳам бинад, аз Шумо нагурезад... Ин хел ҷиготӣ набудед-ку, муаллим?! Дилу ҷигари бе ин ҳам зардовмона хунчакон накунед, ҷаноби муаллим! – бо гардан каҷ даҳони калонашро то нормаки гӯш тит кард Зайниддин.

Танҳо нигоҳе афканд Аҳмади Ҳабиб ва муғамбирона «ҳум-м» гуфту зери манаҳашро хорида, дигар ҳарфе ба забон наовард.

– Ҳо, ҷаноби бозор! – баландтар овоз дардод Зайниддин. – Танҳо Шумо не, ман ҳам панҷ сол мешавад, ки хоки ватанро набӯсидаам, оби зулоли чашмаҳояшро начашидаам, дидори азизонамро надидаам... Лекин чӣ илоҷ? Замин мисли авбоши сангдил сахту осмон ранги ҳамсаронамон – дур, магар бо гиря муроди дил ҳосил мешавад? – Не! Ҳо, зиндагӣ кӯҳи ғам аст, барои ману ту мисли роҳзани навмедшуда ба хоби сахт рафтааст, бедор шуданашро Худо медонад. Ба рағами зиндагии раҳзан об аз дида марезон, балки баланд биханд, овоз бидеҳ, афтодӣ– бихез, бупар, ҳо, мисли кабӯтар ба осмон бупар, бол бикушою дар вусъати само ҳаво бихӯр, аз баландӣ ба поин нигар, бидаву бидав... Лекин бой нате, муалллим. Бой нате, ки дар ин ғурбатсаро бачаи очаат ба имдод намерасад. Шумо худатон ҳаминро мегуфтед-ку, муаллим?..

Ҳай бо ҳарорат сухан мегуфт Зайниддин! Мехост бигӯяду бигӯяд, мисли масту нимҳушёре. Ёди ёру диёр, гулу хор, пуштаву ҳамвор, сангу чашмасор, шаҳру бозор... бар сар дошт ӯ ва ғамгинии муаллимро баҳона оварда, дилашро холӣ мекард. Аҳмади Ҳабиб хуб медонист инро... Ҳине Зайниддин аз чашми дигарон пинҳон, ба қавле, барои ором кардани асаб, чанд стакан арақро ба зери бинӣ меғуронд, сипас сархуш меомад назди муаллим ва аз алам заҳри дилашро ме-

кафонд, механдиду мегирист, оқибат даст афшонда, таъкид мекард:

– Ҳо, ҷаноби бозор, ба ту мегӯям, на ба каси дигар! Муаллимиатро фаромӯш бикун! Ин ҷо бозор аст, бозор, яъне дил озор, на синфхона! Агар ҳиллаю найранг, чоплусӣ накунед, шарикатро фиреб надиҳед, аз тарозу назанед... о чӣ хел муллоҷиринг меғундоред? – Сарангушташро месовид ӯ ва меафзуд: – Маро мебахшед, муалллим, Шумо муаллимиро фаромӯш кунед. Ба раҳи росту инсонӣ қадам ниҳодан – бас! Агар даҳ соли дигар бо ҳамин сустию фулустӣ ва одамгарӣ бозоршинӣ кунед ҳам, барои бозгашт роҳкиро намеёбед. Бозор тоб дорад, муаллим, тоб! Як вақт ҳамроҳи Маргарита тобашро ёфта будед-ку, ана ҳамон тавр боз тобашро ёбед. Шумо ҷавони зебо, акнун муштзани рақами як. Дигар зӯри ҳич кас ба Шумо намерасад. Боз чӣ мехоҳед?..

– Одамгарӣ чӣ мешавад, одамгарӣ? – мековонд ӯро Аҳмади Ҳабиб.

– Одамгарӣ?! – лабонашро бурма карда, заҳрханд мезад Зайниддин. – Магар ҳоло ҳам заррае одамгарӣ вуҷуд дорад? Имрӯз вақти одамгарӣ нест, вақти шайтонию фиребгарист! Агар рафиқатро бифиребӣ, ту дар бозор кор карда метавонӣ ва агар не, аробата ба ҷои дигар бикаш. Инро ман ба Шумо мегӯям, на ба каси дигар... Ҳо, болои алов деги сиёҳ аст, муаллим!..

Ва ӯ боз даст афшондаву дигар ба касе аҳамият надода, бо қадамҳои реза-реза оҳиста аз назар нопадид мегашт. Бо дигарон ҳайф медонист гапро вай. Дар ин лаҳзаҳои «озодӣ» дилаш танҳо бо муаллим об мехӯрд.

Ва боз Зайниддин ун гапҳои кӯҳнаро бод доду рафт. «Заҳри одамро одам мегирад». Ӯ рафту дили пурғуссаи Аҳмади Ҳабиб якбора гиреҳ зад. Вай ба кӣ гӯяд? Дилашро ба кӣ холӣ кунад? Ку, фарёдрасе, ку,

имдодгаре? Дар хунаш нест фиребгариву шайтонӣ, охир! Чӣ кунад, ки табиаташ ҳамин? Нофашро зан не, мард бурида, гиреҳ андохтааст. Ҳо, падараш нофи ӯро буридааст. Ин гап магар рост аст?..

Адолатро чордард гирифт. Ҳабиб ба сари деҳа – кулбаи кампири Ҳабиба чорпар шуд. Кампир рӯи бистар дароз кашида буд.

– Оча, ҳо-о, оча, рафтем!

– Куҷо, бачам?

– Келинатро дард ёр шудааст.

– Чашмаком кӯр шуданд, бачам. Дар пом чухт истода наметонум. Ягон кампири дигар бубар.

– Не, туро мебарам, оча! Дастат сабук аст, ҳамаро зоёндаӣ.

– Охи, аз дусти муни оҷизаю бемор чӣ меоя?

– Ту амр медиҳӣ, худам иҷро мекунам.

– Ба по гашта наметунам, охи!

– Рӯи даст мебарамат.

– Набоша, теғама бигӣ.

– Куҷост?

– Ҳу, дар ҳамун сандуқчаи лаби тоқ, – бо даст нишон дод кампир.

Ва Ҳабиб теғ гирифт, кампири Ҳабибаро рӯи даст бардошт, мисли дарзаи қаҳ. Ва боз чорпар давид сӯи хона. Ҳаш-ҳашкунон кампирро назди занаш гузошт.

Адолат аллакай зоида буд.

– Оби ширгарм бигӣ, теғ бурор ва нофи кӯдаката як ваҷабу чор лик чен куну бубур, – амр дод кампир.

Ҳабиб нофи кӯдакро бурид. Бе осемагӣ, на ларзидан даркиду на тарсидан. Садои гиряи кӯдак хонаро пур кард.

– Лучакро ба мун дароз куне, – гуфт кампир ва дастони ларзонашро баробар дароз кард. Кӯдакро рӯи дастони капир гузошт Ҳабиб.

Овози ширину маҳини кампир танин андохт,

мегуфтӣ пешомади кӯдакро аз рӯи китоби муқаддасе гӯшзад мекард:

– Ҳабиб, бачам, кӯдакат раҳи росту барор меёвад, кор меёвад, ёри вафодор меёвад, дастёр меёвад, хӯи нотакрор меёвад, ризқ аз бозор меёвад, файзи бисёр меёвад, ғамӣ мабош, ки озор меёвад, оқибат баҳор меёвад, асои дасту такягоҳат мешавад, бачамард. Як ҷавонмард шавад, ки ҳатто тухм дар сарангушташ чухт давр занад. Шод бош, Ҳабиб!..

Хокбод шуд кампири раҳматӣ, вале ҳамон рӯзгор ба дуояш фариштаҳои пок магар омин хонданд, ки пешомад заданаш дуруст баромад. Танҳо ёфтани баҳор ва тухм дар сарангушти Аҳмад чухт давр задан насиб нагашта буду бас. Дигар... ватанро бо худ, дар дили худ овард Аҳмади Ҳабиб ва ҳар гаҳ ки бозгашт кунад, боз бо худ гирифта мебарад ватанрову мегузорад дар ҷояш. Алъон Ватан дар дили ӯст... Яке вораҳид аз панҷаи хаёл Аҳмади Ҳабиб ва нигарист атрофу акнофашро. Аҷабо, мардум куҷост?! Савдогарон куҷо ғайб заданд?.. Дар растаи боло танҳо ду-се нафар одамони таҳҷо ба фурӯхтани майда-чӯйдаоҳан ва чизҳои дигар машғул буданд. Одатан, савдои картошкаву пиёз дар беруни бозор, қади кӯча сурат мегирифт ва назорати қатъии мансабдорон аз дохили он шурӯъ мегардид. Яъне, ҳар балое, ки мехест, аз дарун сар мезад. Дар ин фурсат берунбудаҳо огоҳӣ ёфта, дарзамон лингаҳои худро бардоштаву осема дохили анборхона, ки аз шаш-ҳафт ҳуҷраи хурд-хурди оҳанин иборат буд, бенизом ҳаво дода, харгурез мекарданд. Зеро, агар сиёҳсарони савдогар муфтакак ба чанголи «нозирон» биафтанд, шираи ҷонашонро фишурда-фишурда чунон мемаканд, ки дигар як ҳафтаи дароз ба худ омадану дар по рост истодан аз имкон берун буд. Мазмун, буду шуди савдогаронро рӯфта мебурданд ун ҷанобони соҳибмулк. Пас, «Касе нагурезад,

номард аст!» – гӯён аз бозор тарзе тохт меоварданд, ки агар саггургро думболаашон сар медодед, ба онҳо расида наметавонист. Ҳо, гӯё Азроил маҳз ба суроғи ҷонгирии онҳо омада буд.

Аҳмади Ҳабиб инро дарк кард, вале хуши рӯ ба гурез овардан надошт, балки ҷонаш ба лаб омада буд аз тохтан. «Ҳарчӣ бодо, бод!» – гуфту ҷойи нишасташро «сард» накард. «Аз инаш гурез, аз вайяш гурез... То кай заргӯшвор метарсию мегурезӣ, охир?!» – аз худ пурсид вай.

Ӯ ба фирор рӯ наовард, вале фурсате пас ангушти пушаймонӣ макид. Агар ӯ низ тахтаву тиракашро ғундошта мегурехт, шояд ба ин балои азим гирифтор намегашт.

Аҳмади Ҳабиб сар бардошту ин карат... Хохол, Илёс ва Женя бо башараи хунук ва чашмони варамида дар рӯ ба рӯяш қарор доштанд. Аз ду қадам раҳ бӯи шароби онҳо ба димоғ мезад. Хохоли зарду пакана, ки агар як лагадаш мефуровардед, мисли тӯп парида мерафт, ҳаросон ба ин тарафу он тараф нигариста, бо сар ишора кард:

– Рафтем!

– Куҷо? – китф дарҳам кашид муаллим.

– Мошинро дидӣ?– Ҳу, ана ун мошини сиёҳро! – нишон дод Хохол. – Бираву ноаён савор шав, ба пасу пешат нигоҳ накун, суоли беақлона нате, вагарна аҳволат вазнин мешаваду дигар худатро намешиносӣ...

Аҳмади Ҳабиб андешид, ки бораш чӣ мешавад, боз касе гирифта наравад? Ба ҳоли худ бимонаду биравад? Ё аввал даҳани лангаҳояшро баста, ҷойи чашмрас гузорад ва баъд...

– Мо бачаи очаат не, ки нигоҳ карда истем! Фурсат надорем, биҷунб! Ду дона картошкаи пӯсидаи туро кӣ мегирад?.. – пӯписа кард Хохол.

Аҳмади Ҳабиб вазнин-вазнин ба сӯи мошин раҳ

гирифт. Аллакай дилаш аз пешомади нохуш дарак медод. Ӯ метавонист, ки ҳарсеро дар як мижа ба замин парчин кунад, мисле ки ун се нафар худиро дар қатора абгору шудгор карда буд. Аммо дилаш кашмакаши бемаъниро намехост, сахт хаста ва карахт шуда буд ӯ. Худаш ҳаминро мехост, мехост, ки хунибиние пайдо шаваду ҷисми карахташро ба зери муштy лагади обдор гирад, шояд, ки аз ин ба баъд бофаросатона қадам монад, ақлаш комилтар ба кор дароянд. Аммо лагад хӯрданро аз ин дарандаҳои ғоратгар ба ҳич васила орзу накарда буд ӯ.

Ва ҳоло ранги Аҳмади Ҳабиб канда ва чашмони хастааш ба умед имдодгар меҷӯстанд, гӯё гӯсфанди раҳгумзада дар чанголи гургони гурусна уфтода бошад. Ва аниқаш ҳамин тавр буд ӯ: гӯсфанди раҳгумзадаи чанголи гургонро мемонд.

Муллим ба мошин нишаст. Аз ду паҳлӯяш Илёс ва Женя мисли «ҷонмуҳофизон» осема ба мошин савор шуданд. Хохол паси фармон гузашт ва ба лабаш сигарет часпонду бо оташзо дар дод. Дуди жарфе кашида, фағонаи онро дохили мошин сар дод ва якбора зери бинӣ амр кард:

– Аз ту-панҷсад ҳазор! Фақат якмоҳааш.

– Чӣ, хаёл кардӣ, мо туро фаромӯш мекунем? – Эҳа, акнун пӯстатро дар зовуди чарм ҳам мешиносем. Аз дасти мо халосӣ надорӣ, пула барор! – Женя мастона ба ҳуҷум гузашт.

– Бародарон, моро дуруст фаҳмед, – ба Хохол фаҳмонданӣ шуд Аҳмади Ҳабиб. – Ҳамроҳи шумо кор карданамро рад накардаам, ҳаққи худамро медиҳам. Лекин ҳозир... пул надорам.

– Худи ҳозир ба мо оҷилан пул даркор, зудтар барор! – дод зад Хохоли зард ва ба рӯяш хун давид. Ӯ бетоқатӣ дошт.

– Гуфтам-ку, дар ҷайбам пул надорам! Аз ягон кас

қарз гирифта, пагоҳ медиҳам, – боз фаҳмонд Аҳмади Ҳабиб.

– Лаънатӣ, бо мо шӯхӣ мекунӣ-а?! – овоз баланд кард Илёс. – Мо бародарат не!

Овози Аҳмади Ҳабиб дар гулӯ зиндон гашт.

– Ҳоло пул надорӣ? – сигаретаро ҳаво дод Хохол ва рӯяш тира гашту кач-кач нигарист.

– Агар медоштам, ҳисобӣ мекардам, – ба зӯр овоз баровард Аҳмади Ҳабиб.

Хохол мошинро нигоҳ дошта, аз паси фармон берун часту рӯ ба Илёс овард:

– Баред, адабашро диҳед, ки як умр фаромӯш накунад! – Ва худ калиди мошинро ба дасти Женя дода, осема аз пайи кораш бирафт.

– Ҳозир пулро додан мехостӣ-ку? Аз куҷо медиҳӣ? – тӯтивор пурсид Женя.

– Аз ягон кас қарз мегирам, – оромона посух дод муаллим.

– Женя, ҳамроҳаш бирав, панҷ дақиқа фурсат! Аз касе, ки пул мегирад, бигираду зуд ҳамроҳ гирифта биёраш. Нигоҳ кун, ки ягон номаъқулӣ накунад, – фаҳмонд Илёс Женяро...

Аҳмади Ҳабиб пеш-пеш ва Женя, калиди мошинро нӯги ангуштонаш тоб дода, гӯё бепарвоёна думболаи ӯ қадам мезад. Раҳорах муаллим аз Худованд илтиҷо мекард, ки чеҳраи ягон шиносро рӯ ба рӯяш орад, то аз ӯ қарз гирифта, аз дасти ин балоангезон ҳарчӣ зудтар ҷонашро бираҳонад. Ва бовар дошт, ки агар дар берун касеро пайдо накунад, дар дохили бозор ҳатман ягон ҳамдиёрашро дармеёбад. Вале алъон овозу имдоди ӯ ба гӯши фалак кора намекард, балки аз ин садоҳо то ҳадде сари гардун пур шуда буд, ки дигар ун суханшунав ҳам тоқати шунидани лобаву зораро надошт. «Не, касе наменамояд аз шиносҳо. Умедатро бикан, Аҳмади Ҳабиб ва ба қисмати шӯри

пешонӣ тан бидеҳ. Гарчанде мард нофатро буридаast, вале лойятро хом шӯридаанд», – аз дил гузаронд ӯ ва бо сари хам, мисли шохи шикаста, ноумед аз дохили бозор берун омад.

– Ҳич кас нест! – кӯтоҳ гуфт муаллим, ҷониби Женя нигариста.

– Кори ман чӣ? Панҷ дақиқа пурсидӣ, не нагуфтем. Акнун аз худат гила кун! – Женя Аҳмади Ҳабибро телакунон, гӯё гунаҳгори азимеро ба маҳбас мебурда бошад, назди мошин овард.

– Ҳама гул аст? – аз даруни ғуфра сар берун овард Илёс.

– Аз куҷо? – заҳрханда зад Женя. – Лаънатӣ, моро фиреб додан мехоҳад!..

– Женя, ба ҷои хобаш ҳай кун! – амр зад Илёс. – Гарданшах будааст. Ҳеҷ гап не, гардани ин зайлиҳоро бисёр шикастаем.

Женя сармаст паси фармон нишаст ва моторро ба ҳаракат овард.

– Раҳи ҷои хобатро медонӣ? – пурсид Илёс.

– Медонам.

– Лаънатиро бубин, чӣ хел нотарсона гап мезанаде! Ҳоло ба ҷои нармаш лагад нахӯрдааст-да! – ғур-ғур кард Женя.

Мошин ба кӯчаи калон баромад, баъд ба дасти рост гашт ва боз ба як раҳи калон баромада, сипас вориди тангкӯчае шуд, ки рост ба хонаи Илмира мебурд. Аҳмади Ҳабиб хаёл мекард, ки агар дар вақташ гапи Муродро гирифта, ба кори сохтмон мегузашт, шояд ба башари хунуки ин мирони шаҳр дучор намеомад?.. Агар имрӯз баробари дигарон рӯ ба гурез меовард, шояд ба чанголи ин даррандагон намеафтод?.. Вале аз тахмину гумонҳо дигар чӣ суд? Тақдиркаш дар пешонӣ чунин навишта бошад, аз дасти кӯтаҳи ӯ дигар чӣ меояд? Мард аз худо мебинад. Ҳо, аз худо! «Парвардигоро, дар рӯи замин ман

ҳам ҳастам, охир! Бандаи туам, парвардигоро!..» – аз дил мегузаронд ӯ.

Ӯ аз шишаи тирезаи мошин мисли маҳбус пушти панҷара ба одаму мошинҳои раҳакӣ хира-хира нигариста, ҳоло ҳозир чизеро дарк намекард, балки ба майнаи карахташ чизе намедаромад: на гиряи осмон, на ҷумбиши шохи дарахтон, на парвози озоди мурғакон, на ташвишу ҳиссиёти одамон, на тару тозагии хубон, на шукуфтани гули хандон... На, ин ҳамаро медид ӯ, аммо мисли филми бесадое, ин тасвирҳо ҳама аз лавҳи назараш хушку сард ва давону ноаёну берӯҳ гузаштан доштанд, гӯё медиду намедид, вуҷуд дошту надошт, буду набуд. «Ло иллоҳа илаллоҳ, ло иллоҳа илаллоҳ», – такрор кард зери лаб. Нохост ин калима ба даҳонаш заду ҷисмаш андак қувват пайдо кард. Бо тамасхӯр ба Женяву Илёс нигарист. Мазмун, ба як муштии ман тоб оварда наметавонед, аммо худам инро намехоҳам, аз гардиши ҷонсӯзи зиндагӣ безор шудам, мехоҳам, ки майнаи сарамро андак ба гардиш дарояред, ана баъд шуморо худам меёбам, сонӣ ҳисобӣ мекунем...

– Мерасем ё не? – нохост ба тигаҳи муаллим нихта зад Илёс ва ҳуши ӯро ба ҷо овард.

– Ҳа, расидем, – бехушона посух дод Аҳмади Ҳабиб.

Мошинро рости бинои навсохту баландқабат нигоҳ дошт Женя ва мисли хурӯс гардан боло карда, ба боло нигаристу гуфт:

– Нигоҳ кун, Илёс! Ин лаънатӣ андаруни бӯстонсарои ҳукуматӣ кайфу сафо карда мегардаду боз мегӯяд, ки пул надорам. Ба чашмамон хок пошиданист, к... сиёҳ!

– Дар қабати чандум ва хонаи чандум зиндагӣ дорӣ? – аз зери абрӯ ба муаллим нигарист Илёс.

– Қабати саввум, хонаи шонздаҳ, – посух дод Аҳмади Ҳабиб ва боз илтимос кард: – Бародарон, ба

номи Худо савганд мехӯрам, ки ман пагоҳ пулатонро медиҳам, бовар кунед, имрӯз надорам.

– Пагоҳ?!.. Ҳамин рӯз, аз таги замин бошад, аз осмон бошад, ёфта медиҳӣ! Фаҳмо?!.. Ҳеҷ гап не, – худро таскин дод Илёс, – ҷои зистатро фаҳмида гирифтем, аз дастамон дур гурехта намеравӣ. Лекин аввал як-ду қабурғаатро шикаста гирем, барои нағма карданат, сонӣ ба ту сабақ мешавад ва карати дигар чӣ хел бо мо гап заданро ёд мегирӣ, – Илёс ба Женя рӯ гардонд. – Ҳай кун, рост ба боғ!

Онҳо аз нав ба мошин нишастанд.

Аҳмади Ҳабиб медонист, ки барои раҳзану ғоратгар сухани росту ҳалол чени як тангаи пучак арзиш надорад. Барои онҳо як чиз – танҳо пул даркору бас. Агар пулатонро то охирин танга бароварда диҳед, дигар бо шумо сару кор намегиранд. Мезиҳед ё мемуред, чӣ фарқе барои онҳо?! Вале ин ғоратгарон аз қаблиҳо тафовут доранд. Инҳо бегона, вале унҳо худӣ буданд. Аммо ғоратгар, ба истилоҳ рэкэт, худию бегона, миллату ҳамватан ва Ватану модар надорад. Худиҳо ба хекиртакаш корд монда, пулашро рабурданд. Инҳо низ ҷонашро ба лаб оварда, аз ӯ маблағ ситонданианд. Ҳамон вақт метавонист, ки назди зану фарзандонаш биёяд. Вале савганд хӯрда буд: «То пули хонаро кор накунам, ба Ватан барнамегардам!». Ва ин савганд боз ӯро ба бозор овард ва инак...

Сиёҳмошин медавид ва аз оинаи паҳлӯи он чунин менамоид, ки раҳ дар шикамаш фурӯ меравад. Бачаҳалоки чорчарха гӯё атолаи оши буридаро аз сари дег дам мекашиду дам мекашид ва мисли шутури биёбон ҳич серӣ надошт. Биноҳои серқабата, истгоҳҳои серодам ва мошинҳои сурху сафеду зард... як – як қафо монда, ин ҳама дар назари Аҳмади Ҳабиб шаҳри афсонаи гунгу карреро ба хотир меовард, ки гӯё бо қувваи батарея ҳаракат мекарда бошад. Барои ӯ ин ҳама алъон вуҷуд дошту гӯиё на-

дошт. Тора – тора ё хӯша – хӯша аз ҳар дидаву шуни-да, ёру ошно ... мисли навори синамо пеши назараш ба ҷилва омада, зуд тасвири он ранги дигар меги-рифт. Бештар пеши чашмонаш Гулнози азиз, Умеду Ситораи меҳрубонаш падидор гашта, боз ғайб меза-данд... Яке Ситора аз коғаз тайёра созонда, бо дасти кӯчакаш ба ҳаво партофту бо лаҳни ширин нидо кард: «Ба самалутам савор шав, додо ва зуд биё, паз-монат шудем!» Ҳарсон нигарист Аҳмади Ҳабиб, вале тайёраи коғазини Ситора аз пушти тиреза ба чашмаш барнахӯрд...

Ва ҳоло бисёр мехост худро рӯи кати ғиҷирросӣ ҳаво дода, дар бистари гарму нарм дароз биғанабад. Чашмонаш хоб медиданд: кушода мешуданд, нимкоф мешуданд ва боз пӯшида мешуданд, пӯшида мешу-данд, нимроғ мешуданд ва боз кушода мешуданд. Хоби худро дар косаи чашм куштан дошт ӯ. «Ба ҳар сурат як дам ғанабидан ҳам ҳаловат аст, баъд ҳаволаам ба Худо, аммо, ба қавле, аждаҳои ҷонгир паҳлӯям нишаста, омода аст, ки зинда-зинда фурӯям барад. Луқмаи тайёрро кадом рекэт осон аз даст медиҳад?.. Онҳо гумон кардаанд, ки Аҳмади Ҳабиб ба осонӣ таслим мешавад...»

Дар сар ҳавои муштзанӣ дошт Аҳмади Ҳабиб, мисле ки дар қатора. «Мардам ва то мурдан аз гире-бонашон мегирам. Чунон мекӯбамашон, ки тарки одат кунанд, дигаронро ғам надиҳанд, аммо алъон худдорӣ бояд кард, решаашонро ёфтан даркор. То наҳангашонро дониста нагиред, бо моҳичаҳо сар ба сар шудан беҳуда аст. Ҳо, гап дар сари кӯфтан ва бо онҳо қад ба қад шудан намеравад. Аз ин ба баъд дар шаҳр буда метавонам? Оё аз дасти ин гургони одамхӯр осон раҳидан мумкин аст? Озод қадам зада метавонам? Маргаритаро аз чанголашон раҳонда ме-тавонам? Кӯдакони Илмираро дар мактаб мононда метавонам?.. Оҳо, лонаи мӯшро мекобанд, хунхӯрҳо!

Ман-ку, як нафар, лекин ба сари даҳ нафари дигар бало меоранд, каппаи чанд касро месӯзанд. Астару абтари ҳамдиёронамро мебароранд, шаҳрро чаппа мекунанд. Қиёмат барпо мекунанд, қиёмат! Беҳтараш сабр бояд кард, бигузор мӯрданӣ бикӯбанд маро, фақат напаронанд – шуд. Дигараш дарди бахайр, ҳич кас аз кӯфтан намурдааст ва бигзор фақат маро ба ҷойи ин миллати раҳгум бикӯбанду бикӯбанд, зоро, ки ақлам ба ҷояш дароях... Ло илоҳа илаллоҳ, ло илоҳа...»

Мошин бонге заду дар ҷояш қарор кард. Женя аз паси фармон хеста, дари ғуфраи қафоро кушоду худро ба паҳлӯи Аҳмади Ҳабиб партофт. «Гунаҳкор»-ро дар байн гирифтанд. Илёс аз ҷайби кастум пистолет кашид ва бо дасти дигар аз пасхалтайи курсӣ чӯбдастаеро баровард. Чашми Аҳмади Ҳабиб ба нӯги чӯбдасти нозирии сари раҳ уфтод. Нишони фашистӣ дар он сабт гашта буд. Дили Аҳмади Ҳабиб рӯйи дигар гашт, вале ба андеша фурсат наёфт.

– Ҳоло моро аҳмақ кардӣ-а, аҳмақ кардӣ-а?! – гӯён Илёс бо чӯбдаст кашидаю кушода ба сару дастони муаллим фуровардан гирифт. Яке ба хотири Аҳмади Ҳабиб омад, ки ҳангоми дар синфи поёнӣ хонданаш, барои дуруст таллафуз накардани калимаҳои русӣ, муаллимаи ҷавоне дастаконашро болои парта гузошта, бо химчаи тарак чанд карат чунон зада буд, ки сӯзиши он то дер дилакашро меларзонд. Ҳамун замон духтараки ситорагарме дарзамон аз ҷо рост шудаву бо нигоҳи оташин ба муаллима теғ кашида, боҷасорат гуфта буд: «Назанед ӯро, дигар назанед ӯро!.. Агар дилатон хунук нашуда бошад, ба пушти дастони ман бизанед!..» Ва дастони кӯчакашро ҷониби муаллимаи ҷавон дароз кард духтарак. Муаллима аз синф бадар рафт ва дигар ба мактаб наомад. Ҳамун духтараки ситорагарми гандумгун Гулнозаш буд. Ҳо, Гулнози азизи ба ҷон баробараш, ки баъдҳо аз муҳаббати пок

дар дили якдигар хона обод карданд. «Акнун дар куҷоӣ, Гулнози азизам, ту дар куҷоӣ?!..»

– Пул меёбӣ ё не? – оташ гирифт Женя, чунон ки шутурхор бо як гӯгирд задан фағ дар мегирад ва бо дасти рост ба бинии Аҳмади Ҳабиб мушти обдоре ҳадя кард. Аз бинии муаллим хун ҷӯйбор кушод, ба лабу даҳону хави риш ва фукаш шорида, кастумашро хуншор кард.

– Лаънатӣ, санг аст! Гап мезанӣ ё не?.. – аррос зад Илёс ва ин карат ба сари зонувони ӯ бо чӯбдаст задан овард, мисле, ки хари зӯъмро ҳини аз ҷӯйборе паридан бо халтачӯб бераҳмона мекӯбанд.

Ҳо, акнун вай карахт, балки санг шуда буд. Дигар зарби мушту лагадро ҳис намекард. Садое надошт ӯ. Чашмонаш пурхун, сару рӯяш пурхун, лабу даҳонаш пурхун... Ва ӯ дар хун ғарқ шуда. Ҳайкал буд, санг буд, фақат ҳайкали сурху санги сурх. Ва хомӯшии муаллим онҳоро девонатар мекард ва арросзанон қаҳру ғазаби худро чапу рост ба сари «санги сурх» мерехтанд, мурданӣ мекӯбиданд ӯро, то ҳадде, ки гӯё онҳоро мекӯбида бошанд, мисли тӯб худашон мепариданд ба ин тарафу он тараф. Ҳатто «оҳ» намегуфт муаллим, китфу дастонаш овезон, сараш мисли навдаи шикаста хаму пурхун, зонувонаш беҳаракат... Танҳо ларзидани дилашро эҳсос мекард, мисле ки муаллима дастаконашро аз нав бо химчаи тарак мезада бошад, тахтапушташ сих мезад, устухонҳояш мисли пули нави русӣ қарс-қарс садо медод. Нохост... Аҳмади Ҳабиб табассум гирди лабонаш дамонду мисли шери хуфта аз хоб бедор гашт ва худро таконда, дар муқобилашон нидо дардод:

– Бизанед, бизанед!.. То хунук шудани дилатон бизанед! Ман дарзаи коҳам, лингаи сабӯсам, халтаи биринҷам!.. Ман якравам! Садо надорам!.. Инсон нестам!.. Ҷон надорам, ҷони ман дард намекунад. Бизанед маро! Гунаҳгор ҳастам. Агар гунаҳгор намебу-

дам, Худо ин рӯзро ба сарам намеовард, маро пеш-пеши шумо, харҳои зард намеандохт. Пас, ман гуноҳе кардаам, гуноҳи азиме, ки нобахшиданист! Ҳо, ман ин гуноҳро дарк мекунам, вале нимчамуллои Сангалӣ дарк карда наметавонад. Оре, ман ин гуноҳро комилан дарк мекунам, аҷнабиён онро дарк карда наметавонанд, балки намехоҳанд дарк кунанд. Акнун ба ҷойи ҳама бизанед маро! Бо чӯб бизанед, мисле ки домулло Айнии сардафтари адабиёти моро зада буданд! Шояд ақлам ба кор дарояд, шояд баъди ин дӯстро аз душман фарқ карда тавонам. Беномусонро назанед, беақлонро назанед, онҳоро боақлон беномусу беақл кардаанд. Ман ҳам шуморо намекӯбам, шумо айбе надоред. Агар худӣ мебудед, дасту поятонро шикаста, ба тобути мусофирӣ рост карда, мисли Муроди раҳматӣ ба Ватан мефиристодам. Аммо шумо бегонаед, соҳиби Ватан ҳастед, дар ин хок хунатонро рехтан намехоҳам... Акнун бизанед маро, аламам тоза мешавад! Кайҳо мехостам худам худамро бизанам. Хайрият, ки шумо, хизматгорони бепул, пайдо шудед. Бизанед, харҳои зард! Худо ҷонамро нагирад, шумо гирифта наметавонед...

Муаллим чашмонашро пӯшиду хомӯш гашт.

Кӯбандаҳо аз кӯбидан шалпару абгор шуданд, аз сару рӯяшон арақ шиппа мекард. Илёс бо хушунат чӯбдастро аз нав ба ҷояш хасту пистолетро ба пешонии Аҳмади Ҳабиб рост кард:

– Лаънатӣ, мепарронам!..

– Ҳо, сиёҳ, ту ин қадар бо дағдаға гап назан! Русия аз русҳост, на аз дигарон! Мо ба гӯш кардани варсоқихонии ту вақт надорем. Бегонаҳоро, онҳоеро, ки ба мо сар намефуроранд, ана ҳамин тавр мешиканем. Фаҳмидӣ, сиёҳлутии ношуд! – раги гардани Женя чаҳид.

– Чӣ ... гӯям... – лабони карахту парсинбастаашро бадард ҷунбонд Аҳмади Ҳабиб. – Нагуфтанам беҳтар...

– Лаънатӣ, инсон набудааст. Намефаҳмад! – ғазаб кард Женя. – Пулро кай медиҳӣ?

– Пагоҳ... медиҳам... – чашмонашро пӯшид Аҳмади Ҳабиб ва сараш ба китфи Илёс хам хӯрд, дигар ёрои сухан кардан надошт.

– Мурд? – пурсид Женя.

– Ҷони ин сиёҳ шиша нест, ки зуд бишканад, балки тасмаи чармӣ аст, хаму рост мешаваду шикастан надорад, – сари хунолуди Аҳмадро бо нӯги пистолет тела дод Илёс. – Мошинро ҳай кун, ӯро бурда ба бозор ҳаво медиҳем. Пагоҳ пул наёбад, бидонанд, ки қабраш тайёр...

Женя аз нав ба паси фармон гузашту мошинро ба ҳаракат овард. Дар ёди Аҳмади Ҳабиб монда, ки само ғам дошту ҳаво мотам. Осмон майли гиристан дошт, офтоб гоҳ рух намуда, гоҳи дигар пинҳон мешуд. Боди сард мевазид. Дар бозор тани танҳо буд. Нохост рекэтёрон омаданд. Бори аввал савораи мошини сабук гирди шаҳр давр зад. Ва мушту лагад... Дигар чизеро ба хотир надорад: кадом боғ буд, дарахт дошт ё не? Борон омад ё не?..

Андак ба худ омад ӯ, ҳине ун ду нафар аз дасту пояш гирифта, кашолакунон сари девори симентии пастаки бозор гузоштанд. Илёс каме хам шуда, ба фарогӯши муаллим садо зад:

– Пагоҳ соати даҳ, фаромӯш накун! Фаҳмидӣ?..

«Ман қасосамро мегирам, танҳо аз худамро не, аз дигаронро ҳам, – бо чашми пӯшида ба худ нидо кард муаллим ва хост, ки панҷаҳояшро мушт кунад, аммо натавонист. – Маро бубахш, Гулноз, – боз зери лаб пичиррос зад ӯ. – Бояд бо онҳо биҷангам, чунки дигар роҳи халосӣ надорам. Ва баъд ман хомӯшу шикаста буда наметавонам, охир! Ин ғоратгарони рихинро дар пеши чашми ҳама бояд ба зону шинонам. Қувватам мерасад, ҳифзи ҷон ва сабру таҳаммул бас будагист. Охир, буздилу тарсу нестам-ку! Акнун ба ҳарб бояд

омода шавам. Ҳо, мурдан беҳ аз чунин обишхури залил, эй одамон, ба бӯйи шумо зиндаам ҳанӯз!..»

Аҳмади Ҳабиб оби даҳонашро анбошт. Ва дарк кард, ки даҳонаш ғарқоби хун аст. Ва боз як бор хуни даҳонашро ғун оварда, бо илоҷе фурӯ бурд. Ба пушти дастонаш нигарист: сиёҳу варамида. Банди дасту бозувонаш зардоб, пеши чашмону параи бинӣ ва сараш низ вараму сурб барин вазнин буданд. Зонувонаш дард мекарданд. Дилаш сих мезад. Ва акнун нам – нам боридани боронро ҳис кард. Паст-паст гиря дошт осмон. Дастони зардобашро каф карду таги борон ниҳод. Нигарист ба кафи дасташ. Хуноба. Дастонашро бо оби борон бишуст ва шукргузорона ҷониби осмон нигарист ва ин карат нимшунаво, бо ашки даври чашмон, лаб ҷуфт кард:

– Ҳо, осмон, ту барои ман мегирйӣ? Бароям гиря накун, осмон. Барои дигарон ашк бирез; барои онҳое, ки дар ин замини сахт, дар ин дунёи дудару фонӣ зери кулоҳи ту бекасу кӯй, беваю ятим сарлучу получ мондаанд. Барои мӯйсафедону кампирҳои танҳою бепарастор гиря кун, осмон... Ҳо:

*Дар мазори мо, ғарибон, не чароғе, не гуле,*
*Не пари парвона сӯзад, не садои булбуле.*

Ҳо, осмон, ту барои мурдаҳои бекафан ва ғарибони бечароғ гиря кун!..

Борон, бибор!.. Аз дидагони ман бибор, борон! Садқаат шавам, бирез борон, диламро тоза кун!.. Ҳо, барои сангдилон зинҳор гиря накун, борон! Онҳо ба як қатра ашки тари ту намеарзанд. На, намеарзанд!..

Ёва мегуфт?.. Чизе мегуфт, аз дил мегуфт.

Муаллим хост, ки бихезад сари по, зонувонаш шикан-шикан хӯрданд ва тоби рост шудан наовард, пойҳояш ёро надошт. Ва аз нав оҳиста нишаст ба ҷояш. Ва боз туфи даҳонашро ғун оварду партофт рӯи замини тар.

Осмон торик шудан дошт. Ба дарвозаи бозор қулф заданду бирафтанд. Акнун Аҳмади Ҳабиб зери борон меларзид. Сар то по тари тар, машки об шуда. Лабро зери дандон гирифт ӯ ва боз хост аз ҷо рост шавад. Вале... наёрист. Гӯё поҳош ба замин махкӯб буданд. Куҷо биравад? Боз хонаи Илмира? Не, башараи Илмираро низ дигар дидан намехост. Аздусар, рэкэтҳо суроғаашро ёфтанд. Дигар он ҷо буда наметавонад. Беҳтараш, рӯи хараке ё ҷойи хилвате шабро рӯз кунад ва он тарафаш боз Худо подшоҳ аст... Ҳоло гуруснагӣ меъдаашро ҷафидан дошт. Пеши чашмонаш торик мешуд ва боз мечархид сараш ва дарунаш зира-зира дард мекард; дард мекард ва рагу пайвандаш месӯхт, гуё андаруни оташе афтодааст. Бехост байте ба лабаш омад:

*Ку модару ку додар, ку хеши қариб?*
*Бегона чӣ донад, ки куҷо мурд ғариб?*

Ва зузу дар гулӯяш мисли устухоне дармонд...

Ин ҳангом амаки Коля ҷилди ғижжак дар даст ба куҷое рафтан дошт. Ҳоли ҷавонмарди афтодаро бидиду истод кард.

– Камтар бинӯшӣ, намешавад? – ғурунгид ҷониби ҷавонмард. – Менӯшед, менӯшед ва баъд раҳи хонаатонро намеёбед. Бо ин аҳвол мурданат мумкин.

Аҳмади Ҳабиб яке сар бардошта, ҷониби овоз нигаристу амаки Коляро шинохт, дар баданаш ҷони тоза пайдо шуд.

– Амаки... Коля... Маст нестам... – ба зӯр ва канда-канда садо баровард Аҳмади Ҳабиб. – Маро... азоб доданд... ҷойи рафтан надорам...

Ин овоз барои амаки Коля шинос намуд. Ӯ наздиктар омад ва амиқтар ба чеҳраи ҷавонмард зеҳн монда, мутаҳайирона нидо кард:

– Аҷабо, муаллим... ба Шумо чӣ шуд?!

– Кӯбиданд...

– Милитсияро чеғ занам?

– Монед милитсияро, амаки Коля. Милитсия ҳам худашону рэкэт ҳам.

– Оҳ, падарсагҳо, лаънатиҳо! – Амаки Коля муаллимро рост монд ва аз ғазаб ҷилди ғижжакашро баланд бардошта, ба девори симентӣ бизад. – Ман барои кӣ менавозам? Барои ин нархарҳо? Не, дигар наменавозам!..

– Амаки Коля, ин хел накун... илтимос...

– Не, мекуна-м! – Ӯ боз осема ғижжакро аз ғилоф берун оварда, то шикастан ба ҳамон девори симентӣ кӯбидан гирифт. Косаи ғижжак майда-майда шуда, аз дастааш ҷудо гардид, камонакаш ба ҷои дигар парид...

– Ана, акнун бигиред мусиқиро! Садқаи мусиқӣ шавед шумо, номардҳо! – Амаки Коля ғазаби худро фурӯ нишонда, назди муаллим омад. – Рафтем, муаллим, дастонатро ба китфам парто. Ба ман такя кун, ана ҳамин тавр, оҳиста-оҳиста...

– Ба ҳар ҳол... кори хуб нашуд... амаки Коля...

– Хуб шуд, хуб нашуд... Зӯрам, ки намерасад, аламамро аз ғижжак гирифтам, гӯё ки то холӣ шудани дилам онҳоро кӯбидам. Парво накун, рафтем...

Аҳмади Ҳабиб нолишкунон даст ба китфи амаки Коля хобонда, лангон-лангон қадам бардошт.

Аз бозор дур воқеъ набудааст хонаи амаки Коля. Баъди андак фурсат ғижжакнавоз назди дари хонаи қабати якум истод карда, аз ҷайб калид баровард.

– Ана, хонаи ман ҳамин аст!

Онҳо вориди ҳуҷра шуданд. Амаки Коля дарзамон чироғ дардод ва ба муаллим рӯ овард:

– Зуд либосҳоятро бикашу ба оби гарм даро ва агар тавонӣ, ришатро бигир...

Ҳамагӣ як ҳуҷра дошт хонаи амаки Коля ва гӯшае дивон ва дар байн – мизу курсӣ. Рӯ ба рӯи дивон – ҷевонаки фарсудае. Соати девор чик-чик оҳанги

азалӣ менавохт. Назди яккатиреза телевизори фарсудаву вайронае мехобид. Дигар чизи ҷолибе надошт ин хонаи фақиронаи ғижжакӣ. Ҳине Аҳмади Ҳабиб, хилъати амаки Коля бар тан аз оббозӣ берун омад, ғижжакнавоз аллакай рӯи миз дастархон густурда, ними нон, тухм, намак, конфетҳои хел – хел гузошта буд. Дасту бозувон, бинию лаби поин ва пеши чашми муаллим мисли пуфак варамида, устухонҳояш сӯзиш мекарданд, ҳанӯз дарди ҷонсӯзи зонувон азобаш медод. Панҷаи дард имконаш надода буд, ки риши расидаашро низ пок бигирад. Амаки Коля дар даст чойнак аз хонаи пухтупаз берун омад ва ҳине ки Аҳмади Ҳабибро дар ин сурат бидид, бо афсӯс сар ҷунбонда гуфт:

– Хонаашон бо дуди ғам бисӯзад-е! – Чойнаки чойро рӯи миз гузошт ва боз аз нав онро боэҳтиёт бардошта, ба стакон чой рехт. – Марҳамат, муаллим, чой бигир. Дарди сарро гум мекунад он. Бигир, тухм бигир, – ӯ лаълии тухмро ҷонибаш дароз кард ва дарзамон чашмонаш ба дастони варамидаи муаллим афтод. Лаълиро ба ҷояш гузошта, тухмеро ба миз тақтақ зада шикаст ва ба ҷудо кардани пучоқи он пардохт.

– Медонӣ, муаллим, имрӯз ид аст, «Рӯзи волидайн», – чашмони меҳрубони ғижжакнавоз дурахшиданд. – Дар ин рӯз аз пагоҳии барвақт мардум ба қабристон меравад, сари гӯри азизони худро тозаю пироста мекунад. Ва баъд якдигарро зиёфат медиҳанд. Ҳафт тухм хурдан шарт аст дар ин рӯз. Аз рӯи таомул мо тухмҳоро ҳар хел ранг мезанем: зард, сурх, сиёҳ., ҷигарӣ... Ва ту низ ҳозир бояд ҳафт тухм бихӯрӣ, – тухми пӯсткандаро ҷониби Аҳмади Ҳабиб дароз кард ӯ. – Бихӯр, ки азизони мо меранҷанд...

Дар лабони Аҳмади Ҳабиб гӯё гул ханда зад, ҳарчанд хандида наметавонист, лабони варамидааш шукуфо шуданду ғурунгид:

– Акнун бе ғижжак чӣ хел рӯз мегузаронед, амаки Коля?

– Ягон кори дигар мекунам. Ҳа, картошка мефурӯшам. Мешавад?.. Шумо маро шогирд мегиред? Маргаритаро савдогари зӯр кардед-ку! Наход ман аз ӯҳдааш набароям? – Амаки Коля, мисли Пеер Ришари ҳунарманди фаронсавӣ, лабонашро то бехи гӯш тит кард. «Худоё, ин қадар ба ун актёр монанд аст, як себи ду кафон!» – аз дил гузаронд муаллим.

– Ёфтед, шуморо ҳатман шогирд мегирам, амак! Лекин Шумо бе ғижжак зиқ намешавед? – боз пурсид ӯ.

Амаки Коля хаёле хомӯш монда, мисли гунаҳгорон сарашро хам кард, табассум аз лабонаш ғайб зад ва сипас аз зери бинӣ ғурунгид:

– Мешавам... лекин...

Аҳмади Ҳабиб тухми пӯсткандаю ҳамворро, ки мисли рӯи духтар тоза менамуд, ба даст гирифт ва бо нӯги ангуштон ду қисм карда, як пораашро ба даҳон андохт. Пора зери дандонҳояш хамир мешуд, вале фурӯ бурдани он барояш мушкил буд. Аз стакани чой як қулт ошомиду бо илоҷе тухмро аз гулӯяш гузаронд.

– Не, намегузарад, – гуфт муаллим ва пораи дигари тухмро ба дастархон гузошту маънидор ба амаки Коля нигарист.

– Фаҳмидам, – гуфт ғижжакнавоз. – Мебинам, ки ҳоло мадори сӯҳбатро надоред, дурусттар шавед, баъд чақ-чақ мекунем. Шумо рӯи дивон дароз бикашед.

– Шумо дар куҷо?

– Эҳ, муаллим, баъди фавти ҳамсарам бист сол мешавад, ки дар ин дивон намехобам, – оҳи ҷонсӯз аз дил бадар кард ӯ. – Болои он хобам намебарад, ҳамсарамро ёд мекунам ва то рӯз азоб мекашам. Ғижжакнавоз шудам, аз ғами вай! Месӯзаму менолам

ва ун асбоби безабон ҳам баробарам менолид. Барои ҳамин намехоҳам, ки болои дивон бихобам. Шумо бемалол бихобед. Ман каме ҷунбуҷӯл мекунам ва баъд рӯи фарш рахти хоб мепартоям...

Нигоҳи миннатдоронаи Аҳмади Ҳабиб амаки Коляро ба хонаи пухтупаз гуселонид.

Ва ӯ оҳиста рӯи дивон дароз кашид. Дароз кашиду аз хастагӣ дарзамон чашмонашро бипӯшид...

Хуршед сар барзад. Мебоист ӯ бархоста бошад аз бистар, аммо бистари хоби бомдод гуворову гарм буд. Дилаш мехост, ки лаҳзаи дигар дар ин бистари дилпазир осуда биғанабад. Вале аз дил гузаронд, ки бояд ӯ аз ин оғӯши фораму ҳаловатпазир берун биояд. «Ё худои ҳаҷдаҳ ҳазори олам, ё ҳазрати Муҳаммад, мадад кун! – гуфт бо овози нимшунаво ва аз бистар сар бардошт. – Парвардигоро, дар рӯи заминам ва бандаи содиқи туам ва қатори дигарон ман ҳам ҳастам, охир!.»

Аҳмади Ҳабиб пушти тиреза омада, пардаро бо дасти варамида нимроғ ва бо нигоҳи гарм тулӯъи хуршедро истиқбол кард. Рӯзи тоза аз сари сӯбҳ ханда бар лаб мезад. Шаҳр аз қисмати нонавиштаи одамон сафҳаи тоза мекушод. Мирзои хушқалами тақдир нигарон буд, ки рӯйи ин сафҳа сатрҳои нотакрору аввалинро моҳирона бинависад...

– Субҳ ба хайр, муллим! – вориди хона гардид амаки Коля..

– Салом, амак! Дар берун чӣ гапҳо?

– Бисёр ҳавои хуб.. Имрӯз гулистон мешавад..

– Оре, гулистон мешавад! Акнун ба ҳарб тайёрӣ бинед, амак.. Ё мо, ё онҳо!..

– Ба худатон бовар доред?

– Ғам нахӯред, амак, ҳатто миёни филро мешиканам!..

– Пас, меравем?

– Не, алҳол ман ду соат вақт дорам. Як соат ба машқи бадан машғул мешавам. Кам-кам муштзаниро такрор мекунам, – бо лаби варамида ба зӯр хандид муаллим. – Сонӣ ба бозор меоям.

– Пас, ман биравам?

– Майлаш, Шумо биравед, амак, – гуфт Аҳмади Ҳабиб ва ба варзиши бадан машғул гашт.

Амаки Коля оҳиста аз дар берун шуда, раҳ ба сӯйи бозор гирифт...

Хуршед кӯрпаи субҳро аз рӯйи хеш кашида, акнун мисли арӯси нозанин ҷилва мекард. Борони дирӯза ҳаворо софу муааттар карда буд. Аз фазои беруни бозор садои «бидаву бигир»-и савдогарон фарогӯш меомад...

**7**

... Шаб буд ё рӯз?..Чироғ месӯхт ё намесӯхт?.. Ё шамъ андаруни пиёла милт-милт дошт?.. Телевизион чизе нишон медод... Кадом телевизион? Ҳамун қуттичаи қабл аз ҷанг?.. Балки пиндор буд ё рӯъё?.. Садое миёмад, охир! Аз телевизион буд ё радио, ки овозхоне зулфи ғазалро шона мезад...

... Нохост Аҳмади Ҳабиб баъди оббозӣ чеҳра намоён кард. Гулноз нишаста буд рӯи курпача ва пули савдояшро мешумурд. Бояд пул медод ба ҳамсояи савдогар ва барои хизматаш музде мегирифт. Сар бардошту Аҳмадашро дид. Сояи ғам дар чеҳрааш хона дошт. Аммо мӯи сараш шоназада ва тару тоза менамуд.

Ин дам муаллим тӯлонӣ нигарист ба ҳамсараш ва базӯр ғурунгид:

– Азизаки дилам, аввал худатро, баъд Умеду Ситораро эҳтиёт кун...

Чизи дигаре нагуфт. Салом надод, оғӯш накушод. Таври ҳамешагӣ ханда бар лаб назад ва коҳилонаю сархам бигузашт хонаи ҳамшафат... Пош дод пули

дасташро Гулноз ва думболаи шоҳи хонааш бидавид. Инҷаву унҷаро бидид. Охир, куҷо шуд, шоҳи хона? Гӯё буду набуд. Магар девор шуд? Ва ё дар сурати турна парид ба сӯйи ҳаво? Ё ба ситорае бадал ёфту раҳ гирифт сӯйи само?.. Бо парешонӣ ламс зад шишаи тирезаро Гулноз. Сиҳат буд тиреза. Пас, чӣ тур меравад аз ин баландӣ?.. Ҳо, додои Умедҷон, куҷоӣ?! Додои Умедҷон!..

Бедорӣ давид бар рухсори Гулноз. Чашм во карду худро танҳо бидид, ҷойгаҳаш холӣ. Ва уфтод дар гирдоби андеша... Ба ӯ чӣ шуда бошад?.. Чаро салом надод?.. Чаро ғамӣ буд?.. Таъбираш чӣ бошад?..

Осема панҷаи об ба рӯй заду ангушт ба дари хонаи холаи Машаи дилбин бикӯфт, ки дар қабати аввал ба сар мебурд.

Холаи Маша коҳилона дар кушод ва Гулнозро бидид, ки чеҳрааш ранги шир буд. Осема пурсид:

– Чӣ воқеа?

Пардохт Гулноз ба нақли хобаш. Дар остона нагуфт – дар долон, баъди ба курсӣ нишастан дилашро кафонд Г'улноз.

– Сараш шона дида буд? – суол кард хола.

– Ҳо.

– Дақиқ?

– Нигоҳам аввал ба мӯи сараш уфтод.

– Осуда бош, – чеҳраи хола шукуфт. – Рост, бар ӯ ғам уфтода, ғами бузург, вале бо шона ғамро бирӯфту рӯйи замин рехт. Сиҳату саломат аст, шоҳи хонаат. – Холаи Маша аз ҷайби хилъаташ қарта бароварда, болои миз партофтан гирифт. – Ҳозир фолашро ҳам мебинам: ку, кай нияти омадан дорад?.. Ҳо, ҳамааш дуруст аст: сиҳату саломат, бардам, раиси бозор, нияти омадан дорад, лекин кай омаданаш маълум не!.. Аммо оқибат меояд. Шабу рӯз дар фикри омадан аст. Бирав акнун, бемалол корҳоятро кардан гир ва аз шоҳи хонаат комилан осуда бош!..

Холаи Маша ҳам аноӣ не, қариб ҳамаро бепул фол мебинад. Аз касе чизе тамаъ надорад. Аксар гуфтаҳояш дуруст мебароянд. Ва зиёдтар аз ҳама бонувон ба хола эътиқод доранд, розашонро бепарда назди ӯ мекушоянд. Ва хола онҳоро дил медиҳад, ноумед намекунад, ноумед шайтон аст, мегӯяд.

Баъди таскини холаи Маша, осуда шуд Гулноз ва пас гашт ба хонаву сӯйи ҳуҷраи пухтупаз қадам гузошт. Рӯи миз ду анор паҳлӯи пиёла «гуфтугӯе» доштанд. Якеро гирифту миёни панҷаҳояш ҷафида-ҷафида мулоим кард Гулноз ва ба он пайи дандон монда, аз нав миёни ангуштонаш овард, дигарбора ҷафиду шираашро ба пиёла шоронд. Анори пачақро як тараф гузошту пиёларо бар лаб бурд. Ӯ шарбати анорро фурӯ бурд. Яке аз дилаш гузашт: «Лабамро бо оби анор сурхӣ занам?» Ва назди оина рост шуд, аз шираи анор davри лабонаш молид. Бӯи гуворои он форам ба димоғаш зад ва лабони Гулноз ширадор гаштанд. Шукуфт ӯ мисли гули садбарг...

– Лабатро чӣ молидӣ, оча? – садои маҳини Ситора фарогӯшаш омад.

– Хун хӯрдам, – ханда зад модар.

– Хуни киро?

– ... Дурии додота.

Ситора абрӯвони борикашро дар ҳам зад: «Магар дурӣ ҳам хун дорад?..» Ва чашмакони рӯшанаш дурахшиданд:

– Ҳай ёд кардам, додома!..

– Миёяд додот, духтаракам, миёяд. Бираву аввал дасту рӯята бишӯй. Дили додот ҳам косаи хун, пазмон шудааст.

– Кош, зудтар биёд. Турнаҳо омаданд, охир! Достакҳо низ омаданд. Ба ман пулаш даркор не, хонааш ҳам даркор не... Меравем хонаи бобому зиндагӣ мекунем. Чӣ гуфтед, оча?

– Рост, рост. Андаки дигар сабр кунем, баъд мера-

вем, хонаи бобот. Амаки Аҳрорат низ меояд, – модар ба хонаи дигар гузашт.

– Кош, зудтар биёянд, ҳай пазмонашон шудам, – Ситора ба ҷойи дастшӯй рафт.

– Оча, дирӯз турнаҳоро ҳисоб кардам! – садои Умед аз сари дастархон омад. – Наздики сад даста; дар ҳар як даста бистуҳашт-сӣ турна... .

– Ҳо, баҳор меояд, охир!

– Ҳамроҳи турнаҳо додот меояд гуфтед-ку?! – чой бод дод Умед.

– Аввал турнаҳо меоянд, баъд додот.

– Кошкӣ... Оча, имрӯз дам бигир. Ману Ситора баъди мактаб бозор мебароем. Хуб, очаҷон?

– Майлаш...

Ва гӯё модар дам ҳот кард. Дам аз куҷо? Баъди мактаб рафтани Умеду Ситора нафас рост мекунам гуфта буд, ки «Ассалому алайкум, фарзанди падар!» – гуён Санавбар ворид шуд. Гулноз барои апааш аз нав дастархон густурд, чой дам кард, ширинӣ овард ва дар рӯ ба рӯяш қарор гирифту самимӣ ҳолу аҳвол пурсид. Санавбар лаби гила кушод:

– Хор шудем, фарзанди падар, хор! – бо афсӯс сар ҷунбонд ӯ.

– Хорӣ таҳо ба сари мо наомадааст, дила бой нате, апаҷон, дигараш мегузарад, – пиёлаи чой ҷониби Санавбар дароз кард Гулноз.

Санавбар пиёлаи гарми чойро, ки ҳанӯз ҳавраш паст нашуда буд, аз дасти Гулноз гирифт ва оҳиста сари дастархон гузошту хандае бар рамақи лабонаш давонда, матлаби омаданашро баён кард:

– Шӯ мекунам, фарзанди падар, шӯ! Ана ҳамин тавр, духтари оча, – абрӯ боло кард Санавбар.

– Чӣ?..Рост ё ҳазл? – абрӯ кӯргиреҳ кард Гулноз.

Санавбар аз пиёлаи чой як қулт ошомид, нон шикаст ва бурдае ба даҳон бурду сипас бепарвоёна гуфт:

– Ҳазла танка зер кард, хоҳар!

– Эҳ, апаи ҷон, ту чиҳо мегӯӣ? Гумон мекунӣ, ки панҷ фарзандатро пияндар падар мешавад?.. Сабр кун, падарашон дар роҳ будагист. Як шоир гуфтааст-ку:

*Гар сабр кунӣ, зи сабр бикшояд кор,*
*Зеро ки Худо ёри сабурон бошад.*

Санавбар бо писханд лаб ҷуфт кард:

– Ту сабр кардан гир... пулдорон парида рафтанд. Лекин ман дигар тоқати сабр надорам, коса лабрез шуд... Аз ҷувонимарг на ном ҳасту на нишон. Моро дар рӯзҳои сангин партофту думро рӯбаҳвор хода кард. Садқаи мардӣ шавад, ун ғули биёбон!.. Ҳозир як бузбалаи чорпаҳлуша ёфтам, ки язнаи номдаргӯрат ба банди туфлиш намеарзад...

– Апа, ман барои насиҳат нестам, лекин бахтатро бо пой назан. Фаромӯш накун, ки шавҳаратро бо дӯстдорӣ гирифта будӣ. Зиндагиатон ба ҳавас хӯрдани сад кас меарзид. Ҷавони ёфтагиат ошиқи ҳусну ҷамолат шуда, аз ту танҳо ком меситонаду бачаҳота чашми дидан надорад, фурсати муносиб ёбад, пеши зану кӯдакони худаш метозад. Туро бе пушту паноҳ ёфта, мисли кӯдак фиреб медиҳад. Ҳой, апа, ақлат куҷо шуд?! – мисли шеърхонии шоираи бафаҳму фаросат даст болою поин кард Гулноз.

– Охир, рӯзам намегузарад! Бо панҷ сағираи шикамчарон чӣ кор кунам? Хӯрондан даркор, пӯшондан даркор... аз куҷо ёбам? – абрӯпаррон худро ҳақ мебаровард Санавбар.

– Дигарон рӯзашонро гузаронда метавонанд-ку! Талича сари китф «ман духтари фалонӣ будам» – гӯён либоси пайкартоб пӯшида, дастатонро ба оби хунук назанед, албатта рӯзатон намегузарад. Чаро гирди номи падари тақводорам мегардед?.. Раҳматӣ ба хотири муҳаббати аввалин ва зери сумбу сапали

моиндар намондани ману ту дигар зан нагирифт, – Гулноз қиблагоҳро ба хотир оварда лаҳзае хомӯш монд ва сипас афзуд: – Ҳо, ӯ барои мо ҳам модар буд ва ҳам падар. Раҳматӣ дар вақташ гуфта буд: «Шавҳар Худои зан аст. Агар аз гапи шавҳар берун бароед ва бе маслиҳаташ амал кунед, сутуни муҳаббат шикаста, оқибат хонавайрон мешавед».

Ин дам бо хотири Гулноз масали замоне қиссакардаи падари муллояш омад: «Рӯзгоре як тоҷир озими сафар мегардад. Қабл аз сафар ҳамсарашро ба наздаш хонда, амр медиҳад: «Ба сафари чандрӯза меравам. Ту аз хона ба берун набаро!»

Баъди ба сафар баромадани тоҷир, бародари ун зан ба хона омада, ба хоҳараш мегӯяд: «Хоҳарҷон, падарам сахт бемор аст ва хоҳиш кард, ки ту ба аёдаташ биёйӣ». Хоҳар дар посух мегӯяд: «Бародари азиз, аз шавҳар амр гирифтаам, ки аз хона берун наравам. Илтимос, бираву аз дӯсти Худо бипурс, ки рафтанамро иҷоза медиҳад ё на?»

Бародари зан назди дӯсти Худо омада, шарҳи ҳол мерасонад ва дар фарҷом хоҳиш мекунад, ки иҷозаи ба аёдати падар рафтани хоҳарашро бидиҳад.

Дӯсти Худо дар посух мегӯяд: «Шавҳар Худои зан аст. Ҳарчӣ гуфта бошад ун ҷаноб, ҳамонро риоя бояд кард».

Бародар ноумед назди падар меояд.

Як бори дигар дар назъи ҷон падар аз писараш хоҳиши дидори духтарашро мекунад. Бародар боз назди хоҳар омада, илтиҷои падарашро мерасонад. Зан мегӯяд, ки ризоияти рафтанро аз дӯсти Худо бипурсад.

Дӯсти Худо боз ҳамон посухи қаблиро медиҳад.

Ҳамин тавр, ун мард ормонӣ аз дунё дармегузарад. Бародар ба хонаи хоҳараш омада, хабари марги падарро мерасонад ва аз ӯ хоҳиш мекунад, ки ақаллан ба гусели раҳи охирати қиблагоҳ биёяд.

Боз хоҳари муштипар бо ашки шашқатор аз бародараш илтиҷо мекунад, ки ризояти рафтанро аз дӯсти Худо бипурсад. Аммо дӯсти Худо боз ҳамун посухи аввалро медиҳад.

Вақте ки тоҷир аз сафар бармегардад, ҳамсар марги падарашро ба ӯ расонда, низ мегӯяд, ки бо сабаби амри шавҳар ҳатто дӯсти Худо ширкати ӯро дар рӯзи гусели қиблагоҳ иҷоза нафармуд.

Тоҷир афсӯсхӯрон мушт бар сар зада, дарзамон назди дӯсти Худо меояд ва пурсон мешавад:

– Ай, дӯсти Худо, охир ин чӣ амри беақлонае буд, ки банда содир кардам?! Пас, чаро Шумо ҳатто дар рӯзи дафни падар ширкати ҳамсарамро иҷоза нафармудед?

Дӯсти Худо дар посух фармуд:

– Ай мард, осуда бошед, ки Худои зан шавҳар аст! Аз ун сабаб ва шарофате, ки ҳамсаратон аз амри шумо берун набаромад, имрӯз ҷойи қиблагоҳашон биҳишт муайян гардид, вагарна барои ӯ дӯзах муқаррар гашта буд».

Ҳоло ҳозир Гулноз ҳамин масали ахлоқиву пандомӯзи қиблагоҳи бошарофаташро ба Санавбар ёдрас кардан мехост, аммо ба дӯғу даранг ва сад баҳона пеш овардани ӯ гӯш дода, такрори онро зарур надонист. Санавбар бошад, «пой дар як мӯза» аз мақсади худ даст накашида, хоҳарашро мефаҳмонд:

– Аҷаб гапҳо мезанӣ, Гулноз! Ҳозир қуввати ҳар кас ба зиндагии худаш ҳам намерасад. Касе бо касе кор надорад. Бе ин ҳам занҳои мо худро яклӯхт фурӯхта, рӯзи сағираҳошона пеш бурданд. Барои ана ҳамин як бурда нон ба кадом корҳое рафтанд! – бурдаи шикастаи нонро аз дастархон бардошт Санавбар ва ба гап – гап савор кард: – Гумон дорӣ, ҳозир домани дигарон пок аст? Хиёл мекунӣ, ки шавҳарҳои онҳо дар Русия даст дар ҷебак саланг-саланг гашта, аз ин корҳо воқиф нестанд ва бозпас омада, ҳамун хел

занҳои чукрии таги санг вори тару тозаро меёбанд? Ҳама чазир шуд, ғар шуд, хар шуд...

– Касе карда бошад, гуноҳу савобаш ба гардани худаш, – гапи Санавбарро аз даҳон зад Гулноз ва насиҳатомез афзуд: – Ту муҳаббатро аз худ дур макун, ки бадтар аз марг аст. Ба ҷогаҳи гарми бегона хӯ магир, ки доғ ба доманат меафтад, назди хешу табор дигар сар боло карда наметавонӣ. Умр сипарӣ мешаваду муҳаббат ҷовидон мемонад. Баъд пушти даст мегазӣ: ҳам рехта мешавӣ, ҳам шикаста...

– Э-ҳа, имрӯзам хуш гузарад, шуд! Фардо ба сарам чӣ меояд, худо медонад... – боз бепарво даст афшонд Санавбар.

– Ин гапро касе гӯяд, ки тақдири панҷ фарзандро ба гардан надорад... – афсӯс хӯрд Гулноз ва якбора аз апааш пурсид: – Ту ба ман фаҳмон: магар дар бозор савдо карда наметавонӣ?.. Ман рӯзамро ҳамин хел мегузаронам-ку! Мехараму мефурӯшам... Ягон ҷоям кам нашудааст, кӯдаконам серу пур, камбуд нест. Ту чӣ? Панҷта дорӣ-е! Калонакашро дар бозор мон, ба дӯст зору ба душман хор намешавӣ, апа!

Санавбар аз ин гапи хоҳараш якбора шӯрид:

– Ман духтари кӣ будам, ки дар бозор шинам?.. Падарамро сад кас бо ҳавас муллои хирадманд мегуфт, муллои хирадманд! Акнун барои ду тангаи рӯзгузаронӣ номи баландамро пасту гардани бачаҳома каҷ кунам? Хестӣ, ки хобат!

– Ҳо, духтари мулло, осмонро не, заминро нигоҳ кун, ки ба ягон чоҳи бетаг наафтӣ! – бо даст ишора кард Гулноз. – Таги пои бегонаҳо хаста метавонӣ-ку! Бозор нишастан душвор аст магар? – шӯрид Гулноз ҳам.

– Ту беақл будӣ, беақл мемонӣ. Муҳаббату бача гуфта, худамро зинда дар гӯр кунам? Эҳа, тавре мепӯшаму мегардам, ки душман бинаду гӯяд: «Қандаша занад, духтари мулло, хонааш сӯхта,

шавҳараш пухта бошад ҳам, дар зиндагӣ бой надодааст!» – бо ғуруру тафохур гуфт Санавбар.

– Дарвоқеъ, ту аз зиндагӣ чӣ бой додаӣ, ки боз талабгори шавҳар шудаӣ? – баланд кард овозашро Гулноз.

– Ҳамаро, хоҳарҷон! – ва сипас бепардаву бешарм изофа кард: – Ҷогаҳи гарму нафаси мардро. Як дами дигар сабр мекардам, инаш ҳам фаромӯш мешуд.

Гулноз хомӯш монд ва сарашро бо ишораи «ҳо, баракаллоҳ, духтари мулло, инро аз ту интизор набудам!» – ҷунбонда, хаёле ба рухсори рангзадаи Санавбар нигаристу афзуд:

– Апа, чашмота калон кушо: Ману Аҳмад дар ин хонаи иҷора чӣ доштем? Шаби аввал кастуму шими лоқашро бадар карда, ба ҷои лӯлаболишт зери сари бачаҳо гузошт. Бовар надорӣ? Аз Умед бипурс. Шаби дароз нахусбид мардак ва худашро дарун-дарун хӯрд. «Бозгаштро, ба диёре ки хуни ноф рехтааст, ғайри худо касе намедонад», – гуфту акнун дарк кард, ки мардум ба чоҳи бетак сарнишеб фурӯ рафт ва аз он берун омадан, ҳоло ҳозир дар гумон аст... То имрӯз дар ҳамин хонаи иҷораи амаки Миша сабр карда нишастаам. Ту чӣ, ҷони ширин? Хонаи падари раҳматиамро ба мерос гирифтед. Боз шавҳари дӯстдоракат фурӯшгор буду дар сояи давлаташ савлататро фили маҳмудӣ бардошта наметавонист. Ҳини гурезогурез тамоми молу ҳолатро бароварда, дар ноҳияи наздик ба шаҳр хона харид язнаам. Шароити туву кӯдаконашро сади дар сад муҳайё карда, сипас сарашро гирифта рафт. Ман чӣ? Аҳмадамро базӯр, бо илтимосу зорӣ аз шаҳр баровардам, ки фақат ҷонашро зинда нигоҳ дорад. Сараш амон бошад, як рӯз не, як рӯз ба болои сари бачаҳояш сарбаланд гашта меояд...

– Воизи масҷид ҳам қади ту ин қадар хушрӯ ваъз гуфта наметавонад, – сухани Гулнозро бурид Санав-

бар ва дар ҷавоб ба ҳуҷум гузашт: – Гуфтам-ку, ту тамоман беақлӣ, мисле ки модаратро муллои хирадманд не, ягон чорпо парида бошад! Аҳмадат кайҳо нозукбаданеро ба чангол оварда, дуди роҳату сафояшро тамокувор ба ҳаво печонда гаштааст. Ҳо, дунёбехабар, мардҳои мо занҳои пиру дақро ҳамсар кардаанд, ки дар Русия соҳиби хона шаванд! Бехонагӣ зиндон аст дар ун кишвар. Беваҳои ун сарзамин худо мегуфтанд, ки ҳамин хел бурдангалҳои бесоҳиба насибашон гардонад. Киро оғӯши нарму гарми бепашша намефорад?.. Як хел таннозакош дар ҳаёташон таваллуд накардаанд ва акнун умуман таваллудро намехоҳанд. Духтаракош кӯрбарзангиҳора гирифта, Амрикову Филиппину Мексикову Итолиё пулкоркунӣ меравaнд. Нарғулҳои мо бошанд, осонакак дар доми кампиракҳои лабташна афтидаанд. Э-ҳа, ин оббозию фароғату муҳаббата бинеду!.. Мегӯйӣ, ки филмҳои ҳиндиро фақат дар ҳамин кишвар ба навор гирифта бошанд! Дигар аз чанголи ун кампиракҳои мавизак ба осонӣ раҳидан мумкин аст? Хестӣ, ки хобат! Ту ҳам «Аҳмади ман, Аҳмади ман!» – гуфта, ин қадар хун нахӯр! Домодтӯраҳо ризқи ману туро кайҳо ба домани дигар беваҳои бедандон рехтанд. Баъд, зангирӣ дар ун кишвари бедарвоза мисли дастпӯшак – дил хоҳад, ҳар лаҳза дигару дигарашро иваз кардан мегирӣ...

– Афсӯс, мо зи ёрон чашми ёрӣ доштем!.. Шояд гапат ҷон дошта бошад, лекин фаромӯш накун, ки модари ман модари ту ҳам ҳаст, ин як, дуюм, – боз ба фаҳмондан гузашт Гулноз. – Аҳмади ман аз ун мардҳои мегуфтагии ту нест, ки ба сари ҳар «мавизак»-и бедандон кӯлоҳ шавад. Ҳамаро бо як панҷа андоза накун, апа. Панҷ ангушт бо ҳам баробар нест, калтаро калта мегӯянду дарозро дароз, мисли ману ту. Модоме, ки мардуми ун шаҳр пир гашта бошад, ҳукуматаш бояд андеша кунад, тақдири миллаташро

ба даст гирад, қадру қимати зан ва таваллудро баланд бардорад, вагарна бо ҳардамхаёлии мардони бегона наҷоти як кишвари абарқудрат, ки аз овозааш рӯзгоре замину замон ба ларза меомад, тамоман мумкин нест. Баъд, медонед, ки чаро мард назди зани дигар меравад?.. Чунки аз занбӯр дида, ору беҳтар аст. Занбӯр мегазад, вале ору не. Шумо аз занбӯр чӣ фарқ доред, апа?..

Санавбар дар ҷавоби пурсиши хоҳар хаёле сукут кард. Ӯ бидид, ки ба Гулноз таънаву овоза кора намекунад, боз гапро ба сари мақсад овард:

– Биёву акнун замбӯру оруятро ба як тараф мон, дигар хуши ин гапҳоро шунидан ҳам надорам. Фақат ба ту гуфтан мехоҳам, ки ниятам қатъист, ба ҳамун ҷавони гуфтагиам мерасам.

– Худо нигоҳ дорад, думболаи ин девонагиро нагир, апа. Гӯшт чу гандад, намакаш мезананд, вой ба рӯзе, ки бигандад намак! – хитоб кард Гулноз. – Сарамонро паст накун...

– Эҳ хоҳар, ҳазор байт ҳам бихонӣ, дареғо, ки акнун дери дер шуд! Сарв хамид аз ман, гулзор чарид аз ман, имон рамид аз ман, – афсӯс хурд Санавбар.

– Меваи шохи баланд будӣ, ҳо, духтари мулло! – сар ҷунбонд Гулноз. – Ҳавасатро сад кас мехӯрд, сад кас дар орзуи як гапаки обдораки ту ва ҷамоли маҳтобиат шабҳо хоб намерафт. Дареғо, апа, акнун ба шавҳарат чӣ ҷавоб медиҳӣ?

– Ҳамаашро мегӯям. Мегӯям, ки ҳо, бегурда, дӯстат доштам, вале уқоби дигар ғафлатгирам кард. Мегӯям, ки лаънат ба ин зиндагӣ, ба ин ҳусну ҷамол, ки замоне менозидам ва акнун дарди сарам шуд! Нозанинӣ аз барои нозанинон душман будааст, – гуфту овоз дар гулӯи Санавбар зиндон гашт.

Гулноз ашки чашмонашро бирӯфт ва боз дили апаашро бидарид:

– Афсӯс, апа, зиндагӣ моро имтиҳон кард, аммо ту

аз ин санҷиш нагузаштӣ!.. Ман занҳоеро медонам, ки шавҳарашонро дар пеши чашмашон хуну халов карданд, вале то имрӯз ба ёди онҳо зиндагӣ доранд. Агар ҳар кадоми мо думболаи ҳавову ҳавасҳои беҳуда тохтан гирем, оқибати фарзандонамон, оқибати ин миллат чӣ мешавад? Магар бо ҳамин умед ҷони шавҳаронамонро раҳондем?.. Модом, ки чунин мехостӣ, чаро шавҳаратро гурезондӣ? Нагузоштӣ, ки дар назди худат ҷонашро ба ҷонофарин супораду баъд осуда ба шавҳар барой?.. Ба инаш чӣ мегӯйӣ, апа?

– Чӣ ҳам мегуфтам, мани муштипар? Мегуфтам, ки офаринашон, зинда бошанд! Касе, ки ба ин имтиҳони сахт тоб овардааст, поянда бимонад. Вале гӯр дар сари беақлӣ!.. Хайр, хоҳарҷон, маро бубахш, вале дар ин бора ба касе лаб накушо, – аз ҷо рост шуд Санавбар. – Ҳисоб кун, ки ман ҳам дар рӯзи мусибат бедарак қурбон шудам ва ба қаъри дарёи бетак фурӯ рафтам... Аммо, дареғ, ки маро фаҳмиданат мушкил!.. Рост, ҳама суханҳоят дар зоҳир дурустанд, вале аз ҳаёти воқеӣ бӯ намебаранд.

– Боз чӣ хел? – китф болову поин кард Гулноз.

– Бовар кун, ту мисли қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ ва филмҳо аз осмони ҳафтум гап мезанӣ. Аммо ба ҳаёт аз паси панҷа баҳо медиҳӣ. Ҳо, ҳақиқат дигар аст, хоҳарҷон! Ҳақиқат ин аст, ки барои як пора нон, барои як пора ноне, ки сағераҳои фисинам хӯрда зинда бимонанд, худро муфт фурӯхтам, таги пойи ҳар номард хазидам ва домани покамро доғдор кардам... Надонам, фардо онҳо калон шаванд, маро мебахшанд ё не, лекин ин номаъқулиро ба хотири онҳо кардам. Танҳо барои ҳамин, на ба хотири чизи дигар! Агар фаҳманд – хуб, агар не – таваккалашон ба Худои пок!..

– Боз фикр кун, апа. Пагоҳ фарзандонат аз ту домангир мешаванд, на аз падар. Беақлӣ накун, ки оқибат пушаймонӣ суд надорад, – Гулноз баробари

апааш аз ҷо рост шуду изофа кард: – Мабодо ягон хархашаро сар бизанӣ, фарзандонатро ба хонаи ман роҳӣ кун. Суроғаро медонӣ, худам сару барашон мешавам.

– Хуб, – гуфт сархам Санавбар ва худоҳофизиро нася гузошта, об дар чашм бирафт.

Алам дар дилу дуди ғам дар сар бирафт Санавбар. Ӯ раҳ мерафту думболааш шамоли сард мевазид. Нохост гирдбоде бархост, ки рӯйи раҳ хасу хошоку коғазпораҳоро печонда-печонда ба ҳаво бардошт. Ба қавле, аҷинашамол гӯё пой дошт, ки тобхӯрон раҳ мерафт ва дар панҷаи гирои худ Санавбарро ҳам тоб дода, қариб буд ба ҳаво бардорад. Аммо ӯ зуд чашмонашро бо ҳарду даст пӯшида, ба замин дикак нишасту аз чанголи боди гузаро раҳо ёфт. Баъди дуртар рафтани гирдбод, вай чашмони чанголудашро бо кафи даст кафмол карда, як бори дигар нимкӯр ба қафо нигаристу бо ишораи «хайр, хоҳар!» – даст афшонд. Як гӯшаи дили Гулноз сиёҳ шуд. «Ҳо, рӯҳи падари раҳматиамро бесабаб ранҷонд», – аз дил гузаронд вай. Вале Гулноз дигар ба назди холаи Машаи фолбин рафтан нахост...

Гулноз тамоми рӯз дар хона пакарнамо қадам мезад. Аммо на омадани Умеду Ситорaро фаҳмид, на бозор рафтанашон, боз на бегоҳ баргаштану чӣ хӯрданашон ва на чӣ ба даҳон бурдани худро низ. Ҳо, ҳама чизро медид, посух медод ва мепурсид, вале чӣ пурсидану чӣ посух додан дар майнааш намеғунҷид. Вуҷуд дошт ё надошт?.. Балки ҷисме буд ҷондор, мерафт ин хона, медаромад ун хона, мокувор тор метанид гирд-гирди хона, гирифтану монданро дарк намекард, хестану нишастанро низ... Ҳо, соя буд, сояи ҷондор!..

Осмони ситоразор ва моҳи комил атрофу акнофро мунаввар мекард. Гулноз, ки акнун Умеду Ситорaро хобонда буд, аз паси тирезаи симентии пешайвон ба

васати осмони пурситора нигариста, чеҳраи Аҳмадашро пеши назар меовард ва дафтари хотираро варақ мезад. Ва нахуст ҳамун лаҳзаи мактабхонӣ, ки муаллимаи ҷавони забони русӣ дастони кӯчаки Аҳмадро болои парта гузошта, бо химчаи тар сахт-сахт зада буд, аз лавҳи хотираш гузашт ва ба ҷуръати худ шубҳа овард: «Наход ҳамун духтараке, ки ба рӯйи муаллима давида, ӯро аз задани Аҳмад боздошт, ман бошам? Боварам намеояд!.. Ҳо, ҳамун эҳсосу ҷасорати кӯдакона ба ман Аҳмадро бахшид, Аҳмади ҳалиму меҳрубонро, Аҳмади муаллимро, ки шогирдонашро мисли фарзанд дӯст медошт ва ҳангоми дарс доданаш ҳич кас овоз баланд кардани ӯро нашунида буд. Агар ӯ ба қисса мепардохт, мегуфтӣ ки ду гӯши дигар сабз кунам... Аммо ин чархи гардон ба муҳаббату ҷасорати ман чӣ кард? Шамоли сардаш ҷасорату умедҳоямро ба куҷо фиканд?.. Охир, танҳо аз маро не, аз дигаронро ҳам!.. Аммо ишқро ҳич кас шикаста наметавонад, ба ҷуз соҳибони ишқ. Забони чархи гардон ҳам дар пеши пойи ишқ лол аст. Зеро хонаи ишқ дар дил аст, дар дил!..»

*Биё, к-аз ишқи ту девона гаштам,*
*В-гар шаҳре будам, вайрона гаштам.*

Ҳо, Аҳмад дар вуҷуди ӯ мезист. Ростӣ, даме ки Аҳмад мисли як узви беқарор дар ӯ зиндагӣ мекард ва рӯзгоре аз ӯ ду фарзанд ба дунё ҳадя оварду нафаси рӯҳафзо аз зиндагӣ мебардошт, ин қадар азизу ширин будани муаллимро дарк накарда буд. Гоҳ-гоҳе ба хона дер меомад Аҳмад ва ин қаҳри Гулнозро бедор мекард. Вале медонист, ки инак-инак меояд ӯ ва чандон хавотирӣ ҳам надошт, ҳарчанд дилаш гум мезаду беқарорӣ мекард, ҳаросон мешуд. Акнун ранги зиндагӣ битамом дигар аст...

Оҳо, пухту бирён шуд, гиристу хандон шуд, шика-

сту тобон шуд, нолиду рақсон шуд Гулноз дар ин муддат! Ашк дар остин нигоҳ дошт то касе сӯхтанаш набинад, нолиданаш нашунавад... Ӯ мисли Санавбар раҳи бемеҳрӣ ва сабукфикриро ихтиёр накард. Ва бо ёди Аҳмадаш зист, фарзандонро ба ҷойи Аҳмад гузошт ва Аҳмадро бо худ бардошта гашт. Чӣ тур Аҳмадашро фаромӯш кунад, охир?!

Гулноз монандаи гули тозашукуф чашм во карду ӯро бидид ва дар дил сурату сирати зебояшро каъба кард. Каъбаи вай дилаш буд ва дилаш хонаи Аҳмад ва Гулноз бар ин каъба саҷда овард. Дигар дил, дигар нафас, дигар хун, дигар ҳарорат, дигар сухан, дигар об, дигар нуру дигар хокро қабул надошт ин дил. Дили ин духтараки боҷасорату дидадарои шарикдарс ун ҳангом ҳамин тур дил буд. Ва ҳоло низ дигар нагашта. Хуб буд ё бад, бигзор Худо додрас бошад. Дили поку зебои ӯро Аҳмади сиёҳмӯи баландқад, бо чашмони мешӣ, абрӯвони борики пайваст, бинии рости зебанда, ки ба мӯйлаби пари зоғаш бор андохта, сураташро ба кадом як ҳунарманди мумтози синамо монанд мекард, баъди хатми мактаб, саҳеҳтараш баъди «Занги охир» озод рӯи каф овардаву ба қафаси сина андохта буд. Ҳампартаҳои дирӯза ошиқи якумраи ҳамдигар гаштанд. Ва Гулноз ба мактаби олӣ рафта натавонист. Орзуяшро дар қафаси сина зиндон кард. Зеро апаи Санавбараш ба шавҳар баромаду падари муллояш дар хона танҳо монд... Панҷ соли дароз раҳи Аҳмади донишҷӯро поид ӯ. Ва Аҳмад панҷ соли дароз ба дидори Гулноз мешитофт. Танҳо баъде ки Аҳмад донишгоҳро хатм кард, онҳо тӯй шуда, ба visoли якдигар расиданд. Муллои хирадманди деҳа – ҳамун муллое, ки бо либоси тозаю озода суфиёна раҳ рафта, аз чеҳрааш хирмани нур мебориду сад кас орзуи сӯҳбаташро дар дил мепарварид ва Ҳабиби деҳқон – ҳамун деҳқоне, ки бо обилаи кафи даст Аҳмадашро хононда муаллим карда буд, бахти фар-

зандонро диданд. Аммо муллои покниҳоду равшанзамир магар ҳамин рӯзро нигарон будааст, ки ба зудӣ аз олам даргузашт. Гулноз обу адо шуд он рӯзи мусибат: ӯ танҳо барои падар – муҷассамаи нуронии меҳрафрӯзаш нола намекард, балки барои бемодарӣ ҳам, ки чеҳраи зиндаашро ягон бор надида буд, ҳой-ҳой мегиристу навҳа мекашид...

Ва ноаён аз чашмони Гулноз ашк ҷӯйбор кушод. Хаёле надонист, ки ӯ барои кӣ мегиряд: барои падар, барои модар ва ё барои Аҳмад?.. О-ҳо, вай чӣ андоза Аҳмадаш, ягона такягоҳ, қуввати дилашро ёд кардааст? Худо донаду ӯ... «Ҳоли ҳозир, агар пешам мебуд, ба қадамаш диламро мегустурдам, хоки пояшро бо мижгон ҷорӯб зада, ба дида бармедоштам, сар ба сандуқи синааш гузошта, так-туки дилашро мешунидам,.. – садо бар худ медод Гулноз. – Куҷоӣ, Аҳмад?.. Чӣ ҳол дорӣ? Дилама нолону ҷигарама бирён кардӣ, Аҳмад!..»

Моҳи осмон сер кард чашми ӯро аз косаи шир ва ситораҳо хуб рақсиданд рӯи тангаи дидагонаш. Гулноз аз айвон ба хонаи пухтупаз гузашт ва аз рӯи миз боз анор гирифт, фишорид миёни панҷаҳои нарму сафедакаш ва захми дандон ниҳод бар пӯсти он. Сипас, аз нав миёни ду даст фишурд анорро ва шираи обашро ба шоридан овард андаруни пиёла, мисле ки чочи говро мекашида бошад, шир-шир садо медод шира. Фурсате бозистод аз дӯшидан ва шарбатро ба озмудан пардохт. Нигоҳаш доманкашон сайр мезад гирд-гирди пиёла. Ӯ андаруни хотира бо хотираҳо мезист...

Ва пиёлаи шираи анорро миёни панҷаҳои нармаш давр занонда, хаёлан ба Аҳмадаш нидо кард:

– Биё, шери хонаам! Ба ту мегӯям: биё, то дар замзамаи обшор, нолаи мурғи ҳақ, нури моҳ, ларзиши барги дарахтон, чашми ситорагон, тароватти сабза, латофати шукуфа, атри шақоиқ, ғурриши раъд ва на-

сими саҳаргоҳ худнамоӣ кунам ва як умр бимонам. Пару болатро бикушову биё!..

Биё, то пайкари абгори туро дар дарёи беканори ишқу муҳаббатам мисли тифле шустушӯ диҳам ва туро озими биҳишт кунам!

Биё, ҷонам, нури чашмонам, шоҳи хонаам, пазмонат шудам!

Ва акнун биё, ки на аз қалби ҳазор ошиқ, балки танҳо аз замири пурдарди худам бароят ҳазору як қисса дорам!.. Ҳо, шоҳи хона, гар дар Яманӣ, ту аз манӣ, пеши манӣ...

Пиёлаи анорашро бардошт Гулноз ва мисли ташнаи ишқ битамом фурӯ бурд ва «худоро шукр» гуфту аз ҷо рост шуда, сипас ба хонаи хоб гузашт.

Умеду Ситора кайҳо дар хоб афсона медиданд. Тавре ки намозгузорон зону мезананд, Гулноз рӯи ҷойгаҳ сари зону нишаст, ба қибла рӯй овард ва кафи дуо бардошта, бо овози паст, вале шунаво роз гуфт:

*– Худовандо, ба он нури назар дар дида ҷо бинмо,*
*Ба қадри интизори мо ҷамоли муддао бинмо...*

Моҳ аз паси баргҳои ток, ки навдаҳои онро ба қабати чаҳорум бардошта буданд, ба ӯ нигариста, чашмакӣ мезад. Гӯё гуфтан дошт: «Зиндаам, бо ёди туам!»

Ва дили хунчаконаш аз кӯзаи нури муҳаббат ҷуръа-ҷуръа ошомида, таскин меёфт. Лабонаш бӯи оби анор дошт.

Ва ҳоли ӯро беҳтар аз Ҳофиз боз кӣ метавонист ифшо кунад:

*Имшаб зи ғамат миёни хун хоҳам хуфт,*
*В-аз бистари офият бурун хоҳам хуфт.*
*Бовар накунӣ, хаёли худро бифирист,*
*То дарнигарад, ки бе ту чун хоҳам хуфт.*

Ба умеди он ки шабаш ба сапеда бидамад, оҳиста

чашм пӯшид Гулноз. Моҳ ҳанӯз дар осмон салтанат дошту ситораҳо давраш арғушт мерафтанд...

## 8

Ҳа, ҳамон рӯз дар соати ваъдагӣ Илёсу Женя, Хохол ва боз ду нафари дигар савори мошини рангсиёҳашон пайдо шуданд.

– Ман ҳозир, милитсияро чеғ мезанам! – бо овози баланд гуфт амаки Коля ва шитобон ба сӯи бинои бозор тохт овард.

Аҳмади Ҳабиб ба ҳарб омода шуд.

Онҳо, бо карру фар ва воҳима, рост ба назди муаллим омаданд ва ӯро ҳалқавор печонда гирифтанд. Бачаҳои бозор дар ҷои худ ҳайкалсон шах гашта буданд.

Аввалин шуда Илёс ба гап даромад:

– Пулро барор! – дасташро мисли талбандаҳо дароз кард.

– Ҳоло ин хел пул надорам, – посух дода буд муаллим, ки аз пушти сараш зарбаи нахустинро Хохол фуровард ва нидо кард:

– Акнун футболаш кунед!

Илёс мехост бо зарбаи лагад ба даҳонаш занад. Муаллим бо як чолокӣ пояшро бо дасти чап дошта, чунон ба зери манаҳаш фуровард, ки ҳамон замон бо тахтаи пушт рафта зад. Ӯ дар ҷои худ тоб хӯрда, гиребони Хохолро ба даст овард ва озод аз ҷо бардошта, ба як сӯ ҳавояш дод. Хохол мисли тӯб парида, сараш ба девори оҳанини анбор бархӯрду ҳамон замон аз ҳуш рафт. Муаллим бо як ҳаллоси моҳирона Женяро ҳам парчини замин кард. Ду меҳмони нохонда ҳам аз зарбаҳои қотеъонаи муаллим бенасиб намонданд. Акнун ҳар кадоме, ки аз рэкэтёрон рост мешуду ҷониби муаллим метохт, зарбаи навбатиро чашида, печутобхӯрон аз нав ба замин меафтод.

Савдогарони бозор, ки то ин дам аз тарсу бим чӣ кор карданашонро намедонистанд, андак ба ҷумбиш омаданд. Онҳо то ин андоза ба моҳирона мушт задани муаллим бовар надоштанд. Зайниддин ва чанд нафари дигар ба ёрии Аҳмад шитофтанд.

– Истед, бачаҳо! – нидо кард муаллим. – Афтодаро намекӯбанд. Худам ҷазояшонро медиҳам. Шумо кордор нашавед, худро ба бало намонед!..

Тамошобинони зиёд ғун шуданд. Аҳмади Ҳабиб бо нафрату ғазаб ҷониби майдонғарибон нигарист ва лабонашро ба ҳам фишурда, бо пушти даст араќи пешониашро тоза кард ва ба онҳо рӯ овард:

– Шумо ба ман бигӯед: кай одам мешавед? Ба кӣ даркоред? Аз буданатон чӣ фоида, махлуқон?! Ғуломӣ, сарпастиро бас кунед! Хонаҳотон, сарзаминатон биравед, охир! Майнаи саратон ранги чормағзи пуч хушк аст ва ғайри сангпуштҳои мурда дар дилатон чизе дигаре вуҷуд надорад. Мефаҳмед?.. Шумо дар қатори одамон нестед, хонадарпуштҳо! Ба Ватан баргардед, бародарон! Охир, ҳамин тур хору зор мегардед?..

Ва ӯ хаёле аз ҳарф задан бозмонд. Аҳмади Ҳабиб хуб эҳсос мекард, ки тарс дар вуҷуди онҳо ба андозае тор танидааст, ки баъзеҳо аз сояи худ мисли заргӯш метарсиданд. Мегуфтӣ, ки дар шоҳрагашон ҷойи хун оби гандидае ҷорист, ки акнун ҳар кадомашон чени як дарзаи хушки коҳ арзиш надоранд. Ба ягдигар сурсур нигоҳ карда, гӯё карахт гашта буданд онҳо. Аҳмади Ҳабиб ин карат мулоимтар лаб ҷуфт кард:

– Муроди раҳматӣ гуфта буд: «Касе ки зодгоҳу насаб, миллату мазҳабашро аз ёд мебарорад, мисли хӯсаи бувак – гӯсолаи тармурдаест, ки барои фиреби модар андарунаш коҳ ҷо кардаанд». Шумо ҳаминро мефаҳмед?.. Агар нафаҳмед, боз мефаҳмонам: ба ватанатон биравед!.. Ҳоло ҳам дер нашудааст. Бираведу аз мазорҳо, аз қабри мурдаҳои бекафан, аз пирони

маъюбу занони бевамонда, аз хоки шариф... узр пурсед. Омурзиш бихоҳед! Шояд... Шуморо бубахшанд...

Ҳо, кӯр як бор асояшро гум мекунад. Ҳушёр бошед! Барои мо, қабл аз ҳама, модару Ватан муқаддас аст, на чизи дигар. Мо ин ҷо мурданивор лагад мехӯрем, ки ақли тирагаштаамон рӯшан шавад ва сиёҳро аз сафед фарқ кунем. Акнун то ҷое, ки дарк мекардам, аз дилсӯзӣ ба ҳамаатон ҳушдор додам, дигар шумо донеду Худо... Шумо гумон накунед, ки ин девонаҳои хунукбашара бо ҳамин тинҷу ором меистанд. Не, муштқӯбии девонавор акнун сар мешавад! Шаҳрро ба сар мебардоранд онҳо, сӯрохи мушро мекобанд ва дар куҷое, ки як сиёҳ буду бош дорад, лингашро аз ҳаво меоранд... Агар ҳаминро мехоста бошед, бимонед ва агар не, зуд тахтаву тиракатонро ғундоред, ки фардо ягон обдара саратонро намешӯяд...

Кадоме аз рэкэтёрони афтода сар бардошту таҳдид кард:

– Ҳоло сабр кунед, сияҳҳои бетолеъ, очаи зоратонро нишон медиҳем!..

Ин дам чор-панҷ нафар милитсияи бозор ҳамроҳи амаки Коля давида омаданд.

– Худаш чӣ гап? – пурсид сардорашон.

– Ана, авбошон, бигиред онҳоро! – ба афтодаҳо ишора кард амаки Коля. – Онҳо рус нестанд, фашистони навбаромаданд ва номи русро паст мезананд. Гурӯҳи хунхори Илёсаш ана ҳамин!..

– Шаҳрвандони мӯҳтарам, мо инҳоро ба минтақаи нозирӣ мебарем, шумо ҳам ҳамроҳи мо биёед!

– Рафтем, бачаҳо, натарсед! – нидо кард амаки Коля ва худ пеш даромад.

Зайниддин ва чанд нафари дигар думболаи муаллиму амаки Коля бо ҷасорат қадам бардоштанд...

Баъди ғалабаи муаллим кор ранги дигар гирифт дар бозор.

Гурӯҳи Илёс бедарак ғайб зад: ба ҳуҷуми навбатӣ омодагӣ мегирифт ё ба кори «муҳиме» банд буд. Акнун ҳама «озодона» савдо мекард, вале хавотирӣ гӯшаи дилашонро тарк намекард.

Маргарита аз ғалабаи Аҳмади Ҳабиб шод гашта бошад ҳам, дигар ба кори бозор барнагашт. Дар раҳ ба амаки Коля гуфтааст, ки дуруду паёму миннатдориашро ба муаллим бирасонад, ки ӯро бори дигар наҷот бахшид ва аз чанголи рэкэтёрон раҳонид. Акнун ӯ метавонад, ки кори муаллимиашро идома бидиҳад.

– Хуб мекунад, ӯ муаллима аст, бояд нонашро аз мактаб биёбад, – хулоса кард Аҳмади Ҳабиб ҳам ва аз амаки Коля хоҳиш овард: – Илтимос, амак, ягон мактаби дуруст ёбед, кӯдакони Илмираро ҳам бурда монем. Ман ба вай ваъда додаам... Ҳа, гуфтагӣ барин, амаки Коля, ҳамин Илмира зани бад нест. Шумо магар як умр сари танҳо мегардед?

– Э, монед ҳамун бадмастро ба ҳоли худаш гардад! Чӣ даркор сари беҷанҷолро дар ҷанҷол мондан?!

– Не, амаки Коля, вай аз танҳоӣ менӯшад. Агар ҷуфти муносиб ёбад, арақро умуман ба даҳон намегирад. Як озмуда бинед-да!

– Эҳ, монед!.. – гуфт ба завқ амаки Коля ва маълум буд, ки таги дилаш ин шиносоиро мехоҳад.

– Тайёриатонро бинед, амак, худам оқсақолӣ меравам, тамом, гап пухт. Лекин бо ғижжак меравем, шумо ғижжак менавозед.

– Э, монед-е!.. – боз баланду бо завқ хандид амаки Коля, ки раҳгузарони бозор ба онҳо нигаристанд...

Ҳо, шаҳр бо бозор зинда буд, аз бозор нафас мегирифт ва зиндагӣ дар бозор ранг. Саҳеҳтараш ин, ки солҳои охир мардум ризқашро аз бозор пайдо мекард. Гули саҳар оҳиста – оҳиста дар бозорҳо одам меборид. Муҳаббат низ ин ҷо тавлид меёфт, дидор низ,

ошноӣ низ, ғазабу кинаву адоват низ, фиребу найранг низ, одаму ноодамгарӣ низ... Ҳама рӯ ба бозор дошт: яке бо мақсади нек, дигаре бо нияти бад, яке мефурӯхт, дигаре харидорӣ мекард... Ва ҳама аз бозор зиндагӣ ба каф меоварданд. Зиндагӣ хуб ё бад, ҷараён мегирифт ва мисли мошини фарсуда коҳилонаю нолишкунон пеш мехазид. Ба ҳар сурат, чӣ найранге, ки бозор эҷод мекард, Аҳмади Ҳабиб шукрона мегуфт: «Хайрият, ҳамин бозор будааст, ки мардуми фирорӣ дарзамон худро андаруни он бизаду зиндагӣ орост, – меандешид дар дил. – Шукри бозор!.. Агар бозор намебуд ва ба рӯи онҳо дар намекушод, ин қадар мардуми фирорӣ дар куҷо меғунҷид ва аз куҷо ризқ меёфт?»

Ҳо, қабл аз бистари нарм сар бардоштан фурӯ мерафт ба дарёи андешаҳои гуна-гуна. Ун лаҳзае, ки дарк мекард, аз андешаи бисёр суде нест, мехесту коҳилона ба пӯшидани либос машғул мегашт.

Ва ин шаб низ мисли шабҳои қаблӣ ба рӯз нарасида буд.

Хеле барвақт аз хоб бедор шуд муаллим. Амаки Коля ҳанӯз меғанабид ва дилаш нашуд, ки ӯро аз хоби ширин бедор кунад. Ӯ либоси кор пӯшида, раҳи бозорро пеш гирифт. Дар даромадгоҳ аллакай мошини милиса чароғак мезад. Хаёл кард, ки нозирон мисли ҳамеша шиносномаашро тафтиш карда, баъд «роҳи сафед» мехоҳанд, аммо гумонаш ботил баромад. Ҳине аз пеши мошин рафтагор шуд, овози мухобара фарогӯшаш омад: «Ҳо, лоғарандом, ба назди мо!..»

Аҳмади Ҳабиб пештар омад ва муадабона салом дода, шиносномаашро ба сӯи онҳо дароз кард. Нозири ғафси кулчарӯй чароғи дастӣ дар дода, саропои ӯро бо як нигоҳ шудгор кард ва сипас ба сурати нома синчакорона нигарист.

– Шиноснома аз они ту нест-ку?! – абрӯ гиреҳ кард

нозир.

– Чӣ хел? Аз ман аст! – тааҷҷуб кард Аҳмад.

– Ман мегӯям, ки аз ту нест! – шиносномаро ба ҳамкораш дароз кард нозири ғафс. – Ин сиёҳро афшодан даркор.

– Охир, ана ному насабам! Боз аз бачаҳо пурсед...

– Ман ба бачаҳои ту чӣ кор дорам? Мехоҳӣ, ки дар ин нимишабӣ боз рафта бачаҳои туро бедор кунам?.. Сурат ба ту монанд нест, дар шиноснома тамоман каси дигар. Чӣ, худат ба акс ягон бор нигоҳ накардаӣ?

– Нигоҳ кардаам. Акси ман аст, охир!

– Дар акс мӯйлаб надорӣ, боз каме фарбеҳ... Дар лабат табассум. Ҳоло чӣ?

Аҳмади Ҳабиб дастпоча шуд ва донист, ки аз дасти ин ғафс ба зудӣ ва осон халос намешавад. Он гоҳ мулоимтар ҳарф зад:

– Шаҳрванд командир, агар ҳозир рафта мӯйлабамро гирам, ба суратам монанд мешавам?.. Вақти суратгириам муаллим будам, ҳозир мусофир...

– Ҳа, акнун ақлат мегирад, – бо надомат сар ҷунбонд нозир. – Номи муаллимро қариб расво мекардӣ. Муаллимӣ касби бошараф аст, ба бачаҳо таълим медиҳад... Майлаш, ба хотири муаллим буданат аз ту фақат даҳ ҳазорак. Ба мо ҳам таълим медиҳанд, ки модоме ин вазифаро гирифтаед, ҳалол кор кунед. Фаҳмидед?.. – Серёжа, ҳу ана ҳамон сағираро фарёд кун, вай муаллим не, аз афташ пулдор метобад, – нозири ғафс ба ҳамкораш ҷавони чаққонеро нишон дод. Овози мухобара аз нав баланд гардид...

Аҳмади Ҳабиб даҳ ҳазор сӯм ҷониби нозири ғафс дароз кард, аммо ӯ ба даст пулро нагирифта, бо сар ишораи «Ба кабина парто» намуд.

– Маоши мо ҳамин, хафа намешавед, зиндагӣ! – фаҳмонд нозир рӯй шукуфонда ва шиносномаи

Аҳмадро пас гардонд.

Муаллим вориди бозор гардид. Кадом деҳқоне дар ин барвақтӣ аз раҳи дур чанд линга картошка оварда будааст. Бо дидани харидор дарзамон наздаш омад ва хоҳиш кард, ки борашро харид намояд. Муаллим бори деҳқони ношиносро яклӯхт савдо карда, маблағи онро ба дасташ дод. Деҳқон хушҳолона худоҳофизӣ карда рафт. Баъди ин амаки Коля пайдо шуд.

– Муаллим, имшаб ин қадар барвақт хестед?

– Хобам набурд, – гуфт Аҳмад ва изофа кард: – Баракати бозор дар барвақт хестан аст...

Онҳо лингаҳои картошкаро рӯйи ҳам гузоштанд. Аҳмади Ҳабиб каме нафас рост карда, сипас ба амаки Коля гуфт:

– Амак, имрӯз Шумо танҳо савдо мекунед. Ман хаста шудам, дар шаҳр каме гардиш мекунам.

– Хуб шудааст, Шумо бемалол тамошо кунед. Худам савдо мекунам...

Шаҳр бедор мешуд. Рафтуои одамон ва нақлиёт лаҳза ба лаҳза зиёд меафзуд. Аллакай талбандаҳо «минтақа»-ҳои худро банд карда буданд. Аз байни доду гирифт ва сару садоҳо танҳо нолидани ғижжаки амаки Коля ба гӯш намерасид. «Ҳо, вақташ расидааст, ғижжакро бояд баргардонд», – аз дил гузаронд муаллим.

Нохост «Ассалому алайкум!» – гуфтани касе ӯро ба худ овард. Сар бардошта нигарист, ки марди бузбалаи тахтариш ҷонибаш ду даст дароз кард. Аз пушташ се-чор нафари дигар ва занону кӯдакон қаторак рост нишаста буданд. Нахуст Аҳмади Ҳабиб гумон бурд, ки ягон шиноси наздик аст, вале бехост ба сараш зад: «Эҳ, сабил, ҷӯгиёнанд!..»

– Шумо, авлод, нағзед, дурустед? Дар ҳаққи гузаштагон, авлод, хайру саховат мекардед, баракаташ ҷудо калон мегӯм-да, авлод! Камиро набинед, сахтиро набинед, авлод. Моро дар ин ғарибӣ назди

бегонаҳо шарманда накунед, авлод, – ба варсоқихонӣ даромад тахтариш.

Аҳмади Ҳабиб бо танаффур ҷониби ҷӯгӣ нигаристу аз ҷайбаш пули майда баровард, ба дасташ қапонд ва бо зарда гуфт:

– Кӯҳро занед, паст мешавад, бо ин тану тӯшатон дар бозор биҷунбед, намешавад? Аз дигарон кам нестед, шарму ҳаё надоред?

– Касби бобоӣ, авлод, – бепарво посух дод тахтариш. – Бо хун омадааст, бо ҷон мебарояд, авлод.

– Асосаш, тани худро тамоман ба кор намедиҳед ва баъд шуморо ҷӯгӣ – талбанда мегӯянд. Аз кор кардан нафрат доред ва он барои шумо ҳич арзиш надорад. Шумо магар танҳо барои рӯз гузарондан зиндагӣ доред? Айбу шармро намедонед, ки дар ин рӯзҳои сахту гурезагӣ худро тоҷик гӯён муаррифӣ карда, номи ба замин афтодаи моро боз бештар ба хок меолонед?..

– Айбу шарм чист, авлод? Ин кори моро на ҳар кас ӯҳда карда метавонад. Корамон ҳамин аст. Тоҷик ҳастем, охир...

– Тоҷик бошед, кор кунед, нони ҳалол хӯред...

– Магар нони шумо ҳаром аст? Мо нони шуморо мехӯрем-ку!

Дар ин гуфтӯгу буданд, ки гирди онҳоро нозирон «девор» карданд. Аҳмади Ҳабиб хост аз байни ҷӯгиён берун ояд, вале нафаре пӯписа кард:

– Ту ба куҷо, ҳо, ҷӯгӣ? Шаҳрро бӯйнок кардед, ҳамаи шуморо гум кардан даркор!

– Шаҳрванд милиса, ман аз авлоди ин ҷӯгиҳо нестам, охир! – Шиносномаашро баровард Аҳмади Ҳабиб ва фаҳмонд. – Тасодуфан миёни онҳо уфтодам. Ана, шиносномаи ман!..

– Гапа кам кун, ҷӯгӣ! Ҳамаашонро бор карда, берун аз шаҳр бурда партоед! – амр зад калонашон. Ва сағиру кабирро пешандоз карда, як-як ба мошини

болопӯш, мисли дарзаи каҳ, рӯи ҳам ҳаво доданд. Даруни мошин аз бӯю таф дамгир гашта буд. Аҳмади Ҳабиб миёни ҷӯгиён бори аввал уфтода, ҳоло ҳозир дар ғазаб ҷӯшида, қиём мешуд, аммо ба кӣ арз карданро намедонист. Дарро аз пушт қулф заданд милисаҳо ва лаҳзае пас мошин аз ҷо ҷунбид.

– Ана авлод, шумо аз ҷӯгиён чӣ фарқ доред? – таъна зад тахтариш. – Пеши ин мардуми бегона мову шумо як ҳастем. Мегӯйи, ки тоҷикони шумо ҷӯгигӣ накардаанд?.. Эҳа, ҳоло хобӣ, авлод!..

Аҳмади Ҳабиб, дар ҳоле, ки сари сӯзан қарор дошт, хомӯширо авлотар донист, зеро онҳо байни якдигар чунон шӯру мағале бардошта буданд, ки аз маҷлиси дами бегоҳи гунҷишкон низ баландтар садо медод ва яке сухани дигарро тӯтивор бурида, ҳарф мезад. Алҳол баҳсу мунозираи онҳо ба гӯши Аҳмади Ҳабиб намедаромад. Ӯ мехост, ки ҳарчӣ зудтар аз онҳо халос шавад, вагарна ба бӯяшон чанд рӯзи дигар овора шуданаш мумкин аст. Мошин тахмин як соат дар роҳ буд ва ҷойе ист кард, ки он ҷо ахлоти шаҳрро ҳаво медоданд. Ҳамаро фароварданд. Сардори милисаҳо баланд амр зад:

– Куҷое мехоҳед – бираввед, чор тарафатон қибла, вале дигар ба шаҳр барнагардед, ки ин дафъа рост ба ҷазираҳои Аляска бадарға мешавед!

Аҳмади Ҳабиб чашми ҳамроҳонашро хато карда, оҳиста назди сардор омаду забон гардонд:

– Гӯш кун, бародар, мебинам, ки шумо ҳамаро мефаҳмед...

– Матлаб? – суханашро бурид сардор.

– Ман мисли онҳо ҷӯгӣ, яъне талбанда нестам. Дар бозор кор мекунам, муаллим ҳастам. Бовар накунед, аз дигарон рафта бипурсед. Нохост дар байни ин авлод афтодам...

– Гӯш кун, ту барои мо ғизои чошт дода метавонӣ?

– пурсид сардор.

– Метавонам.

– Пас, оҳиста дар кабина бишин, ки дигарон набинанд. Аҳмади Ҳабиб ба ин тарафу он тараф нигоҳ карда бидид, ки ҳама саргарми ташвиши худанд, оҳиста дари ғуфраро кушода, ба паҳлӯи ронанда нишаст. Вале чашми зираки тахтариш ӯро бидид ва дарзамон вай валвала бардошт:

– Ҳо, ҳамроҳамонро куҷо мебаред? Вай, ҷӯгиро, набаред! Авлодон, дами мошинро бигиред, ки ӯ осон аз дастамон халос мехӯрад! Не, авлод, туро гурехтан намемонем!..

Ду-се нафар ба ғуфра часпиданд, занҳо аз пеши мошин дур намешуданд. Сардор ноилоҷ ба Аҳмади Ҳабиб рӯ оварду фаҳмонд:

– Фуромада ҳамроҳашон қадам бизан ва ҷандала бикун, ки аз онҳо як-ду қадам пештар бошӣ. Мо андак пас мошинро ба ҳаракат дароварда, раҳакӣ мешавем.Ҳамин, ки наздик омадем, дари

ғуфраро мекушоям ва дарзамон парида савор мешавӣ. Фаҳмидӣ?

– Майлаш, – кӯтоҳ гуфт Аҳмад ва аз ғуфра фуруд омад.

– Мо ба ҳич куҷо намеравем! Шумо рафтан гиред! Ин мардро ҳам бо худамон намегирем! – амр зад нозир.

Онҳо борҳои худро ба сари китф гирифта, ба роҳ баромаданд.

– Ҳа, моро партофта, куҷо меравӣ, авлод? Ҳамсафар ин хел нашудааст, номардӣ накун! Ту ҳам як маззаи рӯзгори моро чашида бин, баъд кӣ будани ҷӯгиҳоро фаҳмида мегирӣ...

Дигар чизе нагуфт Аҳмади Ҳабиб ва калон-калон қадам зада, худро аз онҳо дур гирифт. Ҳар замон муаллим ба пас нигариста, омадани мошинро бесаброна

интизорӣ мекашид. Мошин ҳам аз дур намоён шуд. Дигар ӯ ба пасаш нигоҳ накард. Нақлиёт аз онҳо гузашта, каме дуртар ист овард ва Аҳмади Ҳабиб дав гирифт...

Тахтаришу дигарон доду войкунон думболааш тохтанд, аммо дигар ба муаллим расида натавонистанд. Баъди ба ғуфра нишастани ӯ, мошин ба ҳаракат даромад .

– Дидор дар қиёмат!.. – аз тирезаи мошин калла бароварда, ҷониби ҷӯгиён бо мазмуни «худо ҳофиз» даст афшонд муаллим.

– Афсӯс, ин авлод хуб дар чангамон зада буду муфтакак ҷонашро халос кард-а! Як азобаки моро мечашид, баъд киҳо будани ҷӯгиёнро як умр фаромӯш намекард... – бо дареғ сар ҷунбонд тахтариш.

Ва онҳо дар ин гӯшаи дури шаҳр танҳо монданд. Аммо ин танҳоӣ барояшон одат шуда буд. Зеро дар ҳич хоке макон намеёфтанд ва дар ҳич даре соҳибдарак.

Ҳо, беватан дар ватани дигарон хок мешавад, аммо хокдон надорад. Ӯ битамом намедонад, ки дар кучҷо мемирад ва дар кучо дафн мегардад. Худоё, аз беватан будан нигаҳ дор!..

Вақте ки Аҳмади Ҳабиб ба бозор даррасид, Амаки Коля аллакай лингаҳои картошкаро фурӯхта, тамом карда буд. Бо дидани муаллим ӯ хушҳол изҳор кард:

– Эҳе, тамом!.. Метавонед, ки акнун хона рафта баҳузӯр дам гиред. Мана пулҳои фурӯши имрӯза! Дар хона ҳисоб кунед, – пулҳоро ҷониби муаллим дароз кард амаки Коля.

– Офарин, амак! – пулҳоро гирифта, ба ҷайб хаст муаллим.

– Акнун бароятон се паёми хуш дорам, – гуфт амаки Коля ва хушхабар болои хушхабар афзуд: – Якум, барои кӯдакони Илмира мактаби дуруст ёфтам.

Дуюм, гурӯҳи Илёсро ҳангоми фурӯши героин дастгир ва ҳамаашонро говсуд кардаанд. Яъне, аз душмани ашаддӣ халос шудем. Ва сеюм, шуморо дар хона як меҳмон интизор аст...

– Ташаккур, амаки Коля. Ҳозир майда-чуйда харид карда, ба хона меравам. Агар тавонем, бегоҳ ба хостгории Илмира меравем... Ҳа, меҳмон кӣ бошад?..

– Нафаҳмидам, – китф дар ҳам кашид амаки Коля ва изофа кард: – Меҳмон гуфт, ки ба муаллим ана ҳамин хел бигӯй: «Козаи замбӯрро хала-хала накунед, ки онҳо гизала гашта, чунон мегазанд, ки як умр раҳи хонаатонро гум мекунед». Ҳамин гапро бигӯй, худаш мефаҳмад, гуфт.

– Ҳаминро гуфт?

– Ҳо, ҳаминро гуфт.

– Ба фикрам, аз деҳаи мо. Лекин кӣ бошад?..

Аҳмади Ҳабиб бо дастони пур вориди хона гашта, борҳояшро дар синчдарӣ гузошт. Дар пешайвон, паси мизе ки чароғ нагиронда, баъзан ҳамроҳи амаки Коля чой менӯшиданд, ҷавоне пушт ба дар рӯзномаеро варақ мезад. Аҳмади Ҳабиб паст-паст ду-се бор ошарф дод. Ҷавон рӯзномаи дасташро як тараф гузошта, ҷониби овоз рӯй гардонду... бо овози омехта ба гиря садо зад:

– Бародари азизам!..

Аҳмади Ҳабиб ба ин садои ошно ва ширин ибтидо бовар накард. Хаёл кард, ки андар назараш менамояд. Ё шояд гумон ӯро гӯл мезанад?.. Аммо ин садои ошно боз форамтар фарогӯшаш омад:

– Бародарҷони азиз... ин... манам ... .

Муаллим хаёле карахт шуд. Ин садои азизу ба ҷон пайвандро панҷ сол боз нашунида буд ӯ. Ба ақли сараш бовар накард... Охир, дар рӯ ба рӯйи муаллим ҷавонмарди паҳлавонсурат, абрӯсиёҳи нозанин, бо чашмони калон-калони мешӣ, фарзанди падараш – Аҳрор табассум мезаду ӯ ҳам ёрои пеш омадан на-

дошт. Чӣ қадар пазмон гашта буд Аҳмади Ҳабиб ин чеҳраи барояш аз ҷон ҳам азизро!..

Ва оғӯш кушод Аҳмади Ҳабиб. Аз чашмонаш ҳамели ашк сарозер шуд, нафаси гиреҳхӯрдааш, мисли оби дамхӯрда, гӯё ба берун ҷаҳид. Ҳо, беҳуда нагуфтааст мардум, ки касе бародар надорад, дар рӯйи замин болу пар надорад. Акнун бародарон ба истиқболи якдигар болу пар кушода буданд.

– Биё... фарзанди падар!.. – зузу кашид муаллим ва ба сӯйи додараш осемавор қадам ниҳод. Ӯро ба бағал кашида, то дер сари додарро сила зад, бӯйид, гарданашро аз оғӯш сар надод, тавре ки падар фарзандро. Муаллим ин дам гӯё ҳамаро – падарро, модарро ва Ватанро ёфта буд. Ва аз пазмонӣ намехост, ки ин ҳамаро ба зудӣ аз оғӯш бираҳонад. Хаёле муаллим гумон кард, ки акнун дар кӯчаҳои деҳаи азизаш қадам задан дорад, садои шеърхонии шогирдон, дӯстон ва мусиқии ошноро мешунавад, ба шохаҳои сарзабзи дарахтони сари роҳ менигарад, аз оби рӯди байни деҳа панҷаи об ба рӯй мезанад, падари пир ва модари меҳрубонаш бо чеҳраи шукуфо ба сӯйи ӯ оғӯш кушодаанд, пеш аз ҳама, ҳамсари нозанин, Умеду Ситора ва бачаҳои деҳа шавқункунон «Муаллим омад, муаллим омад!..» – гӯён ба ҷонибаш метозанд... Ӯ ин ҳамаро, ин хаёли ширину ҷонфизоро, ки шабҳо борҳо дар хоб дида буд, аз оғӯш раҳо додан намехост. Не, намехост. Ин лаҳза ҳатто баландтарин мусиқӣ ва баландтарин шеър гӯши ӯро пур карда наметавонист. Зеро замир ва вуҷуди муаллимро баландтарин шеър ва баландтарин мусиқӣ аллакай саршор карда буд. Ҳо, дар мусофирӣ дидори чеҳраи ба ҷону дил баробар осон нест, охир!

Аҳрор низ алъон андаруни дарёи беканори ҳамин эҳсосоти гуворо шино мекард...

Бародарон ашки чашмони худро пок карда, барои

сӯҳбати самимӣ паси мизи айвон гузаштанд. Муаллим тирезаро, ки аз он ҷо бемалол саҳни буруни бозорро тамошо кардан мумкин буд, во намуд. Савдогарон машғули кор буданд.

– Ин хонаро чӣ хел ёфтед, додарам? – нахустин пурсид Аҳмади Ҳабиб.

– Дар бозор аз амаки Коля пурсидам, ҳамроҳатон кор мекардааст. Ӯ маро ба ин ҷо гирифта овард. Гуфт, ки сабр кунам, дар кучҷое, ки бошад, ҳатман меояд.

Аҳмади Ҳабиб муштоқона ба чеҳраи додаракаш нигариста, алъон чӣ гуфтану чӣ пурсиданро намедонист.

– Хуб, сари калобаамро гум кардам, аҳволат чӣ тавр, додарам? – ба худ омад муаллим.

– Бад не, худоро шукр!.. Лекин мебинам, ки Шумо парешонед. Магар ягон воқеа рух додааст?

– Мегузарад, додарам. Акнун туро дидам, ҳамааш фаромӯш мешавад, – худро бепарво вонамуд сохт муаллим.

Аҳрор, гӯё аз таги дили муаллим бохабар, ширин табассум карду сипас ба шарҳ гузашт.

– Бародар, ман аз саргузашти Шумо воқифам. Аз дуздакони худии истгоҳи «Светофор», ки пулҳоятро рабуда, ба тани Шумо корд зада буданд, огоҳ шудам. Ман онҳоро ёфтам!.. Танҳо онҳоро не, гурӯҳи дигареро ҳам, ки бо баҳонаи ба Ватан бурдани мурдаҳо аз бачаҳои бозор пул ҷамъ карда, сипас майитро партофта мегурехт, ба чангол овардам.

– О-ҳо, ҳамун гурӯҳе, ки Муроди раҳматиро дар фурудгоҳ партофта, думро хода карда буд?! – бо ҳисси кунҷкобӣ пурсид муаллим.

– Бале, ана ҳамун гурӯҳро! Ҳамаи онҳо дар истгоҳи «Светофор» буду бош мекардаанд, – қоматашро рост кард Аҳрор ва давом дод: – Ҳамаашонро сари зону шинондам, пулҳоятонро гирифтам ва худашонро сарҷамъ, дасту пояшонро баставу ба қатора савор кар-

да, ба Ватан фиристодам. Ҳа, милитсияи ҳамун ноҳия ба ман мардона кӯмак расонд...

– Ҳо, тани танҳо бо онҳо дастбагиребон шудан мушкил аст, – тасдиқ кард суханони додарашро Аҳмади Ҳабиб.

– Вақте ки Шуморо мечӯстам, гуфтанд, ки аз беморхона ҷавоб шудаед. Боз ба суроғатон баромадам. Кофтаму кофтам... Ҷӯянда ёбанда, мегӯянд. Ана, имрӯз дидори шарифатон насиб будааст, – гуфт Аҳрор ва афзуд: – Бародари азиз, мо бояд ба хона биравем, ҳама – падарам, модарам, кӯдакон ва хешу табор моро бесаброна интизоранд. Чӣ қадар пуле, ки хоҳед, дар ман ҳаст. Боз пулҳои худатро ҳам аз луздакони қатора ситонда гирифтам. Оворагию дарбадарӣ бас будагист... Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар, хори Ватан аз лолаю райҳон хуштар...

Аҳмади Ҳабиб табассуми ширин даври лабон дамонда, дар тақвияти суханони додараш бо эҳсос изофа кард:

– Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард, Эй кош, гадо будӣ, ба Канъон хуштар!.. Ҳо, албатта меравем, додаракам! Зайниддинро ҳам ҳамроҳ мегирем. Чанд сол аст, ки ӯ низ орзуи дидани ватанро дорад. Аммо доим ягон ҳамраҳи дуруст наёфта, сафарашро ба вақти дигар мегузорад. Вайро ҳатман ҳамроҳамон мегирем... – фурсате аз сухан кардан бозистод муаллим ва сипас афзуд: – Ҳа, фаромӯш накунам, бегоҳӣ ба хостгорӣ меравем. Мехоҳам, ки сари амаки Коляро ҷуфт кунам. Э-ҳа, ин мардак ҷони одам аст, ғижжакро чунон менавозад, ки ҳаловат мебаред! Барои ман шуда ғижжакашро шикаст, захмҳоямро табобат кард, дар паҳлӯям рост нишаст. Ин мардак аз хеши наздик ҳам зиёд аст барои ман. Ҳеҷ кофарро ба хорӣ мангаред, ки мусалмон буданаш бошад умед...

– Дуруст, дуруст, – суханони бародарро тасдиқ

кард Аҳрор.

Муаллим дигарбора сар ҷунбонду гуфт:

– Вале... Боварам намеояд, наход, ки Шумо Аҳрорҷони мо бошед?..

– Ҳо, Аҳрорам, бародар! Ва қиссаи ман ҳам дароз аст...

Аз берун шавқуни бозоракиҳо ба гӯш омада, сӯҳбатро халалдор мекард. Муаллим аз ҷо рост шуд:

– Доду бигири ин бачаҳо ҳам ду-се рӯзи дигар. Русия барои муҳоҷирин қонунҳои худро мебарорад. Дигар ҳар касе, ки соҳибҳунар бошад, марҳамат – ба иншооти сохтмонӣ, беҳунарон – марш ба зодгоҳ! Ба фикрам, ҳаминаш дуруст аст. Охир, акнун кори бозорро худи онҳо ҳам саришта карда метавонанд!

– Ҳо, Русия ҳам бедарвоза нест, охир! Аз ботлоқ баромад, босуръат пеш рафт, киштии ғарқшудаеро мемонд, ки оқибат наҷот ёфт. Акнун ин кишвар ҳақ дорад, ки назму низоми дохилиро ба танзим дарорад, – гуфт Аҳрор ҳам.

Муаллим тирезаро пӯшида, ба ҷойи худ гузашт. Онҳо боз рӯ ба рӯи ҳам қарор гирифтанд. Чашм ҳич серӣ надошт аз дидори якдигар. Аҳмади Ҳабиб муштоқона аз додараш хоҳиш кард:

– Ку, қисса кун, додар, чӣ рӯзгоре аз сарат гузашт?

– Ҳамаашро дидам, бародар, – дастонашро рӯи зону гузошт Аҳрор ва кӯтоҳакак гуфт. – Илоҷи дигар набуд он рӯзгор: бояд аз дарёи Панҷ мегузаштем...

Аҳрор истод кард. Аз қаъри чашмонаш хастагӣ хонда мешуд. Маълум буд, ки ғаму дарди кӯҳнаро дубора зинда кардан намехоҳад. Ҳо, аз бод додани коҳи кӯҳна чӣ суде? Аммо вай чизи муҳимеро ба Аҳмад мехост бифаҳмонад. Аз ин рӯ, дубора лаҷоми суханро ба даст гирифт:

– Ҳини ба он сӯи дарё гузаштан як чизро аниқ дарк кардам, ки мо беватан шудаем... Акнун дарбадарӣ, оворагӣ ва парешонӣ сар шуд... Ҳо, чӣ қадар мушкил

будааст беватанӣ! Сад офарини халқҳое, ки барои соҳиби Ватани аслӣ шудан садсолаҳо мубориза мебаранд, аммо ба он муяссар нагашта, мисли моҳии дар хушкӣ ҷон мекоҳонанд. Ҳа, ҷони одам аз санг будааст, ба ҳама чиз тоқат мекунад, тоб меорад, вагарна аз беватанӣ мурдан авлотар аст.

Бале, бародар, инро аз сидқи дил мегӯям: Афғонистон воқеан барои мо модарӣ кард. Зеро мардуми ҷангзадааш бо он заифӣ, бо он қашшоқию нодорӣ як пора нонашро аз мо пиҳон надошт ва дари кулбаашон ҳамеша ба рӯи фирориён кушода буд. Мо аз ин ҷиҳат азобу уқубат накашидем. Аммо аламовараш он буд, ки мардуми мо дар ғурбат соҳиби «Қабристони мусофирон» гардид. Аз ғаму ғуссаи дурӣ аз Ватан, одамон бемор мешуданд, иддае ба ин тоб наоварда, аз дунё ормонӣ даргузашт ва «Қабристони ғарибон»-ро обод кард. Э-ҳа, ин қабристон дар хоки Афғонистон сар дораду бар не!..

Аҳрор хомӯш монд. Хаёлаш лаҳзае ба сарзамини ҷангзада пар кушод. Сипас, ангуштонашро қулфу калид сохта, боз изофа кард:

– Ростӣ, аз беватан мондан метарсидам. Дигарон низ дар ин андеша буданд. Дӯсти афғоне пайдо кардам ва ҳар бори дидор аз ман бо меҳрубонӣ мепурсид: «Ҳа, муҳоҷири тоҷикӣ, ҳолат чун аст?»

Оқибат «муҳоҷир» нидо карданҳояш сахтам расид ва аз ӯ хоҳиш кардам: «Бобо, агар дӯстам бошӣ, дигар муҳоҷирам магӯ. Исмам Аҳрор аст».

Вай қоҳ-қоҳ ханда зад ва сипас даст ба китфам гузошту гуфт: «Ҳо, бародари тоҷикӣ! Ту агар дар ин ҷо сад сол бимонӣ ҳам, исмат дигар нахоҳад шуд, ҳамин тур муҳоҷир мемонад. Фарзанд ва наберaҳои ту низ муҳоҷир ном мегиранд. Агар нахоҳӣ, ки номат муҳоҷир бимонад, ё ба зорӣ, ё ба зар ё ба зӯрӣ талош бикун, ки ба ватанат бозгардӣ..»

Аз ин сухан хаёл кардам, қафаси сина диламро

сахт мефишорад, тавре ки туфлии танг пойро. Ва ман дигар дар он ғурбатсаро зиста натавонистам. «Наход қисмати тоҷикони солҳои бисту сӣ, ки аз дасти инқилобгарон ба хоки Афғонистон фирор оварда, баъдан дар он ҷо умрбод «муқимӣ» шуданд, боз насиби мо гардад?» – гӯён домани раҳ гирифтам. Бо хорию зорӣ, оворагию сарсониҳои зиёд гузаштам ба Эрон ва аз он ҷо ба Туркманистон. Инак, чанд сол аст, ки дар шаҳрҳои Русия овораю сарсонам ва аз як бозор ба бозори дигар мегузарам... – бухсу алам роҳи гулӯи Аҳрорро банд кард.

– Дигар худатонро азоб надиҳед, ҳоло фурсаташ меояд, сонӣ ҳамаашро батафсил қисса мекунед, – аз вазъи ноҳинҷор додарашро берун овард Аҳмади Ҳабиб ва илова кард: – Фақат як чизро дарк бояд кард, ки инсон то мабдаи нафсонии худро накушад, дунё ҳич гоҳ тинҷу осуда намемонад. Зеро имрӯз фоҷиа аз замин ҳам мерӯяд, аз об ҳам ва аз ҳаво ҳам. Масалан, заминларза метавонад, ки дар як он ҷони чандин миллион одамонро ба коми худ фурӯ барад, обхезӣ як шаҳри бузургро вайрону валангор месозад, борони сел ҳама мавҷудоти як кишварро ба таги об мемонад. Ана, ин фоҷиа аст, фоҷиаи гӯшношунид! Аммо, аламовараш, тавлидкунандаи ин фоҷиаҳо бегумон худи инсон аст, на каси дигар. Инсон, ки табиатро ба ҳоли худаш тинҷу ором намегузорад, табиат ҳам дар ҷавоб ба ин махлуқи дупои нафспарвар бераҳмона посух медиҳад, – муаллим сухани падарро ба хотир оварда, бо табассум илова кард: – Ёдат ҳаст, падарам мегуфт, ки козаи замбӯрро беҳуда хала-хала накунед, онҳо бедору гизала гашта, баъдан чунон мегазанд, ки раҳи хонаатонро намеёбед.Ҳо, қонуни нонавиштаи зиндагӣ ҳамин! Пас, аввалаш, инсон бояд табиатро ба ҳоли худ гузорад ва, сониян, дар андешаи гирифтани раҳи фоҷиаҳои он майна об кунад. Зеро агар дар гӯшае як хона нохост чаппагардон шавад, як

кишвар нооромм мегардад ва агар ба як дарахт оташ афтад, тамоми ҷангалро сӯхтор фаро мегирад...

Аҳмади Ҳабиб аз кашмакашҳои солҳои ахири олам боз андешаашро тақвият додан мехост, аммо ин дам садои дар баланд шуда, риштаи сӯҳбатро барканд. Ӯ бо ишораи даст сӯҳбатро ба вақти дигар мавқуф гузошт.

Амаки Коля хушҳолона ба хона даромад. Муаллим ҷониби вай нигариста, дарзамон бо хушҳолӣ овоз андохт:

– Амаки Коля, зудтар биёед! Ин кас додарам, фарзанди падари ман – Аҳрор! – муаррифӣ кард додарашро муаллим.

– Муборак бошад, муборак! Дилам гувоҳӣ дода буд, ки чеҳрааш ширин ва худи Аҳмад барин, як себи ду кафон. Барои ҳамин бе дудилагӣ меҳмонро ба хона гирифта овардам, – қадамзанон гуфт соҳибхона ва аз нав бо Аҳрор дастӣ вохӯрӣ кард.

Аҳрор ба китфи амаки Коля бо мазмуни «офарин» тап-тап даст зад.

– Ҳа, амаки Коля, фаромӯш накардаед: ин бегоҳ якҷоя ба хостгорӣ меравем! – гуфт муаллим ва якбора ба чеҳраи амаки Коля нигаристу пурсид: – Шумо ғижжакро гирифтед?

– Кадом ғижжакро? – ҳайрон шуд амак.

– Э-ҳа, як ба синҷидарӣ нигоҳ кунед, амак!..

Амаки Коля ба синҷидарӣ нигаристу чашмаш ба ҷилди ғижжак афтод ва шитобон рафта онро ба даст гирифту назди бародарон бардошта омад.

– Акнун кушоед! – амр зад муаллим.

Амаки Коля ғилофакро боз кард. Андаруни он ғижжаки нав бо камонакаш мехобид. Аз хушҳолӣ дасти Амаки Коля пеш намерафт, ки ғижжакро аз ғилофаш берун орад.

– Насиб кунад, Шумо минбаъд ба филармония рафта, бо ҳамин ғижжак оҳанг менавозед.

– Муборак шавад! – гуфт Аҳрор ҳам.

– Акнун симҳои ғижжакро ҷӯр кунед, ба хостгорӣ меравем. Шумо, амак, ҳоло дар хонаи Илмира менавозед, ба Оксанаю Роксана менавозед. Шуморо хуш накунанду қандашона хӯранд!..

– Майлаш, ман ғижжакро ҷӯр мекунам, – гуфт ӯ бо овози гирифта ва аз ҳаяҷон дар чашмонаш қатраҳои ашк пайдо шуданд...

Ва баъди андак сукут хомӯширо Аҳмади Ҳабиб бишкаст.

– Додар, меравем ба хонаи Илмира... Домоди навро шинос мекунем. Сонӣ таваккалашон ба Худо. Мо меравем ба ватани худамон ва онҳо мемонанд дар ватани худашон. Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр.

– Меравем, бародар... Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон ғам махӯр...

Хонаи Илмира чароғону гулборон буд он бегоҳ. Ҳама дӯстону шиносон омада буданд, Маргарита ҳам. Амаки Коля дар қади умраш ин тур бо шӯру шавқ ғижжак нанавохта ва Илмира ҳамроҳи фарзандону меҳмонон то ин андоза хиромону боназокат нарақсида буданд.

Бори аввал бӯйи палови муаллим иштиҳоро ба рақс меовард...

Он шаби хушҳолӣ ва ошноӣ ноаён сафҳаи охиронеро аз китоби мусофирии бародарон даррабурд. Аз ҳама муҳимаш, Илмираю амаки Коля аҳд карданд, ки зиндагии тоза барпо месозанд ва кӯдаконро ҳатман ба мактаб мебаранд.

«Боз омадан зи рафтани хуршед дур нест». Боз сапедадам омад, субҳ дамид, субҳи дигар, субҳи деринтизор...

Дар фазои фурудгоҳ садои ғижжак танин андохта буд. Амаки Коля оҳанги филми «Падари аскар»-ро

менавохту Илмираву Маргарита ва Оксанаю Роксана мерақсиданд.

Аҳрор, Зайниддин ва чанд тани дигар бо навбат ба қатора савор шуданд. Аҳмади Ҳабиб бо чеҳраи шукуфон ҷониби гуселкунандагони ошно нигариста, нидо дардод:

– Хуш бимонед, одамони нек! Ба қадри якдигар бирасед! Ман шуморо ҳаргиз фаромӯш намекунам, – гуфту ҳини аз поғундаҳо боло баромадан ӯро ҳиссиёти ҳаяҷонбахш фаро гирифт, дар дил худро суолборон кард: «Магар мо ба Ватан меравем?.. Боварам намеояд... Ватанамон чӣ хел шуда бошад?.. Волидайн пиртар шудагистанд? Гулнозу кӯдакон дар хонаи амаки Миша бошанд ё ба деҳа рафтаанд? Момаи Ҳамида ва холаи Машаро медида бошам?.. Ҳо, сарнишини қатора, зудтар ҳай кун, охир! Дилам мекафад, аз ҳаво пур шуд қафаси синаам. Тоб меоварда бошам?.. Қатора, ба раҳ баро, охир!..»

– Муаллим, роҳат сафед! – нидо дардодани Маргарита, дар ғояте, ки ашки чашмонашро бо рӯймолча пок менамуд, Аҳмади Ҳабибро ба худ овард.

– Роҳатон сафед бод! – қариб ҳама баробар дастафшон нидо карданд аз берун.

Муаллим аз тирезаи қатора дур намешуд. Ҳаракати қатораро бесаброна интизор буд ӯ. Ё магар ба ҷунбидани он бовар надошт?..

Лаҳзае амаки Коля навохтанро қатъ карда, «Роҳи сафед, муаллим!» – гӯён алоҳид садо дод ва якбора ба навохтани оҳанги тоҷикии суруди «Чакра чакидан гирад» пардохт. Аҳмад оҳанги тоҷикии шабинаро шунида, аз тиреза нарангушташро бо мазмуни «оличаноб» боло бардошту ашк дар чашмони вай низ ҳалқа зад.

Ашки чашмони муаллим мисли борони гуворои Ватан поку фараҳбахш менамуд. Ва акнун ӯ хаёле боронҳои гарми ватанро ба хотир овард. Вай зери ин

борони форам пойлучу сарлуч то абгору лакоту афтидану хестан давидан мехост. Мехост, ки дар домани кӯҳи пурсабзаву пурлолаи Ватан ва зери борони гарм бидаваду бидавад, бидаваду бидавад... Ва косаи шири сафеди тасмалаби дасти модарро ба зону зада, бо як ҳурт дам бикашад...

Камонак болои ғижжак, мисли раққосаи балет, нафису наҳифу озод давр мезад. Амаки Коля менавохту менавохт...

Ин дам... қатора се карат садо баланд кард ва оҳиста ба ҳаракат даромад. Садои мусиқии якнавохти он бомаром баландтар мегардид...

Муаллим нафаси осуда кашид, дилаш аз фишори қафаси сина раҳо хӯрд ва акнун бовар кард, ки воқеан раҳ ба ҷониби Ватан гирифтааст.

Вале ӯ аз назди тирезаи қатора дур намегашт.

Бод тора-тора мӯйҳои сари сафеди муаллимро дар панҷаи худ девонавор бозӣ медоронд...

Нохост... Пеши назараш осмони кабуд оташи пурдудро аланга дод. Одамони ношинос ба чор ҷониб метохтанд. Касеро намешинохт ӯ...

Муаллим сарашро аз бодгина қафо кашиду чанд маротиб афшонд, чашмонашро бо кафи даст молида, калонтар кушод, аммо боз ҳамон оташи пурдуду даводави чорсӯйи одамони ношинос пеши назарашро пур кард. Ҳар қадар, ки амиқтар зеҳн мегузошт, касеро намешинохт ӯ. Ҳама одамон андар назараш якранг менамуданд ва касе бо касе коре нагирифта, мисли суроб бегапу хомӯшу берӯҳ гузашта мерафтанд.

Беҳушона калавид муаллим ва ба девори оҳанини қатора бархӯрду рост шуд, вагарна афтоданаш яқин буд. Акнун вай бо кӣ будан ва ба куҷо рафтанашро билкулл надонист ва ҳар қадар, ки сарашро бо ҳарду даст фишурда, зуд-зуд такон медод, чизеро ҳам ба хотир наёрист биёрад. Чизеро эҳсосу дарк карда на-

тавонист ва касеро нашинохт муаллим, мисле ки нобино.

Аммо на, нобино нагашта буд ӯ, ҳамаро медид, ҳамаро мешунид, танҳо намешинохту бас ва куҷо рафтанашро намедонист. Майнаи сараш аз овозҳо пур буд, гӯё замбӯрон виз-визкунон дар он коза бино мекарданд. Муаллим дарро шақаррос бо даст тела дода, мисли дигарон ба вагони шафат гузаштанӣ буд, ки ин дам дасте ӯро аз раъйяш боздошт.

– Бобо, Шумо куҷо меравед? Купеи мо дар ин ҷост, – бо сар купеяшонро нишон дод Аҳрор.

Муаллим ҷониби додараш, мисле ки дар қади умр бори нахуст ӯро медида бошад, мутаҳайирона ва бечораҳол нигариста, оҳиста дасташро дароз карду ғурунгид:

– Намешиносам...

Аҳрор мушаввашхотир дасти ба сӯяш дарозгаштаи бародарашро гирифта, ӯро ба купе гирифта овард. Зайниддин ҳам дарзамон аз ҷо рост шуду хавотиромез аз Аҳрор пурсид:

– Чӣ гап шуд, Аҳрор?

– Надонам, «намешиносам» мегӯяд...

– Аҷиб, чӣ хел намешиносад?!.. Ана, ба ин ҷо, ба ин ҷо, бигзор як дам нафас рост кунад, – рахти хоб дуруст кард Зайниддин.

Муаллим вазнин дароз кашида, ҳайрон-ҳайрон ба онҳо нигарист. Аҳрор туфлиҳои пойи муаллимро берун карда, бо овози гиряолуд ва дар ғояте, ки аз чашмонаш қатраҳои ашк заҳиданд, аз Зайниддин пурсон шуд:

– Акнун ба падару модарам чӣ посух диҳам?!.. Ба янгаам чӣ гӯям?!.. Умеду Ситораро чӣ хел фаҳмонам?!..

Зайниддин худро ба даст гирифта, Аҳрорро тасалло дод:

– Аҳрор, ин қадар воҳима накун, иншооллоҳ, ду-

руст мешавад муаллим. Охир, дигар набардошт хушҳолиро. Ҳо, ба Ватан баргаштанро бовар надошт, аз ҳаяҷону хушҳолӣ якбора сари калобаашро гум кард муаллим. Дуруст мешавад, ана мебинем...

Муаллим ҳамоно хомӯш буд ва баъзан сур-сур ба одамони «бегона» нигариста, зуд-зуд нафас мегирифт...

Садои тақар-туқури қатора гоҳ ба гӯш момад ва гоҳ ғайб мезад, чаро ки виз-визи замбӯрони хонасоз сари муаллимро пур карда буд. Ва андар назари ӯ дар осмони кабуд алангаи пурдуд ҳанӯз ҳам месӯхт. Одамони ношинос ба чор ҷониб давуғеҷ мекарданд...

**9**

Ва рӯз ғолибона пайи рӯзи дигарро кӯр кард. Зимистони дароз ночор тахтаву тиракашро ғундошт.

Ҳо, баҳори дигар омад, нафаси дигар омад, ҷони дигар омад. Ба қавле, сабзаҳо дар пуштаҳо бахмал густурданд ва лолаҳо дар ёнаҳо машъал афрӯхтанд. Турнаҳои мусофир қатор-қатору села-села пас гаштанд. Дар осмони соф фароштурукҳои нозанин паст-паст парвоз мекарданд...

Мӯйсафеди Ҳабиб, ҳамин ки ғазали ҷонсӯзи шабонгоҳро ба саломи офтоб мерасонд, ҳама дарду ғуссаро фаромӯш карда, меҷӯст кампиракашро аз бари шиғ ё байни ҳота.

Ва ин пагоҳӣ низ, баробари қади найза рост шудани офтоб, кампиракашро аз байни ҳота дарёфт мӯйсафед, ки ҷумбуҷӯл дошт андаруни он. Риштаи нигоҳ ба кампиракаш мӯҳра сохт ва баъд ошарфиду пурсид:

– Офтобро, дидед, очаи Аҳмад?

– Дидам, додои Аҳмад.

– Бубин, бубин, кампир... Боз офтоб баромад-е! – кӯдаквор хушҳолӣ кард мӯйсафед. – Хушрӯгиашро

бубинед-е! Ба ғуруб мераваду боз тулӯъ мекунад. Ун, офтобак, гирди мо давр мезанад ё мо гирди ӯ?

– Мо давр мезанем, додои Аҳмад. Рисқамон куҷое бошад, мисли гунҷишк чида мегирем.

– Ҳо, лекин рост гуфтед ҳамин гапро, кампир: «Мо давр мезанем». Сармо мебинему гармо. Инак боз намурдему рӯи баҳорро дидем. Фоли нек дорад ин фасл... «Боз ман мурдан мехостам-а?» – Ин гап аз дили мӯйсафед гузашт. – Лекин, кампир, қадри одам ба шиками сер, як лаб нон будааст. Худо бараду дигар наёрад ун рӯзҳоро.

– Рост, додои Аҳмад, рост, – кампири Адолат бо теша заминро нарм карда, аз сари остин лубиё зери хок мепартофт.

Мӯйсафед баҳузӯр болои сабзаҳо нишасту каҷпаҳлӯ зада, гапро болои гап савор кард:

– Ҳо, очаи Аҳмад, намурдему бо чашми сар дидем: дар рӯзи сахтӣ на мӯъмин бародари мӯъмин мешавад, на одам дӯсти одам. Шамоле ки вазиду сардиҳое ки овард, дигар ас navazaду наорад, вагарна тухми одам дар баҳорон низ дигар реша намегирад. Боз як аср даркор, ки то ду рихинат чорта шаваду ба ҷойе бирасад. Эҳ-ҳа, кӣ мурдаву кӣ зинда?!.. – нафас рост кард мӯйсафеду идома дод: – Ҳо, мисли каҳдуд буд ун кашмакаш, дилҳоро пора-пора карду ҷигарҳоро лахт-лахт. Оташи он зуд гузашт, лекин дуди ғафсу ҷонсӯзаш бисёр сӯзонд, ғамро дароз кард, ҳатто аз чашми кӯр ашк шоронд. Лекин ҳазор раҳмат ба Сарвари давлат, хоки гирифтааш зар гардад, ки миллатро аз нав зинда кард. Давлати миллии тоҷиконро аз нав эҳё карда тавонист. Ҳалолаш бод!..

– Додои Аҳмад, мегӯм ҳамунҳое, ки ин балои осмонира ба сари мардум боронданд, ҳич дӯста ай душман фарқ кардан ё не? – лаҳзае аз ҳаракат бозистод кампир ва ба чеҳраи банури мӯйсафедаш нига-

рист.

Мӯйсафед лаҳзае суоли кампирашро дар майнаи сар тоб дод, ба пасу пеш нигарист ва сипас оромона изҳор кард:

– Фарқ карданд, очаи Аҳмад. Лекин то фарқ карданд, ки орд бехта шуду об рехта. Душман аз каҳдуд истифода бурду аз мӯрча фил сохт ва корашро кард. Дар дил доғ монд, ҳо, доғи вазнин. Ин доғ чирки даст нест, ки бо кафки собун ҳамон замон пок шавад. Таърих ва неку бад як умр боқӣ мемонад, очаи Аҳмад... Ҳо, одами бад ҳич гоҳ ба мақсад намерасад... Беҳтараш аз паи кор биравам, – аз ҷо рост шуд мӯйсафеди Ҳабиб.

– Боз кадом кор, додои Аҳмад?

– Бел мегирам, бехи бодоми Аҳмадро нарм мекунам. Хонааш пури гандум, бодому заминашро фаромӯш кардааст, муаллим. Чанд сол шуд-е! Намиёд, намиёд... Э, мардак, биё як дарахти бодоматро бубин, охир!.. – мӯйсафед акнун рафтагор буд, ки яке бар муқобил нигариста, набераҳояш Умеду Ситора, келинаш Гулноз ва боз чор-панҷ нафар кӯдакони дигарро бидид. Хушҳолӣ мисли нури гарми офтоб дар вуҷуди мӯйсафед давид.

– А, очаи Аҳмад, кафи дастам сих мезад! Бихез, меҳмон омад! – мӯйсафед табассум даври лабон ба истиқболи набераҳояш оғӯш кушод.

– Кӣ омад? – сар бардошт кампир ва даст лапар карда, ба сӯйи офтоббаро нигарист.

– Ҳо, кампир, ҷигарҳом омаданд! Бичунб!.. Нусхаҳои Аҳмадҷонам омаданд... Аҳ, боботон садқаи шумо-е!.. Ку, зудтар биёед, ки аз роҳпоӣ кӯки чашмам биканд, охир!..

Набераҳо давида, худро ба оғӯши бобо андохтанд. Кампири Адолат бӯса ба дасту рухсори келин ва набераҳояш зада, ашки чашмонашро наёрист нигоҳ доштан...

Дарзамон кампир кӯрпача баровард ва рӯи замин партофт.

– Айб накунед, аҳволамон ҳамин, – гуфт.

– Оҳ, модар, шумо чиҳо мегӯед! – гардани хушдоманашро оғӯш гирифт Гулноз ва дастони ларзонашро бӯсид.

Онҳо рӯ ба рӯи якдигар нишастанд. Мӯйсафед қувват гирифта буд, дамаш ҳот ва худро акнун бардамтар ҳис мекард. Кампири Адолат низ аз хушҳолӣ сари калобаашро гум карда буд. Дидори чеҳраҳои гарму азиз кампиру мӯйсафедро қуввату мадори тоза бахшид. Дербоз мунтазир буданд ин дидорро. Мӯйсафед аз ину он мепурсид, вале бесаброна интизор буд, ки келинаш аз омадани Аҳмад паёме оварда ё на.

– Ҳо, падар, ғайри Умеду Ситора, ун панҷ нафаре, ки мебинед, фарзандони апаи Санавбаранд. Шавҳар кард апаам. Пияндарашон қабул накард бачаҳоро... Магарам то омадани падарашон онҳоро ҳам нигоҳбонӣ кунам, – гуфт Гулноз ва бо андеша нигарист, ки мӯйсафед чӣ мегӯяд.

– Хуб кардед, духтарам, – баъди сукунат ба сухан оғоз кард мӯйсафед. – Ҳазор раҳмат бар гузаштагонат, ҷойи падари муллои банурат ҷаннат бод! Ба мо ҳам ёрдамчӣ даркор. Ҳамроҳи Умеду Ситора давида мегарданд. Баъд, охир, замини санглохи муаллимро кӣ нигоҳбонӣ мекунад? Вай орзу дошт, ки дар ин заминаш боғ бунёд кунад, барои худаш ҷойи машқварзӣ бисозад ва боз чандин орзуи дигар, – гуфт мӯйсафед ва ба гап гап савор кард: – Аз рӯйи имкону тавон, ману кампир чанд ниҳолак дар дили заминаш сих кардем. Аммо боғи орзуи Аҳмадҷон дигар буд. Ин корро бачаҳоят ӯҳда карда метавонанд, хунашон гарм, дасту панҷаашон гиро... Ҳа, замоне гӯшам бод гирифта буд, ки дар кишварҳои пешрафта деҳа ва шаҳрҳоро аслан рӯйи об ва дар болои кӯҳҳо месо-

занд. Заминҳои ҳамвору обиро бошад, барои маҳсулоти кишоварзӣ истифода мекунанд. Аммо дар мо баръаксаш рӯй медиҳад: одамон дар ҷойҳои ҳамвору киштбоб хона месозанду талу теппаҳоро холӣ мегузоранд, – мӯйсафед аз асли мақсад дур рафтанашро эҳсос карда, лаҷоми суханро боз ба сари мавзӯъ овард: – Хуб кардед, духтарҷон, ки бачаҳоро ҳам ҳамроҳ гирифта овардед. Дастёри беминнат мешаванд онҳо. Сонӣ, деҳа дигар, ҳич маҳал гурусна намемонанд. Худамон ҳамаашонро парронча мекунем. Парво накун, духтарам, ҳамин хонаву дару боғу роғ аз онҳо...

– Ҳазор раҳмат, падарҷон, – Гулноз даст ба сандуқи дил гузошт.

Мӯйсафед хаёле хомӯш монду сипас, гапро боз аз суханҳои такрор оғоз кард:

– Хуб кардед, ки омадед, лекин хеле дер омадед. Кӯки чашмамон аз раҳпой биканд, духтарам... – ва нохост рост ба чашмони Гулноз нигаристу пурсид: – Хонааш пури гандум, ҳич аз Аҳмад дарак ҳаст ё не?

– Ҳаст, падар! – гуфт Гулноз табассум гирди лаб дамонда ва аз халтае, ки ҳамроҳ оварда буд, қуттиеро берун овард. – Радиё ва пул роҳӣ кардааст. – Гулноз қуттиро кушода, аз он радиёи калоне берун овард ва пулҳои русиро ба назди мӯйсафед гузошт. – Ин пайғомро барвақт равон карда будааст. Лекин соҳибони хона ба гӯру чӯб кардани Мурод ном ҷавонмард машғул гашта, пайғомро аз ёдашон баровардаанд. Баъди чанд вақт ҳамсари Муроди раҳматӣ пайғомро кушода, аз он номаи Аҳмадро, ки ба номи ман навишта будааст, меёбад. Дар нома, барои зуд ёфтан, суроғаи холаи Маша навишта шуда буд. Ҳамсари Муроди ғӯрамарг кофта-кофта холаи Маша ва моро пайдо кард. Ростӣ, падарҷон, аз хурсандӣ нисфи пулро ба ҳамин занак бахшидам.

– Худоро шукр, – чашмони мӯйсафед рӯшан гаш-

танд ва нафаси осуда кашида, изофа кард: – Хуб кардед, духтарам, оқилона рафтор кардед! Ҳо, ин радиё ғур-ғур карда, моро зиқ шудан намемонад, – сипас рӯ ба Умед овард. – Ку, бачам, радиёта баланд бимон, то мо ҳам зинда шавем... Кампир, биёву акнун рақс бикун, ки писари мусофират меояд, қариб ба пушти дарат расидааст!.. – мӯйсафед аз хушҳолӣ чӣ гуфташро надонисту бо садои гирифтаву паст изофа кард: – Аҳрор ҳам ҳамроҳаш меояд...

Кампири Адолат радиёи писарашро бӯйиду бӯсид.

– Ҳо, писаракам, ҷону ҷигаракам меояд... – аз чашмони кампир ашк заҳид. – Радиёша бимон, ки бихонад, Умедҷон...

Умед радиёро аз дасти бибиаш гирифту аз ҷо рост шуд.

Муйсафеди Ҳабиб пулҳоро аз нав ҷониби келинаш дароз карду миннатдорона гуфт:

– Ҳа, пулро ба худат бимон, бачам. Дар ин ҷо бепул ҳам зиндагӣ кардан мумкин. Рӯзгори шумо дигар, духтарам, ҳар рӯз харид мебояд. Бачаҳоро ба мактаб бурдан лозим. Ҳурмат кардед, миннатдор, духтарам. Илоҳо, ба поятон хор нахалад, гӯри падаратон мисли чеҳраи банураш бануртар бод!.. Аз умр баракат бинед, ки фарзандони писарамро зори ягон номард накардед, номи баланди муллои хирадмандро паст назадед. Боз фарзандакони апаатонро ҳам нигоҳубин доред. Ҳо, рӯҳи падаратон ҳам аз Шумо менозад. Ба пирӣ бирасед, духтарам!..

– Ба мо ҳам пулаш даркор не, бобо, худаш даркор, – гуфт Ситора ба ҷои модар. – Ба ман ваъда карда буд, ки зуд бармегардам, аммо то ҳол наомадааст. Додоҳои дигарон омаданд-ку?!..

– Ҳа, духтаракам, падар ширин аст. Иншооллоҳ, имрӯзу пагоҳ додоят ҳамроҳи амаки Аҳрорат ба деҳа меоянд ва ин кулба тӯйхона мешавад. Э-ҳа, арӯс меорем барои амаки Аҳрорат! – дар тақвияти суханони

набера бобо ҳарф зад ва пулро ба халтаи келин андохта, ба нуқтаи номаълум нигоҳ карду гуфт: – Баъд, духтарам, мо дар раҳи охират қарор дорем. Умр бехабар ва ноаён ҷавонӣ ҳам зи сар гузашт. Маро бисӯду фурӯ рехт ҳарчӣ дандон буд, гуфтааст Рӯдакии бузургвор. Ҷумла ёрон, мардони хуб бирафтанд. Ману хушдоманат монандаи дуде ҳастем дар гулӯи мӯрӣ, ба ҳаво меомезему нопадид мешавем... – мӯйсафед лаҳзае истоду суханашро идома дод: – Ҳо, бачам, мисли офтоби лаби бора чуртидан дорем мо. Агар дар вақташ Аҳмаду Аҳрор сари раҳамро намегирифтанд, кайҳо бо ин дунё падруд мегуфтам. Насиб набудааст, боз ин қадар дарду доғ дидем дар поёни умр. Лекин шукрона мегӯям, ҳамааш оҳиста-оҳиста ҷояшро мегирад, аммо захм шифо меёфта бошад?.. Инро ғайри худованд каси дигар намедонад, – лаҳзае нафас рост кард пирамард. – Биёед, духтарам, акнун ба деҳа биёед. Ҳазор раҳмат, ки сари болои Аҳмадҷонро паст накардед ва эҳтироми ун муллои поки раҳматиро аз ҳама боло гузошта, бо раҳи каҷу бешарафӣ қадам наниҳодед. Худатон медонед-ку, агар фарзанд каҷ қадам гузорад, падарашро лаънат мехонанд. Ҳазор раҳмат, духтарам, дар бораи Шумо бад нашунидем! Ин барои мо шарафи бузург аст, духтарам. Ба ҳама чизи дунё меарзед Шумо. Биёед, дар шаҳр хору зор гаштанатон бас будагист! Охир, рӯзҳои сахт бигузашт, духтарам!..

Бо шунидани ном ва миннатдорӣ ба қиблагоҳаш дар чашмони Гулноз ашк ҷӯшид. Ӯ дар як они воҳид ун ҳама дарду ранҷи танҳоиро фаромӯш кард ва таги дил худро маломат дод, ки чаро ин қадар дер ба назди хушдоману хусураш омадааст. Гӯё ин андешаро мӯйсафед ҳис карда бошад, ки Гулноз худ ба худ хиҷолат кашид, ранг дигар кард ва барои аз ноҳинҷорӣ берун омадан, оҳисташу беҷуръат изҳор кард:

– Ман бачаҳоро дар назди Шумо монда, ба суроғи Аҳмад баромаданӣ будам. Калиди хонаи иҷораро ба холаи Маша супурда, хоҳиш кардам, ки ба амаки Миша расонад...

– Боз ин Машаву Миша кӣ ҳастанд? – ханда бар лаб зад мӯйсафед.

– Ҳа, мебахшед, падарҷон, гумон кардам, ки Шумо аллакай онҳоро мешиносед, – табассум кард Гулноз ва ба шарҳ гузашт. – Амаки Миша – як пирамарди зиндадил, ки хонаи духтарашро ба мо иҷора дода буд. Духтараш ҳоло ҳам дар Русия, дигар барнагашт. Холаи Маша дар қабати якуми ҳамун бино зиндагӣ мекунад, бо қарта фол мекушояд, зани дидадаро ва хушчақчақ. Ба қавли амаки Миша, дар ун рӯзҳои сахт холаи Маша роҳи «наҷот»-ро ба мо нишон дод. Онҳо ба мо бисёр кӯмак кардаанд...

– Ҳо, духтарам, одамони хуб дар ҳама ҷо ҳастанд, – фикри келинашро тақвият бахшид мӯйсафед. – Худо умрашонро дароз кунад.

– Ман ҳамроҳи муаллимаи Шаҳнозбону, ки Аҳмадро хуб мешинохтааст, ба Русия рафтанӣ будам, – давом дод суханашро Гулноз. – Шавҳари Шаҳнозбону солҳои зиёд аст, ки дар Русия буду бош дорад, аммо мисли Аҳмад ӯ ҳам омада наметавонад. Барои ҳамин мо маслиҳат кардем, ки якҷоя ба суроғи шавҳарҳоямон бароем. Шумо чӣ мегӯед, падарҷон?

Мӯйсафед бо даст ришашро ҳилол ва ширин табассум карда гуфт:

– Нияти хуб, духтарам, аммо акнун кирои саргардонӣ намекунад. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки имрӯзу пагоҳ худашон расида меоянд. Овора нашавед, андаки дигар сабр кунед, духтарам.

– Хуб шудааст, падар. Холаи Маша ҳам бо қарта фол дида, ҳамин гапро гуфт, – Гулноз аз ҷо хеста, ҷониби кампири Адолат рафтагор шуд.

Ин дам овози радиё ва шавқуни бачаҳо ҳавлиро

пур кард.

– Ана, зиндагӣ! – нидо дардод хушҳолона пирамард ва кампирашро осема кард: – Очаи Аҳмад, биҷунб, охир! Ту ин хел сусту фулуст набудӣ-ку!.. Таги алафҳоро биков, анор монда будам, себу зардолуи хушк низ он ҷо ҳаст, дурусттар соп-соп кун... Аз бодоми додошон гирифта биё. Эҳа, имсол як бодоме шуд, як бодоме шуд, ки аз ду линга зиёдтар гирифтем! Диранг накун, кампир!..

Гулноз қатъи назар аз нею нестони кампир мокувор болою поин рафта омад ва рӯи дастархонро якҷоя аз анвои хушку тар пур карданд. Хандаю хушҳолӣ базм орост пеши дидагони мӯйсафед. Умедҷон мепурсиду бобо қисса мекард. Ситора суол медоду момо мегуфт. Ва бачагони дигар ҳам ба сӯҳбат ҳамроҳ мегаштанд.

Пирамард шукуфт. Нуронитар метофт: риш пахта, сару тан озода. Аз ҷо хест, аз дасти Умед гирифт ва ба дасти дигар асоро пешандоз кард.

– Ҳа, шумо овози радиёро баланд кунед, то ҳама бишнаванд, ки мӯйсафеди Ҳабиб имрӯз ба баъд тӯй дорад... Мо пеши бодоми Аҳмад меравем, – ва баъд каллапо шуданд сари шиғ. – Ҳу ана, белро бигиру зуд биё! – амр зад бобо ба набера.

– Ҳар рӯзи Худо аҳволаш ҳамин: тамошои бодом. Чӣ ёфтааст он ҷо? – Овози кампир аз пушт ба гӯш расид.

Само мотам надошт, осмон ғам надошт. Дар васати он як села кабӯтарон гӯё чиликдангал ороста, «зӯм» – гӯён медавиданд боло, медавидан поин.

– Ана, бодоми пургулро дидед, бачам? Дастниҳоли падарат. Нигар, акнун чор тараф бару дӯш партофта, дарахти азим гаштааст. Ун вақт паси шиғ «пинҳон» монда, ба чашми касе нарасид, вагарна имрӯз ин қадар худнамоӣ намекард... Ана, ҳамин ҷоро бо бел бикоб! – бо асо паси шиғро ишора кард бобо.

Насими форам вазид. Баргҳои резаи дарахт ба гӯши якдигар пичиррос заданд. Гулҳо гӯё чашм бар онҳо доштанд. Навдаҳо даст ба якдигар медоданд. Чунин менамуд, ки ба фарогӯши пирамард ҳарф мезаданд: «Ҳо, мӯйсафеди Ҳабиб, муждагонӣ бидеҳ, писаронат омадан доранд. Дар рӯи замин ту ҳам ҳастӣ, охир!..»

Вале мӯйсафеду набера ҳарф задани баргу навдаҳоро намешуниданд.

Хуршед ба намоз мерафт.

– Ин чист, бобо? – аз пеши пои бодом латтапечеро аз хок берун овард Умед.

Мӯйсафед латтапечро аз дасти набера гирифт, чангу хокро бо сари ҷомааш афшонд ва баъд бо эҳтиёт онро кушода, китоби фарсудае берун овард. Латтаро ба бағал хаст ва китобро сӯйи набера дароз кард.

– Бигир, ҷони бобо, «Қуръон» аст... Инро падарам ба ман дода буд. Ман онро ба падари ту дода будам. Аз дори дунё ба мо ҳамин «Қуръон» мерос монд. Гуфта будам, ки касе пештар биёяд, ин китоби муқаддасро ба ӯ месупорам. Мисли гавҳараки чашм эҳтиёт кун онро, писарам.

Набера китобро аз дасти бобо гирифт.

– Хонда метавонӣ? – боз пурсид бобо.

– Метавонам. Дар мактаб мо ин хатро меомӯзем, – Умед аз сари шавқ ба варақ задани китоб пардохт.

– Аз худо илтиҷо доштам, ки маро то ин рӯз бирасонад, – гуфт пирамард ва изофа кард: – Қуръонро бихону тори сари фарзандат бимон, то ки ӯ ҳам ин ганҷинаро ба фарзандаш бирасонад.

Ва набера бо ишораи «фаҳмидам» сар ҷунбонду китоб дар даст роҳ гирифт ҷониби момо, пеши модару хоҳар ва холабачаҳо, то ин муждаро ба онҳо бирасонад.

Пирамард ҳанӯз пеши пои бодом қарор дошт. Ин дам ҳушаш ба овози родиё пайваст шуд. Зеро аз он

овози ширину банамаки овозхони дӯстдоштааш баланд фарогӯш омад:

*Куҳандиёро, диёри ёро!*
*Ба азми рафтан дил аз ту кандам,*
*Вале ҷуз ин ҷо ватан гузидан*
*наметавонам, наметавонам...*

– О-ҳо, чӣ овозе, чӣ нолае, чӣ фарёде!.. Ку акнун ун нолагари дилҳо, ун сӯҳбаторои ғазалҳои ноб? Дар хирманҳо мехонд, дар масҷидҳо мехонд, дар раҳу рӯ мехонд ва барои мардум мехонд... – афсӯсхӯрон нидо дардод мӯйсафед. – Ҷоят ҷаннат бошад, эй ҳофизи мардумӣ – Одинаи Ҳошим!..

Қатраҳои марвориди ашк аз дидагони пирамард сарозер шуданд.

Аз бахт гирист ин карат ё аз дарди сахт?..

Шояд айёми бебозгашти кӯдакиву ҷавониро бо гиряи пирӣ, мисли акси баргҳои дарахти бодом дар гулдонҳои пуроби хазон, таъбир карду гирист?..

Ё худ дар ин ҷӯйбори тираи айём, ки ном дорад пирӣ, ба сӯйи сӯбҳи таваллуд чанголи андеша зад ва дар ҷангали сарзабзи кӯдакӣ давидан дошту гирист?..

Хаёлан дар ҷӯстуҷӯи кӯзаи тиллоии умр давидан дошт ӯ. Ҳо, дар роҳҳо, кӯчаҳо, боғҳо, талу теппаҳо ва ҷӯйборҳову рӯйи сабзаҳо паридану давидан дошт Ҳабиб...

Мӯйсафед зонувонашро қат карда, як даст ба асо ва дасти дигар ба бори дарахт, ба пои он хам хӯрд. Ба бодом пушт зад ва сарашро низ ба бори он андохт. Нуронитар менамуд пирамард. Фаши дастор ҳанӯз сари шона. Бехост асо аз дасташ раҳо хӯрду пойҳояш дароз шуданд. «Пирӣ-да!.. Парвардигоро, андаки дигар фурсатам бидеҳ... Илтиҷо дорам...» – гуфту чашмонашро оҳиста бипӯшид...

Мегуфтӣ, ки мӯйсафед дарахти бодом гашт...

Бод азон дод.

Аз паси шохаҳои бодом хуршед бинишаст ба намоз гузоридан...

Деҳа пур аз ғул-ғул, навдаҳо пур аз хандаи гул, ба гӯш мезад чаҳ – чаҳи булбул...

Садои ошное фарогӯши мӯйсафед омад:

– Ҳабиб, ҳо-о, Ҳабиб!..

Мӯйсафед осема чашмонашро кафмол дода, бо дасти чап асояшро соп-соп кард. Як даст ба бори дарахт, дасти дигар ба қувваи асо хам – хам аз ҷо рост шуд. Чашмаш ба мӯйсафеди Акбар уфтод.

– А, бача, дар гӯши фил ховӣ мегӯм? Кори дигар нестай дар ин дунё? – овоз андохт Акбар.

– Э-э... Нагузоштед, ки биҳиштро ба серӣ бубинам-а! – афсӯс хӯрд Ҳабиб. – Чӣ, шумо биҳиштро дар зиндагӣ дидан намехоҳед?

– Мехоҳам... Лекин вақти ин гапҳо нест, Ҳабиб, – парешонхотир гуфт мӯйсафеди Акбар.

– Чӣ воқеа?

– Наметова, – китф дар ҳам кашид Акбар.

– Кӣ? – пешонии мӯйсафеди Ҳабиб пурчинтар шуд.

– Кофтум-кофтум Барфака наёфтум. Охир, ин хел бедарак гум намешид, ҷонвар. Куҷое ки мерафт, дами бегоҳ думликун хуна миёмад. Дилам хавотирай. А, бача, дӯсти вафодорай, Барфак-е!..

– Хайр, зиқ нашавед, куҷое рафта бошад, боз бо пои худаш меояд, – дил дод Акбарро Ҳабиб. – Меҳмон дорем. Дидед, як хона пур аз бача, як дегдон пур аз кӯлча! Радио гӯш кардан мехоҳед?..

Ин гапҳо ба гӯши мӯйсафеди Акбар надаромаданд.

– Мо дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл?.. А, бача, дар гӯши фил ховӣ мегӯм?.. Оқибат ба мақсадаш расид, лаънатӣ! – гуфт бо овози баланд Акбар.

– Кӣ?

– Кӣ мешуд? Латифи интернатсионалист!.. Кайҳо пайт мекофт, ки Барфака аз миён бардора. Охир,

ҷонвар, шоҳиди зиндаҳай. Медуна, ки гову молмон дар хунааш қайтармаҳан. Барфаки зирак пинҳонӣ ба ҳамунҷа рафта меоя. И ҷонвар сояи Латифа дар деҳа бубина, чунон баҷо мешава, ки бо саггург ҳафтаи дароз буковиш, ёфта наметуниш.

– Медонам, медонам... Ҳо, бачаҳалок, гӯё душмани ҷонаш бошад, ки ун сагро чашми дидан надорад. Сояи саги беозорро аз девор тарошидан мехоҳад, – суханони Акбарро тасдиқкунон мӯйсафеди Ҳабиб гуфт: – Биёед, ҳамроҳ ба суроғи Барфак бароем...

Мӯйсафеди Ҳабиб пеш – пеш ва Акбар думболи ӯ рӯболо шуданд.

Ин дам...

Барфак фукашро болои ду даст хаста, чашмонаш нимкоф, вале гӯшҳояш сих, ҳамин ки мошине аз раҳи калон гузаро мешуд, дарзамон аз ҷо ҷаҳида мехест. Медид, ки касе аз мошин нафуромада, ӯро таъқиб намекунад ва ба сӯяш тиру санг ҳаво намедиҳад, осуда гашта, боз дароз мекашид.

Ба гӯши Барфак боз садои мошине даррасид. Ва ӯ осема аз ҷо рост шуда, ба ғур-ғур даромад. Саг худро ларзонд, гӯшҳояшро сихтар кард ва чашмони пуробашро ба сӯйи мошин андӯхт.

Дар паси чамбар Латифи бригад меистод. Ӯ овозаи ба деҳ омадани Гулнозро шунида, бехудона ба манзили мӯйсафеди Ҳабиб мешитофт ва хушҳол аз дил мегузаронд: «Худо дод, Гулноз аз ман мешавад! Бо зӯрӣ, бо зорӣ ё бо зар ҳам бошад, ӯро ба занӣ мегирам. Бигзор, муаллим дар ғарибиҳо бипӯсад, аздусар дигар ба қишлоқ намеояд ва омада ҳам наметавонад. Акнун раҳи Латифи шерафкан – кушода. Амал намо, шермард!»

Ба деҳ бо суръат омадан дошт Латиф. Чашмонаш суп-сурх ва фукаш сих, суръати мошинро боз ҳам баландтар карда, бо кайфияти ба худ хос, фармонро тоб

доду аз шоҳраҳ фуки мошинро сӯи деҳа гардонданӣ буд, ки ин дам чашмаш ба Барфак афтоду дарзамон чорчархаро дар ҷойи худ нигоҳ дошт. «А-ҳа, дар чанголам афтод, душман!» – гӯён мошинро ба қафо ронда буд, ки саг ба сӯяш давид. Латиф боз мошинро нигоҳ дошт. Барфак ҳам тарсида, дар ҷойи худ ист кард. «Ҳоло ист», – гӯён ин карат бригад суръатро баланд карда, мошинро якбора ба болои саг ронд. Барфак, ду пой тири замин, бо тамоми қувва муқобили нақлиёт чорпар шуд ва худро гӯё ба рӯи «рақиб» ҳаво дод. Бригад, ки чунин манзарро нигарон набуд, аз тарс чашм пӯшиду тоби фармонро аз даст дод ва ба ҷойи тормоз якбора газро пахш кард. Саг нахуст ба пешшишаи мошин бархӯрд ва аз зарби сахти он мисли тӯб парида, ба танаи дарахти сари раҳ бархӯрд. Думболаи саг мошин низ ба дарахт зада, дар як он мисли тухм палағда гашт...

Садои баланду тундарсони сагу мошин одамони деҳаро ба воҳима овард ва онҳо осемавору бегумон ҷониби садама тохтан оварданд.

Ба ҳаво бӯи чангу хуну дуд омехта буд...

Ва онҳо бо чашми сар диданду мутаҳайир гаштанд: «Барфак сари Латифро хӯрда, ё Латиф сари Барфакро ё чархи гардун сари ҳардуро?..»

– Албатта, инаш муаммо ва муҳим нест! – ин карат бо шеваи аслии худ аз миёни одамон овоз андохт species бобои мулло Сангалӣ ва мӯҳраҳои тасбеҳи дасташро гардон карду гуфт: – Муҳим он аст, ки ҳимояттарамон ҷони худро бедареғ қурбон карда, мардумро аз як саги девонаи газандаи оқипадар халос кард ва ба мо осудагиву оромии якумрӣ бахшид. Қадамҷойи марҳум ҷаннат бод! Омин!..

Чанд нафар даст ба рӯй кашиданд. Кадоме оҳиста нидо кард: «Тӯҳмат... О, ин саги бечора пашаро озор намедод...»

Мӯйсафедони Ҳабибу Сабур ва Акбару Барот аз

зери чархи мошин Барфакро раҳо мекарданд. Ҳангоме ки онҳо Барфакро бардошта ба болои сароҷа гузоштанд, мӯйсафеди Ҳабиб бо овози паст сарҷунбону афсӯсхӯрон изҳор кард:

– Ҳо, ҳамун гапи гузаштагон саҳеҳ будааст, ки сагҳо оқибат сагона мемурдаанд!.. Аммо ин саг кафшергари муҳаббатамон буд, беозор мегашт, ба ӯ дил дода будем, мисле ки Маҷнун дар биёбон ба саги кӯйи Лайлӣ меҳр баста буд, – сари по нишаст ӯ ва боз изофа кар: – Ҳо-о, наход муҳаббати мардум хароб гардад, наход сидқу вафо дар байни роҳ монад?.. Боз вақт нишон медиҳад, вақт... Ё бор Худои арши курсӣ, шаш чизро ба мо ато фиристӣ: имону амону тандурустӣ, илму амалу фарохдастӣ. Худовандо, ба инсонҳо имону амон бидеҳ, онҳоро ноумед макун ва ҳиҷ дареро ба рӯяшон баста магардон!..

Ҳич кас фаҳм ва дарк накард, ки мӯйсафеди Ҳабиб чӣ мегӯяд ва киро мегӯяд: Барфак ё Латифи бригадро?..

Аз куҷое чанд саг ба сари роҳ баромад. Онҳо дуртар аз одамон, болои теппачаҳои монои кӯҳони уштур пастобаланди канори роҳ, мавқеъ гирифтаву аз ҳастии худ дарак дода, зери дил ғур-ғур мекарданд...

* * *

Чархи «Такси» ба кӯлмакчае дакка хӯрда, мусофиронро хобпар кард. Онҳо ба худ омаданд.

– Ана, намурдему ба дарвозаи деҳ низ расидем! – хушҳол нидо кард Аҳрор.

– Чӣ, аллакай расидем?! О, ҳозиракак дар қатора савор шудему чӣ хел расидем? – гӯё аз хоби дароз бедор гашта бошад, сарашро афшонд Аҳмади Ҳабиб ва тирезаи мошини сабукравро паст карда, ба манзараҳои деҳ нигарист. – Ҳа-а, рост, расидем...

Аҳрору Зайниддин мутаҳайирона ба ҳам нигаристанд. Аҳрор дарзамон аз кастуми бародараш ҷониби

худ кашида, бо кунҷкобӣ пурсид:

– Ман кистам, бобо?!

– Ҳазлатонро монед, додар! Чӣ, маро девона гумон кардед? Наход Аҳрор буданатонро надонам?.. – муаллим шакарханд бар лаб аз ҳавои форам амиқтар нафас кашида, ҳаловат бурд. Чеҳраи ӯ шукуфта гардид.

Бӯйи зодгоҳ, бӯйи деҳаи азиз ӯро ҳушёр ва хотираашро аз нав ба худ оварда буд.

Қаҳқаҳаи хандаи хушҳолонаи Аҳрору Зайниддин садои якмароми мошинро пахш кард.

– Э, муаллим, аз тарс заҳркафамон кардед! Мемонед, ки сиҳату саломат ба назди бачаҳомон бирасем? – худро аз ханда нигоҳ дошт Зайниддин.

– Гӯш кунед, Зайниддин, чаро Шумо ҳамроҳи мо омадед? О, мо аз ноҳияи Шумо гузашта омадем-ку?! Чаро дар роҳ нафуромадед? – тааҷҷубомез пурсид муаллим.

– Ман аввал меҳмони Шумо мешавам ва баъд якҷоя ба хонаи мо меравем, – гуфт Зайниддин, сирро фош накарда, ҷониби Аҳрор чашмакӣ зад.

Даври лабони Аҳрор табассум гул карда буд. Аз хушҳолӣ ва ба худ омадани бародар чӣ гуфтанашро намедонист.

– Хуб шудааст, ҳамин тавр мекунем, – гуфт муаллим ҳам ва дигар худро дошта натавониста, осема ба ронандаи ҷавони камгап муроҷиат кард: – Додар, мошинатро нигоҳ дор, бисёр суст меронед. Хафа нашавед, бо пойи худамон зудтар мерасем. Шумо аз қафои мо ҳай кунед...

Ронандаи ҷавон табассумкунон мошинашро дар як тарафи роҳ нигоҳ дошт. Муаллим дарро кушода, аз мошин берун омад. Аҳрору Зайниддин ба ӯ пайравӣ карданд...

Аҳмади Ҳабиб муштоқона ҷониби деҳа медавид ва дар дил аз Худои яккаву ягона илтиҷо меоварл, ки як

бори дигар қувваву неруи ҷавониро барояш бедареғ ато кунад, то дар дами хона нафасгир нагашта, тандурусту сиҳат ба ҳавлӣ бирасад ва аз дур, мисле ин ки ҳангоми муаллимӣ, бардамона ово диҳад:

– Додо, додо!.. Оча, оча!.. Гулноз!.. Умедҷон!.. Ситора!.. Ман... омадам!.. Ба ваъда хилоф накардам. Дидед, писаратон аз беватанӣ, дарбадарӣ ва мусофирӣ сиҳату саломат баргашт, номардӣ ва бевафоӣ накард...

Ва Аҳмади Ҳабиб, бо як даст сандуқи синаашро молиш додаву зуд-зуд нафас гирифта, давидан дошт.

Аҳрору Зайниддин думболаи муаллим метохтанд.

Ронанда аз қафои онҳо мошинро бо суръати паст ҳай кардаву сарашро аз тиреза берун оварда, лабашро бурмакунон бо худ мегуфт:

– Аҷиб, ғарибиаш ин қадар дарди ҷонсӯз будааст-е!..

Осмони кабудфому ҷо-ҷо абрсафеди болои сар насими фораму муаттари баҳориро зира-зира ва нафаси гарму зиндагибахши деҳаи биҳиштиро дигарбора гардон мекард...

*Солҳои 1998-2008*

# ДАВРИ ҲАФТТАБАҚАИ ЗАМИН

*(Номаҳои «писари иблис»*
*ва посухҳои дуздони маҳбус)*

## ТАБАҚАИ ЯКУМ

**Мӯҳтарам бародарони дузд!**

Мегӯянд, замин ҳафт табақа дорад.

Агар воқеан ҳамин тур бошад, аз сари эътиқод рӯйи табақаи аввал номаи гарми бародаронаро ниёишгуна ба навиштан шурӯъ хоҳам кард: «Парвардигоро, табақаеро дар зери лутфу карамат нигаҳ дор, ки банда ба дуздони асилу қонунӣ самимона эҳтиром мегузорам!»

Нахуст, саломи гарму самимонаи бандаро, ки воқеан ҷонибдори ҷонии Шумо ҳастам, бипазиред.

Баъдан, дар рӯйи вараҳи сафед, бо қалами сиёҳ киҳо чиҳо навишта? – ба он дунё навишта, аз он дунё навишта...

Арзиз Некин навишта ё Фазли Муҳин навишта?

Харе ба буз навишта, бузе ба хар навишта,

яке асар навишта, яке масал навишта:

«Қазвинӣ хар гум карда буд. Гирди шаҳр мегашт ва шукр мегуфт. Гуфтанд: Шукр чаро мекунӣ? Гуфт: Аз баҳри он ки ба хар нанишаста будам, вагарна ман низ имрӯз чаҳорум рӯз буд, ки гум шуда будаме».

Оре, танҳо бародарони дузд ҳамин тур медузданд, ки ҳатто пашшаи хира дар ду дунё дарак намеёбад! Вале:

«Марде зане бигрифт ва ба рӯзи панҷум фарзандеш зод. Мард ба бозор шуд ва лавҳу давоте бихарид.

Ӯро гуфтанд: Ин аз чӣ харидӣ? Гуфт: Тифле, ки ба панҷ рӯз зойид, ба серӯза мактабӣ шавад».

Бале, дузд агар бармаҳал зоида нашавад, марди ҳақиқӣ ба камол расиданаш амри маҳол аст.

Пас, бародарони дузд, бо камоли эҳтиром дар ибтидо номи ҳунармандонеро арза медорам, ки симои аслии шуморо барои имрӯзу фардои аҳли башар, мисли қандилҳои булӯрини Коххои боҳашамати шаҳри Порис, муҷалло ва побарҷо сохтаанд. Бо хидмати беминнат чеҳраҳое, мисли Чарл Чаплин, Луи де Финес, Раҷ Капур, Жан Пол Белмандо, Ален Делон, Жерар Департйе, Пиер Решар, Алпачино, Жан Рено, Марк Дакаскес, Эдди Мерфӣ, Леонардо ди Каприо, Андриано Чилимтано, Антонио Бандерес, Мел Гибсон, Брюс Уиллюс, Амитабх Бачан, Майкл Дуглас, Долф Лунгрен... боз кӣ фаромӯш шуд?.. – ҳа, Стивен Сигал, Ҷет Ли, Ҷеки Чан... ва боз чанде дигар пештоқи сақфи дастнораси олами дуздонро бо хатҳои заррин оро додаанд. Ҳазор раҳмат ба ун ҷанобон!

Воқеан, салоҳ нест, ки ин саҳфаро танҳо бо ному фомили ситорагони дунёи ҳунар хираву тира бинамоем. Дилбазан мешавад он, мисли алафхӯрии пиргове, ки баъзан кунҷораро дар хоб мебинад. Ба ҳар ҳол, ҳини пешкаши тӯҳфаҳо дар иду ҷашнвораҳои касбӣ ҳунармандони асил фаромӯш шудаанд-ку!.. Агар ҳар касе дар қатори ин фомилҳо чашм ба унвонаш нарасад, аз компутар малол гардад, на аз мо. Зеро ин асбоби бесар на ҳар чизеро дар хотир метавонад нигоҳ дорад ва олимони ҷопонӣ низ собит карда, ки зеҳни дуздон аз компутар авлотар аст.

Яъне, каллаи дуздон аз компутар чанд сару гардан боло буду аз они хирадмандон якумр шохи шикастаи дарахтро мемонд.

Ростӣ, компутар гуфтаму, зор монад одати бад, хандаам омад... Дар солҳои нав овоза шудани компутар дар як ноҳияи бехабар, хирадманди мансабтало-

шеро, ба хотири бехост накафидани дил ва қариб ра-сидани нафақаи синну солаш, ба пажӯҳишгоҳи илмӣ директор таъйин карданд. Ба пажӯҳишгоҳи илмӣ-а! Ӯ як-як вориди ҳуҷраҳои кор гардид ва бидид, ки ҳама рӯзи дароз пойро болои пой хобонда, фақат телевизор тамошо доранд. Сипас вай, бо дуду димоғ, ба ҳуҷраи хеш баргашт ва ёварашро даъват карда амр дод:

– Чаро ҳама телевизор доранду дар ҳуҷраи ман нест?.. Худи ҳозир як навашро ба ҳуҷраи директор гирифта биёред!..

Бечора, хирадманд, мисли дигар хирадмандони аср то ин фурсат компутарро надида будааст. Ва ҳине ба ӯ фаҳмонданд, ки «ҷаноби директор, компутар дигару телевизор дигар», вай сахт пой ба фарши хона кӯфт:

– Дар кишвари мо фақат хирадманд сар ва мӯҳру мошин дорад, дигарон пой, фаҳмидед?!.. Чизе гуф-там, фақат ҳамунро иҷро кунед, ба дигараш чӣ кор доред?!

Ана ҳамин тур, касе андеша дорад, ки хирадман-дон аз дуздон боло меистанд, шикамсерӣ хоки сиёҳ хӯрдааст. Агар банда мабодо хандида бошам, дастпо-ча нашавед, Шумо баъдтар механдед...

Биёед, ин сафсаттаро ба кампири афсонагӯ ҳавола бикунему аз худ бипурсем, ки мо қаблан сари кадом андешаро сила мекардем?.. Ҳа, муҳаррики калла ба гардиш омад, – гуфтам-ку, сар аз компутар қимматтар аст, – мо зикр кардем беҳтарин мардони ҳунарро дар олами синамо. Ана ҳамун бузургон бу-зургии ҷанобони дуздро он гуна офаридаанд, ки гӯё худ аз рӯзи бунёди оламу одам дар асл дуздонро алифбои қартабозӣ омӯхта бошанд. Як дузди қонунӣ дар маҳбасхона гуфта буд: «Самимият хуб аст, вале воқеият хубтар». Воқеият ин аст, ки мардони ҳунар аз чашмаи хушкнашавандаи ҳунари дуздон, болои кар-сони сарнагуни зиндагӣ, ҷуръа-ҷуръа оби маҳорат рехтаанду хамирмояи онро думушта бикӯфтанд. Ва-

гарна зарбаҳои бераҳмонаи ун чеҳраҳои баландтар аз ситораҳои Голливуд шохашонро қарс мешикаст ва мисли моҳишӯрак дар паҳлуи як шишаи пивои чеҳӣ хушки хушк мешуданд ва оқибати корашон турб ба бор меовард.

Оре, агар ҳаваси дуздӣ, – фарқ надорад дар кадом шакл, – мисли сағираи сур пайваста дар хунашон намедавид, офаридани ин чеҳраҳои баробарвазни ғарбиву шарқӣ ба арзи пушти нохун имкон надошт, ки надошт. Зеро дуздони имрӯз, ба қавли бачаҳои боло ва беваҳои аз чор гӯшаи дунё бохабар, «девонаи девоначаш» ҳастанд, ки дар торихи башарият назир ва дар олами синамои дурӯғини вақткуш чеҳраи дақиқ надоранд.

Ба ҳар ҳол, ҳазор раҳмат, сад ташаккур ба ун мардони ҳунар, ки агар онҳо намебуданд, бародарони дуздро аз паси пардаи торику тираи торих берун овардан бас дандоншикан буд. Аммо, агар унҳо ҳам намебуданд, бемуҳобо касони дигар ёфт мешуданд, ки дар хидмати бародарони дузд ва ҳамхуни мо камарро аз ҳафтодуҳафт ҷо кӯргиреҳ меандохтанд. Ба ин маънӣ, як бародари дилогоҳи ҷанобони дузд фармуда:

*Эй бас, ки набошему ҷаҳон хоҳад буд,*
*На ном зи мову на нишон хоҳад буд.*
*З-ин пеш набудему набуд ҳич халал,*
*З-ин пас чу набошем, ҳамон хоҳад буд.*

Бошем ё на, сайёра ҳамин тур саргардон хоҳад буд ва дигарон низ мисли боди вазон меоянду мевазанд ва як меларзонанду ноаён мераванд. Даъвои ҳар кас монандаи мушаки осмонӣ зуд дармегузарад ва навбати дигарон фаро меояд ва онҳо низ таври худ ба сағрии аспи шӯҳрату ғайрат тозиёна хоҳанд зад. Вале дар ҳама давру замон ва оянда низ хирадмандони са-

бур ба суръати чорпари бародарони дузд нарасидаанд ва нахоҳанд расид.

Шерлок Холмс магар Самаки айёрро нагузашт? Остап Бендер оё аз Барон Мюнҳаузен бо суръати кайҳонӣ пеш нарафт? Агар Ален Делон бо чархбол ба майдони навор фуруд ояд, магар Жан Пол Белмандо қасдан бо тайёра пойин намеояд? Ҳо, дирӯз аз шохи дарахт танҳо шафтолу медуздиданд, аммо имрӯз магар говсандуқи доллардори бонкро ноаён ба яғмо намебаранд?.. Замоне ҳич кас сари мӯ ба дуздони бағдодӣ баробар шуда наметавонист. Ун ҷанобони нестандарҷаҳон сақичро аз даҳону кафшро аз пой чунон мерабуданд, ки даҳон мисли калуши дувоздаҳ воз мемонд. Вале акнун сарсупурдаи дуздони бағдодӣ – шодравон ҷаноби Бармак низ ба ҳич ранг дастобгири дуздони имрӯза шуда наметавонад.

Оре, дуздони нав аноӣ нестанд ва тайёраро дар самову қатораро дар замин тарзе бероҳа мекунанд, ки шабгардтарин дузди торих андаруни қабри ба хок яксоншуда саргаранг хоҳад монд.

Бале, як ранг тира гашту ранги тоза дигаргуна ба ҷилва омад. Кунун, мисли шафтолуи пешпазак, танҳо замони пахши тугмачаи сурхи байнисайёравӣ расида, ки бо як мижа задан хонаи ҳазорон сарватманду даҳҳо Кохи бошукӯҳ ба хокистари дегдони кампир баробар гардад. Усулҳои гӯшношуниде, ки муҳтарам дуздони асри навин дар ин табақа сабз мекунанд, ҳатто ба гӯшайи хотири боғчунҳои сагу гурбаи асрҳои оянда низ нахоҳад омад.

Ҳамин тариқ, банда дар ин номаи пурмуҳтаво ҳадафи ягона ва иродаи қавӣ дорам: бояд ифшо кунам, ки воқеан дуздон аз одамони муқаррарӣ ва ё аз хирадмандон чӣ тафовут доранд? Мо думболаи дуздони дурандеш биравем ё хирадмандони раҳгум? Кадомеро пешво бигирем?

Ҳо, аз ду раҳ якеро интихоб бояд кард, якеро!

Пас, чироғ мегиронам, чироғ, ки ҳадафро рӯшантар бикунам...

Номзад ба мақоми райисии ҷангали як ноҳияи нестандархарита, яъне ҷаноби хирадманд, ба номи поки каду ва кӯчаҳои лабрези пашму пучоқи харбуза савганд хӯрдааст, ки агар ӯ дар таъйинот пирӯз гардад, дар домани пуштаву ёнаҳо фақат бехи чормағзу пиставу донаи каду мешинонад, то ки одамон дар ҳама асрҳо бепул кадуву чормағзу писта хӯрда, мисли хирси ҷангалӣ беозор бихобанд ва дар фасли баҳор монандаи Тарзану Мауглӣ шох ба шохи дарахт маймунҳоро сӯз дода гарданд.

Хуб, ҳамин хирадманд райиси ҷангал таъйин шуд, вале рӯзи дигар ваъдаашро фаромӯш кард!

Чаро? Чунки ун хирадманд дузд набуд, агар дузд мебуд, ваъдаашро аз майнаи сар дарзамон рӯфта намепартофт...

Дар як ноҳияи арақхӯрони бебаркаши паси кӯҳ, ки аз ҳафтсола то ҳафтодсолаи он ҳич вақт ҳушёриро дар хотир надоранд, хирадманди масте аз бинои нӯҳтабақа сарозер ба замин омад. То ба замин расидан ӯ савганд ёд кард, ки: «Худоё, агар ин карат зинда бимонам, дигар арақро тамоман ба даҳон намегирам!..»

Хирадманд мисли каҳдарза ба замин афтоду дудғулаи гарду чанг ба домани ҳаво печид. Ҳама гумон карданд, ки аз сад ҷон як ҷони маст ба саломат нараҳидааст. Аз қазо ӯ зинда монд ва мисли мурғобии хоколуд гарду чангашро афшонду зери лаб ғурунгид: «Аз бинои нӯҳтабақа афтодан ҳам ун қадар гап набудаасту дар ҳаво беҳуда қасам хӯрдам...»

Ана ҳамин хел, хари хирадманд аз лой гузарад, ҳама чизро фаромӯш мекунад, ҳатто ба ҳамсар доданни моҳонаро ҳам. Лекин дузд ҳич чизро фаромӯш намекунад, ҳатто аз ҳамсар дуздидани моҳонаро ҳам.

Як дузди қонунӣ дар маҳбас гуфта буд: «Касеро, ки мехаранд, ӯро бе даллоли бозор низ фурӯхтан мумкин аст. Аммо Худованд медонад, ба кӣ киро диҳад ва ба чӣ чиро».

Хап-хап омад, лекин ҷойи гап омад.

Хирадманде гузаро буд аз ҳотаи кадузор ва тааҷҷуб мекард: «Худовандо, чӣ асрорест, ки як ёраи борики каду ин қадар меваи бузург дорад?!»

Ӯ хеле раҳ паймуд, шалпару абгор гашт ва зери дарахти азиме ба фароғат нишаст. Ва хаёле пас вай ба боло нигарист ва дарёфт, ки зери дарахти чормағзест. Хирадманд лабханд зад ва дудаста гиребони курта-ашро дошта гуфт: «Худовандо, чӣ асрорест – як ёраи борикро ун қадар кадуи бузург додаӣ, вале ин дарахти азимро чормағзакони резгӣ-резгӣ?!..»

Хирадманд дар ин андеша буд, нохост аз болои дарахт чормағзе раҳо шуда ба пешониаш фаромад, ки аз ҷо як қад парид.

Дигарбора гирди лабони ӯ табассуми малеҳ сайр варзид ва боз гиребони курта дошту гуфт: «Худовандо, худат бузургӣ, донистайӣ, ба кӣ кӣ диҳию ба чӣ чӣ, вагарна ҳоло дар ҷойи чормағз каду мебуд, сари банда ду пора мегашт».

Тасаввур кунед, агар ба ҷойи хирадманд дузд мебуд, магар сари дигаронро бо ҳамин саволи аблаҳона дударон мекард? Чӣ, магар duздони мухтарам кори дигар надоранд, ки кадуву чормағзи офаридаро аз нав қиёс кунанд? Ҳо, агар ба ҷойи одам дузд мебуд, чормағзро шикаста дулунҷа мехӯрду боғро напурсида, думро хода мекард. Аммо хирадманд бояд гаранг кунаду асабҳоро таранг.

Ана, ҳамин хел, агар ба гадо калтаку ба дарвеш ғалтак диҳанд, дар рӯзи равшан чароғҳои раҳи зиндагиро қарс-қарс мешикананд. Хайрият, дунё дузд дорад, вагарна бедузд мебуд, ҳоли бандаҳои мискин чӣ мешуд?..

Аз китоби фарсудаи торих далели дигари ваъдахилофии хирадмандонро варақгардон хоҳам кард. Дар ин саҳфаи зардшуда омада, ки Наполеон девонаҳоро «беҳтарин одамони сайёра» хонда, бо чивуқуви онҳо пешсафтарин сарлашкар шуд. Як ришакии «қадбаланд», ки ҳатто вақти хӯрок хӯрдан аз сар гирифтани кепкаашро пайваста фаромӯш мекард, зери шиори «Дар мамлакати мо ба миллионерон ҷой нест!» ва бо қувваи маҳбусони муштзӯр дороёни пешқадами замонаро лахт-лахт карда, дар кишвар бо шӯру валвала байрақи инқилоб барафрохт. Адолф Ҳитлер «Оламиён як миллатанд!» – гуфта, бо ҳамҳамаи «Ҳай Ҳитлер»-и аскарони мутаассиб ғолибона ба сари қудрат омад ва чангу дуди ҷанги дуюми ҷаҳонро ба осмони ҳафтум дакка занонд. Аммо ин пайғамбарони ҳасиби дудхӯрда рӯзи дигараш ваъдаи худро мисли латтакӯҳна ба ахлотқуттӣ ҳаво дода, дигар ҷонибаш нимнигоҳе накарданд; ва пеш аз ҳама, аз гуруснагӣ ва ақли тира сари онҳоеро, мисли картошкаи обпаз, бенамак фурӯ бурданд, ки дар сафи аввали ҳаммаслакону дӯстони ҳамяроқ қарор доштанд. Яъне, хирадмандони хаёлпараст сояи худро аз девор тарошида, изи пойи дигар дуздони муҳтарамро аз сафҳаи таърих осонакак рӯфтанӣ шуданд, вале офтобро бо доман пӯшидан нашояд. Ба қавле, нохуни токро ҳар сол калта кунанд ҳам, дасти дуздони боадолат дароз аст ва агар ҳар бебасаре онро бибурад ҳам, боз сабз мегардаду сабз. Чаро ки дузд барои он ҷовидон аст, ки парвои мансаб надорад ва ба ҳич кас ваъдаи вафо ҳам надодааст.

Дуздони адолатпеша дар зиндагӣ буданд, дар маҳбасхонаҳо ҳастанд ва дар ҳаёт мисли ангури сагак боқӣ хоҳанд монд!

Ҳич кас ба онҳо ҳуқуқи беҳуда санги маломат заданро надорад, ҳатто девонайи бозор ҳам!

Агар ба банда, мабодо ҳамчун намояндаи кишвари офтобхӯрдаи «тиллои сафед», дар ҳамоиши мӯҳташами байналмилалӣ сухан диҳанд, раъйямро ба ҳич вачҳ арра нахоҳам кард. Ҳамонам, ки ҳамон, ҳамон хоҳам монд ва ба фаросӯи чор самти олам нидо хоҳам дардод: «Ай, бародарони дузд! Шумо ҳич гоҳ гум машавед, ки рӯзҳангом офтоб гум хоҳад шуд ва шабҳангом маҳтоб! Бе Шумо шаб фаро намерасад ва агар шаб фарояд, дигар рӯз ҳич гоҳ намеояд!»

Маъзарат, ки номаи банда, мисли рӯдаи фили маҳмудӣ, ба дарозо кашид. Бақияро дар номаи дигар хоҳам навишт.

Боқӣ, ба ҳамаатон тани бедард ва осмони долларбор орзумандам!

## Посух аз муассисаиислоҳии шумораи... табақаи якум

Номайи Шумо, ҷаноби Нависанда, ба дасти мо расид ва дар маҳбасхона онро бо овози баланд қироат кардем.

Таассуф хӯрдем, сад дареғ гуфтем, ки ҳамроҳамон нестед, вагарна пӯстатонро дигар ҳатто қассоби бозор намешинохт.

Дареғо, ки Шумо бо ун бузургтарошӣ ва фалсафагӯйиҳои пуч як ҳақиқати маҳзро дарк накардаед, ки посухи ҳар муште лагад низ будааст. Саҳеҳтараш, дарк кардаед, вале дигаронро гумроҳ сохта, ба онҳо думболайи дуздон рафтанро талқин мекунед. Магар думболаи бесаводону беақлон рафтан ба торикистон намебарад? Наход Шумо билкулл инкор кунед, ки саводу дониш мояи равшанӣ ва пешравӣ набудааст? Ҳо, ҷаноб, аз ёд берун накунед, ки фақат дониш имкон медиҳад, ки инсоният сабаби харобиҳои худро дақиқ муайян кунад, усулҳои рафъи онҳоро дарк созад ва барои расидан ба нур ва ахлоқи

ҳамида неру ҷамъ кунад! Хуррамӣ ва хушбахтиро дар покизагӣ ва омӯзиш бояд дарёфт, на дар ҷайбҳои мардум.

*Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,*
*Ҳар ҷо, ки равӣ, азизу марҳам бошӣ –*
*Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,*
*То тоҷи сари наберагони одам бошӣ.*

Шумо бошед, «Ҳофиз манаму бародарам мехонад» гуфтагӣ барин, наход ақлатон нагирад, ки мо, дуздони пушаймонгаштаро, аз нав дуздӣ ёд додан ба ҳич қолабе намеғунҷад? Магар одамони ҳушманду зиндагидӯст ба думғозаи харҳои бетамиз кафшер гашта, рафтори аблаҳонаи онҳоро такрор мекунанд? Хезед, ки хобатон!.. Шоъире беҳуда таманно накардааст:

*Ё раб, раво мадор, ки аз бад батар шавад,*
*Рустам зи Рахш афтаду мӯҳтоҷи хар шавад.*

Ҳазор раҳмат ба ҳамун шоъир, ки комилан беғалат гуфтааст. Вале Шумо беҳуда ба тори асабҳои харобгаштаи мо нохун задаед ва нафаҳмидаед, ки сайёра воқеан дар дасти дуздон нест. Ба пешониатон агар тамғаи «Дузд»-ро насб мекарданд, сипас мефаҳмидед, ки дузд будан чӣ қадар гарону шармандагист. Ин бори нангинро агар фил бардорад, сутунмӯҳрааш хам мехӯрад.

Ва боз ба гӯш бигиред: дузд мисли ангушти шашуми одамест, ки ҳамеша мехоҳад онро аз дигарон пинҳон кунад. Шумо ҳаминро мефаҳмед, ҷаноб?..

Баъдан, гуфтаҳои подарҳавои шуморо бо ин далелҳо рад хоҳем кард:

Аввал, ун дуздонеро, ки шумо дар озодӣ дузд мегӯед, ҳанӯз дузд нестанд. Зеро ин ҳукмро танҳо

додрас метавонад муқаррар кунад. Пас, барои рӯйирост таҳқир кардан шуморо ба додрасӣ кашидан кам аст, бачаи кӯча;

Дигар, агар тақдир баландӣ накунад, дар бозори хар даллолат намегузоранд. Вале ин чунин маънӣ надорад, ки Шумо феъли харҳоро бигиред. Дар ин сурат Шумо шикамсерӣ халлачӯб мехӯред ё дар арасот гумроҳ хоҳед монд. Мазмун, чеҳраҳои торихӣ чизе доштанд, ки ба сари қудрат омаданд ва дигаронро думболаи худ кашола карданд. Нақши шахсро дар ҷомеа набояд аз ёд бибурд. На ба ҳар кас давр занондани чархи торих муяссар мегардад. Дунё ҳамин тур буд ва ҳамин тур хоҳад монд. Ин инсон аст, ки ҳаройин пӯст иваз карда, мехоҳад ҷаҳонро тағйир диҳад. Аммо худро тағйир надода, магар ҷаҳонро тағйир додан мумкин аст?.. Пас, Шумо дилкаф нашавед, ки парвардигор бароятон чизе ато накардааст. Аз дилу нияти худ бубинед ин ҳамаро.

Афсӯс, Шумо бо файсалайи норӯшани худ дилҳои бе ин ҳам пораи моро лахт-лахт кардед ва боз дар кадом ҳамоиши байналмилалӣ аз дуздон ҷонибдор будани худро бешармона эълом кардан мехоҳед. Ин беақлӣ ва бехирадии худро зинҳор ошкор накунед, ки шармандаву шармсори ду олам хоҳед шуд!

Ҳич амале беҷавоб нахоҳад монд, чаро ки бисёр ҳангом дуди кабоб боиси тӯфони оташ мегардад. Шумо, ки дари дили захмини моро бо ангушт кӯфтед, акнун маҷбурем дари зиндагии норӯшанатонро муштборон кунем, то ки ақаллан муҳаррики ақлатон дар ягон беморхона заррайе ба гардиш дарояд. Имрӯз ва ё фардо нафаре аз мо аз маҳбас озод мегардад ва шуморо ҳатман пайдо хоҳад кард.

Агар хоб бошед, бедор шавед ва агар бедор бошед, ба ягон аробаи шалақ дарзамон савор шаведу аз ин табақаи Замин фирор кунед. Вагарна аз сад ҷон як ҷонатон ба саломат нахоҳад раҳид.

Як табассум кунед, кисаро пури сӯм кунед, ходаро ба ҷойи дум кунед!..

Аз ин зиёдаш – киро, беақлӣ – ғавғо ва тамаллуқ бақо надорад.

## ТАБАҚАИ ДУВВУМ

**Бародарони ҳамхуни дузд!**

Бандаро дар табақаи якуми замин билкулл нафаҳмиданд. Ҷанобони кадом як маҳбасхона таҳдид карданд, ки агар ба хубӣ ин табақаро тарк накунам, пӯстамро бепул ба қассоби бозор медиҳанд. Аз тарс маҷбур шудам ба табақайи дуввум фирор кунам. Агар ҳақиқати илоҳӣ дар ин ҷо пуштибон дошта бошад, андешаҳои тақдирсози бандаро ҷанобони дузд комилан дуруст ва бо қарси пурмавҷ қабул хоҳанд кард.

Инак, дар номаи зер андешаи қаблиро дилпурона тақвият хоҳам дод.

Ба Шумо рӯшан бод, ки баъзе хирадмандони шикамқарор ҳанӯз ҳам амиқ дарк накардаанд: «Қувваи барзаговро на аз наъра задан, балки аз кор карданаш мефаҳманд». Дареғ, ки ин хирадмандон таври ҳамеша байни абрӯ кӯргиреҳ андохта, бо ҳамҳама аз банда эрод мегиранд: «Дуздони бегонаи кишварҳои олам аз куҷо бо ту ҳамхунанд? Оё шумо як волидайн доштед ва агар чунин бошад, далели фавқро исбот чӣ гуна аст?»

Осонакак, ҷанобони хирадманд! Инак, гӯш фаро диҳед.

Як дузди қонунӣ дар маҳбас гуфта буд; барои модагови буқахоҳ буқаи бақувват мекобанд, буқаи шохзанро ахта мекунанд, саги газандаро сӯзан медиҳанд ва мурдаи кӯзпуштро зуд ба қабристон мебаранд, ки шояд хоки гӯр қомати ӯро рост кунад. Афсӯс, ки

чашмони олуси хирадмандонро ҳатто дар ҳини реҳлат ба он дунё тобут рост нахоҳад кард ва агар ҳангоми зинда будан аз ҳисоби ташкилотҳои хайрандеш ба зиёрати Маккаву Мадина рафта биёянд ҳам, ҳич хари дурусти борбардор нахоҳанд шуд, – боз ҳамон гӯши дарозу думи каҷ!.. Находшумо, хирадмандон, то ҳол надонед, ки уқёнус, баҳру рӯдҳо ва чашмасорон аз як обанбори бетак сарчашма мегиранд? Об аз қатраҳо рӯд мегардад, рӯд ба дарё меомезад, дарё ҷониби баҳр роҳ мегирад, баҳр ба уқёнус мепайвандад ва ин ҳама гирдгардон аст, мисле, ки пиёлаи чой дар суҳбати дӯстон.

Ой, руфақои даврони фарсуда, яъне хирадмандони аср, васеътар чашм бикшоеду дунёро бубинед! Аммо сахт бедору ҳушёр нашавед, ки дарёи Панҷро бодвор тир шуда, боз мабодо аз Афғонистон ҳам гузашта равед. Магар аз каллаи ларзони шумо зарбаи ногаҳонии бемағзони дирӯза, мисли зиёфати шоҳона, дарзамон фаромӯш гардид?.. Кадом соле «дуздонро бедору хари суханшунав мекунем» гуфта, тухмашонро дар тамоми дунё бо танкаву мушак хуб шудгор кардед. Аз хоби гарон дуздони Итолиёву Афғонистону Чину Ветнаму Африқоро ҳам бедор кардед, ки теппаи хоки онҳоро акнун фақат дар қабристонҳои партовии сарзамини Амрикову Русия хоҳед дарёфт. Баъзеҳо ҳанӯз ҳам аз шохаҳои дарахтони ин кишварҳои серпул гӯё осонакак доллар чидан доранду хабари беватан мурданро не. Дард аст ин ва ё гард? Касе намедонад ва агар донад ҳам, гузаштаро намехонад, ки намехонад. Паҳ, эй ҷаҳони фатароту хоки бебарот, бушкаи зарди пиво бар рӯйят, амон надодед, ки ҳамагӣ як бакалакро беғамаку бедамак ба зери бинӣ ғурронем! Хирадманде, ки осоишро танҳо дар мурувват бо дӯстону мадоро бо душманон мебинад, яқин, ки зери сапали пойи философи ду гетӣ оқибат чалпак ва тапак хоҳад шуд.

Шумо ҳам, хирадмандони азиз, мисли дарвозаи дари хонаи деҳқони хокпош во кунед чашми худро ва дақиқ бингаред, ки бо ҷурми гуноҳе Одаму Ҳавворо аз биҳишт берун кардаанд ва дигарон аз нутфаи онҳо пайдо шуда.

Ҳо, агар дарахт реша намедошт, шохаву баргу меваи он аз куҷо сабз мегашт? Агар рӯз намебуд, шаб аз куҷо фаро меомад? Пас, далели ягонаи ҳамхунӣ бо ҷанобони дузд ин аст, ки мо аз як патакрешаем ва он ба каллакафонии Дон Кихоти дигар ниёз надорад. Агар дурӯғ гӯям, гурдаҳоямро дар беморхона наёбам.

Ин ҷониб далели мазкурро ҷавонмардона собит менамоям ва аз оби гандида мисли Барон Мюнҳаузен хушкосо берун хоҳам омад. Он гаҳ ин бародарони ҳамхуни банда, – оре, шарафмандона изҳор мекунам, ки бародарони ҳамхун, ҳарчанд Мауглӣ набудаам, ки ҳамроҳи дигар ҳайвонот бо қонуни ҷангал ба камол расида бошам, – очаи зоратонро дар чашматон бо ҳафт ранг нишон хоҳанд дод ва шуморо тавре медаронанд ва шохатонро мешикананд, ки ҳатто қабурғаҳоятонро дар ягон беморхонаи олмонӣ машҳуртарин пизишки дунё шумурда наметавонад. Тавре як дузди қонунӣ дар маҳкама гуфта буд:

*Бепул хӯрад дузд кабоб, пулдор дуди кабоб,*
*Дунё косаи давр, зинда бош, эй ҷаноб!*

Оре, дар ин дунёи дудар навбати савлат ба бародарони дузд низ хоҳад расид. Ба ҳич ваҷҳ хоксорони ҷаҳонро ба ҳақирӣ набояд нигарист, зеро рӯйи ин гард саворе омадан дорад. Аммо хирадмандон аз кач нигаристани худ шармро ба бозори чарм гузошта, мисли писари Марям худро ба чаҳормех мекашанд, ки касе ба онҳо кор нагирад. Вале, ба қавли шоири маҳбасӣ, беназмӣ ҳам бояд назме дошта бошад. Зеро хирадмандон манфиати хешро аз ҳафт табақаи замин

боло гузошта, ҷойи даркорӣ, агар лозим ояд, ҳатто падарони бузургу занони вазирзебашонро дар бозорҳои чинои қариб бепул ба савдо мезананд. Ин ахлоқ гуноҳи онҳоро об нахоҳад кард, чунон ки офтоб пиряхро.

Гузашта аз ин, тавре фалсафаи риёзӣ дақиқ карда, гурба ва сагро дар як хона танҳо нахоҳанд гузошт, ки мабодо якдигарро хуну халов накунанд. Торихи башарӣ дар китоби худ сабт карда, ки хирадмандону ҷанобони дузд ҳамун гурбаву сагонанд ва аз чанголашон ҳатто муш дар кунҷи хона роҳ нахоҳад ёфт. Ба сияҳдил ва нотавонбин ҳатто хар нафрат дорад, ки дар оғил ширинтар бӯса диҳад. Аммо ин хирадмандони бахилу ҳасудони нафратзада дуздони тавонову шӯҳратмандро чашми дидан накарда, гумон доранд, агар ҷанобони дузд умуман вуҷуд надошта бошанд, дунё дар зери ангушти онҳо асрҳо «рақси шикам» хоҳад кард. Ин қабил ҷанобони хирадманд дар ҷаридаву маҷаллаҳои зард мақолаҳо интишор медиҳанд, ки агар фалон дузди гузаро унвони маҳбуси умрбодиро дар пешонӣ тамға бигирад, ё худ дар пеши чашми мардум бо автомати русӣ то тамом шудани тири мағоза бераҳмона парронда шавад, ҳатман хас каму ҷаҳон пок хоҳад гашт. Агар дурӯғ гӯям, мағзи хар хӯрда бошам, ин ҷанобон иштибоҳи азим хоҳанд кард ва аз рӯйидани ҳарлаҳзаинаи дуздони ҳушманд комилан огоҳ нестанд, ки яке ҷойи дигареро наметавонад мисли ақрабаки соат осонакак иваз кунад. Ҷаноби Нютон низ ҳангоми кашфи қонуни ҷозибаи ҷаҳонӣ ба бепарвойӣ роҳ додааст – баъзан себ ҳам метавонад, ки зери дарахташ наафтад.

Дар мутаккои далел, дузде дар маҳбасхона қисса кард, ки ӯ бо як мори зери дарахти азим солҳои тӯлонӣ дӯстӣ дошт. Ҳар сабоҳ вай ба мор як коса шир мебурд ва хазанда дар ҷавоб ба ӯ як миқдор сӯм

ҳадия мекард. Ба ин васила дузд камбуди рӯзгорашро саранҷом медод.

Аз қазо дузд бемор шуд ва чанд муддат зери дарахт рафта натавонист. Рӯзе ӯ писарашро ба наздаш хосту гуфт:

– Писарам, аз ҷо хеставу рафта наметавонам. Минбаъд ту дар коса шир гирифта, зери дарахти азим меравӣ. Баъди фурсате аз бехи дарахт мори бузурге берун меояд. Ту натарс, вай дӯсти дерину қадрдони банда аст. Худро ба мор шинос кун ва косаи ширро наздаш бигузор. Баъди ошомидан мор ба ту сӯм медиҳад ва онро гирифта, аз бозор барои рӯзгор ғизоворӣ харида биёр.

Писар гуфтаи падарро ба ҷо овард ва ин корро ҳафтаи дароз идома дод.

Пасон дар дили писари дузд андешаи сарватманд будан пайдо шуд ва ба хулоса омад, ки морро кушта, хазинаи зери дарахтро соҳиб гардад.

Сабоҳе, баробари косаи шир, писар дар даст табари тез гирифт ва зери дарахт омада, интизори берун омадани мор нишаст.

Хаёле пас дӯсти падар берун омад ва писар назди ӯ косаи шир гузошт. Мор ба ошомидани шир шурӯъ кард. Бо пайти муносиб, писар ба думғозаи дӯсти падар бераҳмона табар зад ва ӯро дуним сохт. Мор дарзамон ба худ омад ва аз ҷо ҷаҳида, ба пойи писар заҳр андохт. Бо илоҷе писар ба хона омада, воқеаро ба падараш қисса карду ҳамон замон ҷон ба ҷонофарин супурд.

Ҷаноби дузд шифо ёфт ва сабоҳе бо косаи шир боз зери дарахт омада, мунтазири дӯсташ нишаст. Мор бо «қошу қавоқ»-и овезон аз хонаи хеш берун омад. Дузд шармсорона забон гардонд:

– Дӯсти азиз, ба гузашта салавот, чизе ки буд, дигар ба дил нагирему дӯстиамонро давом диҳем. Умр кирои бевафоӣ ва нозу нуз надорад.

Мор баъди андак таҳаммул ба забон омад:

– Оре, умр киро надорад, вале дигар миёни ману ту дӯстии бедоғ ва қалбӣ сабз буда наметавонад. Зеро банда ба думғозаи калта нигариста, фарзанди туро нафрин мехонам ва ту сабабгори марги ягона фарзандатро ба хотир оварда, маро лаънат хоҳӣ гуфт. Дӯстии дурӯғин ва бофтаву сохта дигар ба кӣ даркор аст? Беҳтараш, Исо ҳам ба роҳи худу Мӯсо ҳам...

Пас, магар кори Шумо дуруст нест, ки ба хирадмандону намирандаҳои ҷовидонӣ ҳатто нимнигоҳе набахшида, баробари дуздидан дарзамон байни якдигар ҳисса мекунед, бегоҳ аз таги дил шомона мехӯред ва рисқу насибаи фардоро умуман ба хотир намеоред? Чаро ки медонед, то даме дар даҳон дандон аст, ризқи дандон фаровон аст, аммо барои хирадмандони бедандон ҷаҳон зиндон аст. Баъдан, хархашаи беҳуда ба решаи умр теша низ мезанад ва эҳтиётгарро Худо ҳам эҳтиёт мекунад. Ин гапро дузди қонуние дар маҳбас гуфта буд, на хирадманде дар озодӣ.

Қатъи назар, тавре аризабози ашаддӣ лагади гови мурдаро хӯрда бошад ҳам, ба хуну пайвандаш фақат аз болои дигарон навиштан нишастааст, банда ҷиддӣ тасмим гирифтам, ки дар рӯйи ин табақаи замин номанависиро ба ҷонибдории Шумо ҷасурона идома диҳам, чаро ки аз он дунё, – гӯё кадом харе ба хармагасе қиссае гуфта, – ҳич одами дупо дигарбора дасти қаламро сабз накардааст.

Шумо, ҷанобони дузд, бо хату саводи ҷаҳонгир ин номаҳои ҷонсӯз ва саршор аз муҳаббатро дар истгоҳҳои шишабандӣ, симчӯбҳои сари роҳу хиёбонҳои шаҳрҳои чароғон ва нуқтаҳои эълони хонафурӯшию корпайдокунӣ баръалония мутолиа хоҳед кард. Албатта, ин номаҳои пурмеҳрро, ки барои эҷодашон мисли Фирдавсии ришакӣ сивупанҷ соли умрамро арра кардаву дар подош танҳо диски филмҳои силсилавии «Моҷарои милисаҳо»-ро ҳадиё

гирифтаам, дар ҷаридаю маҷаллаҳои бозоргир низ интишор додан мумкин аст, то ки оммаи васеъ, агар вақти сархорӣ дошта бошад, онҳоро гаштаю баргашта қироат кунад ва аз ин ҳисоб ҷонибдорони Шумо ба маротиб биафзояд.

Аммо, кунун дар ин шабу рӯз, барои интишорот сарпарасти гурдадор мисли обу ҳаво зарур аст. Ун шабу рӯзи бепул чоп кардани навишта мисли афсонаи зебои кӯдакӣ ноаён гузашту касе сари мӯ пайхас набурд. Бо вуҷуд, ҳалли масъала барои Шумо ду карат ду чорро мемонад ва комилан медонед, ки аз сад якро бигиранд, на навадунӯҳ, балки сифр мемонад. Шумо метавонед ному шӯҳрати худро аз тариқи рӯзномаву ҳафтаномаҳои бешумори зард дар забони омму хос дигарбора гардон кунед. Зеро озодии матбуот – ин озодии Шумо ва ба нафъи Шумост. Дар дигар майдон ҳич кас ин озодиро ба Шумо кафолат нахоҳад дод. Шумо танҳо дар фазои иттилоотии фарох, мисли уқоби озод пару бол кушода, худро ҷасоратмандона дифоъ хоҳед кард. Дар ин майдони бузбозӣ ҳич кас қудрати гирифтани ҷилави аспи шуморо надорад. Зеро ҷаридаҳо, аз мӯйи сар зиёд бошанд ҳам, барои серхаридор шуданашон, мисли сагони дайду бо хархаша, аз устухон пораи гӯшт ва дар рӯзи равшан бо сӯзан қабри якдигарро мекобанд.

Оре, рақобатро онҳо танҳо дар кофтани қабри якдигар мебинанд!.. Аз ин хотир, дар мақолаву гузоришҳо сарлавҳаҳое месозанд, ки дарзамон такҷӯии хонандагонро ҳозир ва ҷаридаро бе пӯштпӯшт харид кунанд. Шумо, ҷанобони дузд, аз ин гуна рӯзномаву ҳафтаномаҳои ҳангоматалаб ва воҳимасарлавҳа оқилона ва ба нафъи хеш истифода карда метавонед.

Масалан, агар дар сафҳаи якуми рӯзномае сарлавҳаи «Дуздон бо яхмос зани додситонро дуздиданд» пайдо шавад, кадом маҳбуси навозод онро му-

толиа нахоҳад кард? Ё худ хонандагони кунҷкоб ба сарлавҳаҳои: «Дузд рӯйи сад доллар рақси пайкарро иҷро кард», «Ҳофизи номӣ зани дуздашро талоқ дод ва бо раққосаи товусхиром хонадор шуд», «Чаро «хар» туфлии додрасро дуздид?», «Хонуми вазир аз сари девор ба дузд чанд бӯса дод», «Дуздон ба ҷайби директори бозор халтаи нос гузоштанд», «Дуздон ба нобиноён роҳи пулёбиро нишон доданд», «Дузд дандони духтури дандонро шикаст», «Дузд раиси бонк таъйин гардид ва рӯзи дигар ба духтари вазир «Ҷип» тӯҳфа кард», «Дузд нозири сари роҳро ҷарима баст», «Дузд хушдоманашро ба шавҳар дод ва хонаи ӯро соҳиб гардид», «Дуздон ба чемпионати ҷаҳон оид ба бокс мераванд» ва ғайра магар нигоҳ намекунанд? Албатта, нигоҳ мекунанд, аммо, ба андешаи комили ин ҷониб, танҳо сарлавҳагузорӣ, мисли араќи омехта ба об, ниҳоят таъсири суст дорад ва дар ин росто тақозои давру замон тамоман дигар аст.

Аз ин сӯ, – ҳанӯз Мишел Нострадамуси фаронсавӣ пешгӯйӣ карда буд, – баробари чопи асари пурарзишу баландғояи банда дар тамоми ВАО-и олам, ки он баъди марги нобаҳангоми бепулӣ ба ҷойизаи Нобелӣ шарафёб хоҳад шуд, қотеъона пешниҳод дорам – дуздон низ, ҳамчун шаҳрвандони баробарҳуқуқи ҷомеа, ҷаридаву маҷаллаҳои соҳавии худро бояд дошта бошанд, то ки хонандагони сайёра аз ҷаҳони пурғановати маънавии бародарони ҳамхун ҳамаҷониба воқиф гарданд. Зеро дуздӣ қонуни нонавиштаи табиат аст ва бе дуздӣ сарнавишти тозаи олам эҷод нахоҳад шуд. Агар мабодо оламро тағйир доданӣ шавед, қабл аз ҳама, аз худатон дуздиро шурӯъ кунед. Яъне, ба қавли як философи маҳбус, дуздиро дар худ кашф ва аз ҷайби холӣ чизе пайдо бояд кард. Вагарна Шумо аз раддаи беҳтарин дуздони олам канор хоҳед монд ва мисли як овозхони тақлидкор зуд гули бозоратон пажмурда хоҳад шуд.

Ба ҳар сурат, алъон, ай бародарони дузди ҳамхун, Шумо ҳич гоҳ аз маҳбасу кӯчаҳои хилват гум машавед, ки рӯзҳангом офтоб гум хоҳад шуд ва шабҳангом маҳтоб! Бе Шумо шаб фаро намерасад ва агар шаб фарояд, дигар рӯз ҳич гоҳ намеояд!

Боқӣ, сиҳату саломат ва райиси бонки «Амонат» бошед, то номаи дигар!

## Посух аз муассисаи ислоҳии шумораи... табақаи дуввум

Мегӯянд, «Гӯсолаи доно аз ду пистон шир мехӯрад». Баъди хондани нома ба хулоса омадем, ки воқеан Шумо он қадар гӯлу гумроҳ нестед ва гӯё бо донойӣ аз ду «пистон» баробар шир макидан мехоҳед. Аммо бо як даст ду тарбузро намедоранд. Агар ду тарбуз доштан хоҳед, аз ҳарду бенасиб хоҳед монд.

Аз номаатон мисли рӯз рӯшан аст: Шумо, мисли рӯбоҳе, ки ба сӯрохӣ нағунҷида, боз ба думаш ҷорӯб мебандад, худ дар ин табақа ҷову макон надоред, вале таври сарборӣ боз моро аз думболатон кашола кардан мехоҳед. Мазмун, аз асп кӯрдангал афтидаед, аммо пой аз рикоб гирифтан намехоҳед. Ин гуна одамро дар табақаи мо донотароши аҳмақ, ё девонаи худпараст мегӯянд. Донойе, ки пойаш аз замин ва дасташ аз осмон канда шуда, дар чорсӯ ба куҷо ғел хӯрданашро намедонад. Шумо ин суханони моро чӣ тур фаҳмидед?..

Дигар, чаро хирадмандонро чашми дидан надоред? Зеро худатон аз палаки хирадмандон нестед ва мисли онҳо андешаву гузашт карданро наметавонед. Саҳеҳтараш, Шумо аз аҳли назар нестед ва дарк накардаед, ки барои тавлиди як хирадманд чӣ қадар хуни дил бояд хӯрд. Хирадманд бачаи суғур нест, ки аз ҳар сӯрохӣ сар бибарорад. Онҳо камёфтанд,

шоҳсутунанд ва дар ҳар аср ду-се нафар ба дунё меоянду бас. Хирадманде, ки корҳои бузургро анҷом додаст, аз ҳама гуна унвону рутбаҳо бештар сазовори эҳтиром аст. Пас, хирадмандро дашном мадеҳ ва ба намакдони қадраш туф макун, ки аҷинашамоли ғазаб чунон гирдгардонат мекунад, ки як умр дигар на саратро меёбиву на савоpатро.

Баъдан, Нависандаи мӯҳтарам, Шумо ҳанӯз «лагади гови мурдаро шикамсерӣ нахӯрдайед». Охир, дузд мойему ба мо дуздӣ меомӯзед ва бо афсӯс ҳавасамонро мехӯред, ки дар ин сайёра байрақи инқилоб барафрохтаем. Ин ҳавас ҷойи ифтихор надорад ва мову Шумо дар ҳафт табақаи замин ҳамхун низ нахоҳем буд. Зеро барои дузд миллат, мазҳаб ва Ватан бегона аст.

Бале, мо Ватан, хешу табор ва оянда надорем, зеро дузд таваллуд нашуда бошем ҳам, дузд ба камол расидаем. Мо танҳо дуздӣ ва ба хекиртаки пулдорон корд монданро метавонему бас. Мо дуздем, мефаҳмед, дузд! Аммо дузд наметавонад ҷилави сайёраро комилан ба чангол бигирад. Чаро ки сиёҳ сиёҳ мемонаду сафед-сафед. Кадом доваре, ки барои асари тамаллуқкоронаи Шумо диски силсилавии «Моҷаройи милисаҳо»-ро сазовор донистааст, ё аблаҳ аст, ё шабкӯр ё номдаргӯр. Шумо ба хонаи дурӯғ ҳам бераҳмона оташ сар надиҳед. Мишел Нострадамуси хокистаргашта дар ду олам номи асари шуморо ба забон нагирифтааст ва мегирифт ҳам, даҳонашро тавбагӯён сад бор ғарғара мекард.

Шумо бо кадом ақлу фаросат пешниҳод мекунед, ки дуздон бояд соҳиби рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавии худ бошанд? Охир, бе ин ҳам дуздон тактаки девор гашта, мисли заргӯш аз сояи худ метарсанду боз «ана мо!» – гӯён худро ба оламиён муаррифӣ кунанд? Магар ун шпиёнҳои шабгарду кисабур ба ин пешниҳоди аблаҳона ҳамту осонакак

розӣ мешаванд? Кошкӣ ризо мешуданду кисабуронро оламиён шинохта мегирифтанд! Аммо афсӯс, ки чунин намекунанд, вагарна ҳар воқеаеро илоҷ қабл аз вуқӯъ буд ва ҳар гулистонеро хору садои сор камтар мегашт. Ва ун сарлавҳаҳои ҳангоматалабонаи рӯзномаҳои зарди мавсимӣ дигар ба кӯрмӯшҳо низ нодаркор мешуд.

Аммо дилсард набояд шудан аз гардиши айём, чунки ҳангомаҳои сарлавҳагузорӣ низ мисли абрҳои баҳорӣ зуд дармегузаранд. Аслан рӯзномаҳои зард аз бесарусомонӣ, аз фаҳмиш ва мафкураи танги одамон, бо мақсади гарм сохтани бозорашон, ба ҳар ранге ки хоҳанд, таги деги зиндагӣ оташ мегиронанд. Фарқе надорад, ки кӣ месӯзаду кӣ на. Муҳимаш, «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад». Вале ин оташи кисасӯз дер аланга намегирад. Баъди гузоштани хишти нахустини қонун ба пойдевори ҳаёт, оҳанги гиряолуди онҳо низ дарзамон тағйир меёбад. Охир, маълум, ки кулфатзадагон ва ҷангдидаҳо ба қиссапардозӣ ва вақтхушӣ бештар ниёз доранд. Ин гуна одамон сиёсат ва таҳлили ҳаётро билкулл намепазиранд. Чаро ки онҳо ғами пайдо кардани ризқи якрӯзаи хешро бештар мехӯранд. Яъне, онҳо мехӯранд, то ки зинда бимонанд, чаро ки фардо барояшон норӯшан аст.

Пас, ин гуна матбуоти қиссапардоз ва роҳзани ақли мардум оё ба ҷомеа даркор аст? Бале, дар қадамҳои аввал даркор аст. Танҳо ба ун хотире, ки матбуот аз байн наравад. Аммо батадриҷ мисли латтакӯҳна нодаркор мешавад он. Зеро ниёз ва талаби инсон ҷониби дигар рӯ мегирад, ҷониби шукуфоӣ. Дар ин ҳангом ба инсон рӯзнома даркор мешавад, рӯзномаи ҳақиқӣ ва воқеӣ, ки тавонад воқеоти рӯзро дар худ фаро бигирад. Чунки кунун одам ҳаёт меофарад ва зиндагӣ месозад.

Аз ин беш чӣ гӯйем, ки ҳарду бари рӯйи дузд сиёҳ аст ва чашми кӯр дораду гӯши гарон.

Алъон, фақат моро алам кардааст, ки Шумо дар маҳбасхона ҳамроҳи мо нестед, вагарна саратонро қоқоқоқ метарошидем ва каллаатонро, мисли гови ҳаромшуда, чунон аз тан ҷудо мекардем, ки ҳатто як қатра хунаш ҳам ба чашми беҳтарин қассоби сайёра наменамуд.

Аммо хушҳолона, бовиқор ва бардавом қарс назанед. Ёфтани Шумо, мисли ҷони одаму шири мурғ, ун қадар мушкил не. «Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад». Агар ҷанобашонро монандаи муш сур ва ба пучоқи офтобпараст ҷо карда, ба табақаи дигар бадарға накунем, дӯғовайи маҳбасхона бароямон бенамак бод!

## ТАБАҚАИ САВУМ

**Дуздони мӯҳтарам!**

Банда «ихтиёрӣ» табақаи дуввуми заминро ҳам тарк гуфтам. Чаро ки, «Биҳишт он ҷо, ки озораш набошад, касеро бо касе кораш набошад» – гуфтаанд. Пуштибонӣ аз дуздони хармағз баробари он будааст, ки дар дӯзах зиндагӣ ба сар баред. Мазмун, ба беақл панд неву ба девона қанд додан авлотар аст. Чашм дорам, ки дар ин табақа бандаро беҳтар дарк мекунанд ва қадру манзалатамро, ҳамчун Ҳакими ягонайи аср, дар пойгоҳи баланди эҳтиром ҷо мегузоранд. Итминон дорам, баъди мутолаайи номайи ҷигарсӯз, дуздони муҳтарами ин табақа фариштаҳойи кисадори осмониро маҷбур хоҳанд кард, ки рӯзе панҷ карат ба пойбӯсӣ ва зиёрати банда фуруд оянд, вагарна ҳоли бонкҳои байнисайёравиашон табоҳ хоҳад шуд.

Кунун, ба оғози номаи тоза шурӯъ хоҳам кард, зеро дар ин айёми сахту рӯзгори қаҳт ва хӯрдан барои зиндагиву зиндагӣ барои хӯрдан воқеан ҳам офарин хондан, аҳсант гуфтан кам аст шуморо!

Вожа ё ҷумлаи таҳсиномезе, ки бузургӣ ва шукӯҳу ҷалоли шуморо билкулл фаро гирад, то имрӯз ягон қаламфарсо иншо ва тасвир низ накардааст.

Бале, то имрӯз, гӯё дар сафҳаи таърихи башар тамоман вуҷуд надошта бошед, ҳич кас дар фикри Шумо низ набуда ва дар ҳаққатон ҳамагӣ як даҳан сухани мисли асал ширин нагуфтааст!

Сад дареғ, садҳо дареғ, ки дунё дар зери фишори мушти гиреҳшудаи Шумо мисли заргӯш аз сояи худ меларзаду – ба ҷуз филмҳои дурӯғини ситораҳои ба ном Голливуд ва китобҳои фачу бемаънии ҳаёти нокомили дуздакбачаҳо, як говҷигаре рӯ назад, ки ҳатто дар тӯйи бодабдабаи сағираи пойафзолдӯзи сари бозор ду даҳан дар сифоти ҷавонмардиҳои Шумо нохун кунад!.. Дунёи наркушу модапарвараш ана ҳамин, бародарони дузд, вагарна ҳоло ҳозир бо камоли эҳтиром он ҳама ҷавонмардиҳои зикршударо якояк баён медоштам ва аз бародарони ҳамхуну ниёзманди тангаи зардаки расонаҳои хабарӣ эҳтиромона хоҳиш мекардам, ки бахусус ба гӯши «суханшунав»-и мардум рӯзе панҷ карат пуф кунанд. Бигузор, ҳама воқиф аз асолату рисолати азалии Шумо мебуданд ва дар намозҳои ҷомеъ ба ҳафт пуштатон дуруду дуо мебахшиданд!

Бо ин ҳама буду набуд ва косаи дӯғу дурӯғ, банда аз раҳу рафтори оқилонаи Шумо сар гум накарда, кӯтоҳакак шиори бехост ғайбзадаи биҳишти нотакрори даврони кӯршударо дар таҳрири тозаи ҷомеаи хурӯсҷанги шаҳрвандӣ, ҳамчун сад доллари рахи оҳараш нашикаста, ба миён ҳаво медиҳам: **«Дуздони ҳамаи мамлакатҳо, як шавед!»**

Воқеан, агар Шумо як мушт нашавед, аз як обмурӣ об нахӯред, шикастанатон ду карат дуро мемонад ва мисли ҷаноби Уссома бини Лодан, ки баробари шунидани номаш дар тахтапушти сайёра мурғак медамид, аз дасти индувони амрикоӣ як умр ғор ба ғору

ҷангал ба ҷангал ҷонкоҳона хазидан мегиред ва ҳич гоҳ орзуи деринаатон аз сабза ҷома ба бар нахоҳад кард.

Бале, як кепкадори машҳури рондашуда, ки баъдан аз ҷосусони хориҷӣ дастур гирифта, дар зери ниқоби ҷонибдори камбағалон дар кишвараш инқилоб ангехта буд, дар номаҳои пинҳонӣ ба занаш гаштаю баргашта такрор кардааст: «Орзу кардани камбағал айб нест. Нахуст орзу мекунед ва баъдан барои муяссар шудан ба он мубориза мебаред. Ҳангоми пирӯзӣ сарватмандон зор-зор гиря хоҳанд кард. Аммо Шумо зинҳор ба дил раҳму шафқат ҷо накунед. Зеро раҳму шафқат хоси беақлон аст ва бақувваттарин ҷаҳонпаҳлавонро низ мағлуб хоҳад кард. Мағлубгашта дигар овоз надорад ва ӯро аз як пойяш дар шохи чинор меовезанд».

Оре, аскаре, ки орзуи генерал шуданро дар қафаси сина умрбод зиндон кардааст, вай дар ду дунё каллаи гунҷишкро ҳам гирифта наметавонад. Ҷасоратро лагади мағлубият футбол накардааст. Ҳама дороиро қурбон карда, танҳо барои ғолиб шудан мубориза бояд бурд! Ғолиб, ки шудед, сарвату дорои, мисли зани омӯхтаи бӯсу канор, бо пойи худаш хиромон омада, даратонро бо нӯки ангӯшт тиқ-тиқ мекӯбад. Азбаски ҷаноби Дон Жуан ди Марко дар ишқварзӣ номуси як ҳазору панҷоҳу ҳашт бонуро шаҳид карда буд, ҳамчун марди ҳақиқӣ дар дами фартутӣ ҳам занон фақат ӯро суроғ мекарданд. Ана, ин аст ғалабаи таърихӣ!

Пас, ҳарчи зудтару зичтар бо ҳам муттаҳид гаштану иттиҳод бастани Шумо дар ин айёми шӯру рӯзгори кӯр барои тамоми заҳматкашони олам, мисли қандчою як бурда нони беғами даврони бебозгашти сотсиалистӣ, ниҳоят зарур аст. Як панҷа шудан ва аз як остин зарба задан имкон медиҳад, алайҳи урдугоҳҳои абарқудрати ҷаҳон боз як дасти

пурқуввати ҳифозатгар, мисли Рой Ҷонсони боксёр, солҳои дароз ҷилва намояд ва дар мавридҳои ҳассосу тақдирсоз, ё худ таркандаи башарӣ, бори вазнини халқро бар дӯш бигирад ва ҳич не, ақаллан аз ҷони хасакии кисадуздон дифоъ бикунад. Зеро Шумо ягона инсонҳои заҳматкаше ҳастед, ки парвои мансабу ҷоҳу ҷалол, бунёди хонаҳои қасрнамо дар маркази шаҳр ва шӯҳрату шаҳомат накарда, агар бимиред ҳам, бекафан ё дар паси девори сангини маҳбасҳо «тантанавор» ҷон ба ҷонофарин хоҳед супурд. Дар ин лаҳзаҳои вопасин низ чашми умедворӣ аз яғмои сарвати беҳисоби баъзе мансабдорони бешафоату бесаховат нахоҳед канд ва ба фарзандони худ дар дами назъи ҷон васият хоҳед кард, ки роҳи бошарофати шуморо сарбаландона идома диҳанд.

Аммо Шумо, ҷанобони дузд, намирандаед! Зеро яқин медонед, ки тоифаи сарватманд барои як дақиқаи ҳаловату кайфият сад доллари акнун тақдирсозро дар дискоклуби шабона, мисли пӯсти офтобпараст, сӯйи пойи кадом як хонуми тардоман ҳаво медиҳаду панҷ дирамро барои гадои сари чорроҳа ҳайф медонад, ба қавле, гӯсфандро хоҳад дид, аммо фарзандро не.

Бале, Шумо ягона инсонҳои ҳимматбаланде ҳастед, ки вақти ба даст афтодан сарватҳои маздидаи худро ба дигарон, гуфтани номашон шарт нест, мисли Ҳотами Той ҳадия мекунед. Дар ду дунё иштибоҳ нахоҳам кард, агар бигӯям, ки Шумо аз Ҳотами Той ҳам босаховаттар ҳастед!

Медонед, рӯзе Ҳотами Той мешунавад, ки дар кишвар як Ҳотами дигар пайдо шудааст, ки дар саховат ин Ҳотам ба ун Ҳотами навбаромад сари мӯ баробар шуда наметавонад. Он гоҳ Ҳотами Той қарор медиҳад, ки меҳмони Ҳотами сонӣ бишавад.

Вақте Ҳотами Той ба меҳмонӣ меояд, дар хонаи Ҳотами навзамон ба ҷуз як курраи асп чизи дигареро

намебинад. Тааҷҷуб мекунад ӯ ва барои воқиф шудан аз саховатмандии Ҳотами навзамон вориди хона мегардад. Ҳотами сонӣ назди ҳамсараш меояд ва мегӯяд, ки ба хона меҳмон омадааст, омодагиашро бубинад.

Фурсате пас рӯйи дастархон табақи калони гӯштбирёнро мегузоранд. Ҳарду Ҳотам ба хӯрдани гӯшт шурӯъ мекунанд. Баъди шикамсерӣ хӯрдан, Ҳотами Той дуо карда, берун мебарояд, вале чашмаш ба курраи асп намеафтад. Аз соҳибхона пурсон мешавад, ки курраи асп куҷост? Ҳотами сонӣ посух медиҳад, ки меҳмон атои Худост ва мо курраро барои меҳмони азиз сар буридем. Он гоҳ Ҳотами Той ба китфи Ҳотами сонӣ бо даст тап-тап зада, ризомандона мегӯяд: «Дар ҳақиқат гуфтаи мардум рост будааст. Дар асл Шумо саховатпеша ҳастед, ки ҳарчи дар бисотатон буд, барои меҳмон дареғ надоштед, вале ман ҳама дороиямро якбора ба меҳмонон бахшида наметавонам. Ҳотами Тойӣ ба Шумо ҳалол бод!»

Бародарони дузд ва ҳамхун! Шумо ҳам мисли Ҳотами сонӣ саховатпеша ва самимона ҷонибдори мақоли «Як рӯз бошу хурӯс бош» ҳастед. Маҳз аз ҳамин рӯ, ҳар рӯз Худои муттаъол ба Шумо ризқ медиҳад ва банда аз ин эҳсонатон муҳаббату сурудхонии ҳиндувона дорам ва мехоҳам, ки шиори даъватии замони тиллоии бебозгаштро дар алвонҳои сурх як бори дигар бо ҳарфҳои хоно дар пештоқи хонаҳои мардум, дар коххои боҳашамат, дар паҳлуи наклиёти кишварҳо ва дар қуллаҳои баланди осмонбӯс ба ин зайл насбкарда бубинам: **«ДУЗДОНИ ҲАМАИ МАМЛАКАТҲО, ЯК ШАВЕД!»**

Оре, кунун фурсати аз хандақҳои хеш берун омадан ва дар зери қаноти ҳамдигар босаводона ба ҳуҷум гузаштан фаро омадааст!

Пас, ин шиор аз ягон ҷо дуздӣ нашуда ва ягон кас маҷбур ҳам накардааст, ки банда чандин рӯзу моҳи

дандоншикан хуни ҷигар полида, калларо чормағзвор палағда карда, оқибат дар васфи Шумо эҷод кунам. Дурустам фаҳмед, косалес ё лаганбардор нестам, ки бандаро соҳиби мансаб кунед. Ман бо хоҳиши дил шиор гуфтам ва ба ин ҳақ ҳам дорам. Чаро? Ба деги пурғизо (оҳ, иштиҳо бедор шуд!) савганд, ки агар Шумо намебудед, кӣ донад оқибати рӯзгори бандаҳои хонабардӯши чандин кишвари олам бо чӣ нокомиҳои фоҷиабор анҷом мепазируфт?!

Сухан аз ҳаёту мамот меравад, охир! Вале сухан бе далел рангу бӯй надорад ва зани бева парвои шӯй. Масалан, изҳори ҳамдардӣ ба соҳиби мурда боиси хушҳолӣ ва сарфарозии беҳад хоҳад гардид. Агар ягон пайванди мансабдоре ин олами фониро падруд гуфта, ба дунёи бақо реҳлат кунад ва ба ӯ дар рӯзномаҳои давр сӯгворӣ эълом накунанд, алъон наздикашро ба хок насупурда, агар қишлоқӣ карда гӯем, худаш низ нобаҳангом ҷон ба ҷонофарин месупорад. Ҳамдардӣ ба мансабдор мояи ифтихор аст ва бояд он дар вақташ изҳор гардад, то ки ба ҷаноза дигар зимомдорони давр бо чархболу тайёра ва ҷипу қатора ҳазор-ҳазор ташриф оваранд ва мардум бо чашми сар бубинаду даҳон мисли калӯши дувоздаҳ во кунад, ки дар ҳақиқат ӯ соҳибмансабу соҳиб-обрӯст. Вагарна мансаби беобрӯ ба кӣ даркор аст?

Як ҷаноби дузди қонунӣ гуфта буд, ки ҷони ширин аст мансаб ва сари хушки бемансаб дар гӯр. Аз мурдаи камбағали бекафан на ҳамсоя огоҳ мешаваду на соя. Воқеан дуруст гуфтааст ҳамун дилогоҳи замон. Барои ҳамин баъзеҳо ҷон мекоҳонанд, духтар мебахшанд, ғуломи ҳалқабаргӯш мешаванд, тамоми дороиашонро ҳадиё мекунанд, ки дар ин дунёи харкушу мочапарвар ақаллан мансабаке насибашон гардад, то ки чор кас онҳоро бологузар гӯяд, гапашон ба раиси маҳаллаву имоми масҷид гузарад ва оқибат ду даст тори сар бекафан намиранд.

Аммо парвардигор дунёро бедарвоза ва гапро беоваза насохтааст. Ба бахти инсонҳои фақиру бебизоат, дарвозаи устувору оҳанин ва соҳибони аслии ин дунёи фароху пурҳаводис ҷанобони дузданд, ки барои савобу обод кардани охирати худ ягон мурдаи камбағали бекафанро дар хонааш танҳо нагузоштаанд. Бародарони дузд, бо истифода аз мухобараи сайёравӣ, дарзамон ҳамчун соҳибони аслии мурдаи бекафан пайдо гашта, «Хеши мо ҳоло намурдааст, ӯро беморхона мебарем!» – гӯён даҳони ҳамсояҳои ба тақдири инсон бетаваҷҷуҳро, агар мабодо берун бароянд, мисли дарвозаи баъзе кишварҳо маҳкам пӯшида мемонанд. Баъдан, дуздони ғамхор аз ду пойю дасти мурда бародарона ва дилсӯзона бардошта, ӯро мисли пӯсти харбуза ноаён ба ахлотқуттӣ мепартоянд ва ҳамон замон мошини хоҷагии коммуналиро даъват мекунанд, ки зудтар расида, ахлотҳои якмоҳаро дар паси шаҳри касногузар бурда ҳаво диҳад. Аз ин кори ҷавонмардонаи бародарони дузд на раиси маҳалла огоҳ мешаваду на имоми масҷид, на милисаи маҳал ва на ташвиши зиёдатӣ дили касалманди онҳоро фишор медиҳад. Ҳама гӯё обод ва гулистон ва дуздони инсонпарвар мепардозанд ба пардози хонаи нав.

Магар инсонгарӣ, бародарӣ, баробарӣ ва оқибат ҳамхунӣ аз ин ҳам зиёд мешавад?..

Пояндагиву ҷовидонӣ насиби Шумо бод, инсонҳои боадолат ва асрҳо соябони сари мардуми бебизоат бошед, ки тақдири имрӯзу фардои сайёра дар дасти шумост!

Алъон, ай, бародарони дузди ҳамхун, Шумо ҳич гоҳ гум машавед, ки рӯзҳангом офтоб гум хоҳад шуд ва шабҳангом маҳтоб! Бе Шумо шаб фаро намерасад ва агар шаб фарояд, дигар рӯз ҳич гоҳ намеояд!

Боқӣ, ҳама фарзандону пайвандони Шумо серкисаву пулдор бошанд! Худо ҳофизи Шумо бод!

## Посух аз муассисаи ислоҳии шумораи... табақаи савум

Баъди мутолиаайи номайи Шумо, аз фариштаҳойи ҷайбғафси осмонӣ илтиҷо кардем, ки рӯзе панҷ карат ба зиёратат фуроянд ва чунон футболат кунанд, ки ин гуна ҳисоби зарбаи голро дар торих касе нахондаву надидаву нашунида бошад. Зеро аз дурӯғҳойи бешармонайи Шумо дамолаҳза лаблабуйи сурхро ба хиҷолат гузоштем. Дар ин лаҳзаҳо, агар нохост замин мекафид, бемуҳобо саропо ба он фурӯ мерафтем.

Бузургворе беҳуда нафармудааст:

*Чашме, ки надорад назаре ҳалқайи дом аст,*
*Ҳар лаб, ки сухансанҷ набошад, лаби бом аст.*

Чашми беназар воқеан тамаъи дигар дорад ва лаби ҳарзагӯй лаб нест, гӯш аст. Сухани ҷонхарош мисли садойи нофорами ошиқу маъшуқи берӯғани дари оҳанини маҳбасхона гӯшро ба фиғон меорад ва дилро дар қафаси сина танг мефишорад.

Воқеан, мо мӯҳтоҷи пуштибонӣ ҳастем, аммо на аз пуштибонии беинсофона ва манфиатҷӯёна. Зеро, агар адлу инсоф ва ҷавонмардӣ дар дили мо хона медошт, ҳич гоҳ кати оҳанини маҳбасхона рахти хобамон намегашт, ҳич гоҳ аз зиндагии хуш бенасиб ва дар чордевори танги зулматбор аз олами зебойӣ битамом бенасиб намешудем. Ғайри зиён ба одамони сайёра дигар чӣ кардем, ки вақти намозгузорӣ ба ҳафт пуштамон дуруду дуо фиристанд? Агар онҳо аз як пойямон ба шохи калтут овезанд, ҳаққашон меравад. Шумо бошед, «Дуздони ҳамайи мамлакатҳо, як шавед!» – гӯён, мехоҳед дар ҷаҳон инқилоби тоза ангезед. Рафту миллионерону мансабдорони тамоми дунё аз хандақҳо берун омада, дар зери қаноти одамият ягона

шаванд, магар сайёра шукуфотар намегардад? Магар дуздон аллакай мурғодам шудаанд, ки дигарон ба зери қаноташон тухм гузошта, сафашонро биафзоянд? Оё аз гургу хорпушт фарзанди нағз мерӯяд? Фаромӯш накунед, ки ҳама гург бӯр аст. Пас, чаро Шумо пеш аз ҳомила шудан фата мепӯшед?..

Шумо одамони дурустро ба васваса андохта, рӯйирост онҳоро ба коми оташ тела доданийед. Мо, оташдидаҳо бошем, бори гарони озору таҳқири гӯшайи маҳбасхонаро ҳатто ба душманамон орзу надорем. Аммо ба Шумо, ҷаноби Нависанда, бояд рӯйирост бигӯйем, ки маҳбасхона як мактаби нотакрор дорад: дар ин ҷо дунёро таври дигар мебинед ва ба ҳодисот билкулл бо назари дигар менигаред, на мисли як одами беғам, ки дар озодӣ қадри нафаси гарму зиндагибахш ва ҳаловати атрофу акнофро наметавонад дарк бикунад. Маҳз ба Шумо мо инро файсала дорем. Шумо бояд ҳатман аз ин мактаб таълим бигиред, он гоҳ ҳич вақт, дар назъи ҷон ҳам, ба фарзандон васият нахоҳед кард, ки онҳо роҳи бешарафонаро идома диҳанд.

Дигар: ҳо, бачаҳалок, магар Шумо писари иблис ҳастед, ки дунёро ба вартайи ҳалокат тела додан мехоҳед?! Оё Шумо комилан дарк карда метавонед, ки агар рафту сайёраро дуздон ба чангол кӯрғасп кунанд, оқибати зиндагӣ чӣ хоҳад шуд? Магар ҳама одамон ҳар рӯзу ҳар шаб фақат ҷайби якдигар ва хонайи ҳамдигарро ба яғмо мебаранд? Пас, дунёиякранги ғоратгарона ва пур аз фаҳшу фуҷур, ки аз мазҳакайи ҳаррӯзайи фоҷиабор беш нахоҳад буд, ба кӣ даркор мешавад? Ба ҳич кас! Ин адлу инсоф, имон ва сулҳу салоҳ аст, ки одамон дар зери осмони соф бедардона қаҳқаҳа мезананд. Ин чеҳрайи тобони модарон ва гулхандайи ширини кӯдакон аст, ки зиндагӣ маънӣ дорад ва парвона даври шамъ хушҳолона мечархад, вагарна ашку дарду ғам ҳамаро бемори

бистарӣ хоҳад кард. Ва ҳама, ҳатто шоху барги дарахтон, гулистону чаманистонҳо мотамзада хоҳанд шуд ва замин ба ҷойи об хун хоҳад макид. Ва маъшуқон ба ҷойи бӯсаҳои ширини ошиқон заҳри интизорӣ мечашанд. Ва хирадмандон сари калобаи зиндагиро гум карда, бо сари хаму қомати шикаста, тобути дӯстон сари китф, фақат раҳи қабристон мегиранд. Сайёра низ аз ин фоҷеъа бемор ва фалаҷ мегардад. Ва яқин аст, ки мариз умри дароз намебинад, як рӯз не, як рӯз марг аз гулӯяш харпанҷа мезанад. Магар Шумо «Як рӯз бошу хурӯс бош» – гӯён ҳаминро мехоҳед, ҷаноби Нависанда? Мехоҳед, ки зиндагӣ дар ин сайёрайи муҳташаму ободбо як тахайюлоти иблисонаи Шумо битамом қатъ ёбад? Магар ин гуфтори аблаҳонайи Шумо масали «Давидани гӯсола то қаҳдон»-ро намемонад?..

Кунун мехоҳем ба нуктайи дигари ҳангомаангези номайи Шумо посух бигӯйем. Воқеан, он ба нодида гирифтани заҳмати сарватмандон дакка мехӯрад. Дар назари Шумо чунин менамояд, ки гӯё дорандагон Қасрҳойи боҳашамат, хонаҳойи баланду муҷалло ва наклиёти гуногунтамғаро таври дуздӣ пайдо карда, мӯҷиби бадбахтии дигарон гаштаанд. Дар асл ин тур нест. Сарватманд аз модар сарватманд таваллуд намешавад. Агар як шабонарӯз бистучор соъат бошад, сарватманд биступанҷ соъат кор мекунад. Ду пойро дароз карда шинед, ҳич кас ба Шумо «маҳ, гиред» намегӯяд. Худованд ҳам «аз ту ҳаракат – аз ман баракат» гуфтааст. Беҳунар дар ду дунё хор аст, ҳатто нони даҳонашро ҳалол намеёбад, ки шикамсерӣ бихӯрад. Магар дар ин кор ҳам сарватмандон гунаҳгоранд? Ё ки сарватманд садди роҳи нодор гашта, ба ӯ имкон намедиҳад, ки боақлона кору рафтор кунад? Баръакс, касе, ки ниҳоди пок ва маърифати воло дорад, имкон додааст, ки дигарон ҳам биёмӯзанд, қадам ба қадам пеш раванд ва ҳич гоҳ

қашшоқ набошанд. Зеро қашшоқӣ оқибат бадбахтӣ ба бор меорад ва он куллан хатар дорад: ҳам ба ҷони давлатманд, ҳам ба ҷони сарватманд, ҳам дар ин аср ва ҳам дар ун асри сонӣ. Шумо ҳамин гапро чӣ тур фаҳмидед?

Хуллас, мо файласуф нестем, ки соатҳойи дароз бароят варсоқӣ бихонем. Ин қадар мегӯйем, ки агар ҷанобони дузд умуман вуҷуд надошта бошанд, офтоби болойи сар мунаввартар медурахшад ва моҳтоби шабонгоҳ ба чаманистонҳо бештар шир меполояд. «Хас каму ҷаҳон пок» гуфтаанд, ки аз ҳақ ҳам ҳақтар аст. Лекин серкисаву пулдор будани дуздон ҳам бад нест. Дар кадом гӯшайе, ки бошед, – хоҳ таги замин, хоҳ болойи осмон, хоҳ байни уқёнус, шуморо ҳатман пайдо хоҳанд кард. Агар пайдо кунанд, як ваҷаб намегузоранд, ки мурдайи шуморо ба табақайи дигар ҷанозахонӣ бибаранд. Қабри шуморо сағиравор ҳатман дар ҳамин гӯшайи касногузар кандан лозим аст, то табақаҳойи дигар аз бӯйи ғализатон олуда нагарданд.

## ТАБАҚАИ ЧАҲОРУМ

**Хонумон ва ҷанобони дузд!**

Ё дуздони табақаи бадноми савум бегона шудаанд ё банда девона? Ҳич намефаҳманд, ки намефаҳманд. Аз гуфтан забонам мӯй баровард. Роҳи рӯшанро ба онҳо нишон диҳам, тира мебинанду хира. Бо кадом забон ба онҳо гап занам, худам ҳам ҳайрон?! «Чӣ даркор беҳуда сафед кардани мӯй ва сурх кардани рӯй? Дидед, ки нашуд – монед, ки раванд», – гуфтаму ниҳонӣ ба табақаи Шумо фирор кардам. Бигузор, дар ҳасрати суханони хирадмандонаи банда сӯхта-сӯхта дуд кунанду дигар, бо заррабин кобанд ҳам, хоки поямро наёбанд. Ҳузури муборакӣ Шумо бошад,

ҷанобони табақаи ҷаҳонгир, таври дигар ва бо забони дигар нутқи пурмуҳтавои хешро ифтихормандона баён хоҳам кард.

Дар ин нома мехоҳам оҳанги суханрониамро ровийона ва профессорона идома диҳам. Чаро ки банда раҳи се табақаро ҷасоратмандона паймуда ва ҳамзамон дар синну сол аз баъзе олимони хасакӣ чанд сару гардан боло ҷаҳидаам.

Воқеан, – агар дурӯғ гӯям, ба баҳор нарасам, – ҳунар, истеъдод ва маҳорати нотакрору гӯшношуниди Шумо на ба ҳар бандаи хокӣ ҳамту осонакак, бе шаллоқу шаттаҷангу чаловидан муяссар гаштааст. Аз ин нигоҳ, банда орзумандам, дар як ҳамоиши бонуфуси илмӣ, ки бо ширкати намояндагони соири кишварҳои олам баргузор хоҳад гашт, бо маърӯзаи воқеан фавқулодда, як таркиши ногаҳонӣ дар ҷараёни ҷаҳонишавии сайёра ба вуҷуд оварда, минҷумла асосноку қотеъона зикр намоям: бародарони мо дар кӯчаву хиёбону бозорҳо, бонкҳои пуриқтидор, нақлиёти хушкиву ҳавоию баҳрӣ, шабакаҳои компутариву интернет, мухобараи мобилӣ, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ... фаъолияти густурда анҷом медиҳанд. Онҳо низ мисли ҷомеаи имрӯзаи бебизоатон, камбизоатон ва нобизоатон ба гурӯҳҳои майдадуздон, миёнадуздон ва азимдуздон ҷудо шуда, гулистони кишварро дилпурона об медиҳанд. Дар маҷмӯъ, ҳамаи онҳо дуздонанд ва аз ин номи барои баъзеҳо даҳшатовару ваҳмангез бедарак ифтихор доранд.

Ба ҳар ҳол, имрӯзҳо бародарони миёнадузду азимдузд ба ҳалли корҳои сангин дода шуда, нисбат ба тақдири одамон мисли директорони бозорҳои тиҷоратӣ бепарвотар метобанд. Онҳо, ба қавле, ба корҳои азиму пуршарафтар зимомдор гашта, дар ҳаво, бахр ва хушкӣ ниҳоли дӯстӣ ва рафоқат мешинонанд, ки корномаашон билкулл дигаргуна буда,

тадқиқоти жарфтарро тақозо менамояд. Ба ҳар ҳол, таманно мекардам, ба хотири беҳтар саришта кардани проблемаҳои умумибашарии кишварҳои олам, миёнадуздону азимдуздон низ ба майдадуздон қавитар кафшер шаванд. Зеро мо баройи васл кардан ба ин дунё ташриф овардаем, на баройи фасл кардан; ва амиқ дарк бояд кард, ки дойраи кафида табъи дил садо нахоҳад дод.

Имрӯз мисли шаҳри чароғонтарини ҷаҳон – Ню Йорк возеҳу равшан аст, ки мушкилоти рақами яки ҷомеаи башарӣ бо манзили зист ва ҳозиразамон таъмин кардани аҳолист. Проблемаи мазкур дар Аврупо низ як ранг дорад, дар Русия низ, дар Африқову Чину Ҳиндустон низ, – дар ҳама ҷо хурӯси тоҷсурх як хел ҷеғ мезанад ва тавре се карат чемпиони ҷаҳон дар қартабозӣ гуфта буд, қартаи тузро дар Инглистон сохта бошанд ҳам, дар ҷазираҳои Яману Воркута низ туз аст, вале танҳо истифодаи онро бояд донист, вагарна Туз дар дасти беҳунару бегурда аз Дама зиёдтар арзиш надорад.

Ҳаллу фасли ягонаи раҳидан аз ин мушкилоти гиреҳхӯрдаю печдарпечи шашҷиҳата иҷборан дилкафу бесар ва бехонаву дар кардани одамони сайёра аз тариқи ҳодисаҳои гуногуни дуздӣ муяссар мегардад, ки алъон бародарони ҳамхуни мо мисоли онро дар як қатор кишварҳои қайсару гапнодаро собит кардаанд ва дилпуранд, ки боз ҳам собит хоҳанд кард. Зеро дар ин замони хира ва рӯзгори тира бо куштани як кас сад кас ҳушёр намегардад, баъзан то сад касро накушед, як кас ба худ нахоҳад омад. Аммо, бародарони дузд, Стивен Сигал – ҳамон муштзани машҳури филмҳои Голливуд гуфта, ки бо куштани як кас ду қабр кандан лозим меояд: яке барои кушта, дигаре барои худ.

Шумо, ҷанобони дузд, ин қазияро комилан ҳазм кардаед, аммо тасаввур намоед, ки мисли индувони

амрикоӣ ягон хатро хонда наметавонед ва монандаи бародарони чиноӣ танҳо бо табассум вонамуд созед, ки ҳамаро дарк кардаед, вале гӯши гаронро ҳич гоҳ бо шунаво иваз накунед, ки оқибаташ ба ҷони ширини худатон хатар ба бор меорад. Зеро сиёсат мисли хонуми тардоман аст – рӯз дар дасти як кас ва шаб аз каси дигар.

Торих гувоҳ аст, ки Шумо дар ҳич асре ба сиёсат нагаравидаед ва нафароне, ки бехост ба мансабу роҳбарӣ дилкашолӣ пайдо кардаанд, дарзамон бо қалами сиёҳ ба зери номашон хатти батлон кашидаед.

Торих гувоҳ аст, ки ҳунарманди муштзӯри Голливуд Арнолд Швартснегер баъди харобкориҳои зиёди филмҳо ҳавову ҳаваси мэрии кадом як штати Амрико кард ва худи ҳамон замон номаш ба гӯшаи фаромӯшӣ ғелид, ки то имрӯз дигар ҳич кас рӯяшро дар экран надидааст.

Торих гувоҳ аст, ки ҳавову ҳаваси борони тақдир ба сари орзуҳои нимароҳи Михаил Евдакимов – губернатори кишвари Алтай, ки гарду чанги танзу базлаи мардуми рустойиро дар як мижа ба осмони ҳафтум дакка мезанонд, шохнами фоҷиа ба бор овард. Туф кардан ба риши бобойи бузург, – таъкид шарт аст, ки замоне барои ҳама шиори дурандешонаи «Коммунизм – ин ҳокимияти шӯравӣ, плюс электрикониии тамоми мамлакат аст!» гуфта буд, – ва аз як дастархон нон хӯрдану оқибат намакдон шикастан, одамро радди маърака мегардонад.

Оре, то имрӯз дуҳокимиятӣ – поёну боло – буд, ҳаст ва то рӯзе ҷаҳон боқист, мисли ду забони муқтадири одамӣ аз байн нахоҳад рафт!

Тақдири ояндаи дузабониро ба тафаккури палағдаи хирадмандони корҷӯ ҳавола карда, акнун мардуми ҷонибдор қатъӣ донистан мехоҳад: Шумо, бародарони дузд, кадом ҳокимият ҳастед – поён ё боло? Ва кадомашро мепазиред? Имрӯз ҷиддияти қазия

ҳаминро тақозо дорад, ки Шумо, дӯстони гиромӣ, ба кадом паҳлу ғел мехӯред. Тақдири сайёраи куҳанбунёду фарсуда, ки аз дасти одамони хирадманд ниҳоят хаставу абгор ва ҷигаррешу дилчок шудааст, мисли хуни шараён аз тобишу гардиши Шумо ҷиддӣ вобаста мебошад.

Ҷанобон, дузд кулоҳро не, балки кулоҳ duздро зеб медиҳад. Вақте хонуми қашангу дилрабое, ки қомати чу тирак росту рухсори мисли панири шведӣ сапсафед, лабони монандаи пӯсти пийоз нафису чашмони сони оҳу дурахшон ва абрӯвони пайвастаи пари зоғ дорад, дар клуби шабона Шуморо нохост ба «рақси танго» даъват кунад, чӣ эҳсосе саропоятонро фаро мегирад? Эҳсоси гарму гуворои ҷавонмардӣ, ҳатто агар дар пой туфлии хориҷӣ надошта бошед ҳам. Ба-дин манзур, банда пешниҳоди мушаххас дорам – дар сайёра ҳар сол ҷашну идҳои зиёде таҷлил мегарданд, ба мисли рӯзи моҳигирон, рӯзи говкушон, рӯзи қурбоққадорон, рӯзи кӯчагардон, рӯзи раққосаҳои тӯйгард, рӯзи матбуотчиёни бепул, рӯзи тоҷирони сахтсавдо, рӯзи пизишкони ришвахоҳ... ва садҳо ҷашну идҳои дигар. Хуллас, 365 рӯзи Худо беиду мотам нест ва дар ҳар гӯшае садойи карнаю сурнай гӯши фалакро ба дод овардааст. Аммо барои Шумо, бародарони дузд, ҳатто ягон соат рӯзи истироҳат ҷудо нагардидааст, ки ин беадолатӣ ва аз ҷониби ҷомеаи башарӣ риоя нагаштани ҳуқуқи баробарии халқҳост.

Аз ин нигоҳ, бояд дар тамоми олам **«Рӯзи байналмилалии дуздон»** оммавию мутантан – бо шиору овезаҳои нотакрор, бо роҳпаймоиҳои бешумор, бо нутқу сухангӯйиҳои ғулғуладор ва бо шукӯҳу ҷалол таҷлил ва дар ин рӯзи муборак, ҳамагӣ дувоздаҳ соат, набояд дар ягон гӯшаву канори олам ва марзу буми кишварҳо дуздӣ содир гардад.

Охир, Шумо ҳам инсонед ва тибқи Сарқонуни кишварҳо, ки бо раъйи ҳамагонӣ қабул шудаанд, ҳуқуқи дар тарабхона инсонвор паси миз нишастану шашликхӯрӣ кардан, мусиқии форам шунидан ва дар маркази хиёбонҳои шаҳр баробари дигарон қоҳ-қоҳзанон қадам заданро сади дар сад доред! Ҳуқуқи комили озодона яхмос харидану ба зану фарзандон тақдим кардан ва дар кӯли гарм ба оббозӣ машғул шудан низ дар дасти шумост. Ин ҳуқуқҳоро ягон бандаи хокӣ ҷуръату гурда пайдо нахоҳад кард, ки осонакак аз дасти Шумо бидуздад ва дар ин маврид ҳатто ҳайати Суди байналмилалии Гаага низ ҷонибдори Шумо хоҳад буд.

Бигузор, дар ин рӯзи сайид ситораҳои олами ҳунар – Майкл Ҷексон, Шакира, Ашвария Рай, Алла Пугачёва, Филипп Киркоров, Пеер Ришар, Андриано Чилимтано, Евгений Петросян, Жерар Департйе, Роян Аткенсон (Мистр Бин), Михаил Задорнов, Саттор ва Парда Қосиму Шабнами Сурайё, ки дар асрҳои дигар низ монандаи онҳо, мисли замбӯруғҳои баъди борон, рӯ хоҳанд зад, дар толорҳои мунаққаши консертӣ бо рақсу суруд ва базлагӯйиҳои осмонкаф ба биёбони дилҳои Шумо ғуллаҳои бузурги нафтгузар васл кунанд, то аз ягон миллиардери олам сари мӯ дуздӣ накунед!

Бигузор, дар ин дувоздаҳ соати биҳиштӣ дарҳои тамоми осорхонаву Кохҳои китобу намоишгоҳҳо ва тиётирҳои боҳашамати олам таври ройгон, – мисли зиёфати шоҳона, ки ҳар сол як маротиба Сарварони кишварҳо барои зиёиёни мамлакаташон ороста мекунанд, – ба рӯятон ҳамчун сарзамини беканори Русия кушода бошад, то ягон милису пулису скинхед дигар шуморо осонакак «муҳоҷири ғайрирасмӣ» гуфта, ба кишваратон бадарға карда натавонад!

Бигузор, дар ин рӯзи хотирмон чашматон аз бӯйу накҳати абиромези гулу раёҳин, сабзаву чукриву то-

рон, шир-шири баргу қул-қули чашмасорон, шар-шари обшорону чаҳ-чаҳи мурғон ва насими фораму рӯҳафзои кӯҳсорон саропо ба рақси пайкар ояд ва нафаси гарми шукуфтанҳову пухтанҳои зиндагибахш дар курраи дили Шумо оташи ҷангалҳои хушкидаро бедор кунад!

Аз ин хотир, бо хушҳолии саршор ва қалби лабрез аз фараҳ, дар як ҳуҷраи тангу торики сангини мардумпаноҳ, ки касе набинад ва садоямро нашунавад, бо тамоми рагу пайванд мехоҳам фарёд занам: **«Рӯзи иди касбӣ Шуморо, бародарони дузд, самимона муборак бод!..»**

Кунун, ба хотири қотеъона собит кардан ва бепояву беғоя намондани гуфтаҳои болотар, аз кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя як мисоли баобуранги дигар ҳаво хоҳам дод, то ки шамоли боварӣ шохи дарахтро боэътимодтар биҷунбонад. Ҳангоми дар хоки он кишвар буданам, Муҳаммад Сабури Кафтарбоз ном шахси тарёкӣ, ки вақти дуд додан ҳафтаи дароз мисли кабӯтари озоду рақсгар дар ҳаво пару бол мезад, бо дили решу ашки шашқатор қисса кард: «Агар молу амволи хонаи қонунии маро бародарони дузд бардошта намебурданд, тасаввур кунед, ки бандаро чӣ пешомади талху сангине нигарон буд, бобо.

Эҳа, бехост рӯзи сияҳ фуромад бар сари сахтам, ки ҳафтаву моҳҳои дароз харвор майдаю чуйда пуштвора кардам! Аз сару рӯям арақ мешорид ва болои сарам тирҳои дайдуи муҷоҳиддин аловакзанон виж-виж пар мезаданд. Умедам набуд, ки ҷон ба саломат мебарам. Аз ин деҳ ба ун деҳ, аз ун деҳ ба ин деҳ тир шуданамро гӯям, мӯйи сарат мисли навдаҳои шолӣ рост мехезад. Мадор дар поям намонда, оби даҳанам хушк гашта, гӯё дар ҷаҳаннам афтода будам ва баробари тару хушк мисли шутурхор фағғос месӯхтам. Ғуссаам зиёд аст, бобо. Аммо ба даҳон мӯҳр бастан авлотар, ки дар ин кишвари ҷангзада нафари бемотам

зиндагӣ надорад. Мотамдор мисли ширсӯхта дӯғро пуф карда мехӯрад, ки боз насӯзад, бобо.

Пас, чӣ тур «Зинда бод, дуздон!» – нагӯям? Охир, бандаро аз як ғуссаи ҷонгудоз, ки мисли санги сияҳе гӯшаи дилам овезон буд, гӯё чу маҳбус аз маҳбасхонаи сангину дастнораси Гаунтанамо осону кабӯтарвор раҳониданд. Ин ҷасоратро на Терминатор ӯҳда карда метавонист, на айёрони шабгарди Бухорои Шариф, на Ҷет Ливу Стивен Сигали машҳуртарин филмҳои зӯровари хориҷӣ, ки номашонро замоне дар бозори харфурӯшӣ шунида будам. Муҳиммаш, бародарони шафиқ каминаро аз қат хӯрдани сутунмӯҳра ва шикастани чанд қабурға осонакак халос карданд. Аз ин сӯ, азбас феълан бо ҷаридаҳо ошноӣ надорем, ба Вазири сиҳатии омма нома навиштам, ки аз тариқи ҷаҳоннамои кишварҳои хориҷӣ ба бародарони дузд шахсан аз номи банда самимона миннатдорӣ арз кунад».

Қиссаи боалами марди кафтарбозро шунида, оби чашми банда низ шашқатор ба дарёи Панҷ шорид ва бехост аз ҷо уқобвор рост шудаю қафаси синаро паҳлавонвор пеш дамонда, бо садои гиряолуд ва дили дамкарда садо дардодам: «Ай, бародарони дузд, номи Шумо аз рӯйи шаш қитъаи олам гум мабод, ки рӯзҳангом офтоб гум хоҳад шуд ва шабҳангом маҳтоб!..»

Боқӣ, саломату беҷароҳат ва дар тамоми маҳбасхонаҳои олам хӯҷайину бароҳат бошед, то номаи дигар!..

## Посух аз муассисаи ислоҳии шумораи... табақаи чаҳорум

Номайи бесарунӯги Шумо моро бетаваҷҷуҳ нагузошт ва водошт, ки аз маҳбасхона посух нависем.

Нахуст, ба Шумо рӯшан бод, ки дигар кардани оҳанги суханронӣ ҳанӯз маънойи ба олим ва профессорони хирадманд баробар шуданро надорад.

Ҳамзамон, худро орифу ровӣ низ тарошидан мумкин, аммо аз одам одам сохтан ва одам будан мушкил аст. Албатта, одам ба маънойи комилаш. Яъне, одаме, ки аз худ номи бад нагузорад. Вагарна бузургворе фармудааст: «Пок аз адам омадему нопок шудем». Ин тур бошад, магар дар ин дунё одами поке арзи ҳастӣ надорад? Дорад! Аммо одам ҳам ба дараҷаҳо ҷудо хоҳад шуд. Хуб, хуби хуб, бад, бади бад... Вале одамро месозанд ва ё худ одам мешавад? Ин суоли дигар аст ва посухаш низ рӯшан: одамро намесозанд, одамро таваллуд мекунанд. Пасон ун хона нест, ки бисозандаш, худ бояд одам бишавад, худ бояд пайроҳа интихоб кунад ва худ бояд раҳ бипаймояд. Одам танҳо дар ду фасл – кӯдакӣ ва пирӣ, бар дӯши дигарон бор хоҳад шуд, дигар комилан сару пойи худро дорад.

Мо инро дар ҳуҷраҳои маҳбасхона комилан дарк кардем. Охир, зиндон моро биомӯхт ва омӯзонд, ки одамвор биандешем! Хулосайи мо ин аст, ки ба ҳич гуна маърӯзайи воқеан фавқулодда, ки дар ҷараёни ҷаҳонишавии сайёра таркиши ногаҳонӣ дошта бошад, зинҳор ниёз надорем ва аз ин гуна пуштибонӣ низ то қиёмат безорем. Маърӯзайи мо ин ҳамун парвандайи ҷиноист, ки аз ҷониби додрасӣ соатҳо қироат мешавад ва агар дар ин лаҳзаҳо дузд дар бадан заррайе хуни одамӣ дошта бошад, дигар наметавонад сар бибардорад, дигар наметавонад ба одамон нимнигоҳ бибахшад, танҳо орзу мекунад, ки замин зудтар бикафаду ӯ аз шармсорӣ дар як он ғайб бизанад, дигар тамоми умр касе набинадаш ва тамоми умр касеро набинад.

Мо қотеъона изҳор мекунем, ки «Сӯзандузд ҳам дузд асту шутурдузд ҳам дузд». Байни дуздон тафовуте вуҷуд надорад. Ин раҳи нангин ҳич тадқиқоти жарфро низ тақозо намекунад. Касе, ки ба бани одамӣ зиён мерасонад, бояд сазои худро бубинад. Ҳич амали ношоистайе беҷавоб намондааст. Воқеан Стивен Сигал дуруст мегӯяд, ки бо куштани як кас ду қабр кандан лозим меояд: яке барои мурда, дигаре барои худ. Шоъир ҳам хуни дил хӯрда, танҳо барои майдадуздону миёнадуздону азимдуздон нагуфтааст, ки «Мо барои васл кардан омадем, на барои фасл кардан омадем». Шоҳбайтсоз ин сухани волоро барои кулли одамони зиндагидӯст эҷод кардааст. Барои ҳама гуфтааст, ки ҳой, мардум, ҳушёр бошед, байни якдигар зинҳор тафриқа наандозед, одамӣ як бор ба дунё меояд, қадру қимати ҳамдигарро бидонед ва бо хушиву хурсандӣ умр ба сар бибаред! Магар ин даъвати инсонпарварона танҳо ба мо барин дуздони палиду кисабур тааллуқ дорад, ҷаноби Нависанда? Сад дареғи ун каллайи палағдайи Шумо, ки аз кадуи каҳмазза ҳич фарқе надорад!

Воқеан, агар каллайи Шумо калла мебуд, магар ҳалли мушкилоти манзилиро дар несту дилкаф кардани одамон медидед? Шумо террористед ё ғасбгар?.. Оё набзи сайёра, орзуву омол ва саодату хушбахтии мардумро дарк накарда, ба сиёсати бузург гаравидан мумкин аст? Ҳич гоҳ! Чӣ хубе, ки дуздон аз ин сиёсат дар каноранд ва дар гулистон мисли хоранд, вагарна тақдири сайёра тӯби футболро мемонд ва фақат кашмакашу ҷанҷолро мемонд!

Баъди мутолаъаи номаатон мо комилан дарк кардем, ки Шумо аз касе малол шудайед, кадоме шуморо беҳуда ранҷонидааст, ки қасди ӯро кӯрдангал аз дигар мардуми сайёра гирифтан мехоҳед. Ҳамзамон, ба рӯшаниву шукуфойӣ нафрат доред ва пешрафти инсонӣ шуморо сахт ба ғазаб овардааст. Вале

фаромӯш накунед, ки ғазаб фақат даҳон дошта бошад ҳам, чашмаш маҳкам баста аст. Дар ҳолати хушунат даҳон ҳарчӣ мегӯяд, аммо чашм чизеро намебинад. Ин беморист ва онро ҷиддан табобат бояд кард. Зинҳор ба реша давондани он набояд роҳ дод, вагарна ба ҷомеъа хатар меораду ба сари сиҳат табар. Бисёр орзу доштем, ки Шумо ҳамагӣ як карат ба маҳбасхона афтеду амиқ ба қаъри чашмони мо нигоҳ кунед. Шумо дар ин чашмони маҳзуну хаста ғайри пушаймонӣ ва пазмонӣ чизи дигареро нахоҳед дид. Пушаймонӣ аз карда ва пазмонӣ аз озодӣ. Ҳатто Робинзон Крузо вақти ба бешазори беодам афтиданаш озодиро ба ин дараҷа пазмон нагашта буд. Аммо афсӯс, ки Шумо бедардона ва ноогоҳона боз «Зинда бод, duздон!» – гуфта, ба сари кафидаамон дигарбора табар мезанед.

Оре, баъзан дар ҳаёт мисли Шумо одамоне ба сар мебаранд, ки дуздонро ба ду ҳокимият – поён ё боло ҷудо мекунанд, аз онҳо бут метарошанд, бо васвасаву ҳамҳама ба тазоҳуроту инқилоби тоза даъват карда, ба комашон дандонҳои изофайи «Рӯзи байналмилалии дуздон» ва «Зинда бод, дуздон!» мешинонанд. Ин пешниҳоди бефаросатона то имрӯз аз даҳони ҳич кас наҷаҳидааст. На Робин Гуд ва на Голибал, ки замоне барои афрӯхтани парчами саодати сарзаминашон ба хонайи зини аспҳойи чорпар бодвор савор гаштаанд, бо чунин андешайи беақлона дуздонро ба ҳам наоварда буданд. Ва имрӯзу оянда низ ягонагии дуздон ба манфиати сайёра нахоҳад буд. Зеро, ҷаноби Афлотун гуфтааст, ки агар ҷомеа шикасти ахлоқӣ бубинад, бо ҳич неруйе наметавон онро ҷуброн кард.Танҳо ахлоқи воло, хушҳолӣ ва оромӣ метавонад ин кураи арзро ҷовидон шукуфо нигоҳ дорад.

Ва Шумо дар номаатон дуруст дарк кардайед, ки дуздон ҳам одаманд.

Оре, онҳо низ одаманд ва бояд одамвор зиндагӣ

кунанд, на duздона. Он гоҳ ун ҷанобон метавонанд, ки ҳамарӯз аз файзу баракати зиндагӣ нашъабардор бошанд, ошиқ шаванд, хона созанд, фарзанд тарбия кунанд, боғ бипарваранд ва одамвор бимиранд. Зиндагии инсонвор ҳамин аст, вагарна, ба қавли бузургворе, ашк як лаҳза ба мижгон бор будаасту фурсати умр ҳамин миқдор. Вале дилкаф набояд гашт, ки умр кам аст. Инсон, агар дили гарму саршори ҳавасҳойи зиндагӣ дошта бошад, дар умри кӯтаҳ низ метавонад кори азимеро анҷом бидиҳад; кореро, ки даҳсолаҳову садсолаҳо номаш вирди забонҳо бигардад. Ва агар на, танҳо коре бояд кард, ки ба номи инсон бешарафӣ ва duздӣ насб нагардад. Худо накарда чунин шармсорӣ рух бидиҳад, аз ун инсон на ном хоҳад монд, на калом ва на давом.

Шумо бошед, ҷаноби Нависанда, ин паҳлуйи одамиро битамом аз ёд бурдайед ва бо як қиссайи фасонамонойи Муҳаммад Сабури Кафтарбози тарёкӣ талх-талх гириста, бо таъсири дуд, худ низ дар осмонҳо парвоз кардайед. Вале, мутмайинем, ки парвози Шумо дер давом нахоҳад кард. Ҳар мурғе, ки аз села ҷудо гашта, бо ҳавобаландӣ ва бадниятӣ раҳ ба ҷониби хуршед мегирад, танҳо ҳаври гармӣ пару болашро месӯзад. Дигар зистани ун мурғи парсӯхта дар гумон аст.

Мо ба Шумо таҳдид нахоҳем кард. «Дӯст табарвор – душман шакарвор» – гуфтаанд. Дӯстона ва табарвор ба Шумо мегӯйем: «Агар хоҳед, ки тақдири бади ун мурғи раҳгум ба Шумо низ насиб нагардад, ҷорӯбро ба ҷойи дум ва худро аз ин табақа ҳам гум кунед!»

Ба аҳмақ гапи изофа чанд харро бор аст, чаро ки худ заҳрпечаки рӯзгор аст. Заҳрпечакро намепарваранд, балки аз реша мекананд. Дареғо, ки ин сарнавишт шуморо бесаброна нигарон аст!

## ТАБАҚАИ ПАНҶУМ

**Бародарони ҳамхуну ҳамтабақаи дузд!**

Бо умеди рахшон назди Шумо омадам. Бовар дорам, ки дар ин табақа девонаҳо зиндагӣ ва суханони ростро тамаллуқу ҳангома қабул нахоҳанд кард.

Вақте Бонапарт бори аввал ба бонувони ҷангҷӯ пироҳани мардона пӯшонида, онҳоро ба сафи аскаронаш пазируфт ва бо ҳамҳама худро Наполеон номид, ӯро ҳама девонаи раҳзан гумон карданд. Аммо баъдтар ҷангиён диданд, ки ин девонаи гузаро дар кори худ ҳушёр аст, дар корзор ниҳоят маккор аст ва шогирди бовафои Самаки Айёр аст. Зеро ҷойе, ки бонувон ҷанг мекарданд, дӯғу даранг намекарданд, вале мардонро гаранг мекарданд ва аҳволро ниҳоят танг мекарданд.

Имрӯз камина Шумо, бародарони дуздро, дар радифи беҳтарин лашкаркашони ғасбгари дунё – Чингизхон, Искандари Мақдунӣ, Темурланг, Наполеон ва диктатори бузург Адолф Гитлер қарор медиҳам. Шояд бисёриҳо гумон кунанд, ин қаламфарсои хаёлӣ бармаҳал заифақл шудаасту моро бепул гӯл заданист ва акнун фурсати он расида, ки ба шоҳраги ғафси гарданаш сӯзандоруи чиноӣ халонида, ҷисми беёдашро ноаён ба ягон осоишгоҳи девонапарвари дунё ҳаво диҳем. Ун сабукандешон итминон доранд, ки агар банда ба чанголи шахшӯли девонапизишкон уфтам, дигар Худо медонад аз ҳалқаи беморони рӯҳӣ сиҳату саломат раҳиданро ва ҷони ларзони эшон ҳам аз ин рӯзноманигори ҳангомаҷӯ якумрӣ осоиш меёбад, аз бародарони дузд ҳам, аз гумроҳгаштагон низ. Аммо ба риши бобойи доҳиёни халқи камбағали олам қасам мехӯрам, ки аз қадимулайём саг ҷакидаасту ҷакидан дорад ва корвон бо ҷодаи худ рафтаасту

рафтан.

Самимият хуб аст, вале воқеият ин аст, ки замона шуморо мепарастад ва касе ҳам, такроран зикр хоҳам кард, бандаро маҷбур накардааст, ки дар ҳаққи Шумо, ҳамватанони азиз, дурӯғ гӯям ва нармкурсии чархзанатонро пуштвора ба осмони ҳафтум барорам. Кам-кам огаҳам, ки дурӯғгӯйӣ торикии имон низ ҳаст. Пас, агар дурӯғ гӯям, забонамро аз даҳони ягон барзагов наёбам. Аммо дурӯғи мусолиҳатомез садҳо бор аз рости бомбаангезу мушакангез авлотар аст, ки дар ин асри бераҳму дилҳои пурваҳм на тар месӯзаду на хушк ва чизе ёфт мешавад, ки Шумо, ҷанобони дузд, дасти ба даст осонакак ба бозори ҷаҳони дигар ба фурӯш бибаред.

Ба-дин манзур, банда танҳо аз Шумо бародарона хоҳиш дорам, худро маймунвор дӯст доред. Шумо агар худро дӯст надоред, ҳарифатонро дар ягон маҳбасхона мағлуб нахоҳед кард. Медонед, ки ҳарифатон кист?.. На?.. Ҳарифатон, – ба пасу пеш нанигаред ва аз сояи хеш заргӯшвор натарсед, – пеш аз ҳама худатон ҳастед. Агар Шумо худатонро мағлуб карда натавонед, беҳтараш аз дуздӣ даст бикашед, ки оқибат дар маҳкамаи тангу тор ҳатто мурдашӯ нахоҳед ёфт.

Оре, ҷаннати Шумо оқибат ҳамин маҳкама ё маҳбасхона хоҳад буд, ки на ба ҳар хирадманд осонакак муяссар мегардад. Аслан, як дузди қонунӣ гуфта буд, одаме, ки дар қади умр як карат маҳбус нагашта бошад, дузди наву замона маҳсуб нахоҳад ёфт. Аммо гап сари он меравад, Шумо бо ҷурми гуноҳҳои гуногун ба маҳбасхонаи торик кашида мешавед ва дар ин миён гунаҳгорони бегуноҳ низ ҳастанд ва бегунаҳони гунаҳгор низ. Аммо банда комилан бар онам, ки Шумо ҳич гуноҳ надоред. Ба ҳар ранг, деворҳои маҳбасхонаҳои олам он қадар торику қиссаҳоеро ёд доранд, ки барои навиштани онҳо қаламу дафтарҳо ва

каллаи хушки компутарҳо камӣ мекунад. Чӣ қадар сари одамони бузург ва нобузургро ин маҳбасхонаҳо фурӯ бурдаанд?.. Аслан маҳбас барои чист? – Барои миёншикан кардани duздон. Агар набошад чӣ? – Ҷанги саввумро касе намедонад чӣ тур сурат мегирад, вале барпо шудани ҷанги чоруми ҷаҳон дигар ҳич зарурат надорад. Ин гапро ҷаноби Нострадамус замоне пешгӯйӣ карда буд. Пас, бигузор деворҳои маҳбасхонаҳои кишварҳои ҷаҳон баланду побарҷо бимонанд, вале орзумандам, ки андаруни он дуздони муҳтарам умрбод хонаи осмонбӯс надошта бошанд!

Аз ин сӯ, саволҳои дигар косаи сари бандаро занбӯрхона кардаанд. Масалан, оё худи Шумо андешидаед, ки чаро дузд шудаед, аз қашшоқӣ, ё аз доройӣ? Ва ё волидайн шуморо дар сари кадом як чорроҳа ятим гузошту барои намурдан даст ба дуздӣ задед? Ё шояд падар хасисӣ карда, пулашро пинҳон дошту Шумо боҷасорат даст ба ҷайби ӯ бурдед ва ин кор минбаъд мисли асал ширин гардид? Шояд ҳангоми дуздии харбузаву тарбуз ва меваи ҳамсояҳо ин бало нохост ба сари бекӯлоҳатон нишаст? Мумкин чашматон гурусна буд ва акнун ин дард мисли бемории саратон дигар шифо намеёбад?..

Ҳо, баъдтар, вақте чаш васеътар кушода дидед, ки сарватмандон сарватмандтар мешаванд, аз худ суол кардед: онҳо чӣ тавр сарватманд шуданд? Магар фақат бо заҳмат ва музди маош? Бо як моҳонаи «чашм диду шикам не» соҳиби ин қадар кӯшку қасрҳои осмонбӯс, мошинҳои ранги ба ранг ва хонаҳои боҳашамат шудан мумкин аст? Хонаашон пури ангиштсанг, оқибат бобоёни рищдори мо чӣ кор карданд – сарватмандонро камбағалу камбағалонро сарватманд?..

Пас, гунаҳгори асосӣ кист? Шумо мехоҳед гунаҳгорро пайдо кунед?..

Ҷанобони яҳудӣ дуои баде доранд: «Рӯзат ба як

маош бимонад!»

Ҳо, банда низ, ки бо сари шӯрида танҳо ҷонибдори Шумо ҳастам, дар ҳуҷраи тангу бекас дуо мекунам, ки рӯзи бисёриҳо ба як маош монад, то «гӯру ҷӯб»-и бекафанмондагони кишварҳои оламро бародарони арҷманди мо моҳирона саришта кунанд ва дар ин дунё ҳар қадар зиёдтар соҳиби хонаҳои шахсӣ гарданд. Шумо, ки соҳиби хонаи шахсӣ шудед, дар бораи дуздӣ ва ҷӣ тур дуздидан дурусттар фикр хоҳед кард.

Оре, дурусттар фикр хоҳед кард, гунаҳгор доллари беақл нест, ки мисли чирки даст зуд гум шавад. Гунаҳгор ҷомеа ва одамонанд. Бале, зиёдтар аз ҳама одамон, ки баъди содир кардани гуноҳ онро ба гардани якдигар бор мекунанду мисли моҳи беайб дар осмон парвоз.

Сад дареғ, одам аввал гуноҳ содир мекунад, баъд бо аламу пушаймонӣ сураи тавба мехонад ва боз ба гӯши дигарон панҷ карат ҳадс мезанад, ки ин корро накунанд, оқибаташ оҳ аст. Вақте кӯдаки яҳудӣ зарфро афтонда мешиканад, модар ӯро ба ҳич ваҷҳ ҷанҷол нахоҳад кард. Зеро қабл аз шикастан модар кӯдакро бо нармӣ фаҳмонда буд, ки зарфро шикастан мумкин нест. Мардумони дигар акси инро содир мекунанд. Ҳамин, ки кӯдак зарфро шикаст, дарзамон дар сараш чормағзи кӯрак мешикананд. Аҷиб, одам аввал гуноҳ содир мекунад, баъд мисли шайхи покдоман тавба мефармояд, аз зери панҷайи мустаҳками тарс, ки раҳид, нафас рост накарда, боз ба гуноҳ мeғӯтад. Афсӯс, ки ӯ гуноҳро қаблан эҳсос нахоҳад кард. Зеро, ба қавли як дузди қонунӣ, андаруни одам боз одаме ҳаст, ки новобаста аз майлу хоҳишҳо ӯро худсарона идора мекунад. Ва одам дар муқобили ун одами дарунӣ мисли гадойи сари роҳ бечора аст ва поко парвардигоро, ин кӯри худу хирадманди дигарон як умр бечоратар бодо, то ки сафи

дуздони олам ба шумор биафзояду биафзояд!

Хушбахтона, қад-қади дарё ё рӯйи санги сиёҳ беҳуда ашк марезед, чаро ки ҷомеа нисбат ба тақдири Шумо, бародарони дузд, худро канора ва бетараф нагирифтааст. Бахусус, нависандагони багурдаи мо дӯғи даҳонашонро ҳанӯз дар асри сангин ҷасоратмандона фурӯ бурда, дар васфи Шумо он қадар рисолаи илмӣ, он қадар достон, он қадар шеър, он қадар ҳикоя, он қадар дром ва он қадар румоне навиштаанд, ки агар фурсатдорони аср ҳамаи онҳоро ҳушмандона мутолиа кунанд, оқибат баъзе фисибиниҳо низ худро ба сафи дуздони саодатёр номнавис хоҳанд кард. Маҳбуснома-ҳову филмномаҳои силсиланоки «Фирор аз маҳбас», «Маҳбуси фирорӣ», «Маҳбус», «Дар маҳбасхонаи сангин», «Маҳбуси рақами як»... ба нависандагонашон шӯҳрати ҷаҳонӣ тақдим кардаанд. Агар ҳамаи ин асарҳои таълифшударо ба ҳам оваред, ба фикри каминаи камтарин, аз онҳо як муҷассамаи бузурги бародарони duздро сохтан мумкин аст. Аммо, агар мӯшикофона бингаред, барои пур шудани ин муҷассама боз чандин тобишҳои ҳунармандонаи нотакрор намерасад. Яъне, барои комил гаштани муҷассамаи боҳашаматтарини ҳамаи давру замонҳо, офаридани чеҳраҳои тоза ва ҳаётии бародарони дузду ҳамхуни мо ниҳоят зарур аст, ки он бояд то ба охир расидани ин дунё ва бақияи он дар дунёи дигар идома ёбад.

Сад дареғ, садҳо дареғ, ки на ҳама қаламфарсоёни олам ба дарки ин масоили глобалӣ амиқ сарфаҳм рафтаанд! Онҳо даъвати ватанпарастона ва худогоҳонаро фаромӯш кардаанд; имрӯз бояд асаре навишт, ки пеш аз ҳама моро ба халқи сайёраҳои дигар муаррифӣ намояд ва як бори дигар номи табақаи моро пилтаи чароғ кунад. Ин гуна асари такондиҳанда, ба фикри бандаи камтарин, танҳо дар бораи Шумо буда метавонаду бас!

Оре, дар бораи Шумо асари пурҷаҳиш ва пуртар-

киш, мисли зарбаҳои ногаҳониву пайдарпайи силоҳи «Катюша», ки солҳои ҷанги дувуми ҷаҳон талхаи аскарони фашистро ба даҳонашон зада буд, ниҳоят зарур аст. Э-ҳа, бародар, аз садои катюша суғур дар хонааш раҳ гум мекард, ки куҷо пинҳон шавад! Аз ин таҳлукаи ваҳшатзо дили диктатори бузург Адолф Ҳитлер дар қафаси сина таркид ва ҳангоми офаридани ин манзар Чарли Чаплин мисли себи газидаи турш аз тирезаи хона шаш метр парид. Ана ҳамин гуна асар бояд таълиф кард, на чизи дигар! Яъне асаре, ки имрӯз онро напазиранду нахонанду бикӯбанд, аммо фардо бишнаванду биҷӯянду наёбанд.

Боре дар як ҳамоиши байналмилалӣ хирадманди фартуте алайҳи андешаҳои камина сухан гирифта, гуфт, ки шиноварӣ муқобили ҷараён медонед чӣ хатарҳо ва пайёмадҳо дорад? – Марги пеш аз марг! Duздонро бо як асари бузург ҷонибдорӣ кардан ин танҳо мастӣ не, балки девонагӣ ва беақлист! Ин гуна асарро натанҳо баррасию интишор додан мумкин нест, балки худи нависандаро ба ҷангалҳои Сибир бояд бадарға кард, то ки умри боқиашро зери барфу борон бо дарахтбурӣ гузаронад...

Афсӯс, пири харакӣ, ки танҳо аз каҷ нигаристан чашмонатон олус шудааст ва ба куҷо тоб хӯрданро надониста, боз дар бораи ҷараёни зиндагӣ ҳарф мезанед! Агар рангатон маъқул нашавад, барои ҷинояти содирнакарда ҳам ба ҷангалҳои Сибир афтоданатон мумкин аст, шумо ҳаминро медонед, ҷаноби хирадманд?! Агар бидонед, боз огоҳ бошед, ки танҳо гапи наву тоза кирои гуфтугӯ кардан дорад, на ҳар сухани забонзадаю такрори такрор, – гуфта, ба даҳони бефаровезаш мӯҳри хомӯшӣ хобондам.

Дар ҳамин кунгура хирадманди дигаре бо алам гила овард, асарҳои бо хуни дил навиштаи мо бо теъдоди кам интишор меёбанд, ки ҳатто ба аҳли оила ва пайвандонамон намерасанд. Лекин ноширон як

китобҳоеро бо теъдоди зиёд чоп мекунанд, ки ҳатто мо, хирадмандони давр, калимаҳояшро намефаҳмему деҳқони пахтакор аз куҷо?

Ҳу, бародари хирадманд, як чашматонро кушоед, дар кадом аср ва дар кадом сохт умр ба сар мебаред?! Дар асаратон ягон калимае дар бораи дуздон зикр шудааст?.. Медонед, ки хонандагони имрӯз ва фардо киҳоянд?.. Пулдорон ё бепулон? Шумо ҷаноби Фирдавсӣ ё Ҳофиз нестед-ку! Ё нигоштаҳои бемағзатон аз китобҳои Дюмаву Кафкаву Хеменгуеву Толстою Достоевский болотар аст? Шояд «Фирор аз маҳбас»-и беохирсериалиро Пол Шёринг неву шумо навиштаед? Ба интернет нигаред, ба интернет!.. Қафо мондед, бародар, мисли сангпушт қафо мондед!..

Медонед, рӯзе ҳайвонот сарҷамъ шуда, маслиҳат кардаанд, ки як оши шоҳона ороста, чорта дами беғам зананд. Яке гуфтааст, ки ман биринҷ меорам, дигаре гуфтааст, ки ман равған меорам, савумӣ сабзиву нонро ба зимма гирифтааст. Вазифаи овардани чанд шиша арақ бар дӯши сангпушт афтодааст. Рӯзи дигар ҳайвонот дастархон густурда, ҳама чизро болойи он гузоштаанд. Ош ҳам омода шудааст, вале ҳич не, ки сангпушт бийояд. Он гоҳ Шер бо хушунат гуфтааст: «Кӣ вазифаи арақ оварданро ба сангпушт супорид?.. Вай, лаънатӣ, ҳайвон нест! Ягон корро дар вақташ иҷро накардааст. То вай арақ меорад, ки ош ланҷ мешавад...» Сангпушт ин суханонро аз роғи дар шунида, овоз баланд мекунад: «Ҳой, бародарон, агар як бори дигар маро ҳамин хел дашном диҳед, муред ҳам баройи арақ намеравам!»

Дидед, ду рӯз гузашта бошад ҳам, сангпушт алъон аз пушти дар дуртар нарафтааст! Ана, шумо ҳам мисли ҳамун сангпушт коҳилонаву базӯр раҳ меравед ва то мағзи гапро мефаҳмед, ки асри тозаи ҷаҳонишавӣ ба охир мерасад. Фаромӯш накунед, агар асари шумо ба ҷанобони пулдор хуш ояд, худашон ба нашриёт

ташриф бурда, хоҳиш мекунанд, ки онро дигарбора интишор диҳанд ё худ дар интернет ҷо карда, ба ин васила пул ҳам кор мекунанд, фаҳмидед!.. Сониян, деҳқони пахтакори ту аз куҷо вақти китобхонӣ дорад? Монед, ки хар ҳам бо роҳи худ раваду шутур ҳам...

Ҳо, мефаҳманд, ун сангпуштҳои хирадманд, дар таги замин ҷунбидани морро ҳам дарк мекунанд, лекин вонамуд месозанд, ки нафаҳмидаанд ва ҷонбозиҳои пайвастаи шуморо надидаанд. Дидаанд, аммо вай, тангназарҳои бузургтарош, ғайри худ каси дигарро дидан намехоҳанд! Ҷилави аспи масти онҳоро тарафи худ гардонидан чандон мушкилӣ надорад. Ҳамагӣ як карат хонаашонро об зада рӯбед, думбайи нармашонро ба курсии хушк кафшер карда, чунон нависанда шаванд, ки аз Толстою Достоевский ҳам гузаронанд. Ва фақат шуморо тавсиф кунанд. «Ҷанг ва сулҳ», «Ҷиноят ва ҷазо»-ро чунон тоб диҳанд, ки дар рӯзгори мо танҳо ному зиндагии мардонаи Шумо ҷовидон бимонаду бас. Зеро, воқеан ҳам, исми мубораки Шумо ҷовидону муқтадир аст, ки замин даври офтоб тоб мехӯраду моҳтоб даври замин.

Ай, бародарони дузд, номи Шумо аз рӯйи шаш қитъаи олам гум мабод, ки рӯзҳангом офтоб гум хоҳад шуд ва шабҳангом маҳтоб!..

Хуб, то номаи дигар рӯсурху ҷипсавор бимонед, бародарони дузд ва ҳамхун!

## Посух аз муассисаи ислоҳии шумораи... табақаи панҷум

Ба Шумо маълум бод, ки гоҳе номаатонро мехондем, аз ғазаб намедонистем ба замин туф кунем ва ё ба осмон. Аммо хушунат камоли ҷавонмардӣ нест. Ҳарчанд, ки номайи тумтароқу подарҳавойи Шумо ба

посух додан сазовор набошад ҳам, аммо зарур донистем ба баъзе нуктаҳойи иғвоангезонайи он садо дардиҳем. Вагарна нур дар панҷайи боди тӯҳмат гулӯгир хоҳад шуд.

Нахуст, аҷаб таассуф хӯрдем, ки Шумо бо каллайи бемағзи худ duздонро дар радифи машҳуртарин сарлашкарони дунё ҷой додайед ва ҳатто дар баъзе мавриd аз онҳо болотар низ шумурдайед. Ин дурӯғи бофтайи Шумо, ки на дар табақ меғунҷаду на дар коса, мусолиҳатомез нест, балки иғвоангез аст. Ростӣ, ин гапи подарҳаво чунон дуздони маҳбасхонайи моро ба ошӯб овард, ки агар дар наздашон мебудед, яқин буд дигар саратонро аз тӯби футбол фарқ карда наметавонистед.

Дигар, мо дуздон, худро мисли маймун дӯст нахоҳем дошт. Агар худро дӯст дорем, дузд нахоҳем шуд ва дигар ҳоҷати ба ҳариф сару кор гирифтан намемонад. Ва дониста бошед, ки ҳич гоҳ ҷаннати мо маҳбасхона набудааст ва марди хирадманд низ ба ҳич васила ҷадалайи ба ин торикистон уфтоданро накардааст ва нахоҳад кард. Ҷаннати ҳар як инсон озодӣ ва кору пайкор аст.

Шумо дар номайи худ гуфтайед: «Одаме, ки дар қади умр як карат маҳбус нагашта бошад, дузди наву замона маҳсуб нахоҳад ёфт». Магар маҳбасхона себи тиллойист, ки одамон баройи дастрас кардани он байни якдигар талош варзанд? Чаро Шумо ҳамаро ба дуздиву маҳбасхона даъват мекунед? Чӣ ният доред? Магар ҷаҳони нав, замони навро фақат дуздони хармағз месозанд? Оё ҷаҳонишавӣ дар дасти дуздони кӯчагарду беҳунар аст? Нигоҳи хираву найрангомези Шумо ба куҷо менигарад? Ба ободӣ ва ё ба харобӣ? Номат нест бод, Нависандайи мухтараме! Каҷ, ки нишастед, ақаллан рост бигӯйед!

Баъдан, Шумо гуфтайед, ки «Бигузор деворҳойи маҳбасхонаҳойи кишварҳойи ҷаҳон баланду побарҷо

бимонанд, вале орзумандам, ки андаруни он duzdони мухтарам умрбод хонаи осмонбӯс надошта бошанд». Шумо мехоҳед, ки маҳбасхонаҳо инкубаторҳои «чӯҷабарорӣ» шаванд, ҳамту? Фаромӯш накунед, ки маҳбус чени гуноҳаш ҷазо мегирад: як сол, ду сол... понздаҳ сол... Дузд низ. Ҳар кас дар ин дунё бе мукофоти амал нахоҳад монд, дар он дунё ҳам. Нек карда бошед – нек, бад карда бошед – бад. Қонуни табиат ва инсоният ҳамин аст, вагарна зиндагӣ беранг мемонад ва ҳақ ба ҳақдор нахоҳад расид. Дар он дунё низ ба ҳич ваҷҳ яке ба ҷойи дигаре посух нагуфтааст: на мард ба ҷойи зан, на зан ба ҷойи мард, на падар ба ҷойи фарзанд ва на фарзанд ба ҷойи падар. Гӯри ҳар кас баройи худаш.

Шумо навиштайед, андаруни одам боз одаме ҳаст, ки ӯро худсарона идора мекунад. Магар воқеъият ҳамин тур аст? О, Худованд, ба Шумо ақлу фаросат ва чашму гӯш додааст, ки ҳой, ҷаноб, худро назора кунед, зиндагиро бисозед, хубу бад, сиёҳу сафедро бишносед! Боз шуморо кадом одами дигар идора мекунад? Арвоҳ ё шайтон?! Ё устухонҳойи пӯсидайи Адолф Ҳитлер?.. Шумо, ҷаноби Нависанда, зинҳор фаромӯш накунед, ки мо бо сар роҳ меравем, на бо пой.

Оре, нависандагони оламро танҳо тақдири дуздон не, балки кулли одамон, ҳаёту мамоти инсон ва сайёра бетараф нагузоштааст. Манзур аз офаридани чеҳраҳойи дуздон ҳам ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани ин зотҳойи манфур аст, на комил гардондани муҷассамайи нотамоми онҳо. Ба-дин васила, дигарон ҳушдор меёбанд, ки бо роҳи пасту балохези мо ҳич кас зинҳору зинҳор қадам нагузорад, ки оқибаташ аз фоҷеъа беш нест. Шумо бошед, мисли рӯзи илҳоми девона, ҳарчӣ ба даҳонатон рост ояд, чапу рост шапидан мегиред. Оё Шумо бо рӯзи илҳоми девона дучор омадайед? Э-ҳа, дар ин рӯз девона Худоро

Худойбердӣ ҳисоб нахоҳад кард! Бачаҳалок, чунон дар осмонҳо парвоз мекунад, ки гӯё лаҷоми замину замон дар дасти ӯст; баҳри беканорро ҳам дар як зум убур мекунаду девори баландро низ бо як хез оҳувор меҷаҳад. Шумо ҳам ин номайи худро маҳз дар рӯзи илҳоми девонагии хеш навиштайед, вагарна ба фарқи байни сиёҳу сафед комилтар сарфаҳм мерафтед. Ва тамаллуқу балоангезиро такрори такрор иҷборан пилтайи гӯшҳойи овезонамон намекардед. Зеро агар сухан як бор гуфта шавад, ба дурустии он бовар кардан мумкин аст, агар ҳамон сухан ду карат такрор ёбад, дар гӯшайи дил шубҳа хона мекунад ва агар дафъайи савум изҳор гардад, ун гап холҳич дурӯғ аст. Суханони Шумо, ҷаноби Нависанда, ун қадар такрор шудаанд, ки ҳатто ба вергулу нуқтааш бовар кардан мумкин нест. Ва ҳич гуна асаре хусуси зиндабоди дурӯғини duздон дар майдони адабу ахлоқ таркишзо нахоҳад буд ва онро фардо низ ҳич кас нахоҳад ҷӯсту нахоҳад кофту нахоҳад мутолаа кард. Ин ҳангомайи бепояро, ки лойаш дар ягон девор намечаспад, ба гӯши мутаасибони бозор ҳам нагӯйед. Онҳо як умр Шуморо хандахариш ва дар пирӣ бериш мекунанд.

Чӣ хубе, дар ҳамойиши байналмилалӣ хирадманде ба ҷони ҷавонатон раҳм карда, бепул маслиҳат додааст, ки номаҳойи зиндабоди дуздони Шумо ба як тини пӯчак ҳам намеарзанд ва интишори онҳо на танҳо мастӣ, балки девонагии маҳз аст. Шумо аз ун хирадманди дурандеш беҳуда ранҷида ва бо нохуни дарози посуххойи аблаҳонайи хеш дили мисли кабӯтар нозукашро бераҳмона харош додайед. Шумо битамом аз ёд бурдайед, ки мӯйи сафедро ба ун хирадманд фалак ройгон надода, балки ин риштаро эшон ба накди ҷавонӣ харидааст. Алъон, дер нашудааст, агар ун пири хирад дар қайди ҳаёт бошад, ба пойбӯсиаш бишитобед ва агар не, охирататон сӯхту хокистар гашт. Ҳайҳот! Зеро офтобро бо доман пӯшидан нашояд.

Тилло дар зери хокистар ҳам медурахшад.

Аслан, бузург касест, ки бузургии дигаронро эътироф кунад. Аммо Шумо худро чунон бузург тарошидайед, ки гӯё дар торих ягон бузург сар назада бошад, имрӯз ғайри Шумо ягон бузург вуҷуд надорад ва фардо дигар тамоман бузурге ба камол нахоҳад расид. Имрӯзсозу фардосоз танҳо Шумо ҳастеду бас! Афсӯс, писари иблис, Шумо то ҳадде хумори мастӣ шикастайед, ки дигар ягон бодайи шабгир ақли тираатонро рӯшан карда наметавонад! Агар садҳо маротиб суруду оҳангҳойи форами Тото Кутуниёро ба зери гӯшатон тоб диҳанд ҳам, мафкурайи палағдайи Шумо ором нахоҳад шуд.

Охир, таҳқир бардоштан аз ун, ки хирадманд сангпуштвор – босабру таҳаммул раҳ меравад, билкулл иштибоҳ аст. Чаро ки «Аз сабр кардан ғӯра ҳалво мепазад» – гуфтаанд. Сабур раҳи дароз меравад, умри дароз мебинад ва ба мақсад мерасад. Шӯъла як аланга мезанаду хомӯш мегардад. Мо мисли шӯълайем, балки шӯъла ҳам нестем. Бе мо низ замин даври офтоб мечархаду моҳтоб даври замин.

Пас, мо дар ин табақа ба сафсатаҳойи бемаънии Шумо ниёз надорем. Шумо метавонед мурдаҳоро гӯл бизанед, аммо на моро. Зеро раҳи Шумо дер ва ё зуд аз қабристон хоҳад гузашт.

Ай, писари иблис, гиребони курта бигиру тавба бифармо, ки қабурғаҳойи шикастаатро гуноҳҳойи марговарат ба ҳич ваҷҳ ба ҳам нахоҳанд овард!

## ТАБАҚАИ ШАШУМ

**Бародарони решапайванди дузд!**

Пӯсти банда аз пӯсти каркадану наҳангу паланг нест, ки гапи дурушт таъсирам накунад. Баданам ғилбор гашт аз суханони заҳрогини дуздони табақаи

панҷум. Табъам, ки мисли Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва Камоли Хуҷандӣ ниҳоят нозук аст, дигар як лаҳзаи чашмакзаниро миёни ун бефаросатҳо ҳаром донистам. «Агар банда мӯҷиби бадбахтии ун дуздон гашта бошам, оё минбаъд хушбахт буда метавонам? Ҳич гоҳ!» – гуфтаму ҷомалоқ сари китф ба табақаи Шумо чорхез задам. Бигузор дар ҳасрати суханони ҷонибдоронаи банда, мисли мор дар аввали баҳор, пӯст партоянду дигар рангу раҳматамро наёбанд. Ҳоло баъдтар дарк хоҳанд кард Пайғамбарии бандаро ун камназарҳо, вале ун вақт дигар ҳич обдара сарашонро нахоҳад шӯст.

Инак, банда тасмим гирифтам, ки дар моҳи шарифи Рамазон ва дар як ҳуҷраи тангу торики манзили зист мутантан гуруснагӣ эълом намоям. Албатта, ба ҷонибдории Шумо. Савганд, гуруснагӣ муқобили ҳокимият ё алайҳи кадом як кишвари хонахароб не, балки муқобили онҳое, ки воқеан дуздида наметавонанд, дар ин бора тасаввурот ҳам надоранд ва баробари аз дур дидани кадом як полиси фисин, гӯё ба баданашон қувваи барқ расида бошад, дасту пойяшон мисли гӯсолаи рихин меларзаду меларзад. Ба он хотир, ки раҳгузарон ва ҳамсояҳо аз ин садоқати банда огоҳ шуда, ҳангоми шомона хӯрдан ба ҳамдардӣ ташриф оваранд, дар алвони сафеди тирезаи хона бо ранги сурх ва ҳарфҳои хоно хоҳам навишт: **«Нест бод беҳунарон! Дар байни мо ба дипломдорон роҳ нест!»** Ба ҳич ваҷҳ, ба ҳич ваҷҳ, ба ҳич ваҷҳ! Зеро, тавре як дузди қонунӣ дар маҳбас гуфта буд:

*Боғбоне, ки беҳунар бошад,*
*Ҳама гулҳо хӯроки хар бошад.*

Далелаш ин аст, ки воқеан ин беҳунарони хирадманд ҷомеаро ба калобаи раҳгумӣ андохта, ғайри суханҳои тумтароқу пургӯйиҳои бемаънӣ, дигар

ҳатто ба таги деги таббох алав гиронда наметавонанд. Агар дурӯғ гӯям, ба беморхонаи наздиктарин нарасам, дар он ҷойе, ки дипломдори хирадманд роҳбару даҳани амак аст, он ҷо хусумат, кудурат, айбҷӯйӣ ва录 хархашаҳои бемаънӣ мисли анкабут тор танидан дораду пашаҳо ридан. Вале дар он ҷойе, ки бедиплом сарвар аст, дар он ҷо тифоқӣ, якдигарфаҳмӣ, ризоият ва ваҳдат гул кардаасту гул хоҳад кард. Ва ҳама бар онанд, ки ин сардори бедиплом воқеан сару гардан дорад ва бо ин сару гарданаш аз ӯҳдаи оши серравғани ҳарифона хӯрдан чорсад фоиз баромада метавонад.

Хирадманди дипломдор ғарраи саводи хеш, баъзан салому алайк он тараф, ғизо хӯрданро фаромӯш мекунад ва тасаввур дорад, ки бояд дигарон ба даҳони ӯ дудаста луқма тиқонанд. Одами бедиплом пеш аз дигарон салом медиҳад ва оқилона дарк кардааст, ки сари буридаро дигарбора шамшер намезананд ва ба даҳони дигарон, аз зери остин, ноаён луқма ҳам меандозад.

Хирадманди дипломдор ба бесаводон аз болои айнак нигариста, онҳоро дар қатори заҳрпечакони хавфноктарини ҷомеа қарор медиҳад ва ба ин васила барои худаш душмани сархӯр омода мекунад. Одами бедиплом ҳатто дар шаҳри кӯрон ҳарду чашмашро кӯр карда, сипас бо як чашм ба дигарон менигарад ва кӯшиш меварзад, ки аз касе душман натарошад.

Воқеан, ҷанобони дузд, ҷаҳонро нобино бисёр мебинад ва ё бино? Албатта, нобино! Нобино кӯчактарин ҷузъиётро эҳсос хоҳад кард, вале бино баъзан кӯҳи азимро нахоҳад дид. Як дузди қонунӣ дар маҳбасхона гуфта буд, ки биноён ҳаргиз азамати офтоби зиндагибахшро дарк нахоҳанд кард. Аммо нобиноён хушбахтанд, онҳо офтобро мебинанд. Агар на ин тур аст, пас дурӯғгӯ ба бонги хурӯси бомдод нарасад.

Иловатан, раҳбари хирадманд на худ мехӯрад, на

худ мепӯшад ва на ба duздон медиҳад. Раҳбари бедиплом ҳам худ мехӯрад, ҳам худ мепӯшад ва ҳам ба duздон медиҳад. Ин аст фарқияти ду одами дупо, дудаст ва дучашм.

Пас, ба ҷомеъаи шаҳрвандии мо хирадмандони душмансоз даркоранд ё бедипломони душманкуш?..

Равшанчашмон мушоҳида кардаанд, ки дасту дили хирадманди беҳунар, мисли ҷарроҳи пири фартут дар лаҳзаи рухдоди «воқеаи бузурги таърихӣ», чу барги бед аз вазиши бод дарзамон меларзад ва дар нақлиёти тангу серодам даҳкаса чандин карат ба китфи ягон носӣ зада, ҳушу ёдашро ба дигар ҷо парешон кунед ҳам, ҳатто халтаи носро аз ҷайби ӯ рабурда наметавонад. Шумо, бародарони дузд, комилан иштибоҳ накардаед, ки мисли банда ба хирадмандони дипломдор тамоман эътимод надоред ва дар сафҳои худ ба ин зумра беҳунарони замона ҷой ҳам надодаед. Пеши пойи каллаи азими пурғановати ақлу фаросати Шумо, ҷанобони дузд, сар фуруд наовардан камоли беақлӣ ва номардист!

Дигар раҳоварди ҷаҳонии Шумо, бародарони дузд, паси парда ва ноаён амал кардан аст, ки аз бехост холӣ шудани ҷайбҳо ва гум гаштани сарватҳои қиматбаҳо на танҳо дили бонувони муҳтарам, балки дили фили маҳмудӣ ҳам торс кафидааст. Ҳарчанд ҳама шуморо мебинанд, вале нафаре кӣ буданатонро намедонад, балки ҷуръат намекунад бипурсад: кистед ва аз куҷоед? Ба кадом гурӯҳ мансуб буданатонро низ ҳеҷ кас дар ду дунё фаҳмида наметавонад – ба боло ё ба поён, ба мансабдорон ё ба бемансабон, ба сарватмандон ва ё ба камбағалон?.. Бузургию тавоноиатон дар ҳамин аст ва воқеан ҳам Шумо одами муқаррарию заминӣ нестед! Шабгардҳои шабгарди дунё дастобгири Шумо шуда наметавонанд. Офарин, ҳасанот! Гӯратон мисли шаҳри Ню-Йорк чароғон бод! Касе, ки «Самаки айёр»-ро барои асрҳо офари-

дааст, бояд каллаи пӯсидааш аз нав сабз гардад, устухонҳои боқимондааш ба ҳам бипайванд, ун марди мардон зинда шавад ва компутару шабакаи интернет тақозо карда, шабгардию маҳорати камназири шуморо дигарбора, бо устухобандии нотакроре эҷод кунад, ки асари силсилавии дилкафон рӯйи барномаҳои телевизиони ҷаҳон пайваста ба ҷилва ояд, ки ҷаҳишу таркиши ногаҳонии он дунёи ҳунари маънавиро ба ларза оварад. Бигузор, баъди ба майдон омадани чунин асари таркишзо, аз кӯдаки ҳафтсола то пири ҳафтодсола, муддати мадид дигар аз пеши оинаҳои телевизиони ҷаҳон дур нагарданду селоби ашки чашмашон баҳри Аралро пур кунад!

Бародарони дузд, Рустами дастон дар бар, Ҳотами Той сарвар, танатон паноҳи сесаду шастушаш пайғамбар ва ҷойи ҳафтод пуштатон хирмани ториху адабиёт ва пайкарасозони кишвар бод! Аз ин ба баъд, агар умр боқӣ бошад, ҳаводор ва мухлиси пайвастаи шумоям, на аз кадом як дипломдори худхоҳ. Дар ҳамоишҳои адабии байналмилалӣ иҷборан сухан гирифта, шуморо ба табақаи ҳафтуми осмон хоҳам баровард. Пешниҳод хоҳам кард, ки ҳанӯз вақти зиндаву ҳаёт буданатон кӯчаю хиёбон, шаҳраку навоҳиро ба номи Шумо ворӣ абарқудратон бигузоранд ва пайкараву нимпайкараҳоятонро аз зарру нуқраву биринҷи осмонӣ бисозанд. Лекин аз пайкарасозон бародарона хоҳиш дорам, ки рӯйи кафи дасти Шумо беҷою баҷо китоб, шамшер, ё шамъи фурӯзон нониҳанд, зеро ин усули фарсудаи муҷассамасозӣ кайҳо дандони мардумро дударон арра кардааст.

Торих гувоҳ аст, ки муҷассамаҳои қумсементии имрӯза дар зери таъсири боду боронҳои пайдарпай мисли хӯса харобу лоғару беҷисм гашта, ашёҳои кафи дасташон бехост рост ба фарқи сари ягон роҳгузар мефарояд ва он гоҳ талафоти ҷонӣ номнавису ҷомеаи шаҳрвандӣ доғдор мегардад. Ба-дин манзур, дилпу-

рона пешниҳод дорам, ки аз болои пайкарасозони усулҳои фарсудаи кишварҳои олам парвандаи ҷиноӣ оғоз гардад ва онҳо ба Суди байналмилалии Гаага бароварда шаванд!

Итминон аст, Шумо, ҷанобон, метавонед дар як зум обро ба лаби ҷӯ баробар кунед ва дар як шаб кулли пайкараҳои бинишикаставу бедасту пойро омирона «марш ба осорхона!» бигӯед. Дар ин ҷаҳон бе пайкараҳои фарсудаи ун хирадмандони дипломдор низ озод зистану нафас гирифтан мумкин аст. Илоҳо, номи муборакатон аз сафҳаи китоби азими муборизаҳои адолатхоҳона ҳич гоҳ кӯр мабод, ки бе дасти пурқудрати Шумо ин ҷаҳон кару гунг ва беҳаракат аст!

Пас, дур нест рӯзи хушҳолие, ки мардуми сайёра барои Шумо суруди ягонаи ҳамагониро, – бо бирафрохтани ливои ҳафтранг, – дар муҳташамтарин коххои муҷаллои кишварҳои олам замзама намояд. Албатта, забони Суруди ягона барои ҳама фаҳмову дастрас, яъне чинойӣ хоҳад буд, чаро ки нуфуси ин мардум ҳафт табақаи заминро бечангу ҷидолу чаловидан, танҳо бо баҳонаи пойафзоли арзони яккаратапӯш пахш кардааст ва далели мазкурро Суди байналмилалии Гаага низ инкор нахоҳад кард.

Воқеан, ба маълумот расида бод, эҷоди чунин Суруди ҳамагонӣ, ки ба халқи сайёра яксара хуш бийояд, кори саҳлу ҷаҳл нест. Рӯдаатон аз ҳафтоду ҳафт ҷо кӯргиреҳ зада, аз хобу хӯр мемонед, зану кӯдакон шуморо партофта мераванд, рӯйи боми хонаҳо, шохаҳои дарахтон ва талу теппаҳо, мисли як хаёлии девонаавзо, дар суроғи вожаи мувофиқ чапу рост парвоз хоҳед кард, то ки ин суруди фарогир офарида шавад. Ҳо, халидан осон аст, вале офаридан осон нест, мисле ки зан бо чуву қув аз шикам як лахт гӯшти хом ҳаво дода, сипас ноаён аз беморхона рӯ ба фирор меорад!.. Пас, мукофоти ун офарида ҳам мисли пардаи нодаридаи

шарми занона бояд ниҳоят баланду арзишманд бошад, то дуди ғаму ғуссаро дар тарабхонаву меҳмонхонаҳо ва лаби баҳру фароғатгоҳҳои зеботарини дунё ҳамроҳи таннозони мурчамиёну нармдумбаи бӯсанодида бо аламу ҷигарӣ берун кунед. Агар дурӯғ гӯям, аз тухмҳои зери поям маҳрум гардам; дар ин дунёи дудари оқипадар оқибат, мисли ҷаноби Нобел, китҷигаре бо ҳамҳама даҳони яхбастаи шоирони асрро дударон карда, барои навиштани беҳтарин Суруди ҳамагонии бародарони дузд, бо усули «навад аз кабиру даҳ аз сағир», дар ҳаҷми даҳ миллион юани чиноӣ ҷойизаи вижа созмон хоҳад дод. Ҳар рӯзи кӯршуда, ҳар моҳи зардшуда ва ҳар соли гардшуда моро ба ин соати таърихӣ наздик хоҳад кард, зоро агар худамон шоҳиди ҳол нагардем, наберагон, ё аберагон ё чаберагонамон ҳатман ин сурудро бо ашки чашм замзама хоҳанд кард.

Бӯйи мушк ниҳон намондаю думи муш пинҳон. Алҳол бисёр хирадмандони занҷабилзеҳни ришнотарошида зеркосаи таги косаро дарк карда, дар ҷӯстуҷӯйи калимаю вожаҳои осмонкаф фақат пивои чехию араҷи русиро мурданӣ нӯшидан доранд. Иддае дар шиками модар дастаку почакзанон бесабрӣ карда, барои эҷоди суруди оламгир якравона дафтару қалам хостгор аст. Як коршиноси ҳангомаҷӯйи инглис аз ин вазъ ба таҳлука омада, аз тариқи телевизиони осмонӣ бе пӯшт-пӯшт гуфта: «Агар суръати тавлиди шоиру нависанда ба ҳамин зайл ранг бигирад, саги думбуридаи канори деҳ низ худро адиб метарошад ва он гоҳ дар бозорҳои кишвар касе ҳатто як бандча гашниз пайдо нахоҳад кард, ки ҳамроҳ бо дилу ҷигари қурбоқа дар беҳтарин «Пухтупазхонаи чинойӣ» тановул кунад».

Ин гуна коршиносони ҳавоношинос аз меваи фундуки озарӣ низ зиёдтаранд, ки воқеиятро бо чашми сар

бибинанд ҳам, онро думушта паси панҷа мезананд. Аслан воқеият ин аст, ки оянда қариб ҳама бандагони ин табақаи замин – нозир дар зери чароғаки сари роҳ, милисаи хушбурут баъди нафақа, додситони сияҳ-андеш баъди истеъфо, муҳосиби хайрандеш баъди маҳкама, сарватманди камандеш баъди муфлисшавӣ, ҳуқуқшиноси беҳуқуқ баъди нобарорӣ... бо дарду алам шеъри кафанӣ мегӯянд. Пасон олам пур аз шоиру кафандӯз мешавад, мисли ин ки замоне ҳама дузду ғоратгару раҳзанро ба Амрико бадарға карда буданд ва ин шаҳри ношудон оқибат ҷаҳонро мутаассир кард. Агар дурӯғ гӯям, мағзи хар хӯрда бошам, ки шоиру нависанда ҳар қадар бисёр рӯяд, сайёра ҳамон қадар қашшоқ мегардад. Қашшоқӣ бошад, тухми зери нофи шуморо мисли чинойиҳо дар тамоми сайёра пош хоҳад дод. Баъдан ин кураи замин бароятон тангӣ ба бор меорад ва Шумо пирӯзмандона ба фатҳи сайёраҳои нав ва дар он ҷо ба бунёди хонаҳои осмонбӯс хоҳед пардохт.

Пас, шоирони хӯшаи думашон маълум ва думбаи мавизаки кампирнабӯсида, парвойи сари бемағз накарда, аз ҳоло бояд ба эҳтиёти тухмҳои байни пойи худ ҷиддӣ машғул гарданд ва ба офаридани Суруди ҳамагонӣ маҳкам миён банданд, вагарна фардо барояшон дери дер ва нимколаномашон аз сафҳаи торихи чанд солаки охир бераҳмона шудгор хоҳад шуд.

Қасам ба нарангушти шикастаи дасти чапам, агар Шумо эҳсоси истеҳзо дошта бошед, банда ба ҳиҷ ваҷҳ ҳазл карданӣ нестам ва дар зери дор низ рост хоҳам гуфт, ки то имрӯзягон ветерани соҳа, яъне нафаре, ки тамоми умрашро дар маҳбас сипарӣ карда ё худ дар маҳбасшавӣ рекорди Гиннес гузоштааст, бо ордену медал ва ифтихорнома сазовор нашудааст. Дареғо, фардо торихи башар ин иштибоҳи бузурги хирадмандони имрӯзро ба ҳиҷ ваҷҳ нахоҳад бахшид. Зеро оламиён возеҳ медонанд, ки ягон дузди гузаро,

баъди сарнагун кардани муҷассамаи чандметраи ришакӣ, дар болои он бешармона шоша накардааст. Ва оламиён боз хуб ҳам медонанд, ки чархи фардои торих дар дасти пурқудрати шумост ва баъзе кишварҳои дурандеш аллакай дарвозаҳои худро ба рӯйи мубораки Шумо аз ҳоло кушода мондаанд.

Собит кардани ин далел мушкил надорад. Масалан, хонандаи синфи якум дар даст тилфуни мобилӣ ва ҷипсавор ба мактаб рафта, ҳангоми ҷараёни дарс рост ба муаллимааш тамос мегирад, ки бегоҳ ӯро дар «Клуби шабона» интизор шавад; ё худ назди волидайн масъала мегузорад, ки агар ӯро бо муаллимаи нимтанпӯши дандонтиллои гӯшвордор хонадор накунанд, ба синфи якум нахоҳад рафт; ва ё ба хотири галагов, «наҳангон»-и ришвахоҳро умуман надида, фақат «моҳичаҳо»-ро ба «тӯр» мегиранд... Ин намунаҳои иқтисоди бозорӣ нишонаҳои аввалини бе инқилоб ба дасти Шумо гузаштани чархи торих аст. Воқеан ҳам, дар торихи дунё чунин пирӯзии бемисл ба ҳич кадом Хадамоти махсуси ҷосусии кишварҳо осон муяссар нагаштааст, мисли ин ки ба Шумо.

Пас, ай бародарони дузд, номи Шумо аз рӯйи шаш қитъаи олам гум мабод, ки рӯзҳангом офтоб гум хоҳад шуд ва шабҳангом маҳтоб!..

Ва яқин аст, ки бе дасти пурзӯри Шумо дигар чархи торих тоб нахоҳад хӯрд. Бигузор, ин даст мисли дасти болои пайкараи ҷовидонӣ ҳамеша рост бимонад ва моро ба сӯйи фардои дурахшон ҳидоят намояд!

Дигар, ба ҳама бародарони сағиру кабири дузд салому дуруди саддолларӣ мефиристам. Худо ҳофизи Шумо бод!

## Посух аз муассисаиислоҳии шумораи... табақаи шашум

Монандайи Шумо, ҷаноби Нависанда, даҳонро во-

зу посухамонро дароз нахоҳем кард. Зеро шахсе даъвойи Худойӣ кард. Ӯро пеши Халифа бурданд. Халифа ба ӯ гуфт:

– Порсол ин ҷо яке даъвии пайғамбарӣ карда буд, мардум ӯро бикуштанд.

Худотарош гуфт:

– Кори хуб карданд, ман ӯро нафиристода будам.

Даъвии Шумо низ аз ун худотароши ноогоҳ ҳич камӣ надорад. Бузургманишии Шумо ба ҳаддест, ки кӣ будан ва дар кадом маснад қарор доштани хешро куллан дарк накардайед. Мегуморед, ки дуздон думболайи Шумо гом хоҳанд бардошт? Ҳмм, хаёли хом! Ун, ҷанобони серташвиш, ҳатто фурсати нигаристани номаҳойи иблисонайи шуморо билкулл надоранд. Ин мо ҳастем, ки дар гӯшайи маҳбасхона гапҳойи тозайи оламро ғалбер карда, ба якдигар гӯш фаро медиҳем. Ҳарчанд садойи мо андаруни чордевори баланди зиндон бандӣ шудааст, аммо номаҳойи Шумо бепосух нахоҳанд монд. Зеро бофта ва сохтаҳойи бепояатон иззати нафсамонро саргардон кардааст ва дар ин маврид ҳаргиз хомӯширо ҳамболини марги муфоҷо нахоҳем кард.

Мегӯянд, ки «Гови бешир садойи баланд дорад». Уне, ки садойи баланд дорад, ҷор мезанаду гуфтаашро дамолаҳза ба чоҳи бетаг ҳаво хоҳад дод. Худо медонад гуруснагӣ эълом карданатонро дар моҳи шарифи рамазон алайҳи унҳойе, ки дуздида наметавонанд. Шумо бо ун иштиҳойи карнай як соъат ҳам гуруснагӣ эълом нахоҳед кард, танҳо вонамуд месозед, ки рӯзи дароз ба даҳон чизе нагирифтайед. Вагарна мисли рӯз рӯшан аст, ки паси пардайи хилват мурғи тобагиро бо шишайи коняк ба зери бинӣ ғурронда, пас аз хуморзада шудан, ба лабу даҳони карахш: «Дар байни мо ба дипломдорон роҳ нест!» – гӯён ба эҷоди шиор миён мебандед. Дар асл худ дарк нахоҳед кард, ки ҷомеъа бештар ба кӣ ниёз дорад: ба

беҳунар ва ё ба ҳунарманд, ба дузду ғоратгар ва ё ба ҳифозатгар? Гумроҳии Шумо ана дар ҳамин аст. Аммо шумо ун қадар гумроҳи ақлзада ҳам нестед. Шутурро аз даст дода бошед ҳам, вале харро халлачӯб задан доред, ки сардори қофила гардад. Сад дареғ, ки қофиласолории хар ба ҳич кас хуш нахоҳад омад, чаро ки наълро пойи асп мебардорад, на аз қурбоқа.

Марди туҷоре як хару чанд шутур дошт. Ӯ ҳардойим молу манолашро ба уштурон бор мекарду ресмони қофиларо ба думи хар мебаст. Яъне, хар пеш-пеши қофила мерафт ва уштурон аз думболаш. Рӯзгоре як уштур пири фартут шуд, ки дигар дар биёбон раҳ рафта наметавонист. Дили туҷор ба ҳоли шутур бисӯхт ва ресмонро аз гарданаш раҳо карду гуфт:

– Эй, уштури азиз! Баройи хизматҳойи беминнат, ки солҳойи дароз ба ман кардӣ, ҳазор раҳмат. Банда аз ту ҳич гилайе надорам. Кунун туро ба ихтиёри худат мегузорам. Ҳар ҷойе, ки мехоҳӣ – бирав ва ҳар коре, ки дилат мехоҳад – бикун. Фақат аз ту хоҳише дорам, ки агар дар қади хизмат гуноҳе аз банда гузашта бошад, ба дил нагиру маро бубахш.

Уштур ба забони ҳол омаду гуфт:

– Эй, ҷаноби туҷор! Аввал Худо ва баъд худат шоҳид, ки солиёни зиёд банда ба ту чӣ гуна вафодорона хизмат кардам. Ҷойе бандаро бо халачӯб куфтӣ, ҷойе бо лагаду калтак. Аммо дар ҷавоб чизе нагуфта, хизмататро софдилона ба ҷо овардам. Бо вуҷуд, банда ҳамайи гуноҳҳойатро мебахшам, ба ҷуз яке.

Туҷор ҳайрон шуду пурсид:

– Он кадом гуноҳ аст?

– Дар ин муддат ҳайрон будам, ки модоме ҳама корро банда иҷро мекарда бошад, боз чаро харро аз пешам роҳбалад мегузоштӣ? Озурда мабош, лекин банда ана ҳамин гуноҳатро ҳич бахшида наметавонам...

Шумо ҳам, ҷаноби Нависанда, магар ақлу фароса-

татонро сагони дайду, мисли устухони нохост ҳавододайи қассоб, талошак доранд, ки харони киса-дуздро ба роҳбаладии ҷомеъа даъват мекунед? Кадом хирадманд сайёраро ба калобайи раҳгумӣ андохтаast? Ин магар ҳамун бедипломон, бехирадон ва беҳунарон нестанд, ки ба хотири қути лоямут мокувор давидан доранду хушомад гуфтан? Ва ҳамин, ки бо найранг мансабаке ба даст овардананд, чунон «боадабона» муносибат мекунанд ва «аз рӯ шонаву аз таг фона» мезананд, ки гӯё аз онҳо дида, дигар одами хушахлоқу «босавод» умуман вуҷуд надорад. Аммо хоксорӣ ҳанӯз нишонайи адолат нест ва бо ин усул танҳо душманро мекушанду бас. То ба адолат расидан паймудани ҳазору як раҳ дар истиқболи инсон хоҳад буд. Ин раҳҳо воқеан ҳамвор нестанд, як гардишро мегузаред, ки боз гардиши дигар пеш меояд ва боз гардиши дигар. Ва аз ин гардишҳо ҳич халосӣ нест. Вале, «навмед набояд шудан аз гардиши айём, ҳар шом, ки ояд, зи пайи он саҳаре ҳаст».

Ҷаноби нависанда, оё Шумо медонед, ки ҷомеъайи башар чӣ ҳадаф дорад? На? Пас, огоҳ бошед, ки волотарин ҳадафи ҷомеъа бақойи ҳаёт ва инсон сохтани ҳар инсон аст, на дузду ғоратгар. Зеро дузд ҳич гоҳ насохтааст, балки ҳамеша сӯхтааст, ҳам худро ва ҳам дигаронро. Ва ҳама чизро ҳам бо пули дуздӣ чен кардан нашояд. Агар ин тур бошад, ақл чӣ мешавад, маърифат куҷо меравад? Дунёи бемаърифат магар дунё буда метавонад? Беақл магар чароғи ақлдор шуда метавонад? Ба ҳич васила! Зеро ақле ки қонеъ аз худ аст, кӯр аст, ақле ки қонеъ аз худ нест, биност. Ақле ки фақат худро мебинад, кӯр аст, ақле ки ҷаҳонро мебинад, биност. Пас, агар фурсат дошта бошед, ҷаноб, айнаки сиёҳро аз чашм гирифта, андак калла бикафонед, ки бино кисту нобино кист ва ҷаҳонро кадоме аз унҳо беҳтар хоҳад дид? Магар хи-

радманди «душмансоз» ва ё бедипломи душманкуш? Оё Шумо нашунидайед, ки «агар гург галабонӣ кунад, рӯзе меояд, ки он гала ҳам гург мешавад»? Ин табақаро пур аз гург, ки кунед, дигарон сарашонро ба кадом обдара бишӯянд? Осема нашавед, мурғ – одамон ҳоло аз шиками модарашон зода нашудаанд ва, ҳарчанд кайҳоннавардон рафтуо дошта бошанд ҳам, алъон ба дари сайёраҳои дигар чилқуфл овезон аст.

Пас, эй ҷаноб, танҳо аз гургон пур кардани сайёра маънии зиндагӯр кардани дигаронро дорад. Худо рӯйятонро набинад, нависандайе! Наход то ҳол ба каллаатон назадааст, ки агар килк якеро бикушад, дигареро зинда медорад, аммо «Намеояд зи шамшер он чӣ аз теғи забон ояд». Теғи забонатон кунду шикаста бод, эй ҷаноб, ки шӯру шарри бесобиқайе дар олами дуздон афкандаед!

Сад дареғ, Шумо то ҳадде кӯрии худро ифшо кардайед, ки байни одамони дуруст ва дузд умуман фарқ намегузоред, ба қавле, дар ин табақа гӯё фақат duздон зиндагӣ доранду бас. Охир, мо ба аҳли башар, минҷумла ба падару модар ва ёру бародар, чӣ хидмат кардайем, ки боз кӯчаву хиёбон, шаҳраку навоҳиро ба номамон гузоранд, пайкаратарошон муҷассамаҳоямонро бисозанд ва китҷигаре баройи офаридани Суруди ҳамагонӣ ҷойиза таъсис диҳад?

Ҳо, лаънатзадайи бепадар, ба ҷароҳати мо намак мапошед! Дилҳойи лахт-лахти моро ғарқоби хун накунед! Аз ун, ки дар ҷомеъа баъзе мушкилот рӯ мезанад, маъно бардоштан иштибоҳ аст, ки чархи торих ба дасти мо гузашта бошад. Бесаводона ҳуҷум кардани Шумо мисли ин аст, ки ба ҳафдарди занона ёр шудайед ва намедонед аз кадом бутта бидоред. Мо дузд нестем, нестем, нестем! Ҳатто ба душманамон орзу надорем, ки душманашро дузд ном бибарад. Ун аҳмақиҳои собиқаро аз бепадарӣ кардем ва кунун пушаймонӣ надорад оқибат суде! Мо, раҳзанҳойи сари

кӯча, садқайи ордену медол ва ифтихорнома шавем, охир! Рӯзгоре, ки як марди филнамои шахспараст ҳатто шабонгоҳ ба ситораҳои осмон ҳавас намехӯрд, балки осмон ба ситораҳои бешумори сари синаи ӯ ҳасад мебурд, кайҳо пушти сар шуд. Дигар ун айёми «Пеш омаду хуш омад» бебозгашт аст. Кунун чунин ифтихори баландро танҳо мардони асили рӯзгор сазовор мегарданд, на кисабурони кӯчагард ва худпарастони худобехабар. Шумо ҳаминро мефаҳмед, аблаҳ?!

Дигар, бачаҳалок, пӯстатон аз каркадан будааст. Гапро бо танка парронанд ҳам, ягон ҷойи баданатонро ғирбол намекунаде! Ин қадар ба Шумо гуфтанд, ин қадар ба Шумо гуфтанд, даҳони гӯяндагон мӯй бароварду нафаҳмидед, ки нафаҳмидед. Наход то ҳол дарк накарда бошед; касе, ки сабаби бадбахтии дигарон мегардад, ҳич гоҳ хушбахт буда наметавонад. Ва боз бадбахтону худозадагонро ба бадбахтии навбатӣ тела додан аз китоби ҳаёт битамом кандани сафҳайи хушбахтиро мемонад. Шумо бошед, ҷаноб, дар борайи хушбахтӣ дигар тамоман майна об накунед. Зеро дастони буридаатон ба мевайҳои дарахти хушбахтӣ ҳич гоҳ намерасанд. Чаро ки пойҳойи буридаатон ҳам кӯтаҳӣ мекунанд. Пас, нимтану нимдаст дар ин табақа чӣ гуна зиндагӣ мекунед? Шуморо кӣ мехӯронад, кӣ мепӯшонад?.. Дигар бо гадойӣ кӯр кардани рӯз низ амри маҳол аст. Беҳтараш, ҳоло ҳам дер нашудааст, худро ба зери чархи ягон мошини баландсуръат ҳаво диҳед. Лекин, фақат аз ҳисоби дуздон не, мурдашӯ ва қабрканҳоро қаблан огоҳ кунед, ки мурдаатон мабодо ношуставу бекафан монад...

## ТАБАҚАИ ҲАФТУМ

**Ҷанобон ва хонумони дузд!**

Биёед, фалсафаи жарфи шаш табақайи бевафоро ба

як сӯ бикӯчонему аз асли мақсад сухан кунем. Чаро ки гапи дунё мисли гапҳои занакҳои лаби об оғоз дораду анҷом не, тавре то дирӯз дағдаға мекарданд, ки Амрикоро Христофор Колумб кашф кардааст, лекин имрӯз даъво мекунанд, қабл аз ӯ Чжен Хе ном чиной ба ин сарзамин қадами муборак ниҳода. Дар Ӯзбакистон бошад, duздони қонунӣ мегӯянд, ки Амрикоро Амир-ака кашф кардааст, ба ин далел, ки кишвар номи ӯро гирифта.

Мо ба кашмакашҳои бесарунӯки сайёра таваҷҷӯҳ нахоҳем дод. Аз ун, ки фардо ҷаҳон ба Чин мансуб хоҳад шуд, магар худро ба шохи дарахти лимӯ овезем?.. Бобоёни ришакиву бериши хирадманди мо гуфтаанд, ки саломи дӯст бетамаъ нест. Тавре, дузди хонабардӯше қад-қади соҳил заҳру зардобвор қадам мезад ва нохост чашмаш ба тарбузе афтод, ки онро об ба истиқболаш меовард. Дузд аз ин ато хушҳол гардид ва дарзамон почаи шалвор боло карда, тарбузро бо як ҳаллос аз об гирифт ва хоҳиши хӯрдани он кард. Ҳини duним кардани тарбуз, аз даруни он дудғала ба ҳаво печид ва сипас ҷине дар шакли одам пайдо шуда, бо тавозӯъ забон гардонд: «Ҳазор раҳмат, эй ҳазрати одам, ки маро аз ин маҳкамаи хунин раҳо кардед! Акнун банда дар хидмати Шумо ҳастам, бифармоед, ҳар мақсаде, ки дошта бошед, бекамукост ҳатман саришта хоҳам кард!» Ҷаноби дузд ниҳоят хушҳол гардид ва беистиҳола аз ӯ хоҳиш кард: «Эй ҷаноби додрас, аз Шумо илтимосе дорам, ки дар ин кишвар ба ман ҳамагӣ хонаи якҳуҷрадор тақдим намоед!» Ҷин пушти сарашро хорида, дар ҷавоби хоҳиш бо зарда гуфт: «Эй марди хонабардӯш, аз дасти хона надоштан худам дар даруни тарбуз зиндагӣ кардаму боз ба ту аз куҷо хона ёбам?!..»

Бародарони дузд ва ҳамхун! Банда сади дар сад бар онам, ки Шумо мисли ун ҷини тарбузӣ намак хӯрдаю дар намакдон туф нахоҳед кард ва подоши

хидмати арзандаро арзанда ҷавоб хоҳед дод. Зеро теппаи хокатон аз қуллаи кӯҳи Бадахшон баландтар аст ва он хидмате, ки ҳафт пушти Шумо барои пешрафти ҳаёти аҳли башар арзонӣ доштааст, асрҳо аз ҳалқаи гӯш фаромӯш нахоҳад шуд. Банда аминам, ки Шумо мисли мушак аз гузаштагони худ фарсаххо гузаштаед ва инро аллакай дар ҷаҳони қудрат низ мушаххасан собит кардаед.

Масалан, устоди маънавӣ ва ҷаҳонии шуморо дастони абарқудрат дамолаҳза буғӣ кардан хостанд, вале дар як хурӯсфарёд ҳамқиёфаҳои ӯ дар кишварҳои гуногун мисли ачриқ то ҳадде рӯйиданд, ки ҳиҷ кас фаҳм нагирифт, кадоме аз онҳо устоди шумост. Ба ин маънӣ, тавре дар рӯйи кадом табақае бо хатҳои хоно дарҷ кардам, Шумо метавонед, ки якеро аз мансабаш чу заргӯш пеш карда, амволашро ноаён ба яғмо бибаред ва бародари дуздеро аз сари раҳму шафқат соҳиби хона, тоҷу тахт ва давлату савлат намоед. Ё худ биноҳои осмонбӯси як кишвари абарқудратро дар рӯзи равшан бо тайёраи худаш аз байн арраю валангор кардан фақат ҳунари модарзодии шумост, ки хирадмандтарини хирадмандҳои ҷаҳон дар фаҳми ин гиреҳи печида калобаи саргум хоҳад шуд. Ин қудрат ва тавоноиро танҳо ҷуссаи лоғару назарногири ниқобдори Шумо дошт хоҳад дод, на ҳар гови фарбеҳу парворӣ. Тавре як дузди қонунӣ гуфта, аз ҷуссаи бузург муруввват тамаъ мадор, зеро қазо чашми филро танг офаридааст.

Дуздони ҳамсайёра! Дарҷи самимият хуб аст, аммо воқеият хубтар. Албатта, баъди ин қадар ҷонибдорию ҳаводорӣ хоҳу ноҳоҳ пурсиданатон мумкин, ки банда кистам, чикораам, аз кадом патакрешаву ҳавзи обу ҳавои ғализ сабзидаам ва дар ин асри бераҳму рӯзгори пурваҳм чӣ мақсад дорам?

Агар ягон «фуражка» бо чунин суоли дандоншикан ба банда мурочиат кунад, мисли мурғи тақлидкор

кӯтоҳакак посух хоҳам дод: «Ба дунё омадам, нахондам, duzdӣ кардам, ҳабс шудам. Тамом, вассалом!» Аммо агар назди Шумо ба ҳикояти қиссаи талхи сарнавишт бипардозам, дигар ба фасонаҳои муассири «Ҳазору як шаб» тамоман гӯш нахоҳед дод... Танҳо дар қади умри заҳрогин худро бо сухане таскин медодам: «Ҳамааш хуб мешавад ва агар не, ҳамааш бад мешавад». Ва дигар, бо нанигаристан ба пасу пеш, мисли Чингизхон аспи ғайратро ба фатҳи ҷайбҳои нав қамчин мезадаму қамчин.

Хонумҳо ва ҷанобони дузд! Дар ин замони фатароту хоки бебарот аслан дарк кардам, ки пушту паноҳат набошад, дар бозори хар даллолат намегузоранд ва агар Шумо, мисли Ҷениффер Лопеси хушпайкару Мария Шараповаи теннисбоз, соҳиби сад аврати ҷиғакӣ ҳам бошед, дар ду дунё ҳамсари ягон миллиардер нахоҳед шуд.

Ол-ол неву олуи гапро гӯям, саргузашти банда ҳам аз тақдири шуми бачаҳои ятиму бекас, ки падару модари худро фақат дар хоб дида, кӯчаю бозор ва хишту санг болину фарсудалаттаҳо кӯрпаашон гаштааст, сари мӯ монданӣ надорад. Банда гузаштаи мисли гурдаи суғур талхамро фақат дар филмҳои силсиладори ҳиндиву мексикоӣ мебинам, ки зери борону барфи ҳамҳам, бо пойи кафидаву сари бурида, барои як сӯми қанчиқ давидан ва дар ҳавои «Туф куну ях кун» ларзидану хобидан дорам.

Афсӯс, ки хоби ширини бачагӣ ҳамеша бароям бедор буд. Ва дар он ғанабҳои саридастӣ аз зарбаҳои Пелеворонаи тӯби ятимӣ ҳазён гуфта, зери арақи шип-шилта, – шабҳангом баробари ногаҳон ҷакидани саги дайдуву нолаи ҷонсӯзи гурба, ки банда ин садоҳои шумро то ҳанӯз ҳам тоқати шунидан надорам, – бехост почаи шалвор тар карда, аз ҷо рост ҷаҳида мехестам. Аммо боз ҳам, мисли саги пири

сӯзанхӯрда тор-тор ҷон мекандам, ово дар гулӯям зиндон мегардид, худро танҳои танҳо эҳсос карда, мурданивор шашқатор борони ашк мерехтам ва то кунун ҳар қадар орзу дорам, ки ақаллан як карат рӯйи модари ҷалаб ва падари качқолабамро дар хоб серӣ бибинам, дареғ, ҳич ягон фариштаи савобҷӯйи талбанда ба имдодам ҳатто гарди доманашро намебахшад.

Дар он ҳангом, мисли муштзанҳои машҳури олам Майк Тайсон ва Рой Ҷонс, аз хушунат ҳар гуна ҳариферо, ки рӯ ба рӯ меомад, дар нахустин дақиқаҳои раунди аввал ба «нагдаун» фиристода, девонавор сангро ба тирезаи фурӯшгоҳу пулро ба киса мезадам. Агар ун падари ... го ва ун модари ... те ҳини нохӯрдапиёниҳо ба чанголам мезаданд, аниқ буд, ки дигар дар мурдахона ҳам ягон бандаи хокӣ одам будани онҳоро фарқ накарда, бо тааҷҷуб мегуфт: «Инҳо чаппотианд ё тухмбирён?..» Банда, баъди таскин ёфтан, мисли дигар сағираҳои норасиди кӯчагард, гуноҳи худро эҳсос карда, аз худ мепурсидам: «Чаро беҳуда ба дунё омадам?.. Кӣ гунаҳгор аст?.. Ун гунаҳгори думбурида дар куҷост?!..» Ва пасон дастафшон меғурунгидам: «Ҳамааш хуб мешавад ва агар не, ҳамааш бад мешавад». Ин ҳикматро кӣ ба гӯши камина халонда буд? Ҳич дар хотирам нест.

Ба шумо дурӯғ – ба қаламкаш рост, баъдтар, ҳини пушти лаб сабзидани мӯйлаби пари зоғ, дар ҳақиқат ҳамааш хуб шуд. Банда ҳамсари як туҷори сарватманди кишварро, ки дар зебоӣ Лайливу Людмила ва Ҷулиетаву Ширинро бо як шамъи чиноӣ харид намекард, парвонавор дӯст доштам ва дигар на шаб ба чашмонам хоб меҳмон мегашту на рӯз. Тавре як дузди қонунӣ дар маҳкама гуфта буд:

*Оташ бизад ҳиндунигаҳ масҷиди қалбам,*

*Фарёди мусалмонӣ зи ҳинду ба кӣ гӯям?*

Оре, ҳусни висоли ун ҳиндунигаҳ бандаро Маҷнунвор девонаи ҳот карда, аз дасташ мусалмонӣ битамом фаромӯш гашта буд. Як дузди шафиқ мегуфт, ки дар се маврид набояд таъхир кард: дар дафн кардани дузд, дар дуздидани пул ва дар бӯсаситонӣ аз бонуи зебо. Бигузор мурда дар раҳи худ умрбод саргардон бошад, вале ҳар боре, ки туҷҷор барои овардани мол ба кишвари Чин рахти сафар мебаст, банда танҳо бӯсадуздиву каноргирӣ вориди ҳуҷраи бо гулу гулоб оростаи ун маҳтоби шаби чордаҳ гашта, дар оғӯши хушбӯйи пайкари нафисаш мисли тайёра бодвор надавидани субҳу тамоман кӯр шудани мурғи саҳар ва филфавр марги хешро орзу мекардам.

Дар маҳбас шунида будам, ки бӯйи биҳишт панҷсад сол роҳ меравад, аммо ҳич гоҳ ба машоми оқипадар ва даюс нахоҳад расид. Оқипадару даюс кист? Касе, ки бидонад занаш бо бегона сарукор дорад, вале чорае наяндешад. Гӯши ҳазрати туҷҷор аз ин хиёнат бод гирифта буд, вале дасти кӯтаҳаш ба домани осмон намерасид, вагарна сар аз тан ҷудо кардани занонро мисли шоҳи кадом асри Инглистон бегумон такрор мекард.

Оқибат ғусса, мисли бехост ғайб задани абрҳои тирафоми осмони баҳорӣ, соф нопадид шуд ва дамолаҳза сипанддуд андохтам, ки нури ҷонсӯзи офтоби домани кӯҳ пастиро ҳам рӯшан мекардааст. Туҷҷор якбора ба нестӣ ғайб зад ва сарвату молу манол, ҳамсари паричеҳраи моҳтобиаш насиби сағираи паси дар гардид. Акнун сарватмандтарин марди кишвар моҳи дароз «Асоро сӯзану калӯшро ғалбер» мекард ҳам, ҳатто ба дастобгирии банда намерасид навбаташ.

Ун паричеҳра ҳам ба сони моҳи нав саропо нур гашта буд, ҳар сабоҳ кабӯтарвор бол мекушод ва ба

қавли як дузди безан, чунон хиромидан дошт, ки танҳо қу ба рӯйи об инчунин мехиромид. Банда гӯё то ин дам мисли мусалсали дуздӣ ба хок пинҳон будам, ки ун фаришта маро аз даруни хок берун овард, зангамро бо атриёт эҳтиёткорона бишӯст, ба тирдонам моҳирона тир ҷо кард ва аз милам дучашма оташи муҳаббат аланга зад. Вале афсӯс, чашми ирадмандони олуснигаҳ мисли бомба таркондааст санги хороро ва пармавор сӯрох кардааст ҷисми дуздонро, ки ҳатто фалак аз тақдири бад борон-борон гиря кардааст. Беҳуда як дузди қонунӣ дар маҳкама нагуфта буд:

*Зи баски аҳли ҷаҳон хуни ҳамдигар хӯрданд,*
*Сари сипеҳр ба нори макида мемонад.*

Оре, банда ҳам аз бомбаи чашми хорошикани хирадмандони бахил мисли тарбузи расида торс кафидам. Воҳ-воҳ, як лаҳза дар ин сарои фонӣ, осуда кӣ кард зиндагонӣ? Сад дареғ, ки пушт бар зин доштам, бехост зин бар пуштам афтод! Паричеҳраи моҳҷабин нобаҳангом ин дунёро падруд гуфту бандаро миёни сарвату давлати меросӣ тани танҳо гузошт, ки ҳатто ба зангирӣ, ҳарчанд дилам мисли афлесуни шохи дарахт овезон буд, дигар фурсат наёфтам. Чаро ки бандаро танҳо бо як табақу табақдории тилловорона мири як шаҳри бузург таъйин карданд ва дамолаҳза рӯған пеши чашмонамро парда гирифт. Банда масали як кампири ҷиғакиро, ки рӯзгоре ҳини харбузадуздӣ: «Аёз, чоруқот дар тори кос, ҳадди худро бишинос!» – гуфта буд, ба гӯшаи хотир начархондам. Худшоҳию табъвазирии банда дигар дар асл кӣ буданамро варақгардон накард ва гӯё ин сафҳаро аз китоби пурҳаводиси дуздӣ дарондаю маҷақ карда, ба як сӯ ҳаво дода будам. Танҳо аз ноомади кор баъзан меғурунгидам: «Ҳамааш хуб мешавад ва агар не,

ҳамааш бад мешавад». Ин ҳикматро кӣ ба гӯши банда халонда буд? Ҳич дар хотирам намондааст...

Сад дареғи мансаб, ҳазорҳо дареғи мансаби хоршуда, ки бандаи дипломдор ҳамон вақт пушти нохун ғами зиндагии бародарони duздро нахӯрдам ва агар қишлоқӣ карда гӯям, танҳову пинҳонӣ луқмаро фурӯ бурдан хостаму ба касе додан не. Танҳохӯрдаро якбора ба дор намеовезанд, балки беболишт якумрӣ дар маҳбас мехобонанд. Як дузди қонунӣ беҳуда нагуфта буд, ки агар рӯдаат танг бошад, ҳич гоҳ мансаб махоҳ ва ба маҳкама по магузор. Бандаи ҳавобаланду мағрур аз куҷо донам, ки додрасу додситону пулису андозу калону калону калон ҳаққу ҳуқуқ доштаанду ҳар бегоҳ чашмашон ба роҳи омаданам чор будааст ва барвақт ба кор омадану нимашаб ба хона баргаштанро беҳуда интизоми кор донистаам. Бандаи гумроҳи дипломдор аз куҷо донам, ки шутурдузд аз маҳбас осонакак берун меояду сӯзандузд умрбод мағор мебандад. Ростӣ:

*Аз ҷафои чархи каҷрафтор мисли чойник,*
*Ҳарчи хӯрдам аз даҳон, аз биниам омад бурун.*

Оре, дар маҳбас мисли маккаи даруни деги тафсон ҷастухез доштам. Банда мағор бастам, чанд карат худро ба дор бастам, аммо рӯз пур набудааст, аз ор растам ва дар маҳбусӣ бо дуздон пайвастам. Пайвастаму дарк кардам, ки решаи ҳамешадароби бародарони дузд дар ин дунё ҳич ҳангом хушк нахоҳад шуд ва он то ҳафт қабати замин рафта мерасад.

Банда амиқ дарк кардам, бадбахт аст падари дузде, ки фарзанди дузд надошта бошад ва бадбахттар аст, агар фарзандаш фарзанди дузд надошта бошад. Дареғо, ки банда аз зумраи ун бадбахттаринҳои бадбахтҳо ҳастам!.. Аммо дилро таскин медиҳам, ки тухми фарзандхондаҳову наберахондаҳои бандаи

безан дар маҳбасхонаҳои олам бедареғ кошта шудааст. Акнун сад фисад эътимод кардам, ки ҳаёти дубораи озодӣ низ ба банда танҳо тавассути қарори ягонаи дуздони қонунӣ ва ҷонибдории ин бародарони ҳамхун муяссар хоҳад гашт.

Озодӣ!.. Хушбахтӣ!.. Оҳ, чӣ қадар фораму рӯҳнавозанд ин вожаҳо!.. Қадру қимати онҳоро танҳо дар маҳбас дарк хоҳӣ кард. «Вале бе duздӣ маъно надорад он», гуфтам дар маҳбасхона. «Агар туро ба озодӣ барорем, чӣ кор хоҳӣ кард?» – пурсид бародари бузург дар хилват. Гуфтам: «Намояндаи баобрӯи дуздон хоҳам шуд». «Бо чӣ ранг?» – боз пурсид ӯ. Гуфтам: «Дар васфу ҳифзи Шумо румон меофарам, ҳақиқатро менависам ва бо тамоми овоз ба чор сӯйи олам ҷор мезанам: «Дуздони ҳамаи мамлакатҳо, як шавед!» Инак, бародарон, дар ин лаҳзаҳои тақдирсози ҷаҳонишавӣ, агар Шумо муттаҳид нагардед, ҳафт табақаи замин осонакак аз дастатон лағжида, мисли гӯштингире, ки ҳарифаш чолокона бардошта бо тахтапушт мезанад, дигар дар ду дунё ба худ нахоҳед омад. Барномаи банда ҳамин аст...»

Бародари бузург аз таги дил қоҳ-қоҳ заду сипас бо як даст шикамашро дошта, бо дасти дигар оби чашмонашро поккунон нидо кард: «Ҳо, сартарошидаи думбабӯс, номатро навишта наметавониву китобнависӣ аз куҷо?!» Бо қиёфаи ҷиддӣ гуфтам: «Бале, навишта наметавонам, вале дигарон намурдаанд-ку!.. Пул бошад, ҳатто дар ҷангал шӯрбо ёфтан мумкин аст. Дар ин дунё фақат ҷони одаму шири мурғро харидан мумкин нест, дигар ҳама чизро метавон бо пул ба чангол овард. Баъзе нависандаҳоро имкони бо як шиша арақи русӣ ҳам харидан вуҷуд дорад, фақат шароиташонро андак дуруст кунед, ки ғурғури занак ҷонашонро шамшер назанад, – тамом, шаборӯз чунон нависанд, чунон нависанд, ки гӯё Дюма аз нав зинда шуда». «Афсӯс, касе бисёр донад,

умри кам мебинад... – қиёфаи ҷиддӣ гирифт бародари бузург ва афзуд, – Хуб, туро аз ин лаҳад берун хоҳем кард, аммо... агар аз мо мисле ки аз оташ рӯбаҳвор бигурезӣ, як гӯшатро бурида ба дастат меқапонем ва мегӯем, овоз набарор, ки боз тухмҳои зери пойятро канда, ланка накунем! Мағзи хар нахӯрда, фикр кун: агар рӯдаат танг бошад ва аз сӯхтани асбоби зери нофат ҳарос дошта бошӣ, беҳтараш бо мо кафшер нашав...» Гуфтам: «Не, рӯдаам дар ин лаҳад кайҳо васеъ шуд ва аз сӯхтани асбоби дарозам низ ҳаросе надорам. Бигузор бозгашти дубораи банда ба озодӣ гарму самимӣ ва манфиатбор бошад!..» «Хуб, – гуфт бародари бузург, – қуввати барзаговро на аз садои баландаш, балки аз кор карданаш мефаҳманд...»

Сипас, бародари бузург мисли шоҳи минтақа ба шогирдонаш амр кард, ки бандаро ба ҳуҷраи тангу тори якка бибаранд ва мурданивор сару рӯйямро шудгор кунанд, то ки дигар ҳич кас дар ин дунёи бебақо нашиносадам. Банда ба ҳуҷраи бекас по гузоштанро дар хотир дораму тамом, вассалом... Вақте ба ҳуш омадам, ҳич ҷойро надидам. Сару рӯям докапеч буд ва қиёфаам зира-зира дард мекард. Ин дам овози шиносе ба гӯшам расид: «Се рӯз тоқат кунед, баъд ҳамааш хуб мешавад». Банда соҳиби овозро шинохтам. Ӯ пизишки маҳбас буд...

Се рӯз дар назарам ба як умр тӯл кашид. Зеро дар торикистон зистан баробари марг будааст ва боз дарди ҷонкоҳи пӯсти рӯй он қадар азоб медод, ки агар дар оташи ҷаҳаннам месӯхтам, зудтар аз ин ҷони беҳованд халос мешудам... Баъди се рӯзи ҷонканӣ бародари бузург ҳамроҳи пизишк вориди ҳуҷра гаштанд. Каси дигаре ҳамроҳашон набуд. Пизишк бандаро ба нармкурсӣ шинонд ва бо заҳрханд ғурунгид: «Аз оташи дӯзах гузаштед, акнун ба сӯйи биҳишт меравед». Ӯ гаҷи докапечи сару рӯйямро бо миқроз ба буридан оғоз кард. Банда чашм намекушодам, тарси

умрбод кӯр шуданро доштам. Дар қади умр бори аввал дарк кардам, ки тарс ҳам почаки шалворатро тар мекардааст. Бехост «ҳамааш хуб мешавад ва агар не, ҳамааш бад мешавад», – гуфтаму дандон болои дандон гузоштам.

Баъди гирифтани гаҷ эҳсос кардам, ки сарамро аз зери бори санги вазнине раҳонидам. Озод нафас гирифтам. Қафаси синаам мисли хурӯс рост шуд. Ин дам пизишк амр кард: «Акнун чашмонатро кушо!..»

Банда оҳиста чашм кушодам... Бовар намекардам... Ман набудам... Аз ун қиёфаи сағираи раҳшапи дирӯза сари мӯ осоре намонда. Дар ойнаи қаднамо ба ҷойи банда каси дигар менамойид. Китф дар ҳам кашидам: наход ман бошам?!.. «Бале, ин туйӣ!» – аз пушт нидо дардод пизишк. Бо таҳайюр пӯсти рӯйямро ламс карламу тааҷҷубам бештар гашт. «Наход, то ин андоза дигар кардани қиёфа мумкин бошад?!» – ғурунгидам. «Дидед-ку, мумкин будааст», – садои дигари шинос омад. Банда ҷониби овоз нигаристам ва... бародари бузургро дар либоси низомӣ шинохтам. «Мебахшед...» – забонам нагашт. «Бале, ин манам, бародари бузурги шумо! Лекин шутури сафедро дидед? – не! Фаҳмо?..»

Бо ризоият сар ҷунбондам. «Акнун як рӯзи дигар дар ин ҳуҷра сабр мекунед, – фаҳмонд «соҳиби» маҳбас, яъне бародари бузург. – Ҳозир ҷаноби пизишк сурататро мегирад. Фардо бароят шиноснома бо ному насаби нав меоранд. Туро дигар ҳич кас, ҳатто агар модари ҷалабат аз нав зинда шавад ҳам, намешиносад. Мо туро «мурд» – гӯён таври сохта дафн мекунем. Ту ҳамчун нависандаи тозабаёни аср аз маҳбас ба озодӣ меравӣ. Аммо, агар аз хатти кашидаамон баройӣ, туро мисли буқаи шохзан ахта мекунем ва аз пойи чапат ба чанори сари бора овехта, ба тагат алов мемонем!»

Бародари бузург беҳуда суханашро дар оташ ҳаво

намедиҳад... Банда аз маҳбаси тангу тор бо қиёфаи дигар, ному насаби нав ва бо лақаби «Нависанда» берун омадам. Берун омадам, вале ибтидо ба куҷо раҳ гирифтанро надонистам. Зеро алъон касе интизор набуд «одами нав»-ро... Ун кохи меросии моҳҷабини туҷор низ ба хок яксон гашта, ба ҷойаш шаҳраки нав бунёд меёфт; шаҳраки нав бо хонаҳои замонавӣ, ки агар медидед, яқин тӯппиатон аз сар меафтид. Ва хуб ҳам мешуд. Зеро замони туппиву кӯлоҳ кайҳо кӯрдангал бигузашт... Ба ҳар ҳол, банда раҳи дигар ва гашти дигар надоштам. «Ҳамааш хуб мешавад ва агар не, ҳамааш бад мешавад», – гуфтаму худро ба оғӯши сарду холии нависандагони муҳтарам, ба хотири зархариди беҳтарини беҳтаринҳо, дангал ҳаво додам...

Инак, банда ба сағиру кабири Шумо, бародарони дузд ва ҳамхун, ҳамчун дилбанду пайванд пайғом мерасонам, ки дар асри пешорӯ кулли мансабхоҳону мансабталошон таври раъйдиҳии ҳамагонӣ ба вазифаҳо интихоб хоҳанд шуд. Бо истифода аз фурсати муносиб, Ҷаноби Сардори дуздони қонунии маҳкамаи шумораи ... – и сайёраи офтобхӯрда дар қатори дигарон номзадии каминаи беасос лагадхӯрдаро ба вакилии мардум пешниҳод кард. Ҳарифони банда кам нестанд, побанди ғам нестанд ва аз аҳли дарду мотам нестанд. Агар Шумо воқеан ҷонибдори пешниҳоди пешвои бузургамон – ун бародари мӯътабар ва бофазилату боғайрату боҷасорат бошед, багурдатар садо баланд кунед, даъвойи дафу чанг кунед, зиндагиро таранг кунед, муддайиро гаранг кунед! Банда мутмаинам, ки дигар ҳич гоҳ вакилони мардум хирадманди дипломдори фалсафафурӯш интихоб намегардад ва ҷомеи имрӯзу фардоро ҳам дар вазъи носолиму кашмакашҳои бемаънӣ қарор намедиҳад. Зеро осмони сиёсати бемаъниро мушаки иқтисоди бозорӣ ҷигарӣ таркунду

зинда дар гӯр кард. Кунун зиндагии ҷисмониро бонкҳо ва капитали хориҷӣ идора мекунад. Бемуҳобо, замони идораи бародарони дузд даррасид, ки ҷаҳонро ба ҳар навъ тасхир кунанд ва мисли дасти абарқудрати ҳизби яккатоз, тадвину тадбир кунанд.

«Барои сайёраи хурд дӯсти бузург даркор аст», – гуфта буд бародари бузургамон дар маҳбас. Ҳақи ҳақтар аз ҳақ ба ҷониби эшон аст. Ин гуна дӯсти бузург танҳо вакилони мардум буда метавонанду бас, ки воқеан боэътимодтарини онҳо, ба қавли бародари бузургамон, танҳо банда ҳастам.

Оре, танҳо банда ҳастам, ки метавонам боҷасорату гурдадор шиор занам: **«Алҳазар, аз хирадмандони дипломдор! Зиндаву поянда бод, дуздони бедиплом!»**

Бародарони дузд ва ҳамхун! Аз хандақҳо нотарсона берун омада, яктан шавед! Дар рӯзи интихобот ба дуздӣ машғул нагашта, сари вақт ба маҳали овоздиҳӣ ҳозир шавед ва ба ҷонибдории номзади арзандаи худ раъй диҳед!

Ва ҳич гоҳ, ба ҳич ваҷҳ номи Шумо аз рӯйи ҳафт қабати замин гум мабод, ки рӯзҳангом офтоб гум хоҳад шуд ва шабҳангом маҳтоб!

Аммо, баъди чашидани косаи заҳри мағлубият низ, ба ҳич ваҷҳ дилсард ва мисли шохи пӯсидаи дарахт дарзамон шикаста нагардед, ҳамааш хуб хоҳад шуд ва агар не, ҳамааш бад хоҳад шуд...

Кунун, бародарони дузд, бо дарки зарурати вақт, рӯйи табақаи ҳафтуми замин низ ба номаам нуқтаи таммат мегузорам.

Воқеан, гапҳои ногуфта, мисли фасонаҳои як кампири ҷиғакӣ, ниҳоят бисёр монданд. Аммо як кас наметавонад ҳамаи гапро бигӯяд. Тавре як дузди қонунӣ дар маҳбас гуфта буд: «Дуздон чаҳор қисматанд: дузди доруҳо, дузди адабҳо, дузди

ибодатҳо ва дузди орзуҳо. Дузди доруҳо – кам хӯрдану пур duздидан, дузди адабҳо – кам гуфтану калон дуздидан, дузди ибодатҳо – ҳар рӯз панҷ карат дуздидан ва дузди орзуҳо палангворона сабур буда-ну сипас дуздидан аст».

Банда, ки побанду ғуломи камтарини ун дузди қонунии маҳбасхона ҳастам, ҳатман ба ин гуфтаҳои китобӣ риоя хоҳам кард, вагарна дар ин дунёи дудар вакил интихоб нашуданам яқин, аммо ба беморхонаи наздиктарини сайёра нарасиданам яқинтар аст.

Боқӣ, орзумандам, ки дар шабҳои тору саодати рӯзгор рӯшании чароғу зиндагии бедоғ роҳи ҳаёти шуморо пайваста ва бедареғ мунаввар гардонад!..

**Посух аз муассисаи ислоҳии шумораи... табақаи ҳафтум**

Ҷаноби Нависанда!

Банда ҳамун Бародари бузургатон ҳастам, ки баъди мутолааи номайи дурӯғинатон, ҷойе намейобам худро паноҳ кунам. Охир, бо ин умед Шуморо, – ба «Шумо» гуфтан забонам намегардад, – ба озодӣ ҳаво надода будам! Чашм доштам, ки дар қатори ди-гарон одам мешавед ва маънии зиндагиро одамвор дарк мекунед. Аммо, ҳайҳот!..

Банда дар маҳбасхона гуфта будам ва боз ҳам так-рор мекунам, ки то даме сухан дар даҳон аст, сухан ғуломи инсон хоҳад буд ва даме, ки сухан аз даҳон берун ҷаст, инсон ғуломи сухан хоҳад шуд. Ҳоло Шумо ғуломи сухан шудайед. Бале, ба бӯи як хӯша ангур боғро вайрон мекунед ва ба умеди як каф ган-дум ба хирман оташ сар додан мехоҳед. Агар ҳар каллаеро посбоне мисли забони Шумо дароз бошад, дар ин сайёра дигар даҳоне обод намемонад ва дӯсте бе душман. Ҳама ғору мағор мегарданд ва ҷамиъи дӯстон – зору низор. Ба чунин кор танҳо писари иб-

лис қодир аст, ки андаруни инсон фақат тухми шайтонӣ ва кинаву адоват шудгор мекунад. Иблис мехоҳад ободро вайрон ва инсонро ноинсон кунад ва дарк ҳам намесозад, ки гул ҷудо, сабза ҷудо, шӯра ҷудо, хор ҷудост. Шойад бифаҳмад, аммо намефаҳмад, тамом!

Шумо, ҷаноби Нависанда, кори писари иблисро такрор карда, гумон бурдед, ки мо, дуздони собиқ, то ҳадде гӯлу гарангем, ки думбайи нарматонро дудаста бардошта мегардем. Чи иштибоҳи азиме! Агар ҳафт табақайи заминро давр гашта бошед ҳам, мо ҳанӯз андар хами як кӯча ба Шумо мефаҳмонем, ки хат ғалат, маънош ғалат, иншош ғалат аст. Ҳол он ин номаро ҳаргиз шахсан Шумо иншо накардайед. Зеро Шумо ҳарфе навишта ва ҳарфе ҳиҷҷа карда наметавонед. Чаро ки аз кадом патакреша берун омаданатонро на худ, балки нависандайи зархаридатон рӯшан гуфтааст. Аммо Шумо ба он ҳатто нимнигоҳ накардайед, мутолиа карданатон он сӯ. Бадбахтӣ ва бенавойии Шумо ана дар ҳамин аст. Чароғ куҷост? Намедонед. Чӣ даҳшате!

Аммо шахсан банда ба Шумо бойад посух бинависам. Зеро сабабгори аз нав зинда гардондани писари иблис шудаам ва худро бахшида наметавонам. Агар номаро ҷанобашон мутолиа карда натавонанд, шояд нависандайи зархаридатон фурсат пайдо карда, онро пинҳонӣ аз занаш паст-паст қироат кунад. Агар ун ҳам мутолиа накунад, дар ин дунё одами баинсофу гурдадор бисёр аст, ки ба хотири чи посух додани банда онро ҳатман варақ мезанад. Осуда бош, ки инсон мисли дузди бепул дарахти хушкида нест.

Воқеан, ҷаноби Нависанда, «қиссайи талхи сарнавишти Шумо» нафрати бандаро даҳчанд зиёд кард. Зеро мардони ҳақиқӣ ҳич гоҳ аз рӯзгор гила намекунанд. Бо шиква бори мард сабук намегардад. Дар ин дунё ҳар кас бори худро мебардорад. Бори як касро

каси дигар ба дӯш нагирифтааст ва нахоҳад гирифт. Магар ҳама чизро бо доллар қиёс карда мешавад? Пас, ақл чӣ мешавад, маърифат куҷо ғайб мезанад? Мо бе чароғ, бе рӯшанӣ ба куҷо тоб мехӯрем? Танҳо дар торикистони ваҳшатзойи беодам кӣ зиндагӣ кардааст? Робинзон Крузо ё кадом Бароне? На, зебоиро бояд дид. Ин сайёра ниҳойат зебост, мисли модар азизу муқаддас аст. Аз даст, ки биравад, дигар бана-мегардад. Ҳо, набояд мо онро хор ва дили нозукашро хуншор кунем. Мо агар ин ҳамаро набинем, бефарқем, бенавойем, мард нестем. Худамон бояд қаблан мард бошем, то дигарон бароямон мард буда тавонанд.

Рӯзгоре, ки модар Шуморо зойиду дар чорроҳа ҳаво дод, албатта, худ аз худ ҳамту калон нашудагистед? Касе пайдо шуд, ки дасти Шуморо гирифта, ба камол расонд, чашмонатонро дар рӯзгор бикушод, алфоз ёд дод, раҳ рафтану сухан гуфтанро бийомӯхт, минҷумла одам шуданро ҳам. Агар ҳич кас ин корро намекард, Шумо дар тифлӣ танҳо аз гиря дамгир шуда мемурдед ва аз набуданатон олам равшантар мегашт. «Хас каму ҷаҳон пок». Аммо Шумо билкулл ин ҳамаро фаромӯш карда, мисли мо раҳи дигарро интихоб кардед, раҳи дуздӣ ва ғорат кардани одамонро. Ин раҳи пурхатар ва нафратовар ҳич касро хушбахт накардааст ва нахоҳад кард. Умуман роҳи хато сари ҳама пиру ҷавонро дар чанголи марг фишурдаву хушк кардааст.

Болойи ин Шумо, ҷаноби Нависанда, кори хабисонаву иблисонаеро доман гирифтед, ки ҳич урус дар ҳаққи хушдоманаш раво намебинад.

Дар дили Шумо ишқ умуман ҷову макон надорад. Ошиқ воқеан дӯст медорад, ҷаҳонро ва ҳама хору хасро, инсонро аз ҳама зиёдтар. Орифу шоъир мешавад ошиқ. Шумо бошед, бо мақсади сарватманд шудан, нахуст ба синайи туҷҷор корд халондед, сипас

ҳамсари соҳибҷамолашро ба доми фиреб кашида, вайро ҳам ҷоҳилона табаркуш кардед. Гумон бурдед, ки ҳич кас ҷинояти азими шуморо пайхас намебарад. Аммо бадбахтии дигарон барои Шумо хушбахтӣ тавлид накард. Чаро ки Шумо сарвати муфтро байни духдон дуруст тақсим карда натавонистед. Хуб, ба мансаби баланд расидед, вале аз дуздон канда шуданатон тамоми мақсадҳои нопокатонро ба хоки кӯча яксон кард. Унҳойе, ки Шуморо ҳар қадар ба боло бурданд, боз ҳамон қадар ба бало низ печонданд. Ва куштторҳои бераҳмонайи содиркардаатон пӯшида намонд. Шуморо ҳамчун дузди ғоратгар ва кушандайи ду тани бегуноҳ маҳбус карданд. Агар барои ду тани бегуноҳ дар зиндагӣ кайҳо қабр канда бошанд, то ҳанӯз дуздону соҳибдараконы туҷор дар қасди кандани қабри саввум хун мехӯранд. Ва, албатта, ин қабри деринтизор оқибат азони Шумо хоҳад буд.

Ҳо, дуздони маҳбасхона бандаро Бародари бузург мехонанд. Зеро камина якумрӣ маҳбус шудаам ва аз озодӣ бенасибам. Ҳич баргаштабахте мисли банда тақдири сиёҳ надорад. Ин гуноҳи камина аст ва ба он сазовор ҷазо дидаам. Аммо Шумо, ҷаноби Нависанда, дурӯғро аз ҳад гузарондаед. Банда то имрӯз сардори ягон маҳбасхона набудаам ва нахоҳам шуд. Чи кунам, ки дили инсон – нозук, дар маҳбас, мисли маккайи даруни дег ҷастухез кардану сӯхтанатон, раҳмамро овард. Азбаски муҳлати маҳбусиятон тамом шуда буд, гуфтам, ки биё, дар зиндагӣ як кори нек кунам, ки ҳамин сағерайи бепадар давоми умрашро ба хубӣ гузаронад. Рост, қиёфаатонро дигар кардам, аммо на ба хотири шайтониву иблисӣ ва дигаронро аз раҳ задан, на ба хотири вакили мардум пешниҳод кардан, балки ба хотири зинда мондан ва одамвор нафас гирифтанатон. Банда ҳич гоҳ чунин пешниҳод накардаам ва мағзи хар нахӯрдаам, ки писари иблис – як дузди қаттолу кушандаро вакили

мардум интихоб кунед. Камина зинҳор чунин фатво надодаам ва эй, мардуми бедордил, алҳазар аз макко-рону дурӯябозону дасисабозону манфиатҷӯёну зиё-новарон! Ҳазар аз девори кач, ки рост карданаш бас гарон будааст!

Аммо мардум оқил аст. Медонад, ки думболайи кӣ биравад, барои кӣ садо баланд кунад, дар куҷо даъвии дафу чанг кунад, чироғ дар куҷост, рӯшанӣ дар куҷост – ҳамаашро медонад мардум.

Оре, гумроҳ нест мардум!

Ӯ пайваста аз раҳи об меравад, бағал пур аз китоб меравад ва ба сӯйи офтоб меравад.

Бузургмеҳри Ҳаким саҳеҳ гуфтааст: «Кадом мар-дум фаррухтар? Он, ки камгуноҳтар. Кӣ камгуноҳ-тар? Он, ки ба доди Яздон ростгар бувад ва аз доди девон бештар бипарҳезад. Доди Яздон кадому доди девон кадом? Доди Яздон некиву доди девон бадӣ. Некӣ чисту бадӣ чист? Некӣ пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек ва бадӣ пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад».

Дигар чӣ ҳоҷат ба гуфтан аст? Танҳо аз сари эътиқод рӯйи ин табақа ба номайи посухӣ ниёишгуна нуқтайи таммат мегузорам: «Парвардигоро, сайёрае-ро дар зери лутфу карамат нигаҳ дор, ки дар он сояе, ному нишоне аз duздону duздиву разолату қабоҳат умуман вуҷуд надошта бошад! Омин!..»

*Июни соли 2007*

## М У Н Д А Р И Ҷ А

Каҳдуди сӯзон ........................................ 3

Даври ҳафттабақаи Замин ................. 186

**Сайидаҳмади Зардон**

**КАҲДУДИ СӮЗОН**
*(Қиссаҳо)*

Муҳаррири ороиш Р. Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ М. Саидова
Мусаҳҳеҳон И. Қосимзода ва З. Неъматова

Ба матбаа 25.09.2008 супурда шуд. Чопаш 1.10.2008 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 8,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,4. Андозаи 84x108 $^{1}/_{32}$. Адади нашр 1000 нусха. Супориши № 29

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17«а»

Дар матбааи «Полиграфия Арсенал Принт» ба табъ расидааст.
734025,ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 31. Тел.: 221 39 79